**ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД 378.22 (575.3)**

**ТКБ 74 (2 тоҷик)**

**Қ - 56**

**ҚАЮМЗОДА АБДУЛМАЪИН ҶУМЪАХОН**

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ ШАВҚМАНДИИ МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ОМӮЗГОРӢ

**(дар мисоли факултетҳои ғайрифилологӣ)**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. – Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ)

**Мушовири илмӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ,

профессор Нурзода А. Н.

**ДУШАНБЕ - 2026**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА………………………………………………………….................4**

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ.......................................................9**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛЁБИИ ШАВҚМАНДИИ МАЪРИФАТӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ РАВИЯИ ОМӮЗГОРӢ**

1.1. Тамоюлҳои методологии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ................................................26

1.2. Асосҳои психологӣ-педагогии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ................................................53

1.3. Мақому мароми шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ........................................................................78

ХУЛОСАИ БОБИ 1 ...........................................................................94

**БОБИ 2. САМТҲОИ ТАШАККУЛИ ШАВҚМАНДИИ МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ РАВИЯИ ОМӮЗГОРӢ**

2.1.Истифодаи маводди таълимии забони англисӣ дар ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ..........................101

2.2.Ангезаҳои мусоидаткунандаи ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ дар раванди таълими забони англисӣ..........................................................................................124

ХУЛОСАИ БОБИ 2.........................................................................174

**БОБИ 3. АСОСҲОИ МЕТОДӢ-ТАШКИЛИИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ҶУЗЪИ ТАРКИБИИ ТАШАККУЛИ ШАВҚМАНДИИ МАЪРИФАТӢ**

3.1.Ташкил ва гузаронидани бозиҳои рамзӣ-нақшофарӣ тавассути маводди шавқангези забони англисӣ яке аз воситаҳои ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён.........................................................................179

3.2. Амалисозии таълими проблемавӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ асоси ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ.........................................................................................203

3.3. Корҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ ҳамчун воситаи ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён.................................................227

ХУЛОСАИ БОБИ 3.........................................................................282

**БОБИ 4. ФАЪОЛИЯТИ САНҶИШИВУ ОЗМОИШӢ ВА НАТИҶАГИРӢ ВОБАСТА БА ШАВҚМАНДИИ МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁН**

**4**.1. Сатҳ, меъёр ва нишондодҳои ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ..................................285

4.2. Корҳои санҷишиву озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз динамикаи шавқмандии маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забони англисӣ……………....313

ХУЛОСАИ БОБИ 4.........................................................................323

**ХУЛОСА.........................................................................................327**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.......................................................................................338**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.....................................................................340**

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ......................376**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Тағйироте, ки дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа ба вуҷуд меояд, дар низоми маориф ба таври назаррас инъикос меёбад. Кӯшиши ба барномаҳо ва китобҳои таълимӣ ворид намудани шумораи зиёди назарияҳои нави илмӣ, қонунҳо, фарзияҳо, мафҳумҳо, далелҳо ба зиёд гаштани ҳаҷми иттилооти илмӣ, ки бояд аз ҷониби донишҷӯён аз худ карда шаванд, заҳмату талоши бештарро тақозо менамояд. Илми педагогика дар чунин шароит ба он майл менамояд, ки азхуднамоии пурраи ҳамаи маълумоти ба донишҷӯён додашавандаро фаро гирад, зеро дар натиҷаи инкишофи тамоюли шахсият, ба ҳавасманднамоии ӯ аҳаммияти кофӣ дода намешавад, ки ин боиси паст гардидани шавқу рағбати донишҷӯён ба раванди омӯзиш мегардад. Бартараф намудани ин тамоюли манфӣ, ки дар педагогикаи муосир номи “донишмарказӣ”-ро касб намудааст, дигаргуниҳо дар соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро талаб менамояд ва дар назди муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ масъалаи омодасозии мутахассисонеро ба миён гузошт, ки дорои сатҳи баланди фарҳанг, саводнокӣ, маърифатнокӣ, салоҳиятмандии касбӣ буда, барои худтатбиқсозӣ ва фаъолият дар шароитҳои нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ қобилият доранд. Муҳим будани ин масъала дар Паёми Президенти кишвар, ки ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардида буд, мавриди таъкид қарор гирифтааст: «Дар шароити рушди босуботи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва вусъат ёфтани ҳамгироии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ талабот ба мутахассисоне, ки сатҳи касбияти баланд дошта, забонҳои хориҷӣ, махсусан русӣ ва англисиро хуб медонанд рӯз ба рӯз меафзояд» [238]. Ин дастур аҳли илму маорифи кишварро водор сохт, ки муҳассилин дар баробари забони тоҷикӣ ва забони русӣ, ки забони муоширати байни миллатҳо, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад, инчунин, забонҳои аврупоӣ (англисӣ,

олмонӣ, фаронсавӣ) ва осиёӣ (арабӣ, форсӣ, ҳиндӣ, ҷопонӣ, чинӣ, куриёӣ)-ро низ меомӯзанд. Дар баробари забони модарӣ донистани дигар забонҳо ба муҳассилин имконият медиҳад, ки онҳо на танҳо бо фарҳанги халқҳои гуногун ошно гарданд, инчунин, зебойӣ ва хусусиятҳои фарҳанги миллии худро низ хубтар дарк намоянд.

Донистани забони англисӣ ҳамчун воситаи муоширати байналмилалӣ дар сатҳи ҷаҳон ва робитаҳои байнифарҳангӣ бе аз худ кардани фарҳанги дахлдор имконнопазир аст. Аз ин сабаб раванди таълимро тавре бояд ба роҳ монд, ки забони англисӣ ҳамчун неруи фарҳанги миллӣ дар маркази раванди омӯзиш қарор гирифта, навъҳои хоссаи рағбат - шавқмандии маърифатӣ ҳамчун натиҷаи муоширати комили байнифарҳангӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ таъмин гардад. Вобаста ба ин, дар “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” чунин нуктаи муҳим таъкид шудааст: “Дар таълим ва омӯзиши забони русӣ ва англисӣ як қатор мушкилоте мавҷуданд, ки ҳалли худро наёфта, дар солҳои охир зиёд шуда истодаанд” [129].

Шавқмандии маърифатӣ ҳамчун тамоюли интихобии шахсият ба маърифат ва раванди азбарнамоӣ дар беҳтар кардани сифати азхудкунии донишҳо, ташаккули малакаю маҳорати касбӣ нақши муҳим дорад, зеро мавҷудияти ҳавасмандӣ дар донишҷӯён боиси ҷолиб гардидани раванди таълим барои онҳо мегардад ва онҳоро барои омӯхтани донишҳои нав ва дар раванди фаъолияти эҷодӣ ба ҷустуҷӯӣ водор менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаи ташаккули шавқу маърифати донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ дар таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ С. Н. Алиев [8], Г. М. Ҳоҷиматова [304], Л. В. Саидова [267], Х. Г. Сайфуллоев [268], А. С. Умаров [290], Ғ. Р. Раҳмонов [256], М. А. Алексанян [6], Е. В. Дорофеева [103], Г. И. Шукина [327], К. Д.

Ушинский [294], А. К. Маркова [196] ва дигарон дар асарҳои худ ба проблемаҳои ташаккули шавқу завқи маърифатӣ ҳангоми тайёр кардани омӯзгорон фикрҳои ҷолибе пешниҳод шудааст.

Дар доираи илмҳои психология ва педагогикаи асри XXI проблемаи шавқу ҳаваси маърифатӣ дар асарҳои илмии муҳаққиқон, ба монанди А. Г. Архипов, Л. И. Божович, В. В. Бондаревский, П. Брандт, А. Г. Волостникова, Л. Вяткин, С. А. Ананин, В. Н. Гуляев, М. В. Демин, Н. Ф. Добринин, В. Г. Иванов, А. Б. Барабаншиков, О. Ю. Искандарова, В. Я. Кикот, А. Г. Ковалев, Е. Н. Коротко, А. Н. Леонтев, Л. Гордон, А. Маркова, В. М. Межевский, Н. Морозова, В. Н. Мясишев, А. Б. Луначарский, И. Редковес, С. Л. Рубинштейн, И. А. Скоплатов, В. Сухомлинский, Б. Теплов, Р. Тернер, Д. И. Трайтак, С. Г. Якобсон, Ю. С. Филонов, Ю. Ф. Худолеев, Я. Ч. Славина, Б. Шубинский, Г. И. Шукина ва дигарон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Мураккаб будани ҳалли масъалаи шавқу рағбати маърифатӣ ба мавҷуд будани шумораи зиёди омилҳои гуногун, ки ҳам табиат ва ҳам зуҳурот ва ҳам инкишофи онро муайян мекунанд, вобаста аст [329].

Асарҳои бисёре аз омӯзгорон ва равоншиносон ба омӯзиши мушкилоти фаъолияти маърифатӣ бахшида шудаанд. Аз ҷумла, асарҳои М. К. Колкова [149], С. Ф. Шатилов [323], А. Ф. Фаткулин [296], О. С. Анисимова [14], А. П. Тряпитсина [287], С. Ф. Шербак [326], И. А. Зимняя [116], И. Я. Лернер [186], Е. М. Вергасов [57], М. И. Махмутов [201], Р. А. Низомов [215], Е. П. Пасов [242], М. Н. Скаткина [275] ва дигарон.

Масъалаи раванди тавсеа ва татбиқи фаъолияти маърифатӣ дар соҳаи маорифи кишвар айни замон аз тарафи ҷамъиятшиносон, психологҳо, методистҳо, педагогҳо ва муаллимон ҳанӯз ба қадри зарурӣ инкишоф наёфтааст. Ҳамин тавр, И.Л. Бим [46], Т.В. Вергасов [57], И. А. Зимняя [116], Л. Ш. Гегечкори [71], Г. А. Китайгородская [142], М. Н. Скаткин [275], Е. И. Пассов [241], Г. В. Рогова [257], И. Я. Лернер [186], В. С. Никандров [216], Г. И.

Фролова [297], С. Ф. Шатилов [323], Г. И. Шукина [327] ва дигарон дар ҳалли масъалаи раванди тавсеа ва татбиқи таълим ва баланд бардоштани фаъолияти маърифатӣ дар самти дарки мақсаду вазифаҳои таълим, истифодаи унсурҳои таълими проблемавӣ, усулҳои дифференсиалии таъсиррасонӣ ба донишҷӯён, ташаккул додани шавқу рағбат ба фан, эҷоди муҳити мусоиди психологӣ назару андешаҳои худро баён кардаанд. Инчунин, як гурӯҳи олимон мисли Л. С. Виготский [65], П. Я. Галперин [67] раванди таълимро ташаккули фаъолияти маърифатии донишҷӯён мешуморанд, ки тадриҷан ба фаъолияти касбӣ дар шаклҳои мувофиқи мазмуни ин фаъолият табдил меёбад. И. А. Зимняя [117] аз мавқеи равиши шахсият-фаъолиятҳое, ки вай таҳия мекунад, зарурати таъмини фарогирии шахсии донишҷӯй ба фаъолияти касбии гирифтаашро қайд мекунад. Раванди таҳқиқоти мо низ дар заминаи чунин консепсияҳои назариявӣ асоси илмӣ ёфтааст.

Як қатор корҳои таҷрибавӣ ба таҳлили омилҳое бахшида шудаанд, ки ба фаъол шудани шавқмандии маърифатӣ дар азхудкунии забони хориҷии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайрифилологӣ таъсир мерасонанд. Ба чунин омилҳо дохил мешаванд: шавқ ба забони англисӣ (В. Н. Кругликов [162], Г. И. Фролова [297]); шавқу ҳаваси шахсӣ ба мавзуъ (И. В. Драгомиретский [104]); муносибат ба касб (Е. Н. Короткова [156]); дарки аҳаммияти забони англисӣ барои фаъолияти ояндаи касбӣ (Л. И. Крюкова [166], Е. А. Хруский [307]); робитаҳои байнифаннӣ (Г. Д. Кирилова [139], О. Д. Княгниская [147]); қобилияти забони англисӣ (И. А. Зимняя [118]); муносибатҳои байни омӯзгор ва донишҷӯён (Н. В. Кузмина [171], И. А. Зазюна [113]); шахсияти муаллим, хислатҳои шахсии донишҷӯён (Т. Г. Сиритсо [282], О. Ю. Искандарова [123]); муносибатҳо дар гурӯҳи омӯзишӣ (К. Б. Есипович [110], А. А. Деркач [95], М. Ф. Стронин [278]) ва дигарон. Яке аз хусусиятҳои хоси забони англисиро А. А. Леонтев [180] дар табиати эҷодии нутқ, алалхусус, нутқи хориҷӣ мебинад.

Вале имрӯз аҳаммияти ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён бо сабаби таҳия нашудани маҷмуи тамоюлҳо ва усулҳои ташаккулдиҳии онҳо зиёд гардидааст. Такмили низоми маориф ва ворид намудани стандартҳои байналмилалии таҳсилот масъалаи ташаккулдиҳии шавқмандии маърифатиро дар байни донишҷӯён, ҳамчун яке аз роҳҳои баланд бардоштани сифати маълумот, бартараф намудани сарбории донишҷӯён ба миён гузошт.

Таҳлил ва баррасии сарчашмаҳои илмию амалии воқеии масъалаи мазкур боиси пеш омадани мухолифатҳои зерин гардид:

- байни омодакунии мутахассисони илмӣ ва илмӣ-педагогӣ барои омӯзонидани забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ ва сатҳи пасти ҳалли масъалаҳои илмиву амалии илми педагогикаи муосир;

- байни номувофиқатии талаботи рӯзафзуни иҷтимоии ҷомеа ва нокифоягии восита ва методҳои таълими забони англисӣ (забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ) ;

- байни имкониятҳои педагогӣ, психологӣ ва методии ташаккули шавқмандии маърифатӣ зимни таълими забони англисӣ (забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ) талабот ба муаллимони оянда ва истифодаи нокифояи амалии онҳо;

- байни мубрамияти донишҳо, маҳорат ва малакаҳои азбаркунии забони англисии муаллимониояндаи ихтисосҳои ғайрифилологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ ва коркарди нокифояи онҳо;

- байни неруҳои афзун намудани шавқмандии маърифатӣ ва мавҷуд набудани методҳои самарабахши таълими забони англисӣ ба омӯзгорониояндаи фанни мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ;

- байни ташаккули шавқмандии маърифатӣ тавассути кори мустақилонаи донишҷӯён дар ҷараёни таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ ва мавҷуд набудани маводди таълимӣ доир ба он.

Маҳз, ҳалли масъалаҳои мухолифи ошкоргардида боиси интихоби мавзуи таҳқиқотии мо  “Асосҳои назариявӣ–методологии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ“ (дар мисоли факултетҳои ғайрифилологӣ) гардид.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба “Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Илова бар ин, ба маводди диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ ба масъалаҳои рағбат ва шавқмандии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилотии олӣ дар ихтисосҳои ғайрифилологӣ метавон такя кард, зеро ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ (дар мисоли факултетҳои ғайрифилологӣ) ҳамчун воситаи муошırати байнифарҳангӣ ва ҳамчун неруи фарҳанги миллӣ зарур мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** – аз ҷиҳати илмӣ асосноккунии қонуният ва имкониятҳои ташкили фаъолияти маърифатӣ, ки асоси ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён ва роҳҳои самараноки ташкили фаъолияти эҷодии онҳо дар раванди таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ ва ҳамзамон санҷиши амалии он мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои амалӣ намудани мақсади таҳқиқот иҷрои вазифаҳои зерин зарур аст:

- омӯзиши тамоюлҳои методологии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ;

- муайян намудани асосҳои психологӣ-педагогии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ;

- баррасии мақому мароми шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ;

- корбасти истифодаи маводди шавқангези забони англисӣ дар ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ;

- таҳқиқи ангезаҳои мусоидаткунандаи ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ дар раванди таълими забони англисӣ;

- муайян намудани нақши бозиҳои рамзӣ-нақшофарӣ тавассути маводди шавқмандии забони англисӣ дар ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён;

- баррасии нақши таълими проблемавӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ ва ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологии  муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ;

- тавассути корҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ муайян намудани ташаккулёбии шавқмандии маърифатии_донишҷӯён;

- омӯзиши сатҳ, меъёр ва нишондодҳои ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ;

- бо истифода аз корҳои санҷишиву озмоишӣ натиҷагирӣ намудани динамикаи шавқмандии маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забони англисӣ.

**Объекти таҳқиқот –** раванди ташкили чорабиниҳои таълимию тарбиявии омодагии касбӣ – методии донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ зимни забономӯзӣ.

**Предмети таҳқиқот –** роҳу воситаҳои асосҳои назариявӣ–методологии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ (дар мисоли факултетҳои ғайрифилологӣ).

**Фарзияи таҳқиқот** ифодагари он аст, ки роҳу воситаҳои ташаккули шавқмандии маърифатӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ самарабахш хоҳад буд, агар:

- моҳият, сохтор ва мазмуни раванди ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии самти омӯзгорӣ муайян карда шавад;

- тавассути методҳои муосир сохтор ва ҷузъиёти фаъолияти шавқмандии маърифатӣ, ки заминаи муҳимми ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ маҳсуб мешавад, дақиқу равшан карда шавад. Сохтори фаъолияти шавқмандии маърифатӣ аз ҷузъҳои зерин иборат аст: маърифатӣ – фаъолиятӣ, системанокӣ, рефлективӣ - шахсиятӣ.

- тавсифи хусусиятҳои сатҳу нишондодҳои ташаккулёфтаи шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ (сатҳ, меъёр, нишондодҳо) муайян гарданд;

- ангезаҳои мусоидаткунандаи мазмуни таълими забони англисӣ ба донишҷӯён муқаррар карда шаванд (маводди шавқангез, донишдӯстӣ, навгонӣ);
- асосҳои ташаккули башардӯстии забони англисии муосир боиси рушди шавқмандии маърифатии донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии самти омӯзгорӣ гардад;
- истифодаи маводди шавқовар тавассути амалисозии бозиҳои рамзӣ-нақшофарӣ воситаи гуворои ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён зимни омӯзиши забони англисӣ асоснок гардад;
- амалисозии таълими проблемавӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ воситаи асосии фаъолгардонии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён муайян карда шавад;
- роҳу воситаҳои самарабахши корҳои мустақилонаи донишҷӯён таҳти роҳнамоии омӯзгор дар шаклҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ муайян карда шаванд;
- самарабахш будани системаи методҳои таҳиягардида доир ба ташаккули шавқмандии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ санҷида шуда, маслиҳатҳои зарурии методии таъсирбахш пешниҳод карда шавад.

Муқоисаи таҳлилии ҳамгирои объект, предмет, мақсад ва фарзияи таҳқиқот ҳалли масъалаҳои зерини таҳқиқотро пеш овард.

1. Муайян кардани асосҳои назариявии сохтор ва мазмуни шавқмандии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии самти омӯзгорӣ дар раванди таълими забони англисӣ.

2. Таҳқиқ намудани сохтор ва ҷузъҳои фаъолияти маърифатии донишҷӯён, аз ҷумла, тавассути мазмун, фаъолият, рефлексия ва методҳои самарабахши илмӣ, ки заминаи ташаккули шавқмандии онҳо мегарданд.

3. Тавсифи илмии сатҳу нишондодҳои ташакулёфтаи шавқмандии маърифатии донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ дар раванди таълими забони англисӣ.

4. Ошкор намудани ангезаҳои таъсири мазмуни маводди таълимии забони англисӣ ба донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ, ки ҳамчун воситаи ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён хизмат менамоянд, аз қабили мавзуъҳои шавқангез, аҳаммияти дониш, навгонӣ.

5. Муайян кардани ҳолати кунунӣ ва омилҳои таъсирбахши раванди ташаккули шавқмандии маърифатӣ дар раванди таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ.

6. Ошкор намудани имкониятҳои башардӯстонаи таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ зимни ташаккули шавқмандии маърифатӣ.

7. Муқаррар намудани мазмун ва мундариҷаи маводди шавқангези забони англисӣ зимни бозиҳои рамзӣ-нақшофарӣ ҳамчун заминаи гуворои ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ.

8. Амалисозии таълими проблемавӣ дар раванди таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои

таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ ҳамчун яке аз ҷузъиёти раванди ташаккули шавқмандии маърифатӣ.

9. Муайян кардани роҳу воситаҳои самараноки ташкили кори мустақилонаи донишҷӯ зери роҳбарии омӯзгор дар шакли аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ.

10. Коркарди системаи методҳои ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ дар ҷараёни омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ.

11. Санҷиши амалии самарабахшии системаи методҳои таҳиягардида.

12. Таҳияи нишондодҳои методӣ доир ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён ва дурнамои он.

**Марҳилаҳои асосии таҳқиқот**

**Дар марҳилаи аввал** (солҳои 2016-2017) предмет, мақсад ва масъалаҳои таҳқиқот муқаррар карда шуданд; асосноккунии назариявии проблема анҷом дода шуда, тибқи раванди омӯзиши донишҷӯён мушоҳидаҳо гузаронида мешуданд; маводди озмоишӣ ба тариқи интихобнамоӣ омода ва санҷида шуданд; таҷрибаи муайянкунанда бо мақсади умумигардонии таҷрибаи таълими забони англисӣ гузаронида шуд.

**Дар марҳилаи дуюм** (солҳои 2018-2023) низоми психологӣ-педагогӣ ва методӣ, инчунин, барномаи таҷрибаи озмоишӣ, маводди таълимӣ барои санҷиши васеътари таҷрибавӣ муайян карда шуд, самаранокии усулҳои нав муайян карда шуд ва натиҷаҳои пурсишнома таҳлил карда шуданд.

**Дар марҳилаи сеюм** (солҳои 2023 - 2025) пешниҳодот оид ба мукаммал намудани барномаҳои таълимӣ аз рӯйи барномаи таълими забони англисӣ таҳия карда шуданд; корҳои озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти заминавӣ оид ба ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ дар машғулиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ гузаронида шуданд, ки коркард ва таҳлили натиҷаҳои таҷрибаи педагогӣ ва омодасозии диссертатсияро дар бар мегиранд.

**Асоси назариявии тадқиқот инҳоянд**:

1. Дар сатҳи фалсафӣ ва методологӣ -қонунҳо ва категорияҳои назарияи дониш, усулҳои таҳқиқи диалектикӣ.

2. Дар сатҳи методологияи умумиилмӣ — принсипҳо ва усулҳои муносибатҳои системавию фаъолият ва фалсафӣ.

Ақидаҳои сотсиологӣ ва педагогӣ дар бораи нақши тарбия, педагогика, дониш ва инсон дар ҷомеа (Б. Г. Ананев, А. Г. Асмолов, Ю. К. Бабанский, А. Б. Барабаншиков, Б. С. Гершунский, В. И. Гинетсинский, Н. В. Кузмина).

3. Дар сатҳи методологияи илмии мушаххас – таълимоти равоншиносӣ дар бораи фаъолият ва инкишофи шахсият, инчунин, назарияҳои педагогии ташкили фаъолияти тарбиявию маърифатӣ – тарбияи инкишоф, фардикунонӣ, таълими тафриқавӣ (Ч. Ҷ. Рубинштейн, А. Н. Леонтев , Н. А. Менчинская, П. Я. Галперин, И. А. Скоплатов, Н. Ф. Тализина).

4. Муқаррароти педагогика, психология дар бораи моњияти таълим, тарбия, рушди касбї ва шахсият (Г. М. Андреева, А. А. Бодалев, Л. С. Виготский, И. С. Батракова, В. Я. Кикот, А. А. Реан, В. А. Якунин).

5. Таҳқиқоти назариявӣ ва эмпирикӣ оид ба масъалаҳои омӯзиши хусусиятҳои шахсии донишҷӯён, ташхиси педагогӣ-психологӣ, дастгирии психологию педагогии раванди таълим (Б. С. Аванесов, А. Анастаси, Т. К. Ахаян, Л. Н. Бережнова, Б. П. Битинас, А. А. Бодалев, Л. Ф. Бурлачук, Л. С. Виготский, Н. К. Голубев, Л. А. Головей, Д. Гласс, И. Ю. Гутник, О. П.

Елисеев, О. Ю. Ефремов, К. Ингенкамп, А. Я. Иванова, Я. Л. Коломинский, А. К. Колченко, А. Ф. Лазурский, А. Н. Леонтев, Е. Личко, А. П. Нечаев, А. Реан, Л. Регуш, С. Розенсвейг, Э. Ф. Рибалко, Е. Степанова, В. В. Столин, Н. В. Чекалева, А. Г. Шмелев).

6. Таҳќиќоте, ки хусусиятњои асосии фаъолияти педагогиро муайян мекунад (С. И. Архангелский, И. С. Батракова, Л. С. Божович, В. В. Давидов, В. И. Загвязинский, А. С. Макаренко, Н. Ф. Радионова, В. А. Сластенин). Дар соҳаи педагогикаи мактаби олӣ (А. Б. Барабаншиков, В. И. Вдовюк, Н. Герасимов, В. П. Давидов, В. Н. Гуляев, А. Б. Долматов, И. Каменев, В. Я. Кикот, П. А. Корчемний, М. П. Коробейников, А. Д. Лазукин, Л. Г. Лаптев, И. А. Липский, М. А. Лямзин, Г. Д. Луков, С. Б. Литвиненко, А. И. Лутовинов, В. А. Маришук, С. Олейников, М. С. Полянский, А. М. Пирлеенко, В. И. Халзов, Б. И. Хозиев, А. П. Шарухин, Я. Я. Юрченко ва дигарон).

Дар асарҳои С. Л. Рубинштейн, А. Н. Леонтева, В. В. Давидова ва дигарон зарурати баррасии сохтори фаъолият ҳангоми таҳлили сохтори мазмуни таълим; назарияи равиши фаъолият доир ба азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ (Л. С. Виготский ва дигарон); таҳқиқоти акмеологҳо дар мавзуи идоракунии фаъолияти маърифатӣ дар асоси бозиҳои нақшбозии таълимӣ (А. А. Деркач, С. Ф. Шербак), омӯзиши шахс ҳамчун субъекти дониш (Б. Г. Ананев), навоварии идоракунӣ (С. Ю. Степанов, Е. А. Яблокова), худидоракунии донишҷӯён дар шароити «платформа» (О. С. Анисимов), психологияи муносибатҳо дар раванди фаъолияти муштарак (С. Ю. Степанов); назарияи муносибати шахсӣ-фаъолият И. Зимняя, зарурати таъмини фарогирии шахсии донишҷӯёнро ба фаъолияти касбии гирифташуда пешниҳод менамояд. Таҳқиқоти мо, инчунин, ба равиши инфиродӣ-эҷодӣ ба тарбияи мутахассисон бо таваҷҷуҳ ба фаъолияти эҷодӣ асос ёфтааст, ки имрӯз дар психология ва дидактика қабул шудааст.

**Асоси методологӣ ва умумии таҳқиқотро ақидаҳои** муосири назарияи диалектикӣ-материалистии дониш ташкил медиҳанд: назарияи моделсозии

бозиҳо; назарияи ташаккул ва инкишофи шахсият дар раванди фаъолият ва муошират; қонуни ягонагии тарбия ва инкишофи шахсият; назарияи системавии сохторӣ; назарияи тадриҷан ташаккул ёфтани амалиёти фикрӣ ва амалӣ; назарияи динамикаи система; принсипҳои пешбари фалсафа дар бораи моҳияти падидаҳо ва омилҳои дар системаҳои ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ ба амал омада; таълим дар бораи меҳнат ва тарбияи касбии омӯзгорон, ки файласуфон, равоншиносон ва олимони рус (С. Л. Рубинштейн, Л. С. Виготский, О. С. Анисимов, Е. Г. Юдин, А. Б. Барабаншиков, В. Н. Кругликов, О. Д. Княгитская, В. А. Калней ва дигарон) таҳқиқ ва таҳия кардаанд. Ҳангоми таҳияи масъалаҳои фаъолсозӣ дар самти баланд бардоштани фаъолияти равонӣ ва амалҳои объективӣ дар асоси технологияи равонӣ бо истифода аз воситаҳои сохторӣ мо ба корҳои илмии зерини муайянкунандаи фаъолияти касбии инсон такя кардем: О. С. Анисимова [14] (принсипи педагогӣ ҳангоми эҷоди моделҳои «сунъӣ»-и равандҳои равонӣ; принсипи педагогии «парвариш» ва рушди худшиносии донишҷӯён, модели консептуалии рушди худшиносии шахс ва ғ.); Н. В. Кузмина [171], А. А. Деркач [96](роҳҳои расидан ба қуллаҳои касб); Ю. Н. Кулюткина (психологияи таълими калонсолон), А. А. Бодалева [56] (психологияи муошırати байнишахсӣ) ва дигарон.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Вобаста ба ин масъала дар диссертатсия як қатор ҳуҷҷатҳои муҳим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул шуданд, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи миллии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ", “Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014”, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.12.2003, №508 доир ба «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014, доир ба «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019, №438, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф ва сиёсати давлатии илмӣ-касбӣ» (1998), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотикунонӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2001, № 7; 2005, № 12). Санадҳои мазкур, ҳамзамон, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ ва диссертатсияҳои олимону муҳаққиқони тоҷик, рус, аврупо, инчунин, маводди шабакаи интернет ва бойгонии муассисаҳои илмию таълимии кишвар истифода бурда шуданд. Санадҳои дар боло зикршуда дар назди олимон ва мутахассисони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ оид ба такмили ҳаматарафаи таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ як қатор вазифаҳо мегузоранд.

**Методҳои таҳқиқот**. Дар рафти таҳқиқот усулҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ истифода бурда шуданд. Таҳлили адабиёти фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ ва методӣ имкон дод, ки асосҳои назариявии таҳқиқотро баён намоем. Усулҳои таҳқиқоти таҷрибавии омӯзиш, таҳлил ва ҷамъиятии таҷрибаи ватанӣ ва англисӣ оид ба проблемаҳои ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ, назарпурсии омӯзгорон ва донишҷӯён (1240 пурсишнома ва 800 кори хаттӣ коркард карда шуданд), муқоиса ва мушоҳидаҳо аз болои раванди машғулиятҳои таълимӣ-тарбиявӣ (иштирок дар 200 машғулияти забони англисӣ ва таҳлили дарсҳо), суҳбатҳо бо омӯзгорон ва донишҷӯён, коркарди математикии натиҷаҳои корҳои хаттии санҷиширо дар бар мегирифт.

**Заминаҳои эмпирикӣ.**

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти эмпирикӣ:**

- муайян намудани сатҳи шавқмандии маърифатии донишҷӯён;
- таҳлили таъсири усулҳои муосири таълим;
- арзёбии натиҷаҳои таҷрибавӣ.

**Усулҳои таҳқиқоти эмпирикӣ**

- мушоҳида;
- пурсишнома ва суҳбат;
- санҷиш (тест);
- таҷрибаи педагогӣ.

**Натиҷаҳои асосии таҷриба**

- афзоиши шавқмандии маърифатӣ;
- беҳтар шудани малакаҳои коммуникативӣ;
- фаъол гардидани иштироки донишҷӯён дар раванди таълим.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода (собиқ ДДЗТ ба номи С. Улуғзода) ва ДДОТ ба номи С. Айнӣ гузаронида шуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** - зимни ҳалли пурраи масъалаи таҳқиқот ва собит намудани фарзияи таҳқиқот ба навгониҳои зерини илмӣ ноил гардидем:

- сохтор, мазмун ва мундариҷаи шавқмандии маърифатии донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ дар раванди таълими забонҳои хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ муайян гардид;
- сохтор ва ҷузъиёти фаъолияти маърифатии донишҷӯён тавассути тамоюлҳои методолгӣ, ки заминаи асосии ташаккули шавқмандии маърифатии онҳо дар раванди таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ маҳсуб мешаванд, дақиқ шуд;

- сатҳ ва нишондодҳои ташаккулёбии шавқмандии донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ муқаррар гардиданд;

- зимни таҳлили назариявӣ ангезаҳои мусоидаткунандаи мазмуни маводди таълимӣ ба ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ ошкор гардиданд;

- омилҳои таъсирбахш ва ҳолати кунунии раванди ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ муқаррар шуданд;

- мазмун ва мундариҷаи маводди шавқангезе, ки дар раванди таълими забони англисӣ ҳангоми ташкили бозиҳои рамзӣ-нақшофарӣ боиси ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ мегарданд, муайян карда шуд;

- ташкили таълими проблемавӣ дар таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ ҳамчун воситаи асосӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ муайян гардид;

- роҳу воситаҳои ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён зери роҳбарии омӯзгор дар шакли аудиторӣ ва корҳои ғайриаудиторӣ аз забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ муайян карда шуд;

- системаи методии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологии муассисаи таҳсилоти олии

касбии равияи омӯзгорӣ дар раванди таълими забони англисӣ муайян карда шуд;

- амалан санҷиши коркарди методии модели назариявии таҳиягардида боиси собит гардидани фарзияи таҳқиқот ва боэътимодии ҳалли масъалаҳои таҳқиқот гардид;

- дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот маслиҳатҳои методӣ доир ба истифодаи дастовардҳои илмии таҳқиқот ва нишондодҳо пешниҳод шуданд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Забономӯзии омӯзгорони ояндаи фанҳои ғайрифилологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ ҳамчун як қисми таркибии муҳимми раванди таълим ва яке аз талаботи замони муосир дар шароити ҷаҳонишавӣ ба шумор меравад.

2. Дар модели назариявӣ, робитаи сатҳҳои ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ ва фаъолнокии эҷодӣ, вижагии фаъолият, ҷузъҳои афзалиятноки шавқмандии маърифатии донишҷӯён хусусиятҳои таъсиррасонии педагогӣ ба онҳо, инчунин, роҳҳои ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ ба назар гирифта шудаанд.

3. Бархурдор будан аз донишҳои забоншиносӣ, такмил додани донишҳои назариявӣ ва амалӣ, проблемавӣ ва эҳсосотнокии мазмуни он донишҳо.

4. Ташкили фаъолияти муназзами мустақилона бо роҳи ҳалли масъалаҳо, ташкил намудани ҳолатҳои проблемавӣ, ба кор бурдани усулҳои пажуҳиш дар ҳалли масъалаҳо ва мушкилот, инчунин, анҷом додани мушоҳидаҳо.

5. Низоми педагогии ташаккулдиҳии шавқмандии маърифатӣ, ки пуррагию мукаммалии раванди омӯзишро дар назар дорад, бахшҳои мундариҷавӣ ва фаъолиятӣ, инчунин, мақсадҳо, мундариҷа, шаклҳои

ташкил, методҳо, робитаи машғулиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудиториро дар бар гирифта, иҷрои амалҳои заруриро талаб менамояд.

6. Дақиқ намудани мақсадҳои маълумоти забоншиносӣ вобаста ба модели сохтори шахсият, муносибати фарҳангии муносиб, майли шахсӣ, бо дарназардошти инкишофи қобилияти эҷодии донишҷӯён, ҳавасмандӣ ва шавқмандии онҳо;

- шартҳои педагогии ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ;

- дар ҷанбаи мундариҷа – пурзӯр намудани донишҳои филологӣ;

- дар ҷанбаи фаъолият – ташкил намудани фаъолияти муназзами ҷустуҷӯии мустақилонаи донишҷӯён дар машғулиятҳо, дар корҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ; тавъам намудани шаклҳои мухталифи ташкилӣ, усулҳо ва усулҳои методӣ, инчунин, машғулиятҳо, машғулиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ.

7. Низоми донишҳои забоншиносӣ, ки ба курси забони англисӣ ҳамроҳ карда шудааст ва рушди муттасили онҳо ҳамчун шарти ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ:

- мундариҷа дар асоси мафҳумҳои «омилҳои омӯзиши филологӣ», «муҳити забонӣ», «ҷомеаи табиӣ» ва ворид намудани онҳо дар оғози таълими забони англисӣ;

- пурзӯр намудани самти забоншиносии мундариҷаи донишҳо аз ҳисоби интихоб намудани матнҳои озод ва ё топикҳо, лексияҳо вобаста ба муқаддимаи ихтисоси педагогӣ.

8. Талабот ба як қатор усулҳои таълими забони англисӣ, аз ҷумла, нақл, лексия, суҳбат, мушоҳида, таҷриба, талабот ба машғулиятҳои таълимие, ки бо шаклҳои гуногуни ғайриаудиторӣ, аз ҷумла, вазифаҳои хонагӣ, вазифаҳо барои таътил, тамошои видеофилмҳо, сайёҳатҳо ва машғулиятҳои беруназаудиторӣ, аз қабили маҳфилҳо ва олимпиадаҳо, машғулиятҳое, ки бо дарназардошти ташкили фаъолияти бонизоми

мустақилонаи ҷустуҷӯии донишҷӯён гузаронида мешаванд ва талабот ба муносибати донишҷӯён нисбат ба забоншиносӣ ва фанҳои дигари филологӣ ҳамчун шартҳои муҳимтарини ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** аз муайян намудани ақидаҳои психологӣ-педагогии системаи методӣ-назариявӣ ва низоми технологии ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён, бо дарназардошти ягонагии мазмун ва фаъолиятнокии омӯзиш, инкишофи фаъолнокии эҷодӣ ва хусусияти фаъолият иборат аст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** аз таҳияи методҳои самарабахши ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён, ки дар як қатор тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ инъикос ёфтаанд (тавсияҳои методӣ оид ба таълим ва ташаккули маҳорати забондонии донишҷӯён, гузаронидани машғулиятҳои озмоишӣ, маҳфилҳои забоншиносони ҷавон ва ғайра), иборат аст. Тавсияҳои таҳияшуда ба омӯзгорон дар корбурди методҳои ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён ҳангоми таълими забони англисӣ ёрии амалӣ мерасонанд. Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, ки дар диссертатсия пешниҳод шудаанд, асоси такмили методҳои ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯёнро ташкил медиҳанд ва метавонанд аз ҷониби омӯзгорон – забоншиносон, муаллифони китобҳои дарсӣ ва аёниятҳои методӣ доир ба забони англисӣ, инчунин, омӯзгорони донишгоҳҳо, кормандони Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба таври васеъ истифода бурда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия**

Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқотро истифодаи маҷмуи методҳои методологияи илмӣ, коркарди математикӣ, усулҳои омори вариантнокии маълумотҳои ҳангоми таҳқиқот бадастомада, иштироки шахсии муаллиф дар раванди педагогӣ дар давраи таҳқиқот таъмин менамояд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи "Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ (дар мисоли факултетҳои ғайрифилологӣ)" пурра ба ихтисоси "Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ" мувофиқат мекунад. Мавзуъ дар чорчӯбаи шиносномаи ихтисос, асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ (дар мисоли факултетҳои ғайрифилологӣ) таҳқиқ шуд. Диссертатсия ба барномаҳои илмии кафедра ва талаботи шиносномаи ихтисос мутобиқ аст. Асоси муҳтавои кори илмиро ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ (дар мисоли факултетҳои ғайрифилологӣ) ташкил медиҳад. Номи мавзуъ ва муҳтаво ба талаботи шиносномаи ихтисос пурра ҷавобгӯй мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муаллифи диссертатсия мустақилона мавзуи таҳқикро интихоб ва равишҳои муосири илмиро дар таҳқиқи он ба кор бурдааст. Ҳама марҳилаҳои ҷамъоварӣ, таҳлил ва муқоисаи сарчашмаҳо аз ҷониби довталаб анҷом дода шудаанд. Таҳлил ва баррасии сарчашмаҳои илмию амалӣ низ бо заҳмати бевоситаи диссертант анҷом ёфтааст. Диссертант бо истифода аз усулҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асосҳои назариявии таҳқиқотро баён намудааст. Дар ҷараёни таҳқиқ ҷанбаҳои тозаи илмӣ ва навовариҳои назариявӣ пешниҳод шудаанд. Саҳми шахсии диссертант дар таҳияи хулосаҳо ва тавсияҳои корбурди амалии

натиҷаҳои таҳқиқот аён аст. Натиҷаҳо дар асоси корҳои шахсӣ ва бо истифода аз равишҳои илмии муосир ба даст омадаанд. Ба ин васила саҳми довталаб дар таҳқиқи диссертатсия назаррас ва таъсиргузор мебошад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Қисмҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърузаву гузоришҳо дар конференсияҳои мухталифи илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ (солҳои 2016-2025) мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифта, рӯйи чоп омадаанд. Ҳамчунин, диссертатсия дар кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (суратҷаласаи №1 аз 26-уми августи соли 2025) муҳокима шуда, ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсия дар 24 мақолаи чопнамудаи муаллиф, аз ҷумла, 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, даҳ зербоб, хулоса, номгӯйи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 381 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори Microsoft Word ҳаруфчиншуда иборат буда, 14 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рӯйхати адабиёт фарогири 348 номгӯй мебошад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛЁБИИ ШАВҚМАНДИИ МАЪРИФАТӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ РАВИЯИ ОМӮЗГОРӢ

## 1.1. Тамоюлҳои методологии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ

Дар боби мазкур мо роҳҳои асосии ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯёнро муайян намудем, ки бо такмилёбии ҳам мундариҷаи донишҳои филологӣ ва ҳам бо ташкили раванди омӯзиш алоқаманд мебошанд. Амалӣ намудани ин роҳҳо такмил додани тамоми раванди таълиму тарбияро талаб менамояд, аз ҷумла, мақсадҳо, мундариҷа, шаклҳои ташкилӣ, усулҳо ва роҳҳои таълимии онро. Ин сабаби зарурати баррасии раванди таълими забони англисӣ ҳамчун низоми ягона мегардад, яъне истифода бурдани муносибати бонизом ҳамчун асоси методологии таҳқиқоти мо мебошад.

Моҳияти назариявии салоҳияти таҳқиқшавандаро ба асос гирифта, проблемаҳои навсозии таҳсилоти мутахассисӣ ва технологӣ, муносибати субъектӣ-гуманистӣ ба таҳсилотро ба инобат гирифта, дар таҳқиқот раванди ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян карда шуд.

Мутахассиси муосири муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар давраи ҳозира бояд на танҳо бо фарҳанги миллии худ, балки бо фарҳанги халқҳои дигар ҳам ошноӣ дошта бошад. Он шахсияте мебошад, ки дар марзҳои бархурдҳои фарҳангҳои мухталиф қарор дошта, дорои савияи баланди ҷаҳонфаҳмӣ ва имкониятҳои зиёде мебошад ва метавонад доир ба категорияҳои миллӣ, категорияҳои арзишҳои умумиинсонӣ мулоҳиза

ронад ва ба ташаккули чунин ҷаҳонфаҳмӣ мусоидат намояд. Ин аст натиҷаи асоситарини ташаккули мақсадноки шавқмандии маърифатии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

Равияи шахсиятгаро дар таълим ба равияи гуманистӣ дар педагогика тааллуқ дорад ва принсипи он на такя ба омӯзиш, балки такя ба таълим маҳсуб мешавад. Дар маркази омӯзиш худи донишҷӯй, рушди шахсиятии вай, аҳаммияти омӯзиш ва ҳаёт қарор доранд. Яъне дар ин равия таълимгиранда на ҳамчун восита, балки ҳамчун мақсади омӯзиш амал мекунад.

Таълими шахсиятгаро таълимест, ки дар маркази он шахсияти таълимгиранда, воситаҳои таълим ва арзишгароии ӯ қарор мегиранд, яъне дар ин навъи таълим донишҷӯй ҳамчун шахси асосии раванди таълим эътироф карда мешавад.

Б. Ананев қайд мекунад, ки «равияи шахсиятгаро дар фаъолияти педагогӣ равияе мебошад, ки имкон медиҳад тавассути низоми мафҳумҳо, ғояҳо ва усулҳои фаъолият амалҳои худомӯзӣ, худсозӣ ва худтатбиқгардонии таълимгиранда сурат гиранд ва инкишофи фардияти нотакрори ӯ таъмин ва дастгирӣ карда шавад» [11, с. 11].

Ҳамин тариқ, таълими шахсиятгаро таълимест, ки вижагиҳои донишҷӯй, арзишгароии ӯ ва субъекти раванди таълимро дар маркази диққат қарор медиҳад.

Таълими шахсиятгаро на танҳо ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои субъекти таълимро дар назар дорад, балки ҳамчунин методологияи дигари ташкили шароитҳои таълиме мебошад, ки он на ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои таълимгиранда, балки амалҳои шахсӣ ё дархостҳои таҷрибаи субъективии ӯро ҳам пешбинӣ менамояд.

Мақсади таълими шахсиятгаро аз он иборат аст, ки дар вуҷуди таълимгиранда сифатҳои худтатбиқгардонӣ, амалисозии имкониятҳои

фардии худ, худинкишофдиҳӣ, мутобиқшавӣ ба ҳар гуна шароит, худтанзимкунӣ, худмуҳофизаткунӣ, худтарбияткунӣ ва дигарҳоро, ки барои ташаккули симо ва вижагиҳои шахсияти худ заруранд, тарбия намояд.

Вазифаи муҳимтарини таълими шахсиятгаро аз он иборат аст, ки донишҷӯйро ба донишомӯзӣ одат кунонад ва ӯро ба шароиту талаботи муассисаи таҳсилоти олӣ мутобиқ намояд.

Вазифаҳои таълими шахсиятгаро аз инҳо иборатанд:

- инсонгаро будани таълим, ки моҳияташ аз эътирофи арзишгароии шахс, таъмини саломатии ҷисмонию равонии ӯ, дарки маънии ҳаёт аз ҷониби донишҷӯй ва мавқеи фаъолона доштан дар он, озодии шахсӣ ва имконияти амалисозии қобилиятҳои  худ иборат аст. Воситаҳои дар амал ҷорӣ намудани вазифаи мазкур фаҳмиш, муоширот ва ҳамкорӣ ба шумор меравaнд,

- фарҳангофарии таълим, ки моҳияти он аз ҳифз, интиқол ба наслҳои баъди, таҷдид ва рушди фарҳанг тавассути таҳсилот иборат аст.

Воситаҳои татбиқи вазифаи мазкур ҳамоҳангии фарҳангӣ ва равобити мутақобила дар байни фард ва халқи ӯ, қабули арзишҳои он халқ ба сифати арзишҳои худӣ ва мувофиқи он арзишҳо ба роҳ мондани зиндагии шахсии худ ба шумор меравад;

- иҷтимоисозӣ, ки моҳияти он аз таъмини азхудкунӣ ва таҷдиди таҷрибаи иҷтимоие иборат аст, ки барои воридшавии ӯ ба ҳаёти ҷомеа зарур дониста мешавад.

Воситаи дар амал ҷорӣ намудани он «вазифаҳои рефлексия, ҳифзи хусусиятҳои фардӣ ва эҷодкорӣ ҳамчун мавқеи шахсӣ дар ҳама гуна фаъолият ва василаи худмуайянкунӣ мебошад» [11, с. 12].

Татбиқи ин вазифаҳо наметавонад дар шароитҳои усули фармондиҳии маъмурӣ ва муносибати фармонравоёнаи омӯзгор ба шогирдон сурат гирад.

Дар таълими дорои тамоюли шахсиятгаро мавқеи дигарсозии фаъолияти омӯзгор пешбинӣ карда мешавад, ки аз инҳо иборат аст:

- муносибати хушбинона ба донишҷӯй ва ояндаи ӯ ҳамчун кӯшиши омӯзгор ҷиҳати дидани дурнамои рушди иқтидори шахсиятии шогирд ва қобилияти ба ҳадди ниҳоӣ таҳрик бахшидан ба рушди вай;

- муносибат ба донишҷӯй ҳамчун субъекти фаъолияти таълимии худ, ҳамчун ба шахсияте, ки метавонад на маҷбуран, балки ихтиёран, тибқи хоҳиш ва интихоби худаш биомӯзад ва фаъолияти омӯзишии  худро ба роҳ монад;

- такя ба аҳаммияти шахсият ва шавқмандии (маърифатӣ ва иҷтимоӣ) ҳар як донишҷӯй дар таълим, мусоидат кардан барои ба даст овардани донишҳо ва рушди онҳо.

Истилоҳи «муносибат» нисбатан дақиқ ва фаҳмост: он маънии амалӣ дорад. Истилоҳи «тамоюл» бештар ҷанбаи ғоявиро инъикос мекунад.

Дар маркази таваҷҷуҳи технологияҳои шахсиятӣ шахсиятгаро нодири комили одами рушдёбандае меистад, ки вай барои ба ҳадди ниҳоӣ татбиқ намудани имкониятҳои худ мекӯшад, барои идроки таҷрибаи нав омода мебошад, барои интихоби бошуурона ва масъулиятнок дар ҳолатҳои мухталифи ҳаётӣ қобилият дорад. Дар технологияҳои таълими шахсиятгаро вожаҳое аз қабили «рушд», «шахсият», «фардият», «озодӣ», «мустақилият», «эҷодкорӣ» муҳим арзёбӣ мешаванд.

Шахсият моҳияти ҷамъиятии инсон буда, аз маҷмуи сифатҳо ва хусусиятҳои иҷтимоии ӯ иборат аст, ки онҳо дар тули умри инсон шакл мегиранд.

Рушди инсон тағйирёбии мақсаднок ва табиии ӯ аст, ки дар натиҷаи он сифатҳои нав дар инсон пайдо мешаванд.

Хусусиятҳои фардии ҳар як инсон нотакрор ва беназир мебошанд, яъне умумӣ ва типикӣ нестанд.

Эҷодкорӣ яке аз хусусиятҳои инсон буда, чунин равандест, ки дар натиҷаи он инсон метавонад ягон маҳсули наве тавлид намояд.

Ин хусусият аз худи одам, аз олами ботинии вай сарчашма мегирад ва ифодакунандаи ҳастии ӯ мебошад. Дар эҷодкорӣ инсон озод аст.

Технологияҳои таълими шахсиятгаро мекӯшанд чунин методҳо ва воситаҳои таълиму тарбияеро дарёфт намоянд, ки онҳо ба вижагиҳои фардии ҳар донишҷӯй мувофиқат кунанд, методикаҳои равоншиносию ташхисиеро сармашқи кор қарор медиҳанд, ки муносибатҳо ва ташкили фаъолияти муҳассилинро дигаргун месозанд, воситаҳои гуногуни таълимро истифода мебаранд ва моҳияти таълимро тағйир медиҳанд.

Технологияҳои таълими шахсиятгаро бархилофи муносибати фармонравоӣ нисбат ба шогирд бидуни ба назар гирифтани хусусиятҳои фардии ҷисмонию психологии ӯ, ки дар технологияҳои таълими анъанавӣ ҷой дорад, мебошад ва дар таълим фазои меҳру муҳаббат, ғамхорӣ, ҳамкориро дар байни устоду шогирдон ба вуҷуд меоваранд, барои эҷодкорӣ ва амалисозии қобилиятҳои шахсии шогирдон шароит фароҳам месозанд.

Дар таълим ба назар гирифтани вижагиҳои фардӣ маънои ошкор кардани имконияти рушди ҳар донишҷӯй, ба вуҷуд овардани ҳолати иҷтимоӣ-фарҳангии рушд ва ба назар гирифтани сифатҳои нотакрори донишҷӯёнро дорад.

Қобили зикр аст, ки барои бо ҳар як донишҷӯй ба таври инфиродӣ корро ба роҳ мондан, бояд хислатҳои психологии вай ба назар гирифта шаванд ва тамоми раванди таълим ба тарзи дигар ба роҳ монда шавад.

Технологияҳои таълими шахсиятгаро тартиб додани матни дарсӣ, маводди таълимӣ, тавсияҳои методӣ барои истифодаи он, навъҳои баёни маълумот, шаклҳои ба роҳ мондани назорати рушди шахсияти донишҷӯй дар рафти азхудкунии донишҳоро пешбинӣ мекунад. Танҳо дар сурати мавҷудияти таъминоти дидактикие, ки принсипи субъективияти таълимиро амалӣ менамояд, оид ба ташкили раванди таълими дорои тамоюли шахсиятгаро сухан гуфтан мумкин аст.

Барои он ки равияи таълими шахсиятгаро аз ҷониби омӯзгорон ҷонибдорӣ карда шавад ва дар амалияи оммавии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба кор бурда шавад, хусусияти технологии ин равандро тавзеҳ додан лозим аст. Муҳаққиқ И. Я. Якиманская технологияи таълими шахсиятгароро ҳамчун «принсипҳои коркарди худи раванди таҳсилот маънидод мекунад» ва нисбат ба матнҳо, маводди таълимӣ, тавсияҳои методӣ, навъҳои муколамаи омӯзишӣ, шаклҳои назорати рушди шахсияти донишҷӯй, яъне ба коркарди ҳамаи таъминоти дидактикии таълими шахсиятгаро якчанд талаботро муайян кардааст [205, с. 32].

Ин талаботҳо чунинанд:

- маводди таълимӣ бояд мазмуни таҷрибаи субъективиро, ба шумули таҷрибаи таълими пешина, фаро гирад; баёни донишҳо дар китоби дарсӣ ва аз ҷониби омӯзгор бояд на фақат ба зиёд намудани ҳаҷм, мураттабӣ, ҳамгирой, умумиятдиҳии муҳтавои онҳо, балки инчунин ба навсозии доимии таҷрибаи субъективии донишҷӯй равона карда шавад;

- дар рафти таълим ба таври доимӣ мувофиқа кардани таҷрибаи субъективии муҳассилин бо мазмуни илмии маводди таълимии пешниҳодшаванда зарур аст;

- таҳрик бахшидани шавқи донишҷӯй ба омӯзиши мустақилонаи маводди таълимӣ, ки муҳтаво ва шаклҳои он бояд барои донишҷӯй

имкониятҳои худомӯзӣ, худинкишофдиҳӣ, худзоҳиркунӣ дар ҷараёни азхудкунии донишҳоро фароҳам созад;

- ба нақша гирифтан ва таҳия намудани маводди таълимие, ки барои донишҷӯй имконияти интихоби мазмун, намуд ва шакли омӯзишро ҳангоми иҷрои супоришҳо ва ҳалли масъалаҳои омӯзишӣ фароҳам меорад;

- ошкор ва арзёбӣ намудани тарзҳои корҳои таълимие, ки донишҷӯй онҳоро мустақилона, доимӣ ва сермаҳсул ба кор мебарад. Имконияти интихоби тарзи иҷрои супориш бояд дар худи супориш баён шуда бошад. Бо истифода аз китоби дарсӣ донишҷӯёнро ба интихоб ва истифодаи тарзҳои барояшон нисбатан аҳаммиятноки коркарди маводди таълимӣ ҳавасманд кардан лозим аст;

- ҳангоми ворид намудани донишҳо доир ба усулҳои иҷрои амалҳои омӯзишӣ ба маводди омӯзишӣ, тарзҳои умумимантиқии иҷро ва аҳаммияти ихтисосии (мавзуии) корҳои таълимиро бо дарназардошти вазифаҳои онҳо дар рушди шахсияти донишҷӯён муайян кардан зарур аст;

- назорати иҷро ва баҳогузории на танҳо натиҷаи кор, балки асосан, раванди таълим, яъне тағйиротеро, ки донишҷӯй ҳангоми аз худ кардани маводди таълимӣ соҳиб мешавад, таъмин кардан муҳим аст;

- раванди омӯзиш бояд ташкил, амалисозӣ, рефлексия ва самарабахшии таълимро ҳамчун фаъолияти субъектӣ таъмин намояд. Барои ин ҷудо кардани воҳидҳои омӯзиш, нишон додани хусусият ва истифодабарии онҳо аз ҷониби омӯзгор дар дарс ба мақсади ташкили таълим ва дар корҳои таълимии инфиродӣ зарур аст.

Равияи таълими шахсиятгаро барои қисми таркибии иҷтимоӣ-фарҳангии салоҳияти коммуникативии ғайрифилологӣ таваҷҷуҳи вижаро пешбинӣ мекунад. Ин бояд «равиши фарҳангшиносии таълим, ошно намудани донишҷӯён бо фарҳанги мамлакате, ки забонаш омӯхта мешавад,

беҳтар фаҳмидани фарҳанги мамлакати худ, қобилияти муаррифии он бо воситаҳои забони англисӣ, воридсозии муҳассилин ба муколамаи фарҳангҳоро таъмин намояд» [105, с. 78].

Ин ҳама талаботро ба дараҷаи омӯзиши забони англисӣ аз ҷониби донишҷӯён афзоиш медиҳад.

Ба ин тариқ, равияи таълими шахсиятгаро мақсадҳои тағйирпазири таълимиро пешбинӣ менамояд, шавқу мароқи шахсии донишҷӯён ва хислатҳою қобилиятҳои шахсии инфиродии онҳоро ба ҳисоб мегирад ва барои самарабахшии бештари таълим заминаҳоро фароҳам меоварад.

Вобаста бо мундариҷаи таълим равияи таълими шахсиятгаро дар самтҳои зерин зоҳир мегардад:

1. Дар мундариҷаи таълим барои рушди шахсияти озоду фаъол ба фаъолиятмандӣ ва рушди фаъолияти эҷодӣ ва тамоюлҳои арзишии донишҷӯй таваҷҷуҳи махсус бояд зоҳир гардад.

2. Зимни интихоби мундариҷаи маводди ғайризабоншиносии таълим беш аз пеш рағбату шавқи донишҷӯёни муосир ва проблемаҳое, ки онҳоро нигарон месозанд, ба назар гирифта шаванд. Ин, пеш аз ҳама, дар мавриди интихоби маводди таълимӣ, интихоби мавзуъҳо барои баррасӣ ва дар истифодаи маводди рӯзмарраи овозию биноӣ, аз ҷумла тавассути интернет, зоҳир мегардад.

Гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ рушди комили шахсиятро талаб мекунад, аз ҷумла қобилияти муошират кардан ба забони хориҷӣ, воридшавии инсонро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ осон менамояд ва барои дар он бомуваффақият фаъолияти касбӣ намудан имкониятҳоро фароҳам меорад.

Донишҷӯйи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд дорои донишҳое бошад, ки манзараи комили ҷаҳонро тасвир менамоянд, инчунин, малакаҳою маҳоратҳои иҷрои намудҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ, меҳнатӣ, зебоишиносӣ ва ҳамчунин майлонҳои арзишию таҷрибаи иҷрои

корҳои эҷодӣ дошта бошад, аз уҳдаи ба кор бурдани технологияҳои нави иттилоотӣ ва ҳамкорӣ бо ҳамкасбони худ ҳам дар дохили мамлакат ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ баромада тавонанд.

Ин ҳама танҳо ба ҷори намудани равияи таълими шахсиятгаро ва тарбияи насли наврас муяссар мегардад, ки дар чунин таълим ниёзмандиҳо, имкониятҳо ва майлу шавқмандии донишҷӯй ба назар гирифта шуда, худи ӯ дар қатори омӯзгор ҳамчун субъекти фаъоли таълим амал мекунад.

Равияи таълими шахсиятгаро ба ҳамаи бахшҳои низоми таҳсилот, яъне мақсадҳои таълиму тарбия дар мавриди таълими ҳар як фанни таълимӣ, муҳтавои маводди таълим, методҳою технологияҳои таълим таъсири муфид мерасонад ва бо тағйир додани тамоми раванди таълиму тарбия, аз ҷумла ҳамкории омӯзгор ва донишҷӯй, муносибати донишҷӯй ба васоити таълим ва ҳоказо дар маҷмуъ таъсир расонда, ба ташкил кардани муҳити таълиму тарбияи барои донишҷӯй созгор мусоидат мекунад.

Ба ин тариқ, равияи таълими шахсиятгаро бо навсозии тамоми фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мусоидат мекунад ва моҳиятан ҳамаи ҷанбаҳои фаъолияти онро дар бар мегирад.

Барои дар ҳаёт ҷорӣ намудани таълими шахсиятгаро ва бозсозии фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ санадҳои зерини қонунгузорӣ таҳия ва қабул карда шудаанд:

- «Докторантураи миллии таҳсилот» ташкил ва дастгирӣ ёфт.
- «Қонун дар бораи таҳсилот» такмил ва пазируфта шуд.
- Се зинаи лоиҳаи Нақшаи бунёдии таълим коркард карда шуд, ки ба ҷиҳатҳои хуби он инҳоро метавон дохил кард:

А) Дар ҳамаи се зина оғози таълими забони англисӣ аз курси якуми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, яъне дар даврае, ки муҳассилин ба азхудкунии забонҳо ҳамаҷониба омодаанд, пешбинӣ карда шудааст.

Б) Дар ҳамаи зинаҳои Нақшаи бунёдии таълим ба омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҳаҷми шаш кредит дар нимсолаи дуюми курси якум пешбинӣ шудааст, ки  ҳадди ақали миқдори зарурии соатҳои таълимӣ барои омӯзиши фанни забони англисиро ташкил медиҳад.

В) Ниҳоятан, дар ҳамаи се зинаи нақшаи мазкур омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун фанни таълимии ҳатмӣ пешбинӣ шудааст.

Дар ҳамаи зинаҳои Нақшаи бунёдии таълим бахши минтақавие пешбинӣ шудааст, ки он имкон медиҳад бо дарназардошти шароитҳои минтақавии таълим ба мундариҷаи таълим маводди бевосита марбут ба зодгоҳи муҳасилин, масалан, таърих, адабиёт ва санъати он минтақа ворид карда шаванд. Ғайр аз ин, дар ҳамаи вариантҳои лоиҳаи Нақшаи бунёдии таълим машғулиятҳои инфиродӣ ё гурӯҳии марбут бо интихоби донишҷӯён пешбини шудаанд.

Дар санадҳо оид ба навсозии фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ се равияи афзалиятноки таълим дар ҷомеаи муосир муайян карда шудаанд. Аз ҷумла, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар таҳсилот, таълими забонҳои хориҷӣ, омӯзиши донишҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.

Дарки аҳаммияти донистани забони англисӣ натиҷаи талаботи ба сатҳи байналмилалӣ мувофиқ намудани ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи мо ва воридшавии он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Дар шароити ҳозира сатҳи забондоние, ки малакаҳои ҳадди ақали муоширатро таъмин карда метавонанд, ба мисли ҳамон як матнро хондан

ва нақл кардани донишҷӯён ба ҳамдигар нокифоя дониста мешавад ва дар раванди таълим вақти камтаре барои он ҷудо карда мешавад.

Торафт бештар «кори гурӯҳӣ аз рӯйи матнҳои гуногун сурат мегирад» [41, с. 54], ки имкон медиҳад, аз як тараф, ҳар донишҷӯй дар гурӯҳ амалҳои ба донишу қобилияташ мувофиқро анҷом диҳад, масалан, ҳангоми хондани матни омӯзишӣ (хондан бо дарки пурраи мазмуни матн): яке матнро бо овози паст хонад, дуюмӣ вожаҳои ношиносро аз матн ҷудо кунад, сеюмӣ маънои вожаҳои ношиносро  дар луғат ҷустуҷӯ кунад, чорумӣ ҷумлаи мушкилфаҳмро тарҷума намояд ва ҳоказо. Ин гуна кор донишҷӯёнро ба муоширати воқеӣ - мубодилаи маълумот бо донишҷӯёни гурӯҳҳои дигар, ки матнҳои дигарро мехонанд, ба андешаронӣ доир ба арзишҳо, мубодилаи афкор доир ба он чӣ, ки хондаанд ё аз дигарон шунидаанд, омода мекунад. Амалҳои донишҷӯён дар гурӯҳ метавонанд, ба мисли фаъолияти аҳли гурӯҳ, тағйир ёбанд, вале муҳим он аст, ки ҳамкорӣ ва ёрии тарафайн дар гурӯҳ байни донишҷӯён сурат мегирад. Чунин кор, ба шарте ки он дуруст ташкил карда шавад, метавонад, ба афзоиши рағбати донишҷӯён ба гуфтор ба забони хориҷӣ мусоидат намояд ва маҳоратҳои омӯзишию муоширатии онҳоро такмил диҳад.

Ба корбурдии амалии таълими шахсиятгаро, пеш аз ҳама истифодаи методикаи лоиҳавӣ мусоидат мекунад, ки он аз ҷониби И. В. Измайлов ба таври хеле равшан тавзеҳ дода шудааст [122, с.4].

Аммо бояд таъкид кард, ки методикаи лоиҳавӣ майл ба корҳои амалӣ дорад, яъне майл ба ташкили гуфтори бадеӣ ва баъзан ғайринутқӣ. Методикаи мазкур имкон медиҳад, ки кори мустақилонаи инфиродӣ бо кори гурӯҳӣ ва дастаҷамъии донишҷӯён якҷо сурат гирад ва  инчунин, ба воридшавии фаъолияти нутқ ба дигар намудҳои фаъолият аз ҷумла, фаъолияти меҳнатӣ ва забономӯзӣ мусоидат мекунад.  Ба ҷустуҷӯи мустақилонаи маълумоти зарурӣ аз ҷониби донишҷӯёнро таҳрик

мебахшад. Дар баробари ин методи лоиҳавӣ инкишофи тахайюли эҷодиро талаб менамояд, то ки донишҷӯй маълумоти бадастовардаро муваффақона коркард кунад ва онро ба дигарон муаррифӣ кунад. Методи лоиҳаҳо ба фаъол сохтани ҳамаи ҷанбаҳои шахсияти донишҷӯй, яъне амалиёти зеҳн, хусусиятҳои типологӣ ва хислат, мақсаднокӣ, истодагарӣ, кунҷковӣ, меҳнатдӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, маҳорати муошират кардан ва ҳиссиёти ӯ мусоидат менамояд.

Ба роҳ мондани таълими шахсиятгаро ва истифодаи технологияҳои педагогии ба он мувофиқ боиси ба вуҷуд омадани муносибатҳои хосса байни донишҷӯён ва омӯзгор ва дар байни худи донишҷӯён мегардад. Инчунин муҳитҳои мухталифу шаклҳои таълимдиҳанда ва тарбиякунандае ташаккул меёбанд, ки баъзан аз ҳудуди машғулиятҳо берун мебошанд.

Рушди босуръат аломати назаррас ва хоси тамоми равандҳои ҷамъиятӣ дар замони муосир ба шумор меравад ва низоми таҳсилот ҳам аз ин истисно нест. Равандҳои навоваронае, ки ҷанбаҳои ташкили таълим, аз худ намудани донишҳо ва ба кор бурдани навгониҳои педагогиро муттаҳид месозанд ва чунин ягонагӣ метавонад ба раванди азнавсозии фаъолияти муассисаи таҳсилоти олӣ ва дар маҷмуъ низоми маориф суръат бахшад.

Донишҷӯён худро бояд дар раванди таълим орому осуда ва дар ҳолати табиӣ эҳсос намоянд ва далеру самимӣ бошанд. Ба қавли К. Д. Ушинский, «ба аҳли гурӯҳ имконият дода шавад, ки озодона ба ҳаяҷон оянд, ҳатто ба андозае, ки барои муваффақияти таълим зарур аст, кӯшиш ба харҷ диҳанд. Хомӯшии пурра ҳангоми дарс номумкин аст.

Шогирдон метавонанд суол диҳанд, нуқтаи назари худро баён созанд, ҳолатҳои ба вуқуъ пайвастаро баррасӣ намоянд. «Тарзи маъмули муошират бояд аз гуфтугӯи озодона ва ташаббускорӣ аз ҷониби донишҷӯён иборат бошад» [172, с. 112].

Дар тули чандин даҳсола дар методикаи таълим расман принсипи шуурнокӣ талқин мешавад, вале дар амал донишҷӯён ба ҷойи огоҳона аз худ кардани маводди дарсӣ, матнҳою муколамаҳо ва дигар маводди дарсиро қориазёд мекунанд ва ё умуман, онро намедонанд. Дар амал ҷорӣ намудани принсипи фаъолиятнокӣ аз он иборат аст, ки чун қоида, донишҷӯй ҳамон вақт фаъол мебошад, ки агар аз ӯ омӯзгор чизеро бипурсад [109].

Мисолҳои зиёд аз он шаҳодат медиҳанд, ки принсипҳои дар методикаи таълими забони англисӣ таъиншуда танҳо якчанд равиши субъективиро ҳангоми интихоби муҳтавои маводди таълимӣ ва фаҳмондани он ба муҳассилин дар назар доранд. Муаллифони чунин методҳо дар як чиз иттифоқи назар доранд, яъне афзалият додан ба раванди таълиме, ки дар маркази он фаъолияти дарсдиҳии омӯзгор қарор дорад. Хусусияти хоси фаъолияти донишҷӯй оид ба аз худ кардани забони мавриди омӯзиш дуюмдараҷа ҳисоб карда мешавад. Моҳияти раванди таълими забони англисӣ ҳамчун раванди ҳамкории (муошírати) субъектҳои он сарфи назар карда мешавад. Агар мо хоҳем, ки раванди таълими забони англисӣ аз лиҳози шароити таълим ба раванди азхудкунии забон дар шароити табиии забонӣ наздик шавад, яъне ба маънои пурраааш забони мавриди омӯзиш ҳамчун воситаи мубодилаи афкор гардад, пас мо «вазифадорем, ки дар гурӯҳ олами маҳдуди ҳаёти атрофамонро бо тамоми воқеиятҳо, муносибатҳои байни инсонҳо ва майл ба истифодабарии амалии забон созмон диҳем» [119].

Чунин талабот моро водор месозад, ки раванди воқеии таълимро ҳамчун «муошírати ба таври махсус ташкилдодашуда ё шакли махсуси муошírат» қабул намоем, ки вазифаи муҳимми он аз ба роҳ мондани ҳамкории омӯзгор бо донишҷӯён, ҳамчунин ҳамкории донишҷӯён дар байни худ иборат бошад.

Зимнан раванди таълими педагогикаи ҳамкорӣ ин раванди фаъолияти шариконаи мувофиқашудаи субъектҳои он мебошад. Натиҷаи чунин ҳамкорӣ таҷрибаи нутқ ба забони дигарро ҳосил кардани донишҷӯён ва тавассути он ошно шудани онҳо ба анъанаҳои миллии соҳибзабонон дар муқоиса бо анъанаҳои миллии худ ва таҷрибаи нутқ ба забони модарӣ мебошад. Ин асос мешавад, ки ҳангоми муайян намудани қонуниятҳои таълим (тадрис ва омӯзиш)-и забони англисӣ консепсияи умумии таҳсилот, ки дар маркази он шахсияти донишҷӯй қарор дорад, пайгирӣ карда шавад. Дар шароити таълими забони англисӣ бошад, вай шахсияти донандаи забонии дуюм маҳсуб мешавад, инчунин, қонуниятҳои умумии азхудкунии забони англисӣ аз ҷониби ӯ дар шароити ҳамкорӣ бо субъектҳои раванди таълим ба ҳисоб гирифта мешаванд [13, с. 19].

Дар баробари инсонмеҳвар намудани таҳсилот, ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии маҷмуи тадбирҳои инсонгароӣ [68], ба сифати роҳҳои дигари амалисозии он равишҳои зеринро пазируфтан имконпазир аст:

1) Ба худи асоси раванди таҳсилоте, ки дар он ба шахсияту фаъолияти донишҷӯй таваҷҷуҳ зоҳир мегардад ва тағйирдиҳии нақшаи ҳамкорӣ дар таълимро пешбинӣ мекунад, ворид намудани нақши омӯзгор ва муносибати ӯ бо донишҷӯй, инчунин, инфиродӣ кардани барномаҳои таълимӣ.

2) Иҷрои барномаи мақсаднок доир ба дар донишҷӯй тарбия намудани ҳисси шарофати ҷамъиятии донишҷӯён, ки тавассути кори муназзам аз рӯйи чунин қисматҳои он, мисли эҳсоси муҳофизати шахсии худ, эҳсоси мансубият ба ҷомеаи таҳсилотӣ, имконпазир аст.

3) Додани донишҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба донишҷӯй ҳамчун субъекти фаъолияти касбии оянда, ки ҳуқуқҳои шаҳрвандии худро медонад, ҳифз ва эҳтиром кардани онҳоро талаб карда метавонад.

4) Дар муассисаҳои таҳсилот фароҳам овардани чунин шароитҳое, ки кӯмаки иҷтимоӣ-психологӣ ба омӯзгорону донишҷӯён ва падару модаронро имконпазир мегардонанд.

Роҳҳои мушаххаси дар амал татбиқ намудани инсонмеҳварии таҳсилот дар намудҳои гуногуни муассисаҳои таҳсилотро донишмандон аз инҳо иборат медонанд:

1. Мақсади асосии дар маркази таҳсилот қарор додани инсон ин тарбия кардани инсони озод, пешрафта, некӯахлоқ, эҷодкор ва аз лиҳози иҷтимоӣ камолёфта, ба шумор меравад.

2. Инсонгаро намудани мундариҷаи таҳсилот - дар ҳаёт ҷорӣ намудани принсипи таърихӣ, нишон додани ташаккул ва таҳаввули донишҳо оид ба табиат, ҷомеа ва тафаккур, ба мундариҷаи таҳсилот ворид намудани давраҳои ташаккул ва рушди арзишҳои умумибашарӣ, нақши ақидаҳои инсондӯстонаи мутафаккирон ва олимон дар бунёдгузории фарҳанги маънавии умумибашариро дар назар дорад.

3. Инсонгаро намудани методҳои таълим муносибати инсондӯстона ба ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳамчун иштирокчиёни раванди таълим, коркарди технологияи педагогии ташкили раванди таълиму тарбияи шахсиятгаро дар муассисаҳои томактабӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ, ҳамчунин тағйир кардани назари омӯзгор ба донишҷӯй ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеа, ки дорои мақсадҳо, қобилиятҳо ва манфиатҳои худ мебошад, дар назар дорад.

4. Бархурди инсонпарварона ба муайян кардани шаклҳои ташкили машғулиятҳои таълимӣ, санҷиш, баҳисобгирӣ ва арзёбии донишҳо ва маҳоратҳои таълимгирандагон.

5. Бархурди инсонпарварона ба тавзеҳ додани меъёрҳои баҳогузории натиҷаҳои таълим, баҳогузории меҳнати омӯзгорон, мураббиён ва дар маҷмуъ ҳамаи муассисаҳои таҳсилот.

Консепсияи шахсиятгарои таҳсилот имкон медиҳад, ки дар маркази низоми таҳсилот донишҷӯён, манфиатҳои рушди онҳо, қобилиятҳои зеҳнию ҷисмонии онҳо қарор гиранд. Дар асоси ин гуфтаҳо метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки низоми таҳсилот бо такя ба консепсияи таълими шахсиятгаро на ба ташаккули шахсияти донишҷӯй дар чаҳорчӯбаи муқарраршуда, чунон ки пештар чунин ақида роиҷ буд, балки ба фароҳам овардани шароитҳое нигаронида шудааст, ки дар онҳо қобилияту истеъдод ва неруҳои табиии донишҷӯй рушд мекунад.

Равияи шахсиятгаро дар таҳсилот мазмуни таҳсилотро ба таври куллӣ дигаргун месозад ва дар доираи дигаргунсозӣ масъалаҳои зерин бояд ҳаллу фасл гарданд:

- барои касб кардани таҷрибаи иҷтимоӣ, яъне аз худ кардани донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳое, ки ба донишҷӯй барои фаъолияти дар зиндагии маъмулӣ дар ҷомеаи мушаххас лозиманд ва барои аз худ кардани онҳо аз ҷониби донишҷӯй мусоидат намояд;

- қобилияти донишҷӯйро ба фикрронии озодона ва эҷодкорӣ таҳрик бахшад;

- дар донишҷӯй ҷаҳонбиниро ташаккул диҳад ва дар тафаккураш манзараи комили оламро ба вуҷуд орад;

- дар донишҷӯй ташаккул додани хусусиятҳо ва тарбияи хислатҳоеро, ки ба худинкишофдиҳии ӯ мусоидат мекунанд, аз қабили ангезаҳо, рефлексия ва амсоли инҳо;

- додани донишҳои муназзам ба донишҷӯён, ки ҳамчун воситаи дарки манзараи олам аз ҷониби вай хизмат мекунанд.

Тафовути асосии технологияи педагогии таълими шахсиятгарои таҳсилот аз «дониши мутамоил»-и анъанавӣ (Г. Ф. Карпова) дар он аст, ки дар ин технология самараи таълиму рушд наметавонад танҳо дар натиҷаи ба фаъолияти омӯзандагӣ фаро гирифтани донишҷӯён ба даст ояд, тавре

ки ин дар технологияҳое, ки асоси онҳоро консепсияҳои давра ба давра ташкил кардани амалҳои зеҳнӣ (П. Я. Галперин, Н. Ф. Тализина), муоширати пурмазмун (В. В. Давидов), афзудани ҳаҷми воҳиди таълимӣ (П. Эрдниев) ташкил медиҳанд, мушоҳида мешавад. Омӯзиш аз ҷониби шахсияти ҷудогона ин идроки субъективии воқеият мебошад ва ягон фаъолияти дигар ташкили маънои мавриди талабро кафолат намедиҳад.

Бо ҳамин сабаб дар ин ҷо дар робита ба таъсиргузорӣ ба шахсият танҳо шартан метавон изҳори андеша кард, бо дарназардошти он ки шахсият ҳамеша чун шахси амалкунанда, шарик дар раванди таълим ва ҳатто баъзан ташаббускори ҳама гуна раванди таҳсили худ падидор мегардад. Ғояи таълими шахсиятгаро аз ошкор намудани моҳият ва шароитҳои дар амал татбиқ намудани вазифаҳои рушди шахсияти раванди таҳсилот, аз муайянсозии хусусиятҳои мақсаднокӣ, мазмун ва тартиботи низоми таҳсилот иборат аст.

Дар ин маврид ба пажуҳишҳои бунёдии дидактикие такя бояд кард, ки онҳо моҳияти донишҳои педагогӣ, ягонагии раванди таълим, вазифаҳои рушди шахсияти таълим, моҳияти фаъолияти омӯзгорро ошкор менамоянд. Дар ҳуҷҷатҳои сершумори меъёрӣ, дар изҳорот оид ба барномаҳо борҳо такрор шудааст, ки таълими ҳар як фан донишҳою маҳоратҳоро ташаккул медиҳад, ба рушди шахсияти донишҷӯй мусоидат мекунад. Аммо зарурат ба исбот нест, ки ҳам мундариҷаи таҳсилот, ҳам, алалхусус, тарзи додани донишҳо ва ҳам шаклҳои ҷараёни воқеии таълим бо он навъҳое, ки онҳо пештар вуҷуд доштанд ва имрӯз ҳам вуҷуд доранд, дар рушди шахсият самарабахш намебошанд.

Бинобар ин, вазифаи рушди шахсияти донишҷӯй бештар дар сухан вуҷуд дорад ва тавассути раванди мавҷудаи таҳсилот иҷрои ин вазифа имконнопазир аст. Ин, албатта маънои онро надорад, ки дар раванди кунунии таҳсилот шахсияти донишҷӯй инкишоф намеёбад, вале

саҳмгузорӣ дар ин соҳа зиёд нест. Қобили зикр аст, ки арзиш ва муҳтавои фаъолияти таълимӣ дар худмуайянсозӣ ва такмили шахсияти ҷавонони муосир накши начандон бузург мебозад.

Дар ин ҷо, ба назари мо, фаҳмиши нави мақсади таҳсилот дар раванди ташаккули шахсият муҳим аст. Мувофиқи фаҳмиши анъанавӣ он ҳамчун як навъ модели шахсият тасаввур мешавад, ки талаботи ҷомеаро дар худ таҷассум мекунад ва дорои шакли стандартии маърифатнокию рафтор мебошад. Аз ин рӯ, ҳамон навъи таҳсилоте беҳтарин маҳсуб мешавад, ки ҳамоҳангии стандартҳои давлатӣ ва шароити худинкишофдиҳии шахсро фароҳам оварад. Зарурати ба ҷуз қисматҳои стандартии аз берун пешниҳодшаванда, ба мундариҷаи таълим ворид намудани унсурҳои эҳсосотӣ – арзишӣ ва шахсиятие, ки аз худи раванди таълим ва муоширати байнисубъектҳои ин раванд ҷудоинопазиранд, дар консепсияҳои мухталифи таҳсилот қайд шудааст. Ин ақидаро такмил дода, В. В. Сериков ба хулосае омадааст, ки «мундариҷаи таълими комил ва барои субъект воқеӣ аз ду унсур таркиб меёбад:

1) унсури дидактикӣ, аз таҷрибаи такроран коркардшудаи иҷтимоӣ-фарҳангие иборат аст, ки то раванди таълим мустақилона дар шакли маводди таълимӣ-барномавӣ (стандартҳои таҳсилот) вуҷуд дошт;

2) таҷрибаи шахсии дар асоси муоширати байни субъектҳо ба даст омада, ки дар шакли ҳиссиёт, маъниофаринӣ, худинкишофиҳӣ зоҳир мегардад» [152, с.17].

Мундариҷаи таълими шахсиятгаро наметавонад ҷудо аз тартиботи мавҷуда, ки ҳолати таълимро метавон асоси он ҳисоб кард, пешниҳод

карда шавад. Фароҳам овардани ҳолати таълимӣ, тибқи маълумоти баъзе таҳқиқот, истифодаи чунин навъҳои технологияҳоро пешбинӣ менамояд.

Гуфтугӯи таълимиро намуди хоссаи технологияи педагогӣ ҳисоб кардан мумкин аст: «гуфтугӯ ҳангоми таълими забони англисӣ ҳамчун яке аз хусусиятҳои моҳиятии раванди таълим, ҳамчун манбаи таҷрибаи шахсӣ, омили зарурии вазифаҳои маъниофаринӣ, рефлексивӣ, интиқодӣ ва ғайраи шахсият амал менамояд» [1. с. 38].

Мусаллам аст, ки таҷрибаи гуфтугӯ бо забони хориҷӣ дар донишҷӯёни донишгоҳи касбӣ тадриҷан андӯхта мешавад, бинобар ин, дар давраҳои ибтидоӣ он унсурҳои созмондиҳӣ, иншои сенария, тақсимоти нақшҳо ва ҳоказоро фаро мегирад.

Аз ин рӯ, зарурати ҷудо намудани дараҷаҳои ташаккулёбии гуфтугӯи омӯзишӣ ба миён меояд, ки аз инҳо иборатанд:

- муқаррар кардани талаботи ҷиддӣ доир ба муносибати донишҷӯй ба посухҳои дуруст;

- таъмини мустақилият барои изҳори ақидаҳо ва мулоҳизаронӣ;

- ба суханони ҳамдигар гӯш додан, ҳамдигарфаҳмӣ, кӯшиш ба нишон додани донишу қобилияти худ;

- кӯшиш ба фаҳмидани ақидаи каси дигар доир ба ҷустуҷӯи ҳақиқат;

- ба ҳолати бозӣ ворид намудани гуфтугӯ истифода аз унсурҳои зерини технологияи педагогиро пешбинӣ менамояд:

- муайян кардани омодагии донишҷӯён ба муошират ба забони хориҷӣ, яъне муайян кардани донишҳои бунёдӣ, таҷрибаи муошират кардан, кӯшиш ба нишон додани донишҳои худ ва дарки дидгоҳҳои нафарони дигар;

- ҷустуҷӯи ангезаҳои такягоҳӣ, яъне масъалаҳо ва проблемае, ки донишҷӯёнро нигарон месозад ва бо саъю кӯшиши онҳо метавонад муҳтавои худи маводди омӯзишӣ дар раванди омӯзиш дуруст шакл гирад;

- такроран коркард кардани маводди мавриди омӯзиш дар рафти баррасии масъалаҳо ва вазифаҳои проблемавии баҳсбарангез, ки

тезонидани мақсадноки бархурдҳо, боло бардоштани онҳо то сатҳи проблемаҳои доимии инсонҳоро пешбинӣ мекунад;

- муайян кардани роҳҳои ҳамкории иштирокчиёни баҳс, нақшҳои имконпазири иштирокчиён ва шартҳои қабул кардани онҳо аз ҷониби донишҷӯён;

- ошкор намудани мавридҳои эҳтимолии бадеҳасозӣ дар бозӣ, яъне чунин ҳолатҳои гуфтугӯ, ки барои онҳо пешбинӣ кардани рафтори иштирокчиёни он душвор аст [1. с. 43].

Ҳолатҳои бозиҳои тақлидӣ, бахусус дар дарсҳои забони англисӣ, нақши муҳим доранд. Мақсади таълими анъанавӣ, асосан, аз ба хотир гирифтан, ошкор кардан, фаҳмидан ва навиштан иборат аст. Вале дар таълими бо усули бозӣ ангезанокӣ, ба вуҷуд овардани ҳолати махсуси эҷодкорӣ, ҷустуҷӯ, иштироки фаъолонаи донишҷӯй муҳим аст, зеро ҳама гуна бозӣ, аз ҷумла бозии омӯзиши ҳам, пеш аз ҳама, фаъолияти озодона ва бидуни маҷбур кардан мебошад. Бозие, ки дар он амру фармон ба кор бурда мешавад, бозӣ маҳсуб намешавад. Дар бозӣ бояд ҳатман мусобиқа ва мухолифат, қабули нақш ва арзишдоварии коршиносона вуҷуд дошта бошад. Чунин бозии омӯзишӣ танҳо инъикоси ҳаёт нест. Он ба андозаи маълум аз ҳаёти рӯзмарра дар дараҷаи баландтар қарор дорад, чунки ҷанбаҳои ноаёни ҳаётро ошкор месозад ва мусобиқаро суръат мебахшад.

Тавре ки аз мулоҳизаҳои дар боло овардашуда бармеояд, таълими забони англисӣ дар муқоиса бо ягон фанни дигари таълимӣ муносибати шахсиятгароро талаб менамояд, чунки нутқи донишҷӯй, пеш аз ҳама, инфиродист. Ва дар ҳақиқат ҳам, нутқи донишҷӯй воситаи ифодаи эҳсосот ва дидгоҳҳои инфиродии ӯ мебошад. Метавон чунин иброз намуд, ки ҳама гуна мулоҳизаи донишҷӯй то ҳадди имкон бояд табиӣ ва дорои ангеза бошад, яъне гӯё аз «ман»-и ботинии ӯ берун меояд. Барои ноил гаштан ба мақсадҳои таълиме, ки дар барномаи таълимии муосир пешбинӣ шудаанд,

барои рушди салоҳияти муошираткунии донишҷӯён бо забони англисӣ, пеш аз ҳама, гуфтугӯ бо ин забон зарур аст.

Донишҷӯйи имрӯза шахсиятест, ки барояш ҳама чиз шавқангез мебошад. Вай мехоҳад бо фарҳанги мамлакатҳои дигар ошно гардад, ба кишварҳои зиёд сафар кунад ва бо шаҳрвандони он муошират кунад, мекӯшад ҳаматарафа рушд намояд. Ба ин восита донишҷӯй ба арзишҳои фарҳангии мамлакати барояш нав дастрасӣ пайдо мекунад ва донишу ҷаҳонбинии худро васеъ мекунад.

Дар шароити муосир фалсафаи башардӯстонаи таҳсилот бо ёрии технологияҳои мухталифи педагогӣ амалӣ мегардад, ки мақсади онҳо на танҳо додани донишҳо, балки инчунин ошкор намудану инкишоф додани қобилиятҳо, афзоиши шавқу завқи эҷодӣ ва такмили қобилияту маҳорати ҳар донишҷӯй, таҳрик бахшидан ба фаъолияти мустақилонаи пурмаҳсули таълимии вай мебошад. Яке аз чунин технологияҳо сермаҳсул омӯзиш дар ҳамкорӣ ва технологияҳои бозиҳои таълимӣ ба шумор меравад.

Шароити таърихӣ тағйир ёфт ва талабот ба инсон, ба маърифатнокию сатҳи дониши ӯ низ тағйир меёбад. Ҳаёт ва ҷомеа тарбияи шахсияти эҷодкореро, ки андешаронии мустақилона дорад, ғояҳои наву асилро пешниҳод намояд, қарорҳои ғайримаъмулиеро қабул намояд, талаб менамояд. Бинобар ин, мақсади мундариҷаи таҳсилот дар замони ҳозира рушди шахсияте мебошад, ки дар шароити кунунӣ зиндагию фаъолият намояд.

Дар шароити имрӯза муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ягона ниҳоди иҷтимоие мебошад, ки метавонад ҳуқуқҳои ҳар як донишҷӯйро ҳимоя кунад. Ин ҳуқуқҳо бояд инкишофи комили шахсияти ӯро дар доираи қобилияту истеъдоди инфиродии вай таъмин карда тавонанд.

Айни замон дар илми педагогика равияи таълими шахсиятгаро пешниҳод карда мешавад, ки асоси онро таҳияи механизмҳои тарбия ва

принсипҳои эҳтиром ба шахсият, мустақилияти шахс ва ба назар гирифтани хусусиятҳои фардии донишҷӯй ташкил медиҳанд.

Тарбияю такмили шахсияти донишҷӯй ҳамарӯза дар зиндагии муқаррарӣ сурат мегирад. Аз ин рӯ, бояд ҳаёт ва фаъолияти донишҷӯй мухталифу пурмуҳтаво бошад ва асоси зиндагию фаъолияти донишҷӯён бояд муносибатҳои ахлоқии баландтарин ташкил диҳанд. Барои мутахассиси оянда бояд худи раванди омӯзиши донишҳои нав, дарки ҳодисаҳои ҷаҳон, сарфи назар аз мушкилот, комёбиҳо ва бебарориҳо, хурсандибахш бошад.

Муоширату бо дӯстону ҳамкасбон, пайдо кардани дӯстони нав, фаъолияти якҷоя, бозиҳои дастаҷамъона, эҳсоси шарикӣ, ошноӣ бо меҳнат ва фаъолияти ҷамъиятии манфиатнок ба шахс хурсандие мебахшад, ки наметавон онро ба ягон чизи дигар қиёс кард.

Тарбияи шахсиятгаро тарбияи ҳар донишҷӯй ба сифати шахсияти мустақил мебошад. Зимнан тарбияи шахсият вазифаи душвор аст, зеро он бисёрҷанба ва фарогири таълими донишҳо, малакаҳою маҳоратҳои барои таҳсил зарурӣ мебошад.

Таҳсилоти муосир, ки бар пояи принсипҳои башардӯстӣ асос ёфтааст, дар мамлакати мо афзалияти вазифаҳои ташаккули шахсиятро дар байни дигар вазифаҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян менамояд. Равияи таълими шахсиятгаро дар таълиму тарбия ба назар гирифтани имкониятҳои донишҷӯй, шавқу рағбатҳои ӯ, фароҳам овардани шароит барои инкишоф то ҳадди ниҳоӣ амалӣ намудани майлу хоҳиш ва қобилиятҳои ӯро дар таҳсилоти муосир имконпазир мегардонад. Таҳсилоти муосир бояд ба рушди шахсияти инсон, ошкор намудани имкониятҳою истеъдодҳо, тарбияи худшиносии донишҷӯён ва дар амал татбиқ намудани донишу қобилиятҳои худ аз ҷониби онҳо равона карда шавад.

Барои кори таҳқиқотии мо таҳлили талаботи Барнома ва Стандарти давлатии таълими забони англисӣ, аз ҷумла ҷойгоҳи масъалаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар онҳо, ки дар замони муосир, яъне дар оғози ҳазорсолаи нав, бахши ҷудоинопазири таълими забони англисӣ маҳсуб мешаванд, муҳим арзёбӣ мешавад.

Барнома ва Стандарти давлатии таҳсилот барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба шумули мақсадҳои таълими забони англисӣ бахши тарбиявиро ҳам фаро мегирад, ки он аз шинос намудани донишҷӯён ба низоми муносибатҳои шахсӣ дар фарҳанги мавриди омӯзиш ва дастовардҳои беҳтарини ин фарҳанг иборат аст. Равияи таълими шахсиятгаро дар маркази низоми таълим гузоштани донишҷӯйро талаб мекунад, ки маънои ба назар гирифтани ангезаҳо, ниёзмандиҳо, шавқу рағбати ӯро дорад. Тарбия бояд дар донишҷӯён хислатҳои зеринро ташаккул диҳад:

- муносибати эҳтиёткоронаю эҳтиромона ба олами атроф;

- муносибати ҷиддӣ ба омӯзиши забони англисӣ ва фарҳанги соҳибзабонон, ки ба ангезаи омӯзиши он мусоидат мекунад;

- дарки аҳаммият ва зарурати омӯзиши забони англисӣ ҳамчун воситаи муошират ва талаботи истифода аз он;

- дарки аҳаммият ва зарурати омӯзиши забону фарҳанги миллӣ ва мероси фарҳангии кишвари худ, инчунин, комёбиҳои иқтисодӣ, таърихӣ, сиёсӣ ва амсоли инҳо.

Таълими забони англисӣ талаботи зеринро пешбинӣ менамояд:

- дарки моҳияти падидаҳои забонӣ ва низоми мафҳумҳои дигари забоншиносӣ аз тарафи донишҷӯён;

- дар муқоиса бо забони модарӣ омӯхтани забони англисӣ ва саҳмгирӣ дар муколамаи фарҳангҳо;

- фаро гирифтани донишҳо оид ба фарҳанг, воқеиятҳо ва анъанаҳои мамлакатҳои англисзабон;

- доштани тасаввуроти комил оид ба дастовардҳои ҳар ду фарҳанги миллӣ (фарҳанги худӣ ва фарҳанги англисзабонҳо) ва саҳми фарҳангҳои мазкур дар рушди фарҳанги умумибашарӣ; донистани нақши забони модарӣ ва фарҳанги худӣ аз мавқеи фарҳанги халқи дигар.

Бо дарназардошти мақсадҳои таълими забони хориҷӣ ва пайгирии натиҷаи ниҳоии таълими забони англисӣ, яъне қобилияти муошират кардан бо забони мазкур ба мундариҷаи таълими ин забон қисматҳои зерин ворид карда шаванд:

-маҷмуи донишҳои забоншиносию кишваршиносӣ оид ба вижагиҳои миллию фарҳангӣ ва воқеиятҳои мамлакатҳои англисзабон;

- аз худ кардани талаботи одоби муошират бо забони англисӣ ҳадди ақал дар соҳаҳо ва шароитҳои гуногуни нутқ;

Ба ин тариқ, муколамаи донишҷӯёни тоҷик – намояндагони фарҳанги миллӣ бо намояндагони фарҳанги англисӣ таъмин карда мешавад, ки бояд ба пешрафти ахлоқӣ ва омӯзишии донишҷӯй мусоидат кунад.

Ба таркиби донишҳои забоншиносӣ-кишваршиносӣ малакаҳову маҳоратҳои тавассути ин донишҳо ташаккулёбанда инҳо дохил мешаванд:

1. Аз худ кардану ба мавқеъ истифода бурдани воситаҳои луғавии барои муошират зарурӣ, ҳамчун сарчашмаи иттилоот доир ба вижагиҳои фарҳангию миллии англисзабонҳо дар ҳолатҳои дахлдор, аз ҷумла:

- вожаҳои бемуродиф;

- вожаҳои заминавие, ки дар андарзҳо, ибораҳо ва зарбулмасалу мақолҳо ба кор рафтаанд;

- вожаҳое, ки воқеиятҳою ашёҳои фарҳанги моддию маънавии англисзабононро ифода менамоянд.

2. Донишҳо доир ба кишварҳои англисзабон, ки аз маълумотҳои ба ин омил вобаста, сарчашма мегиранд, аз ҷумла:

- ҷойгиршавии кишвар, хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва табиӣ, шаҳрҳои асосӣ ва маконҳои шоёни сайру тамошои онҳо, сохти сиёсӣ, ҷашнҳо ва анъанаҳои миллӣ, дастовардҳо дар соҳаҳои илм, иқтисод, касбу ҳунар, адабиёт, санъат, маориф, шаклҳои ҳамкорӣ бо кишвари мо ва дигар кишварҳо;

- таърихи кишвар, ҳодисаҳои муҳимми гузашта ва имрӯз, намояндагони барҷастаи соҳаи адабиёт, санъат ва илм;

- вижагиҳои маишат ва зиндагии ҳаррӯзаи аҳолии муқими кишвар, тарзи ҳаёти хонаводагӣ, ташкили фароғат, фаъолияти омӯзишӣ ва меҳнатӣ, доираи шавқу мароқ ва шаклҳои иштироки одамон дар ҳаёти ҷамъиятӣ.

3. Малакаҳо ва маҳоратҳои гуфтор ва истифодаи воситаҳои фарозабонӣ дар муошират.

Дар кишварҳое, ки дар онҳо забони миллӣ ҳамчун забони модарӣ ва гуфтугӯӣ амал мекунад ва таҳсилоти иҷтимоӣ-фарҳангӣ тавассути забони англисӣ сурат мегирад, бисёр вақт дар онҳо майл ба якфарҳангӣ ва аз лиҳози кишваршиносӣ маҳдуд, мушоҳида мешавад. Чунин ҳолат донишҷӯйро ба зери таъсири забони англисӣ мебарад ва тасаввуроти донишҷӯёнро оид ба фарҳанги мамолики мавриди омӯзиш бидуни ташкили шароитҳои методӣ барои муқоиса кардани меъёрҳои муошират дар забонҳои модарӣ ва англисӣ ва майлонҳои арзишии донишҷӯёнро дар раванди таълим имконопазир мегардонад.

Ин суханон ба даврае дар методикаи таълими забони англисӣ дахл доранд, ки он замон вижагиҳои забони модарӣ ба назар гирифта намешуданд. Ҳарчанд зарурати ба назар гирифтани забони модарӣ ва такя ба он дар омӯзиши забони хориҷӣ пештар ва баъдан ҳам, борҳо исбот карда шуда буд (Л. Шерба, А. Н. Шукин ва дигарон).

Ҳамин тавр, таълими шахсиятгаро навъи таълимест, ки дар он эҳтироми амиқ ба шахсияти донишҷӯй, ба назар гирифтани хусусиятҳои фардии ӯ, муносибат ба ӯ дар раванди таълим ҳамчун ба иштирокчии бошуур, комилҳуқуқ ва масъули раванди таълим дар madди аввал қарор дорад.

Модели ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши муошират бо забони англисӣ барои дарки одоби муошират ва маданияти нутқ имкониятҳои зиёд дорад, зеро дар муошират донишҷӯён, донишҳоро оид ба хусусиятҳои мутафовити фарҳанги дигар касб мекунанд. Дар асоси муқоисаи фарҳанги худӣ бо фарҳанги англисзабонҳо ин модел воқеиятро таҳлил менамояд ва истифодаи амалии он ба такомули шахсияти фарҳангу забондонӣ ва тавассути чунин ашхос ба муколамаи фарҳангҳо, ки мақсади ниҳоии модели мазкур мебошад, мусоидат мекунад.

Бо дарназардошти зарурати ёд додани гуфтор бо забони англисӣ, ҳамгиро намудани таълими забону фарҳанг, аҳаммияти маърифатӣ доштани он, мусаллаҳ намудани донишҷӯён бо донишҳо доир ба ҳаёти иҷтимоию фарҳангии кишварҳои англисзабон ва зарурати ба назар гирифтани вижагиҳои фардии донишҷӯён ҳангоми таълими забони англисӣ мо модели раванди ташаккул додани шавқмандии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зимни таълими муошират бо забони англисиро коркард намудем, ки ҳамаи қисматҳои он бо ҳам пайвастагӣ доранд, ки инро якпорчагии он тасдиқ мекунад.

Маълум аст, ки таҳсилоти бисёрфарҳангӣ ин раванди азхудкунии донишҳо доир ба фарҳангҳои гуногуни кишварҳои мавриди омӯзиш ва муносибатҳои тарафайни байни фарҳангҳо дар олами имрӯзаи бисёрфарҳангӣ, инчунин, доштани мавқеи фаъолонаи ҳаётӣ ва маҳоратҳо

барои ҳамкорӣ бо намояндагони мамлакатҳо ва фарҳангҳои мухталиф тибқи принсипи муколамаи фарҳангҳо мебошад [86, с. 54].

Истифодаи усулҳои муколамаи фарҳангҳо ба ташкили фазои муайяни ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми тарафайни барои таълим созгор, бо ташкили муносибатҳои субъектӣ миёни омӯзгор ва донишҷӯён, ки имкониятҳои шахсиятии донишҷӯёнро фаъол мегардонад, инчунин, ба рушди салоҳиятҳои муоширатии донишҷӯён мусоидат мекунад ва имкон фароҳам меоварад, ки онҳо нуқтаи назари худро оид ба ин ё он мавзуъ иброз намоянд. Дар Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии насли нав [7, с.18] намудҳои нави фаъолиятӣ - коммуникативӣ ва лоиҳавӣ, барои хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ шудаанд. Мутахассисони оянда - донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд ба барқарор намудани робитаҳо дар дараҷаҳои гуногуни фаъолияти худ бо ҳамкасбони дохилию хориҷии худ, муайян кардани мундариҷаи фаъолияти касбииояндаи худ, мукаммал намудани донишҳои касбии худ қобилият дошта, барои такмил додани сифатҳои шахсӣ ва маҳорати касбии худ саъй варзанд. Гузариш ба стандартҳои нави таҳсилот, ҷустуҷӯи усулҳои нави пешниҳоди маводди таълимӣ ва муносибатҳои нави донишҷӯён ба омӯзиши маводди таълимӣ, ки ба рушди лаёқатҳои зеҳнӣ ва эҷодии онҳо равона карда шудаанд, мусоидат мекунанд.

Стандартҳои нави таҳсилот муносибати салоҳиятмандӣ, инчунин, дараҷаи баланди фаъолиятмандии донишҷӯйро дар ташкил намудани раванди таълим пешбинӣ мекунанд.

Бо дарназардошти тахассуси донишҷӯён навъҳои нави вазифаҳо ва машқҳои фарҳангшиносӣ коркард шудаанд, ки ба аз худ кардани донишҳои нави умумифарҳангӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ, маҳоратҳои амалии ҳамкории расмӣ, таълими масъалаҳои иҷтимоӣ, инкишофи қобилиятҳои

эҷодкорӣ, тафаккури интиқодии донишҷӯён ва таҳлили муқоисавии фарҳангҳо равона гардидаанд.

Соли 1866 А.Я. Герд оид ба тарбияи вобаста ба омӯзиши забоншиносӣ масъалагузорӣ менамояд ва дар навбати аввал, дар бораи тарбияи ҷаҳонбинӣ, ки бояд мақсади ниҳоии омӯзиши курси забоншиносӣ бошад, сухан меронад. Ғайр аз ин, омӯзиши забоншиносӣ бояд ба инкишофи тафаккур, мушоҳидакорӣ, шавқмандии маърифатӣ мусоидат намояд.

Дар аввали қарни XX ба ҳайси мақсадҳои забоншиносӣ тарбияи мустақилонаи тафаккур ва ташаккул додани шавқмандии маърифатӣ баррасӣ карда мешавад. Соли 1901 В. В. Половтсов аҳаммияти тарбиявӣ ва инкишофдиҳии забоншиносӣ, аз ҷумла, инкишофи тафаккур, узвҳои ҳиссиёт, эҳтиёҷоти маънавӣ ва сифатҳои маънавиро нишон дод. Дар соли 1917 И. И. Полянский ибрози андеша намуд, ки вазифаи асосии забоншиносӣ аз маънидод намудани сабабҳои мақсаднокии организмҳо иборат аст.

### 1.2. Асосҳои психологӣ-педагогии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии самти омӯзгорӣ

Баъд аз Инқилоби Октябр дар муассисаҳои таълимии шуравӣ мақсади асосии омӯзиш инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият муқаррар мегардад. Таваҷҷуҳи асосӣ ба ташаккули ҷаҳонбинии материалистӣ, тарбияи атеистӣ ва меҳнатӣ дода мешуд. Мақсад ва вазифаҳои маълумоти филологӣ дар корҳои як қатор методистон баррасӣ карда шудаанд (Н. М. Верзилин, Б. В. Всесвятский, В. М. Корсунская, Б. Е. Райков, Н. А. Риков, В. Ф. Шалаев, К. П. Ягодовский). Онҳо аз рӯйи мундариҷаашон хеле

наздиканд ва омӯзиш (аз худ намудани низоми донишҳо дар бораи забон, асосҳои илмҳо, ташаккул ёфтани маҳорату малака) ба ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, тарбияи меҳнатӣ, ватандӯстӣ, эстетикӣ, ахлоқӣ, ҷисмонӣ ва инкишофи (мушоҳидакорӣ, тафаккур, рағбат)) донишҷӯён равона карда шуданд.

Дар солҳои 90-уми асри XX дар маълумоти филологӣ мақсадҳои нав пайдо мегарданд: аз ҷониби донишҷӯён аз худ намудани усулҳои маърифатии забон, ташаккули саводнокии филологӣ, омӯзишӣ ва генетикӣ, тарзи ҳаёти солим (И. Д. Зверев, Т. В. Иванова, Г. С. Калинова, Б. Д. Комиссаров, А. Н. Мягкова).

Аз ҳама пурратар мақсадҳо дар Консепсияи таълимот пешниҳод карда шудаанд, онҳо ба омӯзиш, тарбия ва инкишофи донишҷӯён равона карда шудаанд ва аз инҳо иборатанд: аз худ намудани донишҳо дар бораи забон, усулҳои умумии омӯзиши он, маҳорати таълимӣ; ташаккул додани тасвири илмии ҷаҳон, барпо намудани муносибатҳои муносиби донишҷӯён ба забон, ба худ; омода шудан ба фаъолияти амалӣ.

Мақсадҳо нисбат ба фаъолияти донишҷӯй муқаррар карда шудаанд, ки аз инҳо иборатанд: аз худ намудани донишҳою маҳоратҳо; инкишофи шавқмандии маърифатӣ, рушди зеҳнӣ ва қобилияти эҷодӣ; иҷрои вазифаҳои афзалиятнок ва касб кардани маҳоратҳои зарурии ҳаёти ҳаррӯза.

Таҳлили тамоюли инкишофи ҷомеа, таҷрибаи ҷамъовардашуда дар методикаи таълими забони англисӣ ва дидактика, таҷриба дар соҳаи муайян намудани мақсадҳо имкон медиҳанд, ки ҷанбаҳои мубрам ва аслии тамоюл дар таҳияи мақсадҳои маълумоти забоншиносиро ошкор намоем:

1. Агар дар педагогикаи анъанавӣ диққати асосӣ ба мақсадҳое дода мешуд, ки бо таълим робита доштанд, яъне аз худ намудани донишҳо ва маҳорату малакаҳо, пас ҳоло масъалаи дар педагогика тағйир ёфтани

мақсадҳо мушоҳида карда мешавад ва аҳаммияти аввалиндараҷаро мақсади инкишоф ва тарбияи донишҷӯён касб менамоянд.

Забоншиносӣ ҳамчун фанни таълимӣ дорои имкониятҳои зиёд барои инкишоф додани шавқмандии маърифатӣ ба омӯзиши забон, рушди қобилияти зеҳнӣ ва эҷодии донишҷӯён мебошад. Дар байни мақсадҳои тарбия ташаккул додани муносибатҳои арзишманди донишҷӯён нисбат ба омӯзиши забон, таваҷҷуҳи хоса ба саломатии худ ва саломатии шахсони гирду атроф, одоби рафтор, муносибати оқилона ба олами атроф, яъне меъёрҳои ахлоқӣ дорои аҳаммияти афзалиятнок мебошанд.

2. Тавзеҳи мақсадҳо тавассути фаъолияти таълимии омӯзгор. Қаблан мақсадҳо тавассути фаъолияти омӯзгор шарҳ дода шуданд.

3. Ноил гардидан ба мақсадҳое, ки бо омӯзиш вобастагӣ доранд (ташаккул додани донишҳо ва маҳорату малакаҳо), ки дастовардҳои онҳо метавонанд бо ёрии ченакҳо (вазифаҳои махсус) ва мақсадҳо-майлкунандагон чен карда шаванд. Охиринҳо бо тарбия ва инкишофи донишҷӯён алоқаманд мебошанд ва дастовардҳои онҳо наметавонанд бо ёрии ченкунакҳо чен карда шаванд, зеро онҳо имрӯз дар педагогика коркард карда нашудаанд.

4. Амалӣ намудани мақсади муносибати салоҳиятнок, ки ташаккулёфтагии маҳорати истифода бурдани мундариҷаи азхуднамудаи донишҷӯёнро (донишҳо, маҳорату малакаҳо) дар ҳаёти ҳаррӯза, дар ҳолатҳои амиқи ҳаётӣ пешбинӣ менамояд, ки бо ҳифзи ҷуғрофӣ, донистани хусусиятҳои забонҳои Олмони қадим, риоя намудани меъёрҳо ва қоидаҳои тарҷумаи матнҳо алоқаманд мебошанд.

5. Тавсияи мақсадҳо дар шакли фаъолият (дар шакли намудҳои муайяни фаъолият), коҳиш ёфтани вазни қиёсии маҳорат, ки бояд донишҷӯй онҳоро аз худ намояд. Дар баробари ин на танҳо номгӯи амалҳо васеъ мегарданд, ки донишҷӯён бояд онҳоро тавонанд, балки хусусияти

сифатии онҳо низ тағйир меёбад – нақши фаъолият, ки бо истифода бурдани донишҳо ва маҳорати филологӣ, ки бо фаъолияти амалӣ вобастагӣ доранд, бо истифода бурдан ва баҳогузории иттилоот, ба даст овардани иттилоот аз сарчашмаҳои мухталиф, истифода бурдани усулҳои маърифати илмӣ (мушоҳиданамоӣ, таҷриба, моделсозӣ) зиёд мегардад.

6. Ҳангоми муайян намудани мақсадҳо аҳаммияти махсус ба ташаккул додани маҳоратҳо, малака ва роҳҳои фаъолияти умумии таълимии донишҷӯён бо воситаҳои фанҳои амиқи таълимӣ дода мешавад, аз ҷумла забони англисӣ ҳам. Филология ҳамчун фанни таълимӣ дорои имкониятҳои васеи ташаккул додани як қатор маҳоратҳои умумитаълимӣ мебошад, мисли: муайян намудани хислатҳои моҳияти объектҳои омӯхташаванда, муқоисакунӣ, гурӯҳбандӣ, таҳлил, синтез, арзёбӣ, пешкаш намудани фарзияҳо, ҷустуҷӯи иттилооти лозимӣ, арзёбии рафтори худ, иҷро намудани талаботи филологӣ ва дигар.

7. Мавҷуд набудани тақсимоти мақсадҳо ва вазифаҳои таълимот, таҳия намудани дараҷабандии мақсадҳо. Дар назария ва амалияи омӯзиши забони англисӣ тақсимоти амиқи мафҳумҳои “мақсадҳо” ва “вазифаҳо”, ба мисли дидактика мавҷуд намебошад. Ҳамин тавр, В.В.Краевский қайд менамояд, ки “мақсад бо воситаи лоиҳа ифода меёбад, вазифаи омӯзиш бошад, иҷро намудани лоиҳаро мефаҳмонад”. Тавсифи мазкур ба баҳамоии ин мафҳумҳо, ки якдигарро такрор менамоянд, оварда мерасонад. Дар корҳои педагогҳо-филологҳо дар як ҳолатҳо мақсадҳо ҷудо карда мешаванд, дар ҳолатҳои дигар – вазифаҳо, басо аҳёнан – ҳам мақсадҳо ва ҳам вазифаҳо, ки тавзеҳи онҳо хеле наздик мебошад ва қариб бо пуррагӣ мувофиқ меояд. [161, с.65]

Дар дидактика айни замон таҳқиқотҳое анҷом дода мешаванд, ки бо тартиб додани низоми амиқи мақсадҳо ва дараҷабандии онҳо – таксономияи педагогӣ алоқаманд мебошад, инчунин, таъсис додани

забони фаҳмо барои тасвир намудани мақсадҳои омӯзиш. Соли 1956 дар ИМА аз ҷониби равоншиноси амрикоӣ Б.Блум таксономияи мақсадҳои педагогӣ тартиб дода шуд.

Б.Блум кӯшиш намуд сифати азхуднамоии донишҳоро бо истилоҳоти фаъолият тасвир намояд. Блум 6 сатҳи донишҳоро ҷудо намуд, ки аз ҷониби ӯ қобилиятҳои маърифатӣ номгузорӣ шуданд. Блум се соҳаи фаъолиятро ҷудо менамояд: когнитивӣ, ки мақсадҳои аз дар хотира гирифтан ва такрор намудани маводди омӯхта то ҳалли проблемаҳоро дар бар мегирад; аффективӣ (эҳсосотӣ-арзишӣ), ки мақсадҳои ташаккулёбии муносибати эҳсосотӣ-шахсиро нисбат ба зуҳуроти ҷаҳони атрофро дар бар мегирад (ташаккул ёфтани рағбат, майл, ҳиссиёт, муносибот); соҳаи психомоторӣ, ки мақсадҳои алоқаманд бо ташаккул ёфтани фаъолияти ҳаракатёбанда, манимулятивӣ, мутобиқати асабӣ-мушакӣ (малакаи хатнависӣ, нутқ, тарбияи ҷисмонӣ, таълими меҳнат)-ро дар бар мегирад.

Дар педагогика категорияҳои мақсадҳо дар соҳаи когнитивӣ (маърифатӣ) аз ҳама зиёд паҳн гардидаанд, зеро муайян намудани сатҳи расидан ба мақсадҳо дар соҳаҳои аффективӣ ва психомоторӣ ба коркарди иловагӣ эҳтиёҷ доранд.

Б. Блум 6 категорияи мақсадҳои таълимиро дар соҳаи когнитивӣ ҷудо менамояд:

1. Дониш. Дар хотира гирифтан ва такрор намудани маводди омӯхташуда.

2. Даркнамоӣ. Нишонаи қобилияти дарк кардан – дигаргун намудан (интиқоли мавод аз як шакли баён ба дигар – аз суханӣ ба математикӣ), инчунин, тафсири мавод аз ҷониби шогирд (фаҳмонида додан, баёни кӯтоҳ) ё тахмин намудан дар бораи рафти минбаъдаи зуҳурот, рӯйдодҳо (пешгӯии оқибатҳо, натиҷаҳо).

3. Истифодабарӣ. Маҳорати ба кор бурдани донишҳои худ дар шароити муайян ва ҳолатҳои нав. Амалан истифода бурдани қоидаҳою усулҳо, мафҳумҳою қонунҳо ва принсипҳою назарияҳои омӯхташуда.

4. Таҳлил. Малакаи тақсим намудани мавод ба қисматҳо, то ин ки сохтори он бо таври амиқ маълум гардад. Муайян намудани қисматҳои пурра, ошкор намудани робитаҳои мутақобила миёни онҳо, дарк намудани принсипҳои ташкили пурра.

5. Синтез. Малакаи пайваст намудани ҷузъҳо, барои ба даст овардани шакли пурра, ки дорои навгонӣ мебошад. Чунин маҳсулот метавонад маълумот (гузориш, маъруза), нақшаи амалҳо ё якҷоягии маълумотҳои умумигардонидашуда (нақшаҳо барои ба тартиб даровардани маълумотҳои мавҷудбуда) буда метавонад.

6. Арзёбӣ. Маҳорати арзёбии аҳаммияти ин ё он мавод барои мақсади муайян.

Моделе, ки аз ҷониби Б. Блум пешниҳод карда шуд, ба омӯзиш дар асоси модели азхуднамоии пурра мутобиқат менамояд, ки ба идеали азхудкунӣ аз ҷониби ҳамаи донишҷӯёни ҳадди ақали таълимоти умумӣ мутобиқат менамояд. Вале, дар таксономия бо омезиши натиҷаҳои омӯзиш роҳ дода шудааст (дониш, фаҳмиш, истифодабарӣ) бо амалиётҳои зеҳнӣ (таҳлил, синтез, арзёбӣ), ки асосҳои азхуднамоии донишҳоро ташкил менамоянд. [47, с.160]

Ҳангоми муайян намудани сатҳи таълимоти умумии донишҳо бо категорияҳои зерин маҳдуд шудан мувофиқи мақсад мебошад: дониш, фаҳмиш ва истифодабарӣ, зеро талаботи ташаккулёбии онҳо барои санҷиши таҷрибавӣ дастрас аст ва онҳо барои ошкор намудани сатҳи таълимоти умумии омодагии донишҷӯён кофӣ мебошанд, онҳо мақсадҳои амиқи воқеъан комёбшаванда ва натиҷаҳои таълимотро инъикос менамоянд.

Ҳамин тавр, ба сифати категорияҳои асосии мақсадҳои таълимӣ метавон дониш, фаҳмиш ва истифодабариро ном бурд. Зери категорияи «дониш» маҳорати донишҷӯён доир ба тавзеҳ намудани мафҳумҳо, ошкор намудани моҳияти онҳо, номбар намудани аломатҳои предметҳо ва зуҳурот фаҳмида мешавад. Категорияи «фаҳмиш» ба ташаккулёбии маҳоратҳои зеҳнӣ такя менамояд ва бознамоии амиқтар моҳияти раванд ё зуҳуроти омӯхташаванда, механизми он (хислатҳо), барқарор намудани робитаҳои мутақобила миёни мафҳумҳоро дар назар дорад, яъне маҳорати муайян намудани робитаҳои сабабӣ-натиҷавӣ, муқоиса намудани объектҳо. Категорияи «истифодабарӣ» бо доштани маҳорати ба кор бурдани донишҳои азхудкарда, масалан, шинохтани объектҳо аз рӯйи тасвири онҳо, асоснок намудани хулосаҳои худ, ба кор бурдани донишҳои худ барои тартиб додани нақшаҳою ҷадвалҳо ва овардани далелҳо барои шарҳ додани ягон назария иртибот дорад. Мутобиқ ба категорияҳои дар боло зикргардида сатҳҳои азхуднамоии донишҳо ҷудо карда мешаванд: паст – «дониш», миёна – «фаҳмиш», баланд – «истифода бурдан». Сатҳи баланд мавҷуд будани маҳорати истифода бурдани донишҳо, истифода бурдани онҳо барои асоснокнамоии қонуниятҳои филологӣ ва умумигардониҳои ҷаҳонбиниро пешбинӣ менамояд. Масалан, дар сатҳи «дониш» донишҷӯй аломатҳои зиндаро бояд номбар намояд, фарзияи ба амал омадани ҳаёт, тавзеҳ намудани мафҳуми “ҳаёт” дар сатҳи «фаҳмиш» - ҷисмҳои зинда ва ғайризиндаро муқоиса кардан, ошкор намудани нишонаҳои фарққунандаи низомҳои зинда; дар сатҳи «истифодабарӣ» - донишҳоро дар бораи моҳият ва ба вуҷуд омадани ҳаёт, барои исбот намудани ягонагии ҷаҳони материалӣ, забон ва мавҷудоти ғайризинда, истифода барад.

Дар дараҷабандии мазкур мақсадҳо бо вазифаҳо якҷоя мешаванд ва ҳамчунин вазифаҳо ба мақсадҳо мубаддал мегарданд. Дар дараҷабандии

мақсадҳо гузариш аз мақсади умумӣ – омӯзиш, тарбия ва инкишофи шахсияти донишҷӯй – ба мақсадҳо, ки барои донишҷӯй фаҳмо мебошанд, аз мақсадҳои абстрактӣ – ба муайян, ки барои донишҷӯй аҳаммияти шахсӣ доранд, сурат мегирад. Ин проблемаро В. Д. Шадриков таҳқиқ намуда, қайд менамояд, ки дар фаъолияти таълимӣ мақсади шахси калонсол ба вазифаи таълимӣ табдил меёбад ва мақсади шогирд мегардад. Ин дар раванди дарки аҳаммияти шахсии вазифаи таълимӣ ва қабул намудани он ҳамчун аҳаммияти шахсидошта амали мегардад. [316, с.270]

Дар стандартҳои таълимӣ мақсадҳои маълумоти филологӣ нисбат ба ҳамаи ҷонибҳои раванди таълимӣ тасниф карда шудаанд ва ба омӯзиш равона карда шудаааанд (азхуд намудани донишҳо, касб кардани маҳорат, истифода бурдани донишҳои ба даст овардашуда ва маҳоратҳо дар ҳаёти ҳаррӯза), тарбия ва инкишофи донишҷӯён. Дар баробари ин диққати махсус ба инкишофи шавқмандии маърифатӣ, ба қобилияти зеҳнӣ ва эҷодӣ дода шудааст. Тафовут дар мақсадҳои омӯзиши забони англисӣ дар зинаҳои маълумоти асосӣ ва миёна (пурра) мушоҳида карда мешавад (дар сатҳои асосӣ ва соҳавӣ). Агар дар сатҳи асосӣ мақсадҳо ба ташаккулёбии фарҳанги умумӣ, малакаи рафтори дуруст дар ҷуғрофӣ равона карда шуда бошад, пас дар сатҳи соҳавӣ онҳо ба васеънамоӣ ва амиққунии донишҳо, ташаккул додани маҳоратҳо, ки барои идома додани таълимот ва дохил шудан ба муассисаҳои олии таълимии касбӣ заруранд, ки дар он ҷо фанҳои филологӣ омӯзонида мешаванд, равона карда шудаанд.

Гуфтаҳои болоро натиҷагирӣ намуда, бояд қайд намоем, ки дар шароити гузариш ба мактаби фарҳанги муносиб инкишофи шахсияти донишҷӯён афзалиятноктар мегардад, самтгирии он, ки бо низоми сабабҳо муайян карда мешавад, аз ҷумла шавқмандии маърифатӣ. Аз нуқтаи назари мо, ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ бояд инъикоси худро дар ташаккул ёфтани ҷанбаҳои таълимӣ, таълимӣ ва инкишофдиҳандаи маълумоти филологӣ

ёбад. Вобаста аз ин ҳолат, аз ҷониби мо мақсадҳои маълумоти филологӣ, ки аз се қисмати асосӣ иборатанд, муайян карда шудаанд:

**Қисми 1** (мақсадҳои таълимӣ) – ташаккул додани донишҳо оид ба объектҳои зинда дар иртибот бо забоншиносӣ, усулҳои омӯзиши он объектҳо, ташаккул додани маҳорату малакаҳои махсуси забоншиносӣ ва таълимӣ, аз ҷумла, малакаҳои омӯзиши мустақилона ва ҷустуҷӯи манбаъҳои маълумот;

**Қисми 2** (мақсадҳои тарбиявӣ) – ёд додани донишҳои забоншиносӣ, ки барои тасвири илмии ҷаҳон заруранд, муносибати оқилона бо тамоми объектҳои зинда, инсонгаро намудани маълумоти забоншиносӣ бо роҳи тақвият бахшидан ба самти арзишӣ ва гигиении он;

**Қисми 3** (мақсадҳои инкишофдиҳӣ) - дарки сабабҳои зарурати маълумот, ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён нисбат ба омӯзиши забони англисӣ, инкишоф додани қобилияти эҷодкорӣ ва зеҳнӣ бо роҳи ташкил намудани фаъолияти мустақилонаи пайвастаи ҷустуҷӯии донишҷӯён дар машғулиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ.

Амалӣ намудани ин мақсадҳо такмили мундариҷаи донишҳои филологӣ ва инчунин худи раванди таълимро тақозо менамояд, яъне ҷиҳатҳои мундариҷавӣ ва фаъолиятнокии маълумоти филологӣ. Дар таҳқиқоти мо муносибатеро истифода мебарем, ки аз ҷониби Г. И. Шукина пешниҳод карда шудааст, ки мутобиқ ба он сарчашмаҳое, ки ташаккулёбии шавқмандии маърифатиро ҳавасманд менамоянд, мундариҷаи фаннии маводди таълимӣ, ташкил ва хусусияти ҷорӣ шудани фаъолияти маърифатии донишҷӯён, муносибат миёни иштирокчиёни раванди таълим мебошанд [328, с.74].

Натиҷаҳои таҳқиқоти аз ҷониби мо гузаронидашуда, аз ҷумла, ҷанбаҳои мундариҷавӣ ва фаъолиятнокии раванди таълим аз нуқтаи назари роҳҳои ташаккул додани шавқмандии маърифатӣ дар педагогика ва методикаи забони англисӣ, дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

Ҷадвали 1

**Сарчашмаҳо ва роҳҳои ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ дар педагогика ва методикаи забони англисӣ**

| № | Олимон | Сарчашмаҳо ва роҳҳои ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ<br>Мундариҷаи донишҳо | Ташкил намудани фаъолияти маърифатӣ |
|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 |
| 1. | В. В. Половсов | Омӯзиши шаклҳо дар робита бо вазифаҳо, тарзи ҳаёт – дар робита бо муҳити буду бош | Принсипҳои возеҳӣ ва предметнокии таълимот |
| 2. | Д.Н.Кайгородов | Муносибати забоншиносӣ дар таълимот | Омӯхтани забони англисӣ дар экскурсияҳо |
| 3. | И.И.Полянский | Муносибати забоншиносӣ дар таълимот | Омӯзиши забон бо роҳи ташкил намудани экскурсияҳо, машғулиятҳои амалии мушоҳидакорӣ |
| 4. | К.П.Ягодовский | Муносибати забоншиносӣ дар таълимот | Низоми корҳои амалӣ барои мактаби ибтидоӣ, инкишофи мушоҳидакориро таҳия намудааст |
| 5. | Б. Е. Райков | Интихоб намудани маводди муҳимми ҳаётӣ, ки метавонад бо роҳи таҷрибавӣ-тарҷумонӣ азхуд карда шавад | Истифода бурдани усули таҷрибавӣ – таҳқиқотӣ |
| 6. | А. А. Яхонтов | Муносибати забоншиносӣ дар таълимот | Омӯхтани забон бо роҳи ташкил намудани мушоҳидаҳо, тарчумаи матнҳои гуногун, гурӯҳбандӣ намудан |
| 7. | Б.В.Всесвятский | Пурзӯр намудани самтнокии назариявии донишҳо, илмӣ будани онҳо | Ташкил намудани кори мушоҳидавӣ, корҳои мустақилона, экскурсияҳо, таҷрибаҳо, корҳои амалӣ, ба роҳ мондани проблемаҳои маърифатӣ, робитаҳои мутақобилаи усулҳо |
| 8. | Г. И. Шукина | Навгонии донишҳо, тавзеҳ намудани ҷанбаҳои таърихии донишҳо, дастовардҳои | Якҷоя намудани шаклҳои гуногуншакли кори мустақилона, аз худ намудани роҳҳои |

*Идомаи ҷадвал*

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | муосири илм, аҳаммиятнокии амалӣ, нишон додани аҳаммияти шахсӣ ва ҷамъиятии донишҳо | нави фаъолият, истифода бурдани муносиботи проблемавӣ ва таҳқиқотӣ, корҳои эҷодӣ ва амалӣ |
| 9. | Н. М. Верзилин, В.М.Корсунская | Шавқмандии мавод, проблеманокии он | Истифода бурдани корҳои таҳқиқотӣ, хондани адабиёти иловагӣ, якҷоя намудани усулҳои амалӣ ва возеҳ, машғулиятҳои ғайриаудиторӣ. Зиёд шудани мустақилӣ, масъалагузорӣ |
| 10. | Е.П.Бруновт | Шавқмандии мавод, ҳамроҳ намудани маълумотҳо дар бораи дастовардҳои муосири илм ва таҷриба | Ташкили корҳои мустақилона ва иҷрои корҳои омӯзишӣ |
| 11. | В. Н. Максимова | Навгонии донишҳо, робитаи нав ва кӯҳна, ворид намудани ғояҳо ва мафҳумҳои ҷаҳонбинӣ, маълумотҳо дар бораи усулҳои илм, таърихи илм, дастовардҳои муосир ва проблемаҳои илм, мавҷуд будани маълумотҳои амалӣ, барпо намудани робитаҳо бо ҳодисаҳои ҷорӣ, шавқмандии мавод | — |
| 12. | Б.Д.Комиссаров | Баланд бардоштани хусусияти илмӣ-назариявии донишҳо | Истифода бурдани усулҳои фаъол: усули ҳолатҳои амиқ, усули ҳодисаҳо, ҳуҷуми зеҳнӣ, бозиҳои таълимӣ, воридшавӣ |
| 13. | Т. В. Иванова, Г. С. Калинова, А. Н. Мягкова | Пурзӯр намудани муносибатҳои функсионалӣ ва филологӣ, маводди забоншиносӣ, баланд бардоштани сатҳи илмӣ – назариявии донишҳо, шавқоварии мавод | Баланд шудани нақши усулҳои таҷрибавӣ: таҷрибаҳо, мушоҳидаҳо, корҳои амалӣ, моделсозӣ, бозиҳои нақшдор. Истифода бурдани корҳои лингофонӣ ва амалӣ, экскурсияҳо, маводди дидактикӣ, машқҳо |
| 14. | В. В. Пасечник | — | Ташкил намудани фаъолияти дастаҷамъии таълимӣ-маърифатӣ, якҷоя истифода бурдани корҳои мустақилона бо дигар намудҳои фаъолияти таълимӣ, ташкил намудани корҳои эҷодӣ, истифода бурдани барномаҳои компютерӣ |

Чи тавре ки аз мундариҷаи ҷадвал дида мешавад, аз ҷониби олимон роҳҳои гуногуни шавқмандии маърифатӣ аз нуқтаи назари мундариҷавӣ ва фаъолнокӣ пешниҳод карда мешаванд. Вобаста аз мақсадҳои маълумоти филологӣ, ки аз ҷониби мо гузошта шудаанд аз нуқтаи назари ташаккул ёфтани шавқмандии маърифатӣ, мо мундариҷаи донишҳо ва пурзӯр шудани самти забоншиносии мундариҷаи маълумоти филологиро ҳамчун ҳавасмандкунонии муҳимтарини ташаккул ёфтани шавқмандии маърифатӣ баррасӣ менамоем. Муфассалтар ин масъалаҳо дар боби дуюми диссертатсияи мо баррасӣ карда хоҳанд шуд.

Масъалаи беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён ҳангоми ба кор бурдани шаклҳою усулҳои гуногуни таълимӣ аз ҷониби Н. М. Верзилин ва В. М. Корсунская мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, инчунин олимони мазкур ба робитаи мутақобилаи шаклҳои ташкилӣ ва усулҳои таълимӣ ва ташаккул ёфтани шавқмандии маърифатӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд.

Тавъам ба кор бурдани фаъолияти репродуктивӣ ва эҷодӣ, ташкил намудани фаъолияти дастаҷамъии омӯзишии муҳасилин ва корбурди якҷояи корҳои мустақилона бо дигар намудҳои фаъолияти таълимӣ ҳамчун яке аз воситаҳои ташаккул додани шавқмандии маърифатии муҳасилин дар таҳқиқоти диссертатсионии В. В. Пасечник ба таври васеъ ва ҳаматарафа тавзеҳ дода шудаанд [240, с. 120].

Яке аз ҷузъҳои низоми педагогӣ – воситаҳои таълимие мебошад, ки амалӣ намудани принсипҳои умумидидактикӣ, аёният ва дастрасиро таъмин менамоянд, инчунин имконият медиҳанд намудҳои мухталифи фаъолият истифода бурда шаванд, ки ба ташаккул ёфтани шавқмандии маърифатии донишҷӯён мусоидат менамоянд. Ҳангоми омӯзиши фанни забони англисӣ ба ҳайси сарчашмаи иттилоот метавонанд таҷҳизоти мухталифи таълимӣ хизмат намоянд, аз ҷумла, ҳангоми омӯзиши забони

олмонии қадим, дастгоҳҳо ва таҷҳизоти техникии зерин: дастгоҳҳои оптикӣ, дастгоҳҳо оид ба физиология, зарфҳои гуногун ва лавозимоти дигар, воситаҳои чопии таълим, аз қабили ҷадвалҳои намоишии чопӣ, маводди дигари таълимӣ, воситаҳои намоиш дар экран ва садобарории таълимӣ, ба мисли видеофилмҳо, лавҳаҳо, диапозитивҳо-слайдҳо, ҷадвалҳо – фолияҳо ва ғайра, инчунин воситаҳои аёнии муосири иттилоотӣ, ба монанди фитаҳо, барномаҳои компютерӣ, аёниятҳои электронӣ ва ғайра, воситаҳои тахникии таълим (дастгоҳҳо барои зоҳир намудани иттилооти гузошташуда: диапроекторҳо, графопроекторҳо, эпипроекторҳо, видеомагнитофонҳо, компютерҳо ва ғайра), адабиёти таълимӣ-методӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯён.

Вобаста аз мақсадҳо, мундариҷаи маводди омӯхташаванда, таҷрибаи гузаштаи маърифатии донишҷӯй корҳои лингофонӣ метавонанд дорои хусусияти репродуктивӣ, ҷустуҷӯӣ - ва тарҷумонӣ бошанд. Гузаронидани корҳои лингофонӣ иваз намудани намуди фаъолиятро дар машғулият таъмин менамояд, ки имкон медиҳад қобилияти кориро нигоҳ дошта, хасташавии донишҷӯёнро коҳиш диҳад ва шавқмандии маърифатиро ташаккул диҳад.

Лавҳаҳои намоишии чопӣ – таҷҳизоти паҳнгардидатарин ва дастраси таълимӣ маҳсуб меёбанд, ки истифода намудани ҷиҳози мураккабро талаб наменамоянд, ки барои донишҷӯён иттилооти илмиро дар бар мегирад.

Таъиноти дидактикии воситаҳои экранӣ-садобарор доир ба забони англисӣ – ташаккул додани мафҳумҳои махсуси забоншиносӣ мебошад. Бо ёрии воситаҳои экранӣ имкон дорад усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ, дастовардҳои илмӣ нишон дода шаванд ва маводди муайяни забоншиносӣ пешниҳод карда шавад, ки онро бевосита мушоҳида намудан ғайриимкон аст. Аёниятҳои экранӣ-садобарор бо шакли пешниҳод намудани мавод, шавқоварии баён, бо истифода бурдани усулҳои муқоисавӣ, қиёс намудан,

намудҳои махсуси банаворгирӣ фарқияти мусбӣ доранд. Воситаҳои экранӣ-садобарор метавонанд ҳамчун яке аз шаклҳои моделсозии воқеияти объективӣ фаҳмида шаванд. Дар замони кунунӣ албомҳои лавҳаҳо аз рӯйи мавзуъҳои мухталифи забони англисӣ васеъ паҳн гардидаанд. Аз рӯйи вазифаҳои дидактикии худ лавҳаҳо ва ҷадвалҳо ба нусхаи чопии истифодабарии номунтазам шабоҳат доранд, вале барои намоиш додани онҳо дастгоҳҳои махсус заруранд.

Дар омӯзиши забони англисӣ малакаҳои кор бо сарчашмаҳои мухталифи иттилоот, маҳорати истифода бурдани технологияҳои мухталифи компютерӣ нақши калон дорад. Воситаҳои басо муҳим барои таълимоти соҳавӣ аёниятҳои гуногуни электронӣ, барномаҳои омӯзишӣ ва назораткунандаи компютерӣ ба шумор меравaнд. Ин воситаҳои таълимӣ метавонанд барои машғулиятҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ истифода бурда шаванд, ки барои омӯзиши гуногунсатҳ махсусан фоидаовар мебошанд.

Ҳар як машғулият интихоб намудани таҷҳизоти муайяни таълимиро тақозо менамояд. Чи тавре ки маълум аст, имкониятҳои дидактикии ҳар як намуди таҷҳизоти таълимӣ, дар онҳо мавҷуд будани сифатҳои муайян (масалан, барои мушоҳида намудан, ташаккул додани тасаввуроти моделӣ, муқоиса намудан бо объектҳои қаблан омӯхташуда ва ғайра) маҷбур месозанд, ки воситаҳои таълимиро дар якҷоягӣ ва пайвастагии муайян истифода намоем, зеро ягон намуди ин воситаҳо қодир нест вазифаҳои гузошташудаи муайяни методиро пурра иҷро намояд. Ҳар як воситаи таълимӣ дорои имкониятҳои муайян мебошад ва дигар воситаро пурра менамояд, вале онро бо пуррагӣ иваз наменамояд. Аз ин лиҳоз, зарур меояд, ки воситаҳои таълимиро бо таври маҷмуӣ истифода намоем. Назарияи истифодаи маҷмуӣ дар давоми солҳои зиёд дар мисоли ҳамаи фанҳои таълимӣ таҳия шуда буд. Чи тавре ки Т. С. Назарова қайд менамояд, “ба таври мақсаднок тавъам истифода намудани воситаҳои

таълимӣ боиси таъсири ҳаматарафа ба донишҷӯён мегардад. Инчунин барои ба вуҷуд овардани ҳолати проблемавӣ ва ҷустуҷӯи роҳи ҳалли он, инкишофи фаъолияти зеҳнии донишҷӯён, ба вуҷуд омадани мустақилӣ ва маҳорату малакаҳои зарурии онҳо, анҷом додани корҳои идоракунию худидоракунӣ ва ташаккул ёфтани ҷаҳонбинии илмӣ мусоидат мекунад” [213, с.61]

Аз нуқтаи назари мо, ба ин номгӯ бояд чунин ҷузъи муҳим ба мисли ташаккул ёфтани шавқмандии маърифатиро низ ҳамроҳ кард, ки дар таҷрибаи педагогӣ ва аз ҷониби як қатор методистон – филологҳо тасдиқи худро ёфтааст. Дар баробари ин мушкилии корбурди таҷҳизоти техникии таълимӣ дар дарсҳои забони англисӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми ташаккул ёфтани шавқмандии маърифатии донишҷӯён ба таҳқиқоти махсус эҳтиёҷ дорад, зеро муҷаҳҳаз намудани муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҷҳизоти таълимӣ дар сатҳи зарурӣ ба анҷом нарасидааст. Аз ин лиҳоз, нақши таҷҳизоти таълимиро дар ташаккул ёфтани шавқмандии маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забони англисӣ мо инкор накарда, ба ин назарем, ки бо таври амиқ таҳқиқ намудани проблемаи мазкур мувофиқи мақсад аст.

Бояд он ҳолатро дар назар дошта бошем, ки як воситаи таълимӣ вобаста аз ҳолати педагогӣ метавонад вазифаҳои мухталифро иҷро намояд. Аҳаммияти зиёдтар бояд ба хусусиятҳои фаъолияти маърифатии донишҷӯён оид ба аз худ намудан, ҷустуҷӯи мустақилона, истифодабарии эҷодии донишҳои андӯхта, маҳорату малакаҳо дода шавад.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти мо аз ғояи муносибати низомнок асос мегирад, ки имкон медиҳад таълимотро ҳамчун раванди комил бо мақсадҳои мундариҷа, шаклҳои ташкилӣ, воситаҳо, усулҳои таълимӣ ва усулҳои методӣ, инчунин ҷиҳатҳои мундариҷавӣ ва фаъолиятнокӣ ягона баррасӣ намоем. Дар асоси таҳлили корҳои илмӣ дар соҳаи педагогика ва

роҳҳои омӯзиши забони англисӣ аз ҷониби мо мақсадҳои маълумоти филологӣ бо дарназардошти зарурияти ташаккул додани шавқмандии маърифатӣ, муайян намудани вобастагии раванди шавқмандии маърифатӣ аз истифодабарии дурусти шаклҳо, усулҳо ва тарзҳои таълимӣ муайян карда шуданд. Аз ҷониби мо низоми педагогии ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён, ки ягонагии ҷиҳатҳои мундариҷавӣ ва фаъолиятнокии таълимро дар бар мегирад, асоснок карда шудааст; шароитҳои педагогӣ, ки ташаккул ёфтани шавқмандии маърифатиро таъмин менамоянд, муайян карда шуданд ва он шароитҳо аз инҳо иборатанд:

1. Дар ҷанбаи мундариҷавӣ – пурзӯр гардидани самти филологӣ, пеш аз ҳама,  донишҳои забоншиносии донишҷӯён;

2. Дар ҷанбаи фаъолиятнокӣ – ташкил намудани фаъолияти мустақилонаи пайвастаи ҷустуҷӯйии донишҷӯён дар машғулиятҳои аудиторӣ ва корҳои ғайриаудиторӣ, якҷоя ба кор бурдани шаклҳои мухталифи ташкили таълим ва корбурди самарабахши тарзу усулҳои омӯзиш дар машғулиятҳои омӯзишӣ дар дарсҳои аудиторӣ ва корҳои ғайриаудиторӣ.

Таҳлили пажуҳишҳои психологию педагогӣ доир ба масъалаи ташаккули шавқмандии маърифатӣ ва касбӣ дар донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ имкон дод, ки тавсияҳои сершумори марбут ба ташаккули шавқмандии маърифатие муайян карда шаванд, ки ба баланд бардоштани самаранокии раванди педагогӣ мусоидат мекунанд. Дар асоси ин тавсияҳо, омилҳо ва воситаҳои ташаккули шавқмандии маърифатие муайян карда шуданд, ки дар раванди санҷиши фарзияҳои таҳқиқоти фавқ аз санҷиши таҷрибаю озмоиш гузаштанд.

Дар назария ва амалияи педагогикаи мактаби олӣ доир ба ташаккули шавқмандии маърифатӣ равишҳои мухталифе мушоҳида мешаванд. Таҳлили анҷомдодашуда имкон дод, ки ин равишҳо муайян ва ҷамъбаст карда шаванд.

Яке аз чунин равишҳо аз муқаррароти методии машҳур бармеояд, ки чунин аст: “маводди таълимӣ дар раванди омӯзиш фаҳмо ва дастрас баён карда шавад”. Аммо равиши мазкур ба рушди ҳадди аксари шавқу рағбат, фаъолнокӣ, эҷодкорӣ ва мустақилияти донишҷӯён мусоидат намекунад.

Равиши дигар аз чунин тарзи ташкили омӯзише иборат аст, ки омӯзгор дар машғулиятҳои назариявию амалиро танҳо мавзуъҳои асосии барномаи таълимиро баррасӣ мекунад ва мавзуъҳои боқимондаро барои омӯзиши мустақилона ба донишҷӯён вогузор мекунад. Дар чунин тарзи фаъолияти донишҷӯй шавқмандии маърифатии ӯ дар раванди омӯзиши мустақилона зиёд мешавад ва ҳаҷми бештари маълумотро аз худ мекунад. Вале дар ин маврид бештар вақт имкониятҳои психологию физиологии донишҷӯй ба назар гирифта намешаванд, баъдан вақти ӯ барои омӯзиши ҳамаи маводди таълимӣ дар раванди омӯзиш кифоят намекунад ва мушкилоте мушоҳида мешавад, ки ба аз худ кардани қоидаҳои назариявӣ ва иҷрои супоришҳои амалӣ вобастагӣ доранд.

Вижагии равиши сеюм дар он зоҳир мегардад, ки фаъолияту мустақилияти донишҷӯй, пеш аз ҳама, тавассути таълими фаъолияти фикрронию ҷустуҷӯии ӯ дар машғулиятҳои назариявӣ (лексияҳо), амалии семинарӣ, озмоишӣ, амалӣ ва машғулиятҳои дигар рушд мекунад. Дар пажӯҳишҳои махсуси психологию педагогӣ ва ҷустуҷӯҳои методӣ ошкор гардид, ки равиши мазкур дар раванди таълимӣ тавассути ба кор бурдани омӯзиши масъалагузорӣ, истифодаи супоришҳои маърифатӣ, бозиҳои омӯзишӣ, воситаҳои техникии муосир ва усулҳои дигари таълимие, ки ба рушди фаъолияти донишҷӯён мусоидат мекунанд, ба роҳ монда мешавад.

Баъзе муаллифон дар адабиёти доир ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қайд намудаанд, ки дар методика ва амалия рушди шавқмандии

маърифатӣ, асосан, ба самти баланд бардоштани фаъолияти донишҷӯён дар раванди таълим аз ҳисоби усулҳои ҷудогона равона мегардад. Вале чунин равиш наметавонад пурра масъалаи ташаккули шавқмандии маърифатиро ҳаллу фасл намояд.

Дар таҳқиқоти О. А. Абдуллина, Ю. К. Бабанский, Н. В. Кузьмина, В. А. Сластенина машғулиятҳои аудиторӣ, корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ ва корҳои мустақилона ҳамчун роҳҳои асосии омодасозии касбӣ, ки ба омӯзиши шахсии мутахассиси оянда, аз ҷумла ба шавқу рағбати ӯ таъсиргузор мебошанд, нишон дода шудаанд.

Дар маҷмуъ таҳлили анҷомдодашуда имкон дод, ки на ҷузъҳои алоҳида, балки низоми пурраи шароитҳо, омилҳо, методҳое (роҳҳо, усулҳо), ки ба рушди шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар муассисаҳои олии педагогӣ мусоидат мекунанд, ошкор кардан зарур аст.

Дар муассисаҳои олии педагогӣ бо сабаби махсусияташ шавқмандии маърифатӣ ҳамчун як ангеза ба фаъолияти касбию маърифатӣ ба шумор меравад ва ҳамзамон худ дар он ташаккул меёбад. Тавре ки таҳқиқот нишон дод, махсусан ин чиз дар донишҷӯён дар солҳои аввали таҳсилашон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ хело хуб мушоҳида мешавад. Ҳангоми таҳсили минбаъда дар донишҷӯён алоқаманд ба масъалаҳои дигари хориҷ аз доираи фанҳои таълимӣ шавқу рағбати иловагӣ пайдо мешавад.

Вазифаи таҳқиқоти мо аз ҷустуҷӯи воситаҳои педагогие иборат аст, ки ба ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён ва асоснок кардани омилҳое, ки боиси самарабахш гардидани раванди мазкур мегарданд, мусоидат менамоянд.

Зери омилҳо ҳолатҳои муҳим дар ягон раванд ё ҳодиса, масалан дар раванди ташаккули шавқмандии маърифатӣ, фаҳмида мешаванд. Зери воситаҳои педагогӣ (ба маънои васеъ) методҳо (роҳҳою усулҳои амал), инчунин таъминоти моддӣ барои анҷом додани ягон фаъолият фаҳмида мешаванд.

Омилҳои ташаккули шавқу рағбат ба касбу маърифат дар корҳои таҳқиқотии Л. Г. Антипова, В. Б. Бондаревский, И. Г. Морозова, Т. К. Панкратов, В. А. Сластенин, Г. И. Шукина мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Таҳлили корҳои олимони мазкур имкон медиҳад, ки гурӯҳҳои ҳам омилҳои объективӣ ва ҳам омилҳои субъективӣ муайян карда шаванд.

Ба гурӯҳи омилҳои субъективӣ, ки ба иҷрои муваффақонаи ягон фаъолият мусоидат мекунанд, метавон хоҳиш, майл ва саъю кӯшиши донишҷӯйро дохил кард, ки дар эҳсосоти мусбат ва кӯшишҳои боирода дар фаъолият зоҳир мегарданд. Ба ҷумлаи чунин омилҳо инчунин қобилият ва истеъдоди инсон, масъулиятшиносии ӯ ва қобилияти самаранок ҳаллу фасл кардани масъалаҳо ҳам дохил мешаванд. Омилҳои мазкур дар раванди фаъолият ба рушди шавқмандии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ мусоидат мекунанд. Омилҳои субъективӣ имкониятҳои дарунии донишҷӯйро дар раванди фаъолият фаъол мегардонанд, зеро на танҳо маҷмуи ангезаҳои шахсӣ, мақсад, арзишҳо, балки муносибати махсуси донишҷӯйро ба фаъолият инъикос мекунанд. Ҳамзамон онҳо ба омилҳои объективие, ки дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фароҳам оварда мешаванд, вобастагӣ доранд.

Ба ҷумлаи омилҳои объективӣ ҳолатҳои ташкилие дохил мешаванд, ки ба фаъолияти ғайратмандонаи маърифатӣ ва созандаи субъект мусоидат мекунанд. Ба чунин омилҳо, пеш аз ҳама, ташкили омӯзиш, ки дар таҳқиқоти Л. Г. Антипова, Т. К. Панкратов, Г. И. Шукина ва муносибати байниҳамдигарӣ дар гурӯҳи академии донишҷӯён ва муносибат бо омӯзгорон, ки дар таҳқиқоти В. Н. Косирев, В. А. Сластенин, М. И. Старов барррасӣ шудаанд, дохил мешаванд.

Ташаккул ва рушди ҳар гуна талабот тавассути низоми навъҳои фаъолият сурат мегирад, ки дар муайяну интхоби онҳо ангеза, яъне он чизе, ки ба хотири он инсон мустақилона вориди он фаъолиятҳо мегардад, нақши муҳим дорад. Танҳо тавассути мустақилияти шахсӣ мумкин аст, пешрафти доимии

шахсиятию касбии омӯзгори оянда таъмин гардад ва дар вай кӯшиш ба фаъолияти омӯзишӣ ва фаъолияти ғайратмандонаи касбӣ тарбия карда шаванд.

Кор доир ба тарбияи саъю кӯшиш ба шавқмандии маърифатӣ ва фаъолияти омӯзиш қабули огоҳонаи мақсадҳои раванди омӯзиш аз ҷониби худи донишҷӯёнро талаб мекунад. Таҳқиқоти Н. В. Кузмина, Ш. Надирашвили, Н. Ф. Талзина, В. А. Сластенин нишон медиҳанд, ки ташаккули мақсад ба фаъолияти инсон таъсири назаррас мерасонад. Кӯшиш ба ин ё он фаъолият ҳангоми дарки талаботи ҷомеа ба сифатҳои шахсияти мутахассис ва касби ӯ аз ҷониби донишҷӯён сурат мегирад. Дар ин маврид, ба назари мо, унсури дигар ин худбаҳодиҳии донишҷӯй, донистани ҳамбастагии имконоту қобилияти худ бо мақсадҳои маълумоти умумӣ ва касбӣ мебошад. Муҳаққиқ В. А. Терехов ду роҳи ташаккули мақсадро нишон додааст:

1. Мақсадро худи субъект мустақилона муайян мекунад. Вай самтҳои фаъолияти худро муайян мекунад ва барои ноил гардидан ба натиҷаҳои мавриди назар фаъолияти худро танзим мекунад.

2. Мақсад дар назди донишҷӯй аз ҷониби нафарони дигар гузошта мешавад ва ӯ онро қабул ва дар раванди омӯзиш онро амалӣ месозад.

Дар ҳар ду маврид ҳангоми иҷрои вазифаҳои дигаре, ки иҷрои онҳо барои ноил гардидан ба мақсади муайяншуда заруранд, мақсад вобаста ба таъсири муҳити атроф ва хусусиятҳои шахсӣ, ангезаҳо ва қобилиятҳои донишҷӯй тағйир меёбад [286, с. 131-133.].

Ба андешаи мо, ҳангоми омодасозии омӯзгорони оянда роҳи дуюми ташаккули мақсад барои идора ва инкишоф додани шавқмандии маърифатӣ қобили қабул аст. Азбаски донишҷӯй ҳанӯз худаш дақиқан мақсадро муайян карда наметавонад, бештар тобеи таъсироти беруна аст ва омӯзгор ҳангоми кори якҷоя метавонад ба самаранокии бештар фаъолияти донишҷӯйро ба самти матлуб равона созад ва онро идора намояд. Дар чунин ҳолат муносибати байни омӯзгор ва донишҷӯй накши муҳим дорад. Чунончи вобаста ба ин муҳақиқ Б. С.

Гершунский навиштааст: «Нияти нек, таваҷҷуҳ ба манфиатҳою шавқу рағбати донишҷӯён манбаи муносибатҳои аз ҷиҳати эҳсосот мусбати байни тарафҳо маҳсуб мешаванд ва наметавонанд ба рушди шавқ таъсиргузор набошанд» [73, с. 55].

Роҳи якуми ташаккули шавқмандии маърифатӣ ҳам имкон медиҳад, ки равандҳои омӯзиш барқарор гарданд. Барои ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён мустақилона муайян кардани мақсад хеле муҳим дониста мешавад, вале ҳангоми идора кардани ин раванд имкон дорад, байни омӯзгор ва донишҷӯй ҳамдигарфаҳмӣ сурат нагирад. Ҳамбастагии мақсад ва шавқ дар он зоҳир мегардад, ки шавқ ба ягон соҳаи муайян ба миён гузоштани ҳадафҳои фаъолият дар он соҳаро талаб менамояд ва ҳар гуна мақсадгузории мустақилона аз шавқи донишҷӯй ба раванд ва ё натиҷаи он фаъолият гувоҳӣ медиҳад. Дар таҳқиқоти Р. Р. Бибрих, А. И. Василева қайд карда мешавад, ки “мақсад метавонад ба назари донишҷӯй иҷронашаванда намояд, агар он чандон ҷолиб набошад, вале ҳатто мақсади ба душворӣ амалишаванда ба назар осону воқеӣ менамояд, агар донишҷӯй ба амалӣ гардонидани  он фаъолона кӯшиш намояд”. Ҳар қадар мақсад равшантар дарк карда шавад ва ҳар қадар субъект барои амалӣ гардонидани он фаъолноктар кӯшиш ба харҷ диҳад, ҳамон қадар шавқ амиқтар зоҳир мегардад [42, с.20 - 30].

Дар таҳқиқоти мо мақсади воқеъбинона муайяншуда, ин омодасозии омӯзгороне мебошад, ки бояд ба мақсади шахсии донишҷӯй, яъне кӯшиши аз худ кардани донишҳо, қобилияту малакаҳои касбӣ ва  корбурди амалии онҳо дар фаъолияти ояндаи касбии худ мувофиқат кунад. Чунин кор танҳо дар сурати мавҷудияти шавқи устувори маърифатии донишҷӯён имконпазир аст. Масъалаи мақсадҳои омӯзиш ва аҳаммияти шахсӣ касб  кардани онҳо ба таври пурра дар корҳои В. В. Давидов [88], П. Я. Галперин ва Н. Ф. Тализина [67] ошкор карда шудаанд.

Асоси ин равандро назарияи психологии ташаккули мақсадноку муназзами амалҳои зеҳнӣ ташкил медиҳад. Ҳамзамон масъалаи пайвастагии мақсадҳои зинаҳои мухталиф ва вобаста ба таъсири муҳити беруна тағйир ёфтани онҳо ҳам баррасӣ карда шуд. Ҳамаи ин имкон дод, ки раванди динамикии мақсадҳо на танҳо бо модели тахассусӣ, балки бо мазмуни таълим ва масъалаҳои мухталифи маърифатӣ ҳам алоқаманд карда шавад. Асоси коркарди мақсадҳоро талаботи ташхисӣ дар ҳамаи марҳилаҳои омӯзиш ва ҳамбастагии натиҷаҳо бо модели омодасозии мутахассиси оянда ташкил медиҳад.

Бо дарназардошти мақсадҳои таҳсил ва омодасозии касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ, дарки онҳо аз ҷониби ҳар як донишҷӯй вобаста ба хусусиятҳои фардии худ унсури муҳим дар ташаккули шахсият ба шумор меравад. Аз ин рӯ, мақсадгузории бошууронаю мустақилона дар таҳсилоти касбиро метавон ҳамчун як омили муҳимми субъективии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён ҳисоб кард, ки аз сифатҳои ботинӣ ва хусусиятҳои фардии ҳар як шахс вобастагӣ дорад.

Дар сатҳи баланд ташаккул ва рушди шавқмандии маърифатӣ аз ташкили таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ вобаста аст. Ба ақидаи Т. Н. Шамова, “ба ҷумлаи воситаҳое, ки ба ворид намудани ҳар як шахс ба фаъолият ҷиҳати расидан ба мақсадҳои мушаххаси таълимӣ–тарбиявӣ мусоидат мекунанд, инҳоро метавон дохил кард: мазмуни маводди таълимӣ, методҳо, роҳҳои методӣ ва шаклҳои ташкили фаъолияти омӯзишӣ – маърифатии донишҷӯён” [318, с. 20]. Ин ақидаро В. А.Сластенин ҳам ҷонибдорӣ мекунад. Муҳаққиқи мазкур менависад «Муайян кардани таркибу муҳтавои дониш кам аст. Вазифаи бештар муҳимми дарёфти методҳои муносиби аз худ кардани он ба шумор меравад» [276, с. 72]. Ба азхудкунии муносиби донишҳо, қобилиятҳо ва малакаҳои методие мусоидат мекунанд, ки ба принсипҳои фаъолнокӣ, шиддатнокӣ ва ҳадди бештари наздик кардани фаъолияти омӯзишӣ ба фаъолияти касбӣ ҷавобгӯй бошанд. Принсипҳои мазкур дар корҳои А. А. Вербите, В. Я. Лифшис,

Р. Х. Шакуров нишон дода шудаанд. Бинобар ин, барои ташкили низоми мақсаднок, ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ баррасии имкониятҳои мазмун, методҳо ва шаклҳои таълимие, ки метавонанд вобаста ба мақсадҳои омӯзиш тағйир ёбанд ва ба ҳайси воситаҳои воқеие, ки ба роҳандозӣ ва фаъолнокии фаъолияти маърифатӣ дар раванди таълим хизмат намоянд, муҳим дониста мешавад.

Дар бораи шаклҳою методҳои таълим сухан ронда, таълими фаъоле, ки дар вақтҳои охир ба таври васеъ густариш пайдо кардааст, набояд аз мадди назар дур кард. Пеш аз ҳама, шаклҳою методҳо ва воситаҳои нави ғайрианъанавии таълим дар назар аст, ки ба ҷумлаи онҳо лексияҳои проблемавӣ, семинарҳои мубоҳисавӣ, баррасии ҳолатҳои мушаххаси касбӣ ва ҳолатҳои ҷудогонаи зиндагӣ, методҳои математикии моделсозӣ бо ёрии компютер, бозиҳои коршиносӣ ва нақшдор, инчунин шаклҳои гуногуни корҳои илмӣ – таҳқиқотии донишҷӯён, ба мисли корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, корҳои хурди пажуҳишӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Методҳою роҳҳои фаъолнок кардани таҳсилот дар муассисаи таҳсилоти олӣ муттасил дар корҳои педагогҳо Б. В. Бокутя, С. И. Сокорева, П. А. Шеметков, И. Ф. Харламов, Д. В. Вилнеев, В. Н. Вергасов, А. А. Вербиский, В. Я. Лифшис, А. Ф. Эсаулов ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Олимони мазкур қайд кардаанд, ки ҳангоми истифодаи методҳои гуногуни таълим ба ду мақсад ноил шудан мумкин аст:

- инкишофи қобилияти эҷодӣ:
- ташаккули шавқ ба фаъолияти маърифатӣ ва касбӣ.

Ноил гардидан ҳам ба мақсади якум ва ҳам ба мақсади дуюм имкон медиҳад, ки раванди омӯзиш ба маҷрои босуръаттар равона гардад. Ин пешниҳод кардани ҳаҷми бештари мавод, ҳолат ва эҳсосотнокии раванди омӯзиш, баланд бардоштани арзишмандии маводди таълимӣ аз лиҳози маълумот ва ташкили сарфакоронаи он, истифодаи таваҷҷуҳи ихтиёрӣ ва

ғайриихтиёриро талаб мекунад. Чунин тарзи пешниҳоди маводди таълимӣ донишҷӯйро ба фаъолияти маърифатӣ водор месозад ва ба ӯ имкон намедиҳад, ки бетараф бошад.

Баҳсбарангез гардидани таълим дар муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ лозим аст ҳамчун раванде фаҳмида шавад, ки ба дарёфти ба ҳолати фаъоли донишҷӯён, ба ошкору нигоҳ доштани ин ҳолат равона гардидааст. Ду навъи фаъолиятро фарқ мекунанд: яке фаъолияти даркунӣ (фикрронӣ), дигаре фаъолияти берунӣ. Дар раванди омӯзиш ҳар ду навъи фаъолият ҷой доранд. Дар сурати фаъолнокии берунӣ донишҷӯй машғул ва мутаваҷҷеҳ аст, менависад, супоришҳоро иҷро мекунад ва навъҳои дигари фаъолиятро анҷом медиҳад, вале ҳамзамон фаъолнокии дарунии ӯ (фикрронӣ) мумкин аст, хело паст бошад. Ба фаъолияти дарунӣ (фикрронӣ) шиддати нуфузи зеҳнӣ, ҳаракат ва амалиёти фикрӣ хос аст.

Рушди шахсияти донишҷӯй дар муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ ҳадди аксари фаъолият, мустақилият ва ташабускорӣ дар раванди омӯзишро талаб менамояд. Таҳқиқоти анҷомдодашуда нишон дод, ки шавқмандии маърифатӣ, аз як тараф, дар натиҷаи амалҳои фаъолонаи субъект зоҳир мегардад, аз тарафи дигар, ба зоҳиру устувор гардидани фаъолият мусоидат мекунад.

Мутобиқан ин қоида зарурати баррасии ҷанбаҳои асосии фаъолнокии фаъолияти таълимӣ–маърифатиро ҳамчун омили муҳимми ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгориро муайян мекунад.

Аз рӯи сатҳи зоҳиршавии фаъолият метавон дар бораи ҳавасмандии донишҷӯй ба раванди таълим қазоват кард. Муҳаққиқ Л. Б. Илтенсон се амали донишҷӯй дар ҳолати педагогиро фарқ мекунад.

1. Идроки ғайрифаъол ва аз худ кардани маълумоти аз берун пешниҳодшуда, вақте ки донишҷӯй дар нақши қабулкунанда ва рамзкушоии

маълумотро иҷро мекунад. Дар ин сурат вай ҳамчун объекти ташаккулдиҳандаи омӯзгор ба шумор меравад.

2. Ҷустуҷӯи фаъолонаю мустақилона, дарёфт ва истифодаи маълумот. Дар ин ҳолат донишҷӯ нақши интихобкунандаи худтанзим ва тавлидкунандаи маълумотро иҷро мекунад. Вай субъекте мебошад, ки бо таъсири хоҳишу рағбати инкишофёбанда ташаккул меёбад.

3. Аз берун ташкилу равона кардани ҷустуҷӯ, дарёфт ва истифодаи маълумот, ки дар ин сурат донишҷӯй нақши интихобкунандаи идорашаванда ва тавлидкунандаи танзимшавандаи маълумотро иҷро мекунад. Вай объекти таъсири педагогӣ ва субъекти фаъолияти маърифатӣ маҳсуб мешавад.

Таҳқиқоти психологию педагогӣ самтҳои мухталифи фаъолияти таълимӣ–маърифатии раванди омӯзишро нишон додаанд.

1. Фаъолияти тақлидии бемаҳсул, ки ба ёрии он таҷрибаи як шахс аз ҳисоби таҷрибаи шахси дигар меафзояд. Фаъолияти донишҷӯён ба ёд гирифтани қоидаҳои тайёр, ҳалли масъалаҳо таҳти роҳбарии бевоситаи омӯзгор сурат мегирад ва корҳои амалӣ аз рӯйи роҳнамоҳои тайёр анҷом дода мешаванд. Фаъолияти фикрронии донишҷӯён дар ин маврид чандон зиёд нест. Инсон тамоми умр ба аз худ кардани натиҷаҳои тайёр машғул мешавад, вале сатҳи фаъолияти шахси нокифоя аст.

2. Фаъолнокии ҷустуҷӯӣ – иҷрокунӣ сатҳи нисбатан баландтари фаъолият мебошад, зеро дар ин маврид дараҷаи баланди мустақилият мавҷуд аст. Дар ин сатҳ донишҷӯй метавонад, супоришро дарк кунад ва худ воситаҳои иҷрои онро ҷустуҷӯ намояд, вале фаъолият ҳанӯз ҳолати доимии устувор надорад.

3. Фаъолнокии эҷодӣ сатҳи баланди фаъолият ба шумор меравад, зеро супоришро метавонад худи донишҷӯй ба миён гузорад ва роҳҳои иҷрои он аз ҷумлаи роҳҳои нави ғайриқолабӣ ва асил интихоб карда мешаванд. Дар ин сатҳ фаъолияти эҷодкорона бо кӯшиши донишҷӯй ба дарки моҳияти ашёю ҳодисаҳо,

қобилияти ӯ доир ба ворид намудани дигаргуниҳои нав ба усулҳои иҷрои супоришҳои таълимӣ, ҳалли масъалаҳо ва ғайра фарқ мекунад. Ин сатҳ дорои дараҷаи баланди рушди шахс мебошад.

Сатҳҳои фаъолноки, ки дар пажуҳишҳои илмӣ муайян шудаанд, аз ҳамдигар ҷудо нестанд: дар фаъолият мумкин аст, ки онҳо тавъам бошанд, зеро раванди педагогӣ ташкилкунанда ва роҳнамои фаъолият аст ва дар як маврид супоришҳою роҳҳои ҳалли онҳоро танзим мекунад, дар раванди дигар бошад, ҳалли онҳоро дар ихтиёри донишҷӯй вогузор мекунад.

Як далеле, ки илми ватанӣ онро муқаррар кардааст, қобили зикр аст ва он далел ин аст, ки фаъолият ин зуҳуроти худ ба худи шахсият нест, балки он омӯзиши ҳадафмандонаи иҷтимоие мебошад, ки захираҳои он дар фаъолият ва муоширaт афзоиш пайдо мекунанд. Ангезаи тавонои фаъолият ин шавқ аст, вале бояд қайд кард, ки фаъолияти донишҷӯй ҳам боиси зиёд шудани маърифат мегардад, зеро байни онҳо ҳудуди дақиқ вуҷуд надорад: Аз ин рӯ, вазифаи асосии омӯзгор аз он иборат аст, ки барои фаъолияти донишҷӯй беҳтарин шароитро фароҳам оварад.

Муҳаққиқ Т. И. Шамова зери фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ тавассути воситаҳои махсус ҷалб намудани неруи зеҳнӣ, ахлоқию иродавӣ ва ҷисмонии донишҷӯён ба амалисозии мақсади мушаххас аз ҷониби омӯзгор мефаҳмад. Ба ибораи дигар, фаъолсозии фаъолияти омӯзишӣ ин раванд ва натиҷаи ҳавасмандгардонии донишҷӯён аст. Ин «азхудкунии – самарабахши донишҳо ва роҳҳои фаъолият мебошад, ки ҳангоми он маводди таълимӣ предмети амалҳои фаъоли фикрии ҳар як донишҷӯй мегардад» [318, с. 74].

### 1.3. Мақому мароми шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ

Яке аз омилҳои муҳимми ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён ва фаъолсозии фаъолияти омӯзишӣ – маърифатӣ ин ташаккули ангезаҳо

фаъолият мебошад. Оғози аҳаммиятноки фаъолияти донишҷӯйи муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ ангезаҳои даруние мебошанд, ки аслан худ ба худ ба вуҷуд намеоянд, балки натиҷаи робитаю муносибатҳои донишҷӯй ба муҳити мавзуе мебошанд, ки дар фаъолияти ӯ арзи ҳастӣ мекунанд. Ҳадди аксари наздикии фаъолияти таълимӣ ба раванди маърифат бо роҳи моделсозии ҳолати мушаххаси касбӣ ва ё хизматӣ дар машғулиятҳои аудиторӣ бо таҳлили баъдӣ ва ҷустуҷӯи гунаҳои_ҳал ба даст меояд. Чунин равиш бо шиносоии васеи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ бо усулҳои мухталифи ташкили ҳолатҳои педагогӣ, психологӣ ва ғайра мусоидат мекунад. Таҳлили ҳолатҳои мушаххас умумияти равишҳо дар раванди маърифатро нишон медиҳад, инчунин ба донишҷӯй имкон медиҳад, ки мустақилона ва бошуурона амалҳои худ ва амалҳои атрофиёнро таҳлил намояд. Баррасии чунин масъалаҳо ба донишҷӯй имкон медиҳад, ки қобилияти шахсии худро дар фаъолияти меҳнатӣ дарк намояд, барномаи худтакмилдиҳиро таҳия намояд, чунки камбудиҳо дар дониш, қобилият ва маҳорат аз ҳисоби воситаҳои омӯзиши фаъолона равшан мегарданд.

Дар рафти хондани машғулиятҳои лексионӣ истифодаи чунин усулҳои кор, ба мисли кори эҷодӣ, ҳолатҳои проблемавӣ ва супоришҳои мушкил, баён ва таҳлили натиҷаҳои фаъолияти таҳқиқотӣ, таҳлили воқеиятҳою ҳодисаҳо аз таҷрибаи пешқадами педагогӣ, иҷрои супоришҳо доир ба мавзуи муайян аз ҷониби донишҷӯён, шарҳи адабиёт ва ғайра тавсия дода мешаванд.

Ташаккули сифатҳои касбию шахсии мутахассиси оянда тавассути ташкили маҷмуии раванди таълим, ҳамбастагии машғулиятҳои лексионӣ, семинарӣ ва озмоишию амалӣ, тавъам намудани онҳо бо омӯзишҳои психологӣ ва кори мустақилона муяссар мегардад. Методикаи ташкили ин шаклҳои таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ дар корҳои О. А. Абдулина, С. И. Архангелский, Ю. К. Бабанский, С. И. Зиновев, М. И. Махмутов, Р. А. Низомов, Т. И. Огородников ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба ақидаи

муҳаққиқони мазкур ва чанде дигарон, бартарияти таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ  аз он  иборат аст, ки дар ин ҷо дар шакли равшани фарогири хусусиятҳои тахассусии мутахассисон ба донишҷӯён ҳам донишҳои касбӣ ва ҳам заминаҳои иҷтимоии фаъолияти ояндаи касбии онҳо ёд дода мешавад ва тамоми раванди таълимию тарбиявӣ ба тарбияи сифатҳои марбутаи касбӣ ва иҷтимоии шахсияти мутахассис равона гардидааст. Дар дарсҳои лексионӣ идеяҳо ва мафҳумҳои асосӣ, истифодаи адабиёти гуногун, қоидаҳои умумии назариявӣ мушаххас карда мешаванд. Дар машулиятҳои таҷрибавӣ – амалӣ корбурди назария дар амал нишон дода мешавад ва омӯзиши мақсадноки таҷрибаи амалии кор ба роҳ монда мешавад.

Дар машғулиятҳои семинарӣ ва таҷрибавӣ донишҷӯён донишҳои назариявии худро мустаҳкам мекунанд. Аз ин рӯ, дар ин раванд истифодаи методҳои мубоҳиса ва методи моделсозии бозиҳои омӯзишӣ хеле самарабахш хохад буд (И. А. Володарская, А. М. Митина, Т. М. Куриленко).

Методи дигари муҳимми фаъолсозии фаъолияти маърифатии донишҷӯён мубоҳиса, мебошад, ки “дарки амиқи масъала ва қобилияти ҳимоя кардани нуқтаи назари худ ва ақидаи дигаронро ба назар гирифтан меомӯзонад» [192], инчунин истифода бурдани ҳолатҳои проблемавиро ҳам донишҷӯён ёд мегиранд. Ба гуфтаи В. Окон «хусусияти асосии ҳолатҳои проблемавӣ ин ҳавасманд кардани донишҷӯён аст» [224, с.119].

Бояд зикр кард, ки ду навъи асосии эҷоди ҳолати проблемавӣ мавҷуданд. Дар ҳолати аввал проблемаи таълимӣ дар шакли равшан гузошта мешавад, яъне супориш дар аввал таҳия мешавад. Дар ҳолати дуюм ҳолати проблемавӣ ба таври равшан ба миён гузошта намешавад, онро бояд муайян ва ташкил кард (шакли норавшан). Вақте ки проблема равшан нест, баъзе душвориҳо ба миён меоянд, чунки савол ба таври ошкоро дода нашудааст. Фарқи ҷиддӣ байни ин ду ҳолати проблемавӣ вуҷуд надорад. Ҳангоми баррасӣ онҳо гуё бо ҳам омезиш меёбанд, вале барои раванди маърифат, проблемаҳои норавшан бештар

аҳаммият дорад. Онҳо барои таҳлилу муайян кардани робитаҳои сабабу натиҷа, муқоиса, ҷамъбаст ва мураккабтар кардани ҳолати мавриди таҳлил, ташаккули фарзия ва ғайра фаъолияти фикрии бештарро талаб менамоянд. Проблемаҳои норавшани мураккаб аз ҷониби софистҳо (аз калимаи юнонии софизм ба маънои хулосабарории шаклан гӯё дуруст, вале моҳиятан нодуруст), антиподҳо (аз калимаи юнонии антипод ба маънои нафаре, ки аз рӯйи эътиқод ва хислат дар муқобили нафари дигаре аст) ва парадоксҳо (аз калимаи юнонии парадокс ба маънои андеша ва муҳокимароние, ки аз ақидаи аз тарафи умум қабулшуда фарқ мекунад) пешниҳод карда мешаванд.

Методҳою роҳҳои мазкурро тавъам бо методҳои дигар ба кор бурдан зарур аст, инчунин мувофиқати онҳо бо мавзуъ, муҳтавои дарс ва сатҳи омодагии донишҷӯёнро ҳам бояд ба назар гирифт.

Мубоҳисаҳо, бозиҳои коршиносӣ ва ҳалли ҳолатҳои проблемавӣ омодагии ҳамаҷониба ҳам мустақилона ва ҳам таҳти роҳбарии омӯзгорро талаб менамоянд.

Қобили зикр аст, ки ҳангоми тарҳрезии мазмуну мундариҷаи фанни таълимӣ ба он чиз таваҷҷуҳи хос зоҳир намуд, ки он фан бояд на танҳо сифатҳои касбӣ, балки сифатҳои шахсии мутахассисро ҳам инкишоф диҳед. Моҳият ва мундариҷаи маълумоти касбӣ бояд аз дидгоҳи арзишмандӣ ва зарурати он барои таъмин ва иштироки фаъолонаи хатмкардаи муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ на танҳо дар ҳалли масъалаҳои  касбӣ, балки ҳалли масъалаҳои хаттӣ низ интихоб карда шаванд. Ҳангоми таҳияи он талаботи рушди инфиродии шахсияти донишҷӯй, қобилият, истеъдод ва шавқу рағбати ӯ ба назар гирифта мешавад. Бо дарназардошти ин мақсад ба мундариҷаи маълумоти касбӣ ба ғайр аз фанҳои ҳатмӣ инчунин фанҳо барои интихоби озодона (курсҳои махсус, семинарҳои махсус ва дарсҳои амалии махсус) ҳам ворид карда мешаванд. Интихоби озодона ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки онҳо фанҳоеро, ки ба омӯзиши онҳо шавқи бештар доранд, амиқтар омӯзанд.

Чунин раванди таълим ба дарки амиқу рушди шавқмандии маърифатӣ дар раванди омӯзиш мусоидат мекунад.

Аз як тараф, мазмун ва мундариҷаи маълумот шарти фаъолияти маърифатии донишҷӯён маҳсуб мешавад, зеро ин талаботи ҷорӣ ва дурнамои ҷомеаро инъикос мекунад, аз тарафи дигар, ҳамчун воситаи созмондиҳӣ ва роҳандозии фаъолияти омӯзгории донишҷӯён мебошад ва бадин васила муҳтавои талаботи шахсии фард ба омӯзишро ташкил медиҳад. Масалан, муҳаққиқ Г. И. Шукина муҳтавои маводди таълимиро ҳамчун сарчашмаи шавқмандии маърифатӣ медонад, зеро «. . . дарки зарурати дониш шавқро бедор мекунад ва дар назари донишҷӯён диалектикаи ҳодисаҳо, қонуниятҳои беохир ва абадӣ будани раванди маърифат, ки дар он донишҷӯ аллакай ба сатҳи муайяне баромадааст, боз мегардад. Муҳтавои маводди таълимӣ инчунин дар худ ангезаҳои муҳимми шавқмандии маърифатӣ, яъне дарку фаҳмидани аҳаммияти амалии донишро ҳам фаро мегирад» [330, с.115].

Таҳлили адабиёти психологию педагогӣ (П. П. Блонский, И. Гербарт, А. Дистервег, П. Ф. Каптерев, Я. А. Коменский, К. Д. Ушинский, С. О. Макаров, М. И. Драгомиров) нишон дод, ки мундариҷаи таҳсилоти олӣ метавонад ба шавқу завқи мутахассисони оянда таъсиргузор бошад. Вобаста аз сатҳи ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён мундариҷаи маълумот бояд гуногун бошад ва талаботи таълим, ба мисли дастрасии муҳтавои маводди таълимӣ барои донишҷӯён, муназзамии мундариҷаи маълумот ва ба назар гирифтани вижагиҳои фардии донишҷӯён риоя карда шаванд.

Барои донишҷӯёне, ки шавқмандии маърифатии онҳо дар сатҳи якум (яъне дорои ангезаҳои мусбат, вале ноустувори фаъолияти донишандӯзӣ, мавҷуд набудани қобилияти корбурди донишҳои назариявӣ дар амал, тасаввуроти нокифоя дар бораи касби оянда) қарор дорад, ҳангоми интихоби мазмуни маводди таълимӣ ба назар гирифтани аҳаммияти он барои фаъолияти

маърифатӣ ва доимӣ нишон додани истифодаи он дар кори амалӣ зарур аст. Дар ин маврид ба истилоҳ «вазъияти муваффақият» нақши муҳим дорад [330, с.74].

Аз нуқтаи назари илми педагогика, «вазъияти муваффақият» ин тавъам омадани шартҳои мақсаднокию ташкилие мебошад, ки дар натиҷа имконияти ба даст овардани натиҷаҳои бештар ҳам дар фаъолиятҳои шахси ҷудогона ва ҳам коллектив фароҳам меояд. «Барои он ки шавқи доимию устувор пайдо гардад, донишҷӯй бояд дастоварди шахсии худро эҳсос намояд, мегӯяд муҳаққиқ . . . . » [330, с.53]. Ҳолати мазкур аз омӯзгори муассисаи таҳсилоти олӣ ҳар чи бештар ба кор бурдани муносибати инфиродӣ ба донишҷӯйро талаб мекунад. Чунин усули кор ба донишҷӯй имкон медиҳад, ки бештар муваффақона хонад ва ба раванди омӯзиш бештар шавқу завқ пайдо кунад, ба шарте ки вай дастоварди воқеии худро дар омӯзиш эҳсос намояд ва маводди мавриди омӯзишро хуб аз худ кунад. Донишҷӯй бояд боварии доимӣ ҳосил кунад, ки ӯ аз уҳдаи бартараф кардани душвориҳое, ки ҳам дар омӯзиши назария ва ҳам дар корҳои амалӣ пеши рӯ меоянд, ба хубӣ баромада метавонад.

Барои донишҷӯёне, ки шавқмандии маърифатиашон дар сатҳи дуюм қарор дорад (дорои ангезаи мусбати пойдор, интихоби огоҳонаи ихтисос, ҳассосият ба аз худ кардани донишҳою қобилиятҳо ва малакаҳои нав) дар мундариҷаи маводди таълимӣ на танҳо воқеиятҳою ҳодисаҳо, балки қонуниятҳо ва робитаҳои байни онҳо ҳам ҷолиб мебошанд. Дар ин сатҳи дониш донишҷӯён метавонанд мустақилона аз мундариҷаи маълумоти шахсан барои худ арзишмандро интихоб намоянд, ҳамбастагиро ба вуҷуд биёранд ва робитаи байни фанҳоро пайдо кунанд. Дар ин кор омӯзгор нақши роҳнаморо иҷро мекунад.

Барои донишҷӯёне, ки шавқмандии маърифатиашон дар сатҳи сеюм қарор дорад, на танҳо мустақилона маълумоти аз лиҳози шахсию касбӣ арзишмандро интихоб карда метавонанд, балки эҷодкорона онро табдил ҳам карда метавонанд. Доираи шавқи касбии онҳо дар ин сатҳи васеъ мешавад. Онҳо ғайр

аз донишҳою қобилият ва малакаҳои касбӣ ба ҷанбаҳои экологӣ ва ҷаҳонбинии фаъолияти ояндаашон низ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Барои қонеъ гардондани талаботи шавқу рағбати вусъатёбандаи донишҷӯён курсҳои махсус, курсҳои махсуси амалӣ аз рӯй интихоб, гирифтани ихтисоси иловагӣ мадад мерасонанд.

Ҳангоми коркарди мундариҷаи курси махсус мо ҳаминро дар мадди назор доштем, ки кор бо он танҳо ба шарти дуруст муайян кардани ҷойгоҳ, нақш ва вазифаҳои худи фанни таълимӣ ва ҷойгоҳи он дар нақшаи таълимӣ ва мақоми курси махсус дар худи фанни таълимӣ натиҷаҳои мушаххасро ба бор меорад. Ба назар гирифтани робитаи байнифаннӣ ҳам яке аз масъалаҳои муҳим дар мундариҷаи маводди таълимӣ ба шумор меравад.

Таҳлили адабиёти махсус, аз ҷумла асарҳои Ю. К. Бабанский, М. Н. Берулава, М. А. Данилов, И. К. Журавлев, Л. В. Занков, И. И. Илясов, Н. А. Галатенко, В. С. Леднев, В. Н. Максимова, М. И. Махмутов, А. И. Мишенко, Л. И. Мишенко, Е. Н. Шиянов, Н. Н. Нечаев, А. А. Пинский, Ю. И. Дик, В. И. Усанов, В. С. Шубинский, ки таҳқиқоти озмоишӣ анҷом додаанд, имкон дод принсипҳое, ки иҷрои онҳо ҳам ба ҳалли масъалаҳои озмоишии дар назди ин таҳқиқот аз ҷониби мо гузошташуда ва ҳам дар маҷмуъ ба ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ таъсири самарабахш мерасонад, муайян карда шаванд.

Ба ҷумлаи чунин принсипҳо инҳо дохил мешаванд:

- Принсипи замонӣ ва ё тартиби замонӣ (хронологӣ);
- Принсипи идомаи робитаҳои дохилифаннӣ;
- Принсипи ташкилӣ;
- Принсипи абзорӣ (инструменталӣ);
- Принсипи ҳамгирой ва амалисозии робитаҳои байнифаннӣ.

Принсипи замонӣ имкон медиҳад, ки ин ё он масъала дар инкишофи табиӣ ва таърихии он баррасӣ шавад. Ин ба ташаккули ҷаҳонбинӣ мусоидат

мекунад, тафаккури эҷодиро ташаккул медиҳад ва барои тарбияи муносибати инсондӯстона ба олами атрофро эҷод мекунад, мантиқ ва бархурди дидгоҳҳои мухталиф ба ҳамон як воқеиятро нишон медиҳад. Ба ғайр аз ин, баъзе аз воқеиятҳои таърихӣ ба раванди таълим унсурҳои саргармиро ворид мекунанд, ки ин ҳам ба бедор кардани шавқмандии маърифатӣ мусоидат мекунад.

Бо руҷуъ ба таърихи пайдоиши масъала метавон ба таври возеъ марҳилаҳои асосии маърифатро фарқ кард ва таъсири ин ё он кашфиёт ба рушди масъаларо муайян кард. Методҳои маърифатие, ки дар ҳар як марҳилаи таърихӣ ба кор рафтаанд, таҳлил кард ва дар ниҳоят ҳолати ҳозираи масъаларо ҳамчун натиҷаи ташаккули диалектикии дидгоҳҳои мухталиф муайян кард. В. М. Максимова қайд мекунад, ки вусъати баҳсбарангези масъала дар мундариҷа дар шакли мушкилоти таълимӣ пешниҳод карда мешавад, ки таҳлили онҳоро ба ҳолатҳои проблемавӣ мубаддал месозад ва ҳалли онҳо ҳамчун муборизаи андешаҳою мавқеъҳо сурат мегирад ва ворид шудан ба ин раванду ҷустуҷӯи мустақилонаи ҳақиқатро ташвиқ мекунад. Ин равиш нисбатан фаъол буда, ба ташаккули самарабахши шавқмандии маърифатӣ мусоидат мекунад.

Принсипи идомаи робитаҳои дохилифаннӣ ба назар гирифтани ду омили асосиро талаб мекунад.

- тағйирпазирӣ ва пайдарҳамии маводди таълимӣ аз рӯйи тартиби муайяни мантиқие, ки хусусиятҳои рушди донишҷӯёнро ба назар мегирад;
- интихоби усулҳои фаъолият барои аз худ кардани он фан.

Амали омили якум барои тартиб додану баёни мазмуни фанни таълимӣ, вақте ки мавзуи баъдӣ ба мавзуи пештара алоқаманд аст, ҳалкунанда мебошад. Амали омили дуюм имкон намедиҳад, ки мазмуни соҳаи муайяни илм бевосита ба фанни таълимии дахлдор гузаронида шавад ва коркарди дидактикии мундариҷаи онро талаб мекунад [191]. Дар асоси ин барои пурратар ва эҷодкорона аз худ кардани донишҳо дар омӯзиши маводди таълимӣ ва тамаркузгарой (консентриум), яъне бозгашт ба маводди аллакай омӯхташуда,

вале дар сатҳи сифатан баландтар мадад мерасонад. Азбаски ин ё он маводди таълимӣ дар шароити нав ва робитаҳои нав баррасӣ мешавад, ин боиси бештар вусъат пайдо кардани мафҳумҳо мегардад ва ҳудуди ба кор бурдани назарияҳои бисёрро муайян мекунад. Дар ниҳояти кор системасозии пурратар ва умумикунонии донишҳо сурат мегирад. Бозгашт ба мулоҳизаҳои маводди омӯхташуда дар сатҳи сифатан нав ба донишҷӯён барои эҷодкорона дарк ва коркард кардани маводди таълимӣ, ҷустуҷӯю таҳлил ва синтези маводди иловагӣ, ки ин ҳам ба фаъол гардидани шавқмандии маърифатӣ таъсир мерасонад, шароитро фароҳам месозад.

Мавҷудияти робитаҳои дарунӣ бо воситаҳои мантиқи сохтори тартиб додани маводди таълимӣ, ки блоки модулҳои хосро ташкил медиҳад, зоҳир мегардад. Дар ин маврид асоси ягонаи назариявии блок, мақсади умумӣ дар ҳар як марҳилаи таълим объекти омӯзиш ба шумор меравад.

Принсипи ташкилӣ ягонагии мазмун, шакл, методҳо ва воситаҳои таълимро талаб менамояд. Ин принсип, махсусан, ҳангоми ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён муҳим аст, зеро ба он на танҳо мазмун ва маълумоти омӯзишӣ, балки роҳҳои пешниҳод намудани онҳо аз ҷониби омӯзгор ва қобилияти мустақилона аз худ кардани донишҳо аз ҷониби донишҷӯён ҳам таъсиргузор мебошад. Принсипи мазкур ба кор бурдани методҳои гуногуни таълим ва аёният дар дарсҳоро талаб мекунад, ки равандҳои психологӣ (тафаккур, идрок, хотира, диққат, тахайюл)-ро фаъол мегардонад ва ба ин васила ба пайдоиш ва рушди шавқмандии маърифатии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Принсипи абзор. Ин принсип дар донишҷӯён ташаккул додани маҳоратҳои асосии фаъолияти омӯзгориро дар назар дорад.

Ба ҷумлаи чунин маҳоратҳо инҳо дохил мешаванд:

1. Маҳорати омӯзишӣ, яъне маҳорати мустақилона аз худ кардани донишҳоро идора мекунад. Ин маҳорат, махсусан, барои пурратар кардани

донишҳо ҳангоми таҳсил ва баъд аз хатми муассисаи таълимӣ дар раванди идомаи худомӯзӣ муҳим ба шумор меравад. Касб кардани чунин маҳорат шарти зарурии баланд бардоштани самарабахшии машғулиятҳои таълимӣ ва омодасозии омӯзгорон, ки барояшон дар раванди фаъолияти касбӣ доимо такмил додану навсозӣ кардани донишҳои худ зарур аст, ба шумор меравад.

2. Омӯзгор дар фаъолияти худ ба андозаи зиёд аз мушоҳидаҳои воқеияти атроф, одамони атроф, ҳамсуҳбатон, рӯйдодҳои ҷорӣ ва рӯйдодҳои ҳамроҳ дониш мегирад. Аз ин рӯ, ташаккул додани маҳорати мушоҳида зарур аст, то ки мушоҳида методи гирифтани донишҳои объективӣ ва боэътимод гардад. Мутахассисе, ки аз ин маҳорат бархӯрдор аст, мутаваҷҷеҳи моҳияту қонуниятҳои муҳим ва равандҳо дар ҳодисаҳои ҷузъӣ шуда, дониши бештарро касб мекунад.

3. Барои омӯзгорони оянда донистани методикаи баргузории таҷриба хеле муҳим аст, зеро он меъёри дурустии фарзияҳои назариявӣ маҳсуб мешавад. Методикаи мазкур дар худ маҳоратҳои сохтани фарзияҳо, гузаронидани таҷриба, санҷиш, дурустии фарзия ва дар сурати зарурат ислоҳ кардани онро фаро мегирад.

4. Маҳоратҳои амалӣ. Танҳо гузаронидани таҷриба кифоя нест, зарур аст, ки баъзе андозагириҳо ва ҳисобкунӣ, сохтани диаграммаҳо, графикаҳо, вобаста кардану таҳлили онҳо ҳам анҷом дода шавад. Ҳамаи ин корҳо аз донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ қобилиятҳои мухталифи таҳлилӣ ва андозагириро талаб мекунанд. Баъд аз дарёфти маълумот (додаҳо) коркарди математикии натиҷаҳои таҷриба, сохтани графикаҳое, ки вобастагии байни бузургиҳои нишондиҳандаи вижагиҳои ҳодисаи педагогии мавриди таҳқиқро ошкор месозанд ва ғайра зарур маҳсуб мешавад. Истифодаи дастгоҳҳо ва таҷҳизоти техникӣ, корбурди техникаи ҳисоббарор дар кори худ ҳам, аз ҷумлаи талаботи мазкур ба шумор мераванд.

5. Маҳоратҳои ташкили кор. Ба ҷумлаи чунин қобилиятҳо барномасозии фаъолияти худ ва ташкили дурусти ҷойи кори худ ҳангоми иҷрои кор дохил кардан зарур аст.

6. Маҳоратҳои назорату арзёбӣ кардани иҷрои амалҳои худ ҳангоми иҷрои вазифаҳои маърифатӣ, яъне ба роҳ мондани худназорат ҳам аҳаммияти хело калон дорад.

Принсипи робитаҳои байнифаннӣ ва ҳамгироӣ ҳам барои ташаккули шавқмандии маърифатӣ зарур мебошад, чунки на танҳо ба сатҳи илмии таълим, балки ба ташаккули қобилиятҳои маърифатӣ ҳам мусоидат мекунад.

Мушкилоти амалӣ намудани робитаҳои байнифаннӣ масъалаи нав нест. Муҳаққиқ А. С. Виготский зарурати ба назар гирифтани робитаҳои байнифаннии қаблӣ дар раванди таълимро асоснок намуда, фаъолияти фикриро ҳамчун як қатор умумикунонии пай дар пай маънидод мекунад, вақте ки зинаи нави умумикунононӣ на танҳо ба умумикунониҳои қаблӣ такя мекунад, балки танҳо дар асоси онҳо ба вуҷуд меояд. Ба таври таҷрибавӣ тасдиқ гардидааст, ки фаъолияти фикрронии қаблие, ки ба ташкили умумикунонии нав мусоидат мекунад, дар шуур ҷамъ мешавад ва ба кори тафаккур доир ба ташкили умумикунонии нав ворид мешавад.

Тибқи назарияи марҳиланоки ташаккули амалиётҳои фикрӣ, робитаҳои байнифанниро метавон аз ҷиҳати фаъолияти фикрӣ (маърифатӣ) дар фанҳои гуногун баррасӣ кард ва дар асоси он сохтори пурраи донишҳоро сохт, ки дар ниҳоят ба ташаккули ҷаҳонбинии донишҷӯён таъсирри назаррас мерасонад. Системаи амалисозии робитаҳои байнифанниро метавон дар шакли модуле тасаввур кард, ки дар асоси се меъёр – меъёри тартиби замонӣ (хронологӣ), меъёри иттилоотӣ ва меъёри фаъолият коркард шудааст.

Тавре ки таҳқиқоти анҷомшуда нишон дод, ташкили робитаҳои байнифаннӣ дар раванди таълими фанҳои психологӣ – педагогӣ ба донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ самарабахшии раванди таълимро баланд

мебардорад ва ба рушди шавқмандии маърифатии донишҷӯён мусоидат мекунад. Ин аз сабабҳои зерин вобастагӣ дорад;

- истифодаи дониши як фанни таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои дигар имкон медиҳад, ки ҳодисаи мавриди омӯзиш ҳаматарафа ва бо тамоми робитаҳою муносибатҳои он омӯхта шавад;

- робитаҳои байнифаннӣ имкон медиҳад, ки системаи арзишҳо дар донишҷӯён ташаккул ёбад ва муносибати манфиатбахш ба олами атроф сурат гирад. Ин дар навбати худ, боиси ба маълумоти барои шахс аҳаммиятнок мубадал гардидани маълумоти аз омӯзиш бадастомада мегардад. Чунин система ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки чизи барои худаш муҳимтарро ҷудо кунад, ҷойгоҳи худ ва мақеи худро дар ҷомеа ҳам мутобиқ ба арзишҳои умумибашарӣ ва ҳам мутобиқ ба аҳаммияти иҷтимоии фаъолияти омӯзгорро донад;

- корбурди маҷмуии донишҳои психологӣ-педагогӣ ҳангоми иҷрои супоришҳои ҳархелаи дорои хусусияти таълимӣ имкон медиҳад, ки ҳодисаҳои мухталифи психологӣ-педагогӣ ва иҷтимоӣ бо ҷузъиёти бештар таҳлил карда шаванд;

- дар ояндаи начандон дур дар ҳаёти рӯзмарра, дар рафти фаъолияти касбӣ ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ зарурати синтези донишҳои мазкур барои муошират ҳам бо ҳамкорон ва ҳам бо гурӯҳҳои гуногуни шаҳрвандон, ҳалли мушкилоти ҳам психологӣ ва ҳам ҳолатҳои фаъолияти касбӣ ба миён меояд.

Принсипи мустақилият дар фаъолияти маърифатӣ

Фаъолияти таълимӣ ва мустақилияти донишҷӯй аз ашхоси масъул, мансабдор ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ташкили мақсадноки раванди таълимро талаб менамояд.

Вижагии омӯзиш дар муассисаи таҳсилоти олӣ аз он иборат аст, ки баёни муҳтавои маводди таълимӣ ва санҷиши он дар шароити фаъолияти касбӣ

фосилаи калони вақт мавҷуд аст. Чунин ҳолат боиси қисман коҳиш ёфтани шавқи маърифатии донишҷӯён мегардад. Барои пешгирӣ кардани чунин ҳолат ва ҳифзу рушди шавқмандии маърифатӣ ташкили махсуси кори мустақилонаи донишҷӯён талаб карда мешавад. Ба ғайр аз ин, мактаби олӣ аз мактаби миёна на танҳо бо таълими ихтисос, дараҷаҳои мураккабӣ ва ҳаҷми калони маводди таълимӣ, балки, асосан, бо методикаи таълим, ки аз эҷодкорӣ ва дараҷаи кори мустақилонаи донишҷӯён иборат аст, фарқ мекунад.

Тавре ки А. Н. Гостев қайд мекунад «......кори мустақилонаи донишҷӯй бояд мавзуи роҳнамоии педагогӣ аз ҷониби омӯзгор бошад ва бояд тавре барномарезӣ ва ба роҳ монда шавад, ки тамоми раванди таълим ба беҳтар гардидани фаъолият ва самаранокии кори донишҷӯён мусоидат намояд ва онҳоро на танҳо бо донишҳои зарурӣ мусаллаҳ кард, балки ба онҳо эҷодкорона ба кор бурдани донишҳои азхудкарда ва мустақилона омӯхтани масъалаҳои илмиро ҳам бояд ёд дод» [78, с. 5].

Кори мустақилонаи донишҷӯён унсури зарурӣ ва ҳатмӣ дар ҳамаи навъҳои фаъолияти омӯзишӣ мебошад ва бояд талаботи барангезанда дар кори беруназгурӯҳӣ ва асос барои омӯзиши мустақилона гардад.

Масъалаи ташкили кори мустақилонаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олиро С. И. Архангелский, М. И. Данилов, Б. П. Есипов, П. И. Пидкасистий, М. Н. Скаткин, Т. И. Шамова ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Таҳқиқоти онҳо нишон доданд, ки дар натиҷаи мунтазам иҷро кардани кори мустақилона ҳар як донишҷӯй ба натиҷаҳои зерин ноил мегардад: амиқ ва устувор аз худ кардани донишҳои назариявӣ; пайдо шудани талабот ба доимо пурра ва навсозӣ кардани донишҳо; аз худ кардани роҳҳою усулҳои худомӯзӣ.

Яке аз шаклҳои чунин кор мустақилона тартиб додани масъалаҳои таълимӣ ва иҷрои онҳо аз тарафи худи донишҷӯён мебошад. Дар ин мавриd омӯзгор метавонад доимо ба таври ошкору пинҳон ба донишҷӯй кӯмак намояд, то даме ки вай ба кӯмак ниёз дорад. Моҳияти ин навъи кори таълимӣ ташкили

мақсадноки фаъолияти маърифатӣ ба шумор меравад, чунки таҳти мушоҳидаи омӯзгор сурат мегирад. Тавре ки аз таҷрибаи кор бармеояд, ҳангоми барномарезии дақиқ ва дуруст ташкил кардани чунин фаъолият дар донишҷӯй талаботи омӯзиши мустақилона, яъне омӯзиш бе ёрии омӯзгор аз худ кардани донишҳо ва ҷустуҷӯи роҳҳои иҷрои вазифаҳои омӯзишӣ пайдо мешавад. Омӯзиши мустақилона дар худ на танҳо шавқмандии маърифатӣ, балки муносибати фаъоли субъект ба маърифатро ҳам фаро мегирад.

Навъи дигари фаъолияти мустақилонаи донишҷӯй корҳои эҷодкорона ба шумор мераванд, ки омӯзишро фардӣ мегардонанд, аҳаммияти амалии назарияҳои психологию педагогиро нишон медиҳанд, ба кор бурдани онҳоро ҳангоми робита бо одамон, фаъолияти касбӣ ёд медиҳанд ва ба ҷустуҷӯйи мустақилонаи маълумоти иловагӣ водор месозанд.

Вижагии корҳои эҷодкорона дар он зоҳир мегардад, ки онҳо аз рӯйи намунаи тайёр анҷом дода намешаванд, балки нигариш ва бархурди нав ба воқеиятҳою ҳодисаҳои шиносро талаб мекунанд, ки дар натиҷаи ин роҳҳои нави ҳалли масъала пайдо мешаванд. Чунин роҳҳои ҳалли масъала тахмин ва ё муайян кардани дурнамои омӯзиш ва амиқтару васеътар кардани донишҳои касбкарда ва такмил додани малакаҳои мавҷударо талаб менамояд. Раванди иҷрои корҳои эҷодӣ аз донишҷӯй иродаю шиддати зеҳниро талаб мекунад. Ҳаллу фасли масъалаҳо ва худи раванди маърифат эҳсосоти мусбатро ба вуҷуд меоранд. Мавҷудияти зуҳуроти зеҳнӣ, эҳсосотӣ, иродавӣ ва самти амалӣ аз ташаккули шавқмандии маърифатӣ дар рафти иҷрои кор гувоҳӣ медиҳад.

Таҳлили адабиёти психологию педагогӣ нишон дод, ки корҳои эҷодии донишҷӯёни “мактаби олӣ инҳо вазифаҳое мебошанд, ки омӯзиши мустақилонаи ин ё он масъала ва роҳи ҳалли ғайристандартии онро талаб менамоянд” [94, 200].

Бархурди умумӣ ба ташкили корҳои эҷодӣ дар раванди таълим аз ҷониби М. А. Данилов пешниҳод шудааст, ки мувофиқи он корҳои эҷодӣ бояд:

- дар асоси низому мантиқи мазмуни фанни таълимӣ сурат гиранд;
- сатҳи муҳимми рушди илмро ба назар гиранд ва бо сатҳи омодагии таълимии донишҷӯён мувофиқат кунанд, то ки шароити воқеӣ барои рушди онҳо фароҳам гардад;
- маълумоти барои рушди зеҳнии донишҷӯён зарурӣ ва амалҳои эҷодиро дар бар гиранд;
- ангезаи мусбат барои иҷрои вазифаҳои мазкурро ба вуҷуд биёранд.

Дар байни корҳое, ки ба рушди қобилиятҳои эҷодкории донишҷӯён мусоидат мекунанд, инҳоро метавон ном бурд: корҳои эҷодӣ, таҳия намудани супоришҳои психологӣ, моделсозӣ ва тарҳрезии ҳолатҳои бозӣ, ки барои ҳалли онҳо ба кор бурдани донишҳои педагогию психологӣ, масъалаҳои проблемавӣ ва корҳои озмоишӣ талаб карда мешаванд.

Бо мақсади омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ корҳои эҷодие ташкил карда мешаванд, ки пажуҳишҳои тулонӣ ва корҳои амалӣ, мутолиаи адабиёти марбута, амалисозии маърузаҳо ва ахбори илмӣ, ки кор бо сарчашмаҳои иловагӣ, иштирок дар кори маҳфилҳои илмӣ, курсҳои махсус, таҳқиқоти илмӣ ва ғайраро фаро мегиранд, талаб менамоянд.

Таҷрибаи кор дар муассисаи таҳсилоти олӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шавқмандии маърифатии бисёр доншҷӯён маҳз пеш аз ширкат дар конференсияҳо, анҷом додани корҳои пажуҳишӣ, иҷрои корҳои курсӣ ва рисолаи хатм вусъат пайдо мекунад.

Таҳлили корҳои таҳқиқотии П. И. Пидкасистий, Т. Н. Шамова, В. Н. Бокут ва дигарон имкон дод, ки навъҳои зерини корҳои мустақилонаи эҷодиро муайян кард.

- супоришҳое, ки аз омӯзиши шаклҳои мухталифи кор бо адабиёти махсус иборатанд, ба мисли мухтасар навиштани муҳтавои асари хондашуда, навиштани тақриз ба асари хондашуда, баррасии мавзуъҳои матбуот, қобилияти

фаҳмидани сохтори баён, ба низом даровардани маводди мавриди омӯзиш, тартиб додани план-конспект барои як дарс ва амсоли инҳо;

- навиштани маърузаҳо ва гузоришҳои рефератмонанд;
- иҷрои супоришҳои амалии марбут ба моделсозии ҳолати алоқаманд ба фаъолияти касбии оянда ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли бештар самарабахш;
- мустақилона тайёр кардани масъалаҳои проблемавии омӯзишӣ ва тартиб додани крассвордҳою саволномаҳои тестӣ.

Ба назари мо, ба ин номгӯйи корҳои мустақилона метавон боз кор доир ба аз худ кардани роҳҳои кор бо технологияҳои нави иттилоотӣ ҳам дохил кард, ки имкон медиҳанд самаранокии раванди эҷодӣ хело зиёд шавад. Ба ҷумлаи корҳое, ки тавассути технологияҳои мазкур анҷом дода мешаванд, ҷустуҷӯю коркард ва ҳифзи иттилоот бо ёрии компютер ва интернет ва дар асоси онҳо тавассути компютер сохтани модели ҳолатҳою ҳодисаҳои омӯзишӣ ва амсоли инҳо дохил мешаванд.

Дар маҷмуъ ба кор бурдани шаклҳою методҳо ва роҳҳои таълим ба мисли иҷрои кори мустақилонаи дорои моҳияти тавлидӣ, эҷодӣ ва таҳқиқотӣ, ҳалли масъалаҳо ва ҳолатҳои проблемавӣ, системаи корҳои эҷодӣ ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёнро таъмин менамояд.

Чунин ташаккули шавқмандии маърифатӣ дар инсон талабот ба худомӯзии донишро ба вуҷуд меорад. Дар робита ба ин Ю. К. Бабанский навиштааст: «мутахассиси варзида дар ҳар гуна соҳаи илм, техника ва истеҳсолот ин инсоне мебошад, ки метавонад пайваста мустақилона донишҳои мавҷудаи худро навсозӣ кунад ва онҳоро дар амал эҷодкорона ба кор барад» [34, с. 22].

Ҳамин тавр, мо омилҳою воситаҳоеро муайян кардем ва аз онҳо ҳамонҳоеро баррасӣ кардем, ки, ба назари мо, ба ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён хубтару самарабахштар мусоидат мекунанд вале

набояд нақши дигар омилҳою воситаҳоро дар ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён сарфи назар кард.

Ба ин тариқ, дар маҷмуъ ба кор бурдани унсурҳои муайянгардида дар раванди воқеии таълим барои баланд бардоштани самаранокии ҳамкории педагогӣ ва таъсиррасонӣ ба шахсияти донишҷӯй, ки фаъолияти ӯ бояд хусусияти ҷустуҷӯйӣ-таҳқиқотӣ дошта бошад, зарур маҳсуб мешавад.

Ба кор бурдани принсипҳои дар боло зикршуда ҳангоми ба роҳ мондани курсҳои таълимӣ, инчунин курсҳои махсус доир ба тенологияи муошират ба ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ равона гардидааст. Дар бахши фанҳои таълимии педагогӣ-психологӣ ин курси махсус дар донишҷӯён малакаҳои асосҳои психологияи муоширатро ташаккул медиҳад. Мақсади он аз ҳамгироии фанҳои психологӣ-педагогӣ ва донишҳо дар системаи комил, дарки донишҳои қаблӣ доир ба педагогика ва психология аз нуқтаи назари корбурди қобилиятҳою малакаҳои муошırати касбӣ дар фаъолияти омӯзгорон иборат аст.

Курси мазкур дар донишҷӯён тасаввурот дар бораи сохтори комили фаъолияти ояндаи касбӣ, эҳсос ва арзёбии худ дар нақши омӯзгори оянда, фаҳмиши қобилиятҳо ва дараҷаи омодагии худ ба омӯзиш, ошкору ислоҳ кардани стереотипҳои муошırати касбии аз ҷониби донишҷӯён азхудкарда, инчунин қобилияти худназораткуниро ташаккул медиҳад.

Дар маҷмуъ, ҳалли масъалаҳои такмили кор доир ба ташаккули шавқмандии маърифатӣ озмоиши амалӣ ва санҷиши қоидаҳои назариявии баррасишуда ва ташаккулёфтаро талаб мекунад. Чунки санҷиш дар рафти гузаронидани кори озмоишӣ-таҷрибавӣ сурат мегирад.

## ХУЛОСАИ БОБИ 1

Таҳлили адабиёти илмӣ доир ба фалсафа, педагогика, дидактика ва методикаи таълим имкон дод, ки асосҳои психологӣ-педагогии ташаккули

шавқмандии маърифатии донишҷӯён ва шароитҳои педагогии ташаккулу инкишофи он муайян карда шавад.

1. Проблемаи моҳияти шавқмандии маърифатӣ таҳлил карда шуд. Инчунин муносибати мақсаднок, мусбӣ-эҳсосотӣ нисбат ба донишҳо, андӯхтани онҳо, азхуднамоии ин донишҳо бо мақсади омӯзиши амиқ ва васеъ мавриди таҳлил қарор дода шуданд.

Шавқмандии маърифатӣ ҳамчун ангезаи фаъолияти омӯзишӣ маҳсуб мешавад ва объекти он худи раванди идрок мебошад, ки аз хоҳиши фаҳмидани моҳияти падидаҳои олами вокеӣ, аз худ намудани донишҳои назариявӣ ва корбурди амалии онҳо иборат аст. Хусусияти фарққунандаи шавқмандии маърифатӣ дар моҳияти эҳсосотии он зоҳир мегардад.

2. Таносуби шавқмандии маърифатӣ ва эҳтиёҷоти маърифатӣ муайян карда шуд. Эҳтиёҷоти маърифатӣ хоҳиши донишҷӯёнро нисбат ба донишҳо инъикос менамояд, дар баробари ин эҳтиёҷоти маърифатӣ ҳамчун эҳтиёҷоти рафънашаванда нисбат ба донишҳо танҳо ба сатҳи баланди инкишофи шавқмандии маърифатӣ мутобиқат менамояд. Аз ин бармеояд, ки шавқмандии маърифатиро ташаккул дода, мумкин аст ба эҳтиёҷоти маърифатӣ таъсир расонд. Эҳтиёҷот дар маърифат рағбатро бедор менамояд, рағбат бошад ба ташаккул ёфтани эҳтиёҷоти маърифатӣ таъсир мерасонад, донишҷӯёнро ба фаъолияти фаъол, мустақил ва эҷодӣ водор менамояд.

3. Вобастагии ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ аз хусусияти фаъолият таҳлил карда шуд. Инкишофи тафаккури инсон ва дар баробари ин шавқмандии маърифатӣ дар фаъолият ба амал меояд, ки ҷузъи таркибии он сабабҳо мебошанд.

Дар психологияи касбӣ шавқи маърифатӣ ҳамчун намуди фаъолият баррасӣ карда мешавад ва низоми амалҳои маърифатие мебошад, ки ба ҳалли вазифаҳои таълимӣ-тарбиявӣ равона карда шудаанд. Дар пайдоиш

ва инкишофи фаъолияти маърифатӣ сабабҳои гуногун нақши муҳим доранд, ки яке аз онҳо шавқмандии маърифатӣ ба шумор меравад. Шавқ боиси фаъолият мегардад ва фаъолият бошад, шавқро инкишоф медиҳад. Муайян карда шуд, ки ба ташаккул ёфтани шавқмандии устувори маърифатии донишҷӯён ба таври доимӣ ташкил намудани фаъолияти мустақилонаи ҷустуҷӯии онҳо мусоидат менамояд. Такя намудан ба таҷрибаи ҳосилшуда ва ташаккул додани шавқмандӣ ба худи фаъолият, рағбат ба маърифатро зиёд мекунад.

4. Таносуби фаъолнокии маърифатӣ ва шавқмандии маърифатӣ муайян карда шуд. Эҳтиёҷоти маърифатӣ дар натиҷаи фаъолияти пайвастаи фаъоли маърифатӣ инкишоф меёбад, ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ бошад, дар рафти инкишофи шакли пурмаҳсули фаъолияти маърифатӣ амалӣ карда мешавад. Фаъолнокӣ аз зоҳир намудани рағбат ва мустақилӣ вобастагӣ дорад, он ба сифати азхуднамоии донишҳо таъсир мерасонад. Дар психология се сатҳи инкишофи фаъолнокии эҷодиро ҷудо менамоянд: якум, бо кӯшиши донишҷӯён барои ҳалли мустақилонаи вазифаҳо алоқаманд мебошад; дуюм, дар кӯшиши ошкор намудани моҳияти равандҳо ва падидаҳои омӯхташаванда зуҳур меёбад; сеюм, бо кӯшиши донишҷӯён барои ошкор намудани вобастагиҳои сабабнок, муайян намудани далелнокии муқаррароти илмӣ дар рафти гузаронидани таҷрибаҳо, мушоҳидаҳо, хониши адабиёти иловагӣ алоқаманд мебошад.

5. Дар натиҷаи таҳлили проблемаи инкишофи шавқмандии маърифатии донишҷӯён муайян гардид, ки инкишофи шавқмандии маърифатӣ бо хусусиятҳои зерини фаъолият репродуктивӣ - фактологӣ, тасвирӣ-ҷустуҷӯйӣ ва эҷодӣ вобастагӣ дорад.

Сатҳи аввали инкишофи шавқмандии маърифатӣ, ки ба муҳассилини гурӯҳҳои поёни хос мебошад, дар шавқмандӣ нисбат ба маълумотҳои шавқовар, ки дар иттилоот мавҷуд мебошанд, зоҳир мегардад, ҳолатҳо,

тасвир намудани падидаҳои амиқ инъикос меёбад ва асоси онро фаъолияти репродуктивӣ - фактологӣ ташкил медиҳад.

Сатҳи дуюми инкишофи шавқмандии маърифатӣ – ин таваҷҷуҳ нисбат ба робитаҳои сабабу-натиҷа, дарк намудан хусусиятҳои барҷастаи ашёю ҳодисаҳое мебошад, ки асоси онро фаъолияти ҷустуҷӯӣ ташкил медиҳад.

Сатҳи аз ҳама баланди инкишофи шавқмандии маърифатии донишҷӯён аз дарки амиқи моҳияти масъалаҳои назариявӣ ва дар амал ба кор бурдани донишҳои назариявӣ аз ҷониби онҳо иборат аст ва асоси онро фаъолияти эҷодӣ ташкил медиҳад.

Таҳлили гурӯҳбандии мухталифи шавқмандии маърифатӣ нишон дод, ки инкишофи рағбат инчунин дар гузариш аз шавқмандии ҳолатӣ ба устувор инъикос меёбад, аз бешакл – ба васеъ ва баъдан – ба шавқмандии меҳварӣ. Мақсади раванди таълимӣ-тарбиявӣ бояд аз ташаккул додани шавқмандии устувори меҳварӣ иборат бошад. Ин бо он маънидод карда мешавад, ки мавқеи афзалиятноки як шавқмандии меҳварӣ барои инкишофи инсон мусоид мебошад, зеро ин рағбат дар оянда касбӣ мегардад.

6. Нишондодҳои зоҳир гардидани шавқмандии маърифатии донишҷӯён муайян карда шуданд ва мундариҷаи онҳо бо такя ба хусусиятҳои фанни забони англисӣ ошкор карда шуд, ки аз ҷузъҳои зерин иборат аст: ҷузъи зеҳнӣ, яъне кӯшиши донишҷӯён ба таҳқиқи равандҳо ва падидаҳои забоншиносӣ, иҷрои вазифаҳо ва ҳалли проблемаҳои ба миён гузошташуда, ба умқи донишҳои забоншиносӣ ворид шудан; ҷузъи эҳсосотӣ, яъне ғамхорӣ нисбат ба мавҷудоти зинда, шавқмандӣ ба раванди фаъолият ва муносибати мусбат нисбат ба он, ҷузъи иродавӣ, яъне кӯшиш ба омӯзиши мустақилона ва ба даст овардани донишҳо.

Ба ҷумлаи нишондодҳои зоҳир гардидани шавқмандии маърифатии донишҷӯён, инчунин муносибати мусбии эҳсосотӣ нисбат ба фаъолият, мавҷуд будани ҳисси қаноатмандию хурсандӣ аз гирифтани маълумоти нав; мавҷуд будани сабаб, ки боиси фаъолият гардидааст ва хусусияти сурат гирифтани равандҳои фаъолияти маърифатӣ (муносибати донишҷӯён нисбат ба иҷро намудани вазифаҳо, хусусияти таваҷҷуҳи донишҷӯён ба дарс ва сифати иҷрои супоришҳо) дохил мешаванд.

Муайян карда шуд, ки дар марҳилаи аввали инкишофи шавқмандии маърифатии донишҷӯён ҷузъи эҳсосотии он афзалият дорад, дар марҳилаи дуюм бошад, ҷузъи зеҳнӣ ва дар марҳилаи сеюм ҷузъи иродавии он тақвият меёбанд.

7. Вижагиҳои таъсиррасонии педагогӣ ба донишҷӯён бо мақсади ташаккул додани шавқмандии маърифатӣ муайян карда шуданд, ки аз инҳо иборатан: дар марҳилаи аввал (дар донишҷӯёни соли аввали таҳсил) муҳим аст, ки таъсири педагогӣ муносибати мусбӣ-эҳсосотиро нисбат ба фан, омӯзиши дониш ва коллектив ба вуҷуд овард; дар марҳилаи дуюм нақши пешбарро ташкили омӯзиши пайвастаи ҷустуҷӯии мустақилона касб менамояд.

Талабот нисбат ба ташкили фаъолияти маърифатӣ муайян карда шуд, ки аз инҳо иборат аст: истифода бурдани ҳолатҳои проблемавӣ дарс дарс; ба вуҷуд овардани муҳити эҳсосотии раванди омӯзиш, ки ҳиссиёти мухталифро бедор менамояд, ба мисли ғам, ҳайрат, шодӣ, хурсандӣ; ба тадриҷ мураккабтар намудани фаъолияти омӯзишӣ.

8. Дар натиҷаи таҳлили хусусиятҳои синнусолӣ ва психологии донишҷӯён муайян гардид, ки бо тағйир ёфтани синнусол хусусияти шавқмандии маърифатии онҳо низ тағйир меёбад ва ба инкишофи он мундариҷаи донишҳо ва ташкил намудани корҳои таълимӣ-тарбиявӣ мусоидат мекунанд.

9. Вобастагӣ байни сатҳҳои инкишофи шавқмандии маърифатӣ ва фаъолнокии эҷодӣ, хусусияти фаъолият ва ҷузъҳои афзалиятноки шавқмандии маърифатии донишҷӯён ошкор карда шуд, ки фарогири вижагиҳои таъсиррасонии педагогӣ ба донишҷӯён ва роҳҳои ташаккули шавқмандии маърифатии онҳо мебошанд ва ҳангоми таҳияи модели назариявии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён ҳамчун асос хизмат кард. Моҳияти модели мазкур аз муайян намудани роҳҳои ташаккул ёфтани шавқмандии маърифатии донишҷӯён тавассути мундариҷаи донишҳои забоншиносӣ ва ташкил намудани фаъолияти омӯзишии донишҷӯён иборат мебошад. Бештар ба роҳ мондани фаъолияти омӯзишӣ ва ҳамчун натиҷаи он инкишоф ёфтани шавқмандии маърифатии донишҷӯён тавассути мундариҷаи маводди таълимӣ дар сатҳи назариявӣ боиси тақвият ёфтани донишҳои назариявӣ, васеъ гардидани ҷаҳонбинӣ ва касб кардани донишҳои методологӣ ва дар самти амалӣ ба кор бурдани донишҳои назарияви ва ҳалли проблемаҳо, эҳсосоти мусбат аз кашф намудани донишҳои нав мегардад. Ҳамаи ин дар раванди таълими забони англисӣ тавассути дуруст ташкил намудани омӯзиши мустақилона ва фаъолияти ҷустуҷӯӣ, иҷрои дурусти супоришҳо, ба вуҷуд овардани ҳолатҳои проблемавӣ ва истифода бурдани усулҳои таҳқиқотӣ дар дарс ва дурусту мақсаднок ташкил намудани мушоҳидаҳо имконпазир аст.

10. Низоми педагогии ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ асоснок карда шуд ва дар асоси баррасии раванди таълим ҳамчун низоми ягона, ягонагии ҷанбаҳои мундариҷаи маводди таълимӣ, шаклҳои ташкили машғулиятҳои омӯзишӣ ва корбурди усулҳои самарабахши таълим дар онҳо ва робитаҳои мутақобилаи корҳои омӯзишӣ, аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ муайян карда шуд.

Низоми психологӣ-педагогӣ ва методии ташаккул додани шавқмандии маърифатии донишҷӯён таҳия карда шуд, ки мушаххас намудани мақсадҳои маълумоти филологӣ ва муайян намудани шароитҳои психологӣ-педагогӣ ва методии ташаккулёбии шавқмандии маърифатиро талаб менамояд:

1) мақсадҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳандаи маълумоти филологӣ бо дарназардошти ташаккул ёфтани шавқмандии маърифатӣ, вобаста аз модели сохтори шахсият, муносибати фарҳангӣ, майли шахсӣ, ки инкишофи маҳорати эҷодии донишҷӯёнро пешбинӣ менамояд, инфиродикунонии маълумоти онҳо бо дарназардошти рағбат ва майли онҳо муайян карда шуд;

2) шароитҳои психологӣ-педагогӣ ва методии ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ ошкор карда шуданд:

- дар ҷанбаи мундариҷавӣ – пурзӯр шудани донишҳои самти филологӣ.

Дар ҷанбаи фаъолияти таълимӣ ташкил намудани омӯзиши пайвастаи мустақилона ва ҷустуҷӯии донишҷӯён дар машғулиятҳои аудиторӣ ва корҳои ғайриаудиторӣ, истифодаи якҷояи шаклҳои мухталифи ташкили машғулиятҳои таълимӣ аз фанни забони англисӣ, усулҳо ва намудҳои омӯзиш, инчунин машғулиятҳои бештари ғайриаудиторӣ талаб карда мешавад.

11. Таҳлили ҳолати проблемаи ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ ҳангоми омӯзиши забони англисӣ дар ҷанбаи таърихии он гузаронида шуд. Муайян карда шуд, ки ба проблемаи ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ қаблан ва ҳоло ҳам аҳаммияти муайян дода мешавад, вале дар шаклҳои омӯзиши забони англисӣ танҳо ҷанбаҳои алоҳидаи он таҳқиқ карда мешаванд, ки моро барои таҳқиқи проблемаи мазкур водор намуд.

# БОБИ 2. САМТҲОИ ТАШАККУЛИ ШАВҚМАНДИИ МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРӢ

## 2.1.Истифодаи маводди таълимии забони англисӣ дар ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ

Низоми психологӣ-педагогӣ ва методии ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён такмил додани мундариҷаи маълумоти филологӣ ва худи раванди таълимиро пешбинӣ менамояд. Дар боби мазкур мо ҷанбаи мундариҷавии проблемаи таҳқиқшавандаамонро баррасӣ менамоем. Қабл аз ҳама, бояд ба ин суол ҷавоб диҳем, ки чаро маҳз донишҳои филологӣ аз ҷониби мо ба ҳайси яке аз шартҳои педагогии ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ баррасӣ карда мешаванд. Мо ба он такя менамоем, ки маҳз маълумоти филологӣ имкон медиҳад, ки ҷанбаи мундариҷавии модели назариявии ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ тавассути пурзӯр гардидани самти ҷаҳонбинӣ, методологӣ ва амалии он, эҳсосотнокӣ, проблеманокӣ амалӣ карда шавад, зеро донишҳои филологӣ дорои ҳамаи ин хусусиятҳо мебошанд, дорои зарфиятҳои баланди гуманистӣ ва арзишӣ-меъёрӣ ҳастанд. Ин ҷанбаҳои донишҳои филологӣ дар корҳои як қатор олимон қайд карда мешаванд.

Лиссев. И.К. қайд менамояд, ки ҳангоми баррасии мушкилоти глобалӣ маҳз инсон дар маркази ба ҳам омадани донишҳо ҳангоми баррасии мушкилоти глобалӣ қарор мегирад. Дарки маҷмуии ҳамаи мушкилоти глобалӣ ташаккул додани услуби нави тафаккурро тақозо менамояд, ки дарки комили низоми «Забон – Инсон – Ҷомеа» ро талаб менамояд, ки тағйир додани яке аз ҷузъҳо ба тағйир ёфтани дигар ҷузъҳо

оварда мерасонад. Дар давраи муосир ташаккул ёфтани намудҳои тафаккури умумиҷаҳонӣ оғоз мегардад. В.И. Вернадский яке аз мутаффакироне мебошад, ки принсипи тафаккури нави умумиҷаҳониро азхуд намудааст, ки он аз дарк намудани инсон масъулияти худ барои тақдири сайёра иборат мебошад. Аз ин сабаб тағйирёбии тамоюли арзишӣ ва афзалиятҳо ба амал меояд. Асоси тамоюл дар ташаккул додани консепсияи муосири инсон – тамоюл ба сӯи гуманизм мебошад. Ҳолати кунунии филологӣ гузариши донишҳоро ба эътиқод, ташаккулёбии меъёрҳои муайяни ахлоқиро тақозо менамояд.

Н. Н. Киселёв қайд менамояд, ки «муносибати инсон нисбат ба забон чунин аҳаммияти маънавиро касб менамояд, ки мисли муносибати инсон нисбат ба инсон аст. Дар ташаккул ёфтани илми инсонгароӣ филология нақши бештарро бозӣ менамояд, зеро дар низоми илмҳо он мавқеи муҳимро ишғол менамояд, сохторҳои аз ҳам парокандашудаи илмро ба ҳам муттаҳид менамояд, яъне илмҳои ҷомеашиносӣ ва забоншиносӣ» [140, с.120].

Донишҳои филологӣ, қайд менамояд В. С. Стёпин, аҳаммияти махсусро дар ҳалли проблемаи муносибати мутақобилаи инсон ва забон касб менамояд. Принсипҳои филология аҳаммияти бештари ҷаҳонбиниро касб мекунанд. Ғояҳои этикии масъулияти инсон барои нигоҳ доштани забон барои тасвири ҷаҳон аз нуқтаи назари аксиологӣ сарборӣ замъ менамояд, идеалҳои нави ҷаҳонбинӣ ғояи масъулияти инсонро дар назди забон ҳамроҳ менамоянд [279, с.9-11].

Аз ҷониби Т. Д. Пикашова тамоюли стратегияи дарки филологӣ ба проблемаи инсон, муҳити будубоши ӯ қайд карда мешавад. Инсон дар забон мақоми махсусро ишғол менамояд. Маҳз ҳамин ҳамроҳкунии инсон ба предмети идроки илмӣ ҳамчун тамоюли гуманистикунонии идроки илмӣ маънидод карда мешавад [244, с.29].

Идроки этика, қайд менамояд Т. В. Гардашук, аз идроки ахлоқии инсон, робитаҳои ногусастании худ бо забон ва масъулияти маънавӣ барои нигоҳ доштани забон, ки аз ин ҷо бармеояд, иборат аст. Он аз муқаррарот дар бораи арзиши шахсии тамоми мавҷудоти зинда, ҳаёти Замин ҳамчун падидаи нодири кайҳонӣ асос меёбад. Воқеъияти ҳаёти мо тағйир додани тамоюли арзиширо нисбат ба забон, «ташаккул додани маънавиёти нав, ки аз масъулияти инсон барои нигоҳ доштан ва дастгирӣ намудани ҷаҳони табиӣ бо тамоми гуногунӣ ва боигарии он асос меёбад, иборат аст» [70].

Ба ташаккул додани маънавиёти нав Н. Н. Моисеев диққати калон медиҳад. [208] Принсипи коэволютсияи инсон аз ҷониби В. И. Вернадский муқаррар карда шудааст. Яке аз самтҳои бунёдии илм бояд аз фароҳам овардани шароите иборат бошад, ки ба императиви филологӣ равона карда шудааст, яъне ҷомеа бояд эҳтиёҷот ва амалҳои худро мутобиқ ба ҳамон талаботе, ки замон ба миён мегузорад, тағйир диҳад. Иҷро намудани «императиви филологӣ» ташаккул додани “императиви маънавӣ”-ро талаб менамояд, ки натиҷаи таълиму тарбия мебошад. Муаллиф дар бораи зарурияти тарбияи филологӣ аз синни мактабӣ сухан меронад, вале ин хусусият барои таҳқиқоти мо, махсусан, муҳим аст, ки омӯзиши филологӣ бояд аз курси низомноки бисёрсола зиёд набошад. Муҳим аст дар бораи маълумоти филологӣ сухан гуфт. [59, с.107]

А.В. Яблоков ақидаро дар бораи он, ки проблемаи муносибатҳои мутақобилаи ҷомеа ва забон, моҳиятан, проблемаи инсон ва маънавиёти ӯ мебошад, инкишоф медиҳад. Дар шароити зиёд гардидани вобастагии инсон аз тағйироти дарки муҳиммияти ҳамаи низомҳои филологӣ бояд мақоми пешбарро дар низоми арзишҳои инсонӣ дошта бошад.[340, с.140]

Ба ташаккулёбии фарҳанги филологии донишҷӯён И. Д. Зверев аҳаммияти махсусро зоҳир менамояд ва чунин меҳисобад, ки «фарҳанги филологӣ бо коркарди тафаккури филологӣ вобастагӣ дорад, ки тамоми

фаъолияти одамонро ба танзим медарорад. Фарҳанги филологии шахсият дар инсон мавҷуд будани донишҳои муайян, омода будан ба амалисозӣ, инчунин ҳаракатҳои амалӣ, ки дар муносибати эҳтиёткорона нисбат ба забон зоҳир мегарданд, пешбинӣ менамояд» [115, с.45].

И. Т. Суравегина қайд менамояд, ки «шарти муҳимтарини гузариши ҷомеа ба инкишофи устувор тағйирёбии мақсадҳои мундариҷаи маълумот ба ҳисоб меравад, яъне талаботҳои арзишӣ, сабабҳои фаъолияти ҳаёти одамон». Маҳз ҳамин қисматҳоро ҷомеа дар раванди таълиму тарбия пешниҳод менамояд [279, с.11].

Ҳамин тавр, гуфтаҳои боло имкон медиҳанд дар он хусус хулоса намоем, ки такмили ҷанбаи маълумоти филологӣ тавассути филологиякунонии он имкон медиҳад, ки самти ҷаҳонбинӣ, методологӣ, амалӣ ва эҳсосотии он тақвият ёбад, зеро донишҳои филологӣ бо амалия робитаи зич доранд, ба проблемаҳои муҳимми ҳаётӣ равшанӣ меандозанд, ба кор бурдани муносибатҳои эҳсосотӣ-арзиширо нисбат ба объектҳои омӯхташаванда пешниҳод менамоянд, вазифаҳои ҷаҳонбинӣ ва методологиро муайян менамоянд ва чун натиҷа, ба ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён таъсир мерасонанд.

Мо нуқтаи назари В. Е. Соколов ва Н. М. Черноваро дар бораи он, ки омодагии дар ҳақиқат ҷиддии филологӣ метавонад танҳо дар заминаи мустаҳками филологӣ амалӣ карда шавад, дастгирӣ менамоем. Аз ин лиҳоз маҳз филология дорои имкониятҳои васеъ барои ворид намудани донишҳои филологӣ мебошад ва бо ин имкониятҳоро барои ташаккул додани шавқмандии маърифатии донишҷӯён васеъ менамояд.

Асосҳои методологӣ, психологӣ-педагогии маълумоти филологӣ ва тарбияи донишҷӯён дар тадқиқотҳои С. А. Акрамов, А. Г. Банников, К. Н. Благосклонов, С. А. Глазачев, А. Н. Захлебний, И. Д. Зверев, А. А. Иноземтсев, Б. И. Иогансен, Г. Н. Карапов, Л. С. Квасова, Н. Б.

Корестелев, Л. А. Коросукова, С. С. Красновидова, Г. В. Куликова, Л. Е. Куприна, Т. В. Кучер, В. В. Мизинг, С. С. Мирзоев, А. Г. Моматова, В. М. Назаренко, М. Н. Назрикулов, И. Т. Суравегиной, Д. И. Трайтак ва дигарон инъикоси худро ёфтаанд.

Бо такя ба корҳои дидактикҳо И. Я. Лернер ва М. Н. Скаткин, метавон чор ҷузъи асосии маърифатиро ҷудо намуд:

1) низоми донишҳо дар бораи забон ва ҷомеа, раванди ҳамгироии онҳо;

2) низоми маҳорату малакаҳои умумии зеҳнӣ ва амалии дорои хусусияти забономӯзӣ дошта;

3) таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ оид ба омӯзиши филология;

4) низоми меъёрҳои муносибатҳо нисбат ба омӯзиши забон дар асоси идеалҳои ҷамъиятӣ[185].

Консепсияи аз ҷониби В. И. Журавлев таҳиянамудаи тарбияи фарҳанги филологии донишҷӯён дар илми педагоги на аз як қатор мафҳумҳои низомташкилдиҳанда оид ба филология иборат мебошад, ки миёнаи онҳо аз ҳама аҳаммиятдораш инҳоянд:

а) фаъолияти маърифати табии донишҷӯён,

б) фаъолияти пеш аз таълимии донишҷӯён,

в) фаъолияти забономӯзии донишҷӯён,

г) фаъолияти истифодабарии забони донишҷӯён [112, с.70].

Аз ҷониби А. А. Иноземсев роҳҳои зерини тарбия ва таълими филологӣ муайян карда шудаанд.

1. Азхуд намудани донишҳои зарурии филологӣ.

2. Ташаккул додан ва бозсозии тафаккури донишҷӯён ба туфайли муҳайё намудани шароитҳо, ки ба ташаккулёбии ҳам муносибати арзёбӣ ва ҳам низоми нигоҳҳо, одатҳо ва фарҳанги рафтор нисбат ба забон равона карда шудаанд [122, с.107].

Ба тарзи амали инсон донишҳои филологӣ дар он ҳолат таъсир мерасонад, ки агар он ҳам ба соҳаҳои зеҳнӣ ва ҳам ба эҳсосотии равони он дахл намояд, агар далелҳои илмӣ аз ҷониби ӯ ҳамчун ақиданокии шахсӣ дар зарурияти тағйир додани муносибат ба забон мутаносибан ба донишҳои андӯхта қабул карда шаванд.

3. Муоширати педагогии бо таври пайваста ташкил намудани донишҷӯён бо забон.

4. Кори мақсаднок оид ба ташкил намудани фаъолияти донишҷӯён, ки бо омӯзиш, ҳифз, нигоҳубин ва беҳтар намудани забони атрофиён алоқаманд мебошад.

И. Д. Зверев қайд менамояд, ки мактаби таълимоти умумӣ таҷрибаи кофиро дар ташкили фаъолияти амалии донишҷӯён оид ба забономӯзӣ дар ҷанбаҳои зерин ҷамъоварӣ намудааст:

а) ташкил намудани кори самти фоидаовари ҷамъиятии донишҷӯён оид ба ҳифзи иншоотҳо ва маҷмааҳои забон ва бозтавлидии боигариҳои он;

б) робитаҳои мутақобилаи кори амалӣ бо ҷамъоварӣ ва васеъкунии донишҳо дар бораи забон;

в) гуногуншаклии фаъолият ва шаклҳои ташкили он дар доираи машғулиятҳои ғайридонишгоҳӣ ва ғайриаудитории донишҷӯён (маҳфилҳои фаннӣ, чорабиниҳои оммавӣ, иштироки донишҷӯён ва ғайра). [115, с.38]

Вале, проблемаи мундариҷаи донишҳои филологӣ ҳамчун воситаи ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён ба таври пурра таҳқиқ нагардида боқӣ мемонад, ки ба кори омӯзгорон таъсир мерасонад.

Барои таҳқиқ намудани проблемаи истифода бурдани донишҳои филологӣ ҳамчун шароити ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён мо дар машғулиятҳои забони англисӣ, маҳфилҳои фаннӣ

иштирок кардем ва байни омӯзгорон назарпурсӣ гузарондем. Пеш аз ҳама, мо кӯшиш намудем муносибати омӯзгоронро нисбат ба донишҳои филологӣ ва усулҳои омӯзонидани онҳоро муайян намоем. Бо ин мақсад ба омӯзгорон пурсишномаҳо пешниҳод карда шуданд, ки суолҳои зеринро дар бар мегирифтанд:

1. Оё Шумо омӯзиши донишҳои филологиро дар машғулиятҳо зарур мешуморед?

2. Оё Шумо дар кори ғайриаудиторӣ ба масъалаҳои филологӣ диққататонро ҷалб менамоед?

3. Оё Шумо ба ошкор намудани сабабҳои забономӯзӣ дар машғулиятҳои забони англисӣ диққат медиҳед?

Ба пурсиш 60 омӯзгор ҷалб карда шуда буданд. Аз онҳо танҳо 39,1% ба ин назаранд, ки ба мундариҷаи машғулиятҳо зарур аст, ки ҷузъҳои донишҳои забономӯзӣ, таърихи хати рунӣ, лотинӣ ва готӣ, хусусиятҳои овозӣ, луғавӣ ва грамматикии забонҳои олмонии қадимро ворид намуд. 34,8% омӯзгорон андеша доранд, ки масъалаҳои мундариҷаи филологӣ ва забономӯзидоштаро бояд дар кори ғайриаудиторӣ омӯхт, вале дар амал ин корҳо гузаронида намешуданд. Вобаста ба ташаккул додани шавқмандии забономӯзии донишҷӯён бошад, танҳо 26,1% омӯзгорон ба ин аҳаммияти хоса медиҳанд. Қисми зиёди омӯзгорон натавонистанд ба ин суолҳо ҷавоб диҳанд.

Натиҷаҳои пурсишномаҳо ва суҳбатҳо бо омӯзгорон нишон доданд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои забономӯзӣ, таълиму тарбияи филологӣ бо мақсади фаъолнамоии шавқмандии маърифатӣ аҳаммияти зарурӣ дода намешавад. Сабаби асосияш аз ин иборат аст, ки адабиёти зарурии илмӣ-методӣ доир ба проблемаи мазкур ба забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ вуҷуд надоранд ба масъалаҳои мазкур дар китобҳои таълимии забони англисӣ

таваҷҷуҳи хоса зоҳир намегардад, инчунин заминаи муосири таълимӣ-моддӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки амалӣ намудани таълиму тарбияи филологӣ ва забономӯзиро бояд таъмин намояд, фароҳам оварда нашудааст.

Чунин ҳолат моро водор намуд, ки ба таҳқиқи проблемаи мазкур бо мақсади расонидани кӯмаки амалӣ ба омӯзгорон машғул шавем.

Мундариҷаи курси забони англисӣ дар таҳқиқоти мо дар асоси ҷудо намудан ва инкишофи чор мафҳуми филологӣ амалӣ карда мешавад: омилҳои филологӣ, муҳити омӯзиш ва муколама бо забони англисӣ ва истифодаи оқилонаи донишҳои филологӣ. Маҳз ин мафҳумҳо, ба андешаи мо, асоси ошкор намудани робитаҳои мутақобилаи забономӯзон ва муҳити забонӣ, нақши онҳо дар забономӯзӣ ва ҳаёти инсон, зарурати муносибати ҷиддӣ нисбат ба омӯзиши забонро ташкил менамоянд. Аз ин ҷо бармеояд, ки мафҳумҳои мазкур асоси ташаккулёбии  шавқмандии маърифатӣ ҳам ба шумор мераванд. Ғайр аз ин, мафҳумҳои номбаршуда имкониятҳоро барои истифодабарии васеи муносибати забоншиносӣ дар таълимот фароҳам меоранд, яъне амалӣ намудани робитаҳои мутақобилаи маводди филологӣ ва омӯзгорӣ, якҷоя истифода бурдани усулҳо ва шаклҳои гуногуни омӯзиш, истифода бурдани кори аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ.

Масъалаҳои таълиму тарбияи филологӣ ва забономӯзии донишҷӯён дар корҳои олимон Н. М. Верзилин, В. В. Всесвятский, В. М. Корсунская, Н. В. Падалко, В. Н. Федорова, Н. И. Шапошников, Е. М. Кудрявтсев, Л. С. Шубкина, И. Н. Пономарева, В. К. Эсм ва дигарон инъикоси худро ёфтаанд.

Масъалаҳои таълиму тарбияи педагогӣ ва забономӯзӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ  дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимон И. А. Абдусаломов, С. А. Акрамов, Ф. Аҳроров, М. Н. Назриқулов, А. Нуров, П.

Ҷамшедов, А. И. Никишов, И. Н. Пономарева, В. З. Резникова, А. Б. Яблоков, Ю. А. Яленский, ва дигарон инъикоси худро ёфтаанд .

Дар таҳқиқоти мазкур ҷанбаи ташаккуи шавқмандии маърифатии донишҷӯён мавриди баррасӣ қарор мегирад. Пеш аз ҳама, мо проблемаи нақши як қатор усулҳои таълимро дар ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён таҳқиқ менамоем.

Усулҳои таълим аз ҷумлаи категорияҳои дидактика буда, дорои нишонаҳои сершумор ва зуҳуроти берунаи раванди педагогӣ ба шумор меравад.

Усулҳои таълим шаклҳои берунаи ифода ва роҳҳои мубодилаи бевоситаи маълумот миёни омӯзгор ва донишҷӯён тавассути нутқ ва воситаҳои таълим, амалҳо ва ғайра мебошанд.

Дар корҳои олимон Ю. К. Бабанский, А. Д. Ботвинников, М. А. Данилов, В. И. Журавлев, В. В. Краевский, Л. Ф. Кейран, Н. В.Кузмина, И. Я. Лернер, Э. Н. Моносзон, И. Т. Огородников, В. И. Паламарчук, В. А. Перкасов, М. Н. Скаткин. Т. И. Шамова, Д. П. Широких, И. С. Якиманская ва дигарон қиёси усулҳо ва тарзи таълимот ососнок карда шуда, гуруҳбандии онҳо оварда мешавад.

Проблемаҳои такмилдиҳии усулҳои таълим ва раванди таълиму тарбия дар мактаби таҳсилоти умумӣ дар таҳқиқотҳои: А. Н. Алексюк, Ю. К. Бабанский, В. П. Беспалко, М. А. Данилов, В. В. Давидов, В. И. Журавлев, В. В. Краевский, И. В. Козир, М. М. Левин, М. Н. Скаткин, В. А. Черкасов, Т. И. Шамова, Г. И. Шукина ва дигарон ба таври амиқ баррасӣ карда шудаанд.

Дар методикаи омӯзонидани забони англисӣ усулҳои таълимӣ дар аксар маврид мисли «Усулҳои асосии омӯзгор ва донишҷӯён, ки бо мақсади азхуд намудани донишҳо, маҳорату малакаҳо аз ҷониби донишҷӯён истифода бурда мешаванд”.

Аз нуқтаи назари Б. В. Всесвятский «усулро мисли яке аз роҳҳои асосии омӯзиши асосҳои забони англисӣ, ки аз ҷониби омӯзгор ба беҳтар намудани азхудкунии донишҳои муайяни филологӣ, маҳорату малакаҳои амалӣ равона карда шудааст» тавсиф намудааст. [64, с.59]

Аз рӯи тавсифоти Н. М. Верзилин ва В. М. Корсунская усули таълимӣ – ин «тариқи додани донишҳо аз ҷониби омӯзгор ва дар як вақт тариқи азхуднамоии онҳо аз ҷониби донишҷӯён мебошад».

Усулҳои омӯзиш – ин тариқи кори аз ҳам вобастаи таълимии омӯзгор бо донишҷӯ мебошад, ки аз қоидаҳои идрок асос меёбад ва азхуднамоии донишҳои умумифизиологӣ, андӯхтани маҳорату малакаи зарурӣ, ташаккул додани асосҳои тарбияи ҷамъиятии насли наврасро таъмин менамояд. [58, с.57]

Омӯзиши донишҷӯён зери роҳбарии омӯзгор бо роҳи усулҳои мухталиф амалӣ карда мешавад, ки ба мундариҷаи маводди таълимӣ мутобиқ мебошад ва ташаккулёбии фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро ҳавасманд менамояд.

Аз ҷониби олимони мухталиф як қатор гурӯҳбандии усулҳои омӯзиш бо асосҳои гуногун пешниҳод карда шудааст.

1. Н. М. Верзилин вобаста аз манобеи донишҳо усулҳои таълимро ба нутқӣ ва амалӣ ҷудо кардааст. [58, с. 80]

2. Б. В. Всесвятский ва В. Ф. Шалаев бошанд, дар робита ба фаъолияти омӯзгор ва донишҷӯён дар раванди таълим усулҳои зерини омӯзишро фарқ менамоянд: усулҳои баёни маводди нави омӯзишӣ аз ҷониби омӯзгор ва усулҳои кори мустақилонаи донишҷӯён; [64, с.266]

3. Вобаста аз вазифаҳои дидактикӣ М. А. Данилов, Б. П. Есипов усулҳои зеринро ҷудо мекунанд: а) андӯхтани донишҳо; б) ташаккулёбии маҳорату малакаҳо; в) истифодабарӣ; г) фаъолияти эҷодӣ; д) мустаҳкам намудан ва санҷиши донишҳо;

4. Е. П. Брунов аз рӯйи васеъгии амали дидактикӣ усулҳои умумидидактикии омӯзишро ҷудо менамояд. [52]

5. Аз рӯйи сатҳҳои фаъолнокии мустақилонаи донишҷӯён аз ҷониби И. Я. Лернер ва М. Н. Скаткин усулҳои зерин пешниҳод карда шудаанд: а) баёнкунанда-намоишдиҳанда-дастурамалӣ ё иттилоотӣ-дастурамалӣ; б) репродуктивӣ; в) усули баёни проблемавӣ; г) эвристикӣ ё қисман-ҷустуҷӯӣ; д) таҳқиқотӣ [185].

6. Аз рӯйи дараҷаи фаъолнокии донишҷӯён аз ҷониби М.И.Махмутов усулҳои зерин ҷудо карда шудаанд: а) водорнакунанда (иттилоотӣ - огоҳкунанда ва иҷрочигӣ, баёнӣ-намоишӣ ё репродуктивӣ); б) водоркунанда (қисман-ҷустуҷӯӣ, таҳқиқотӣ) [202, с.15].

Аз ҷониби А. Н. Мягкова ва Б. Д. Комиссаров муайян карда шудааст, ки дар раванди таълими забони англисӣ, ҳамчун дигар фанҳо, усулҳои иттилоотӣ ва проблемавии омӯзонидани омӯзгор, усулҳои репродуктивӣ ва ҷустуҷӯии донишҷӯ истифода бурда мешаванд [210, с.150].

Ҳангоми истифода бурдани усулҳои иттилоотӣ омӯзгор ба донишҷӯён бевосита оид ба назарияҳо ва қонуниятҳои филологӣ хабар медиҳад, ки мавқеи назариявиро нисбат ба предметҳои мухталиф нишон медиҳад ва бо ҳамин ӯ ба донишҷӯён андозаи муайяни маълумотҳоро баён мекунад, дар назди донишҷӯён суол мегузорад. Ҳамин тавр, агар дар ҳолати аввал омӯзгор ба донишҷӯён иттилооти омодаро барои такрор намудан бо ин ё он пуррагӣ баён мекунад, пас дар ҳолати дуюм, баръакс, ӯ онҳоро дар мустақилона ба даст овардани донишҳо таҳлил менамояд ва раванди таълимиро аз нуқтаи назари проблемавӣ ба роҳ мемонад.

Бояд қайд намуд, ки ҳам дар ҳолати якум ва ҳам дар ҳолати дуюм дар раванди омӯзиши забони англисӣ аз ҷониби омӯзгор чунин усулҳои омӯзишӣ мисли ҳикоя, суҳбат, таҷриба, мушоҳида, кори амалӣ ва ғайра истифода бурда мешаванд.

Аз ин бармеояд, ки самаранокии усулҳои таълим ба мақсади ангезиши шавқмандии маърифатии донишҷӯён аз маҳорати омӯзгор дар интихоб ва истифодабарии дурусти усулҳо ва тарзҳои гуногуни таълим, ба мисли баёни маводди таълимӣ бо истифодаи ҳар чи бештари воситаҳои биноию шунавоӣ (расмҳо, ҷадвалҳо, моделҳо, нақшаҳо, диапозитивҳо, кинофилмҳо ва ғайра) дар раванди таълими забони англисӣ вобастагӣ дорад.

Дар рафти таҳқиқи проблемаи мавриди назар аз ҷониби мо муайян карда шуд, ки аёният аз ҷониби қисми зиёди омӯзгорон на танҳо ҳангоми баён намудани маводди нави омӯзишӣ бо усулҳои нақл ё суҳбат ва нишон додани  объектҳои табиӣ ё таҷрибаҳо истифода бурда мешаванд, балки дар вақти гузаронидани кори мустақилонаи донишҷӯён аз рӯйи маводди омӯзишии тақсимшаванда ҳангоми кор бо видеофилмҳо, тарҷумаи матнҳои гуногун ва гайра ҳам ба кор бурда мешаванд.

Истифода бурдани аёнияти табиӣ ё нақшаю расмҳо дар раванди омӯзиши забони англисӣ, бечунучаро, ба ангезиши шавқи маърифатии донишҷӯён ба дарки  объектҳо ва падидаҳо мусоидат менамояд ва бо ин восита, доираи тасаввуроти амиқи донишҷӯён васеъ мегардад.

Тибқи модели назариявии аз ҷониби мо пешниҳодшудаи ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён, шавқу рағбати онҳо бояд тавассути ба роҳ мондани фаъолияти мустақилонаи пайвастаи ҷустуҷӯӣ, якҷоя истифода бурдани шаклҳою усулҳои мухталифи таълим  дар машғулиятҳои омӯзиши забони англисӣ афзун гардад. Маҳз ба ин ҷиҳатҳои таълими забони англисӣ мо дар таҳқиқоти худ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудем.

**Нақл** – ин баёни пайдарпайи маводди нави таълимӣ аз ҳамаи фанҳои филологӣ мебошад, зеро дар онҳо шумораи зиёди мафҳумҳои морфологӣ, фонетикӣ, систематикӣ ва умумифилологӣ мавҷуданд, ки бо

онҳо донишҷӯён ҳангоми омӯхтани фонетика, грамматика ва асосҳои забони англисӣ шинос мешаванд.

Дар раванди таълими забони англисӣ ҳикоя метавонад дар мавридҳои зерин истифода шавад:

а) тасвир намудани забонҳои омӯхташаванда, сохтори онҳо ва тарзи истифодаашон;

б) ташкил намудани экскурсияҳо ба ҷойҳои таърихии кишвар ва ғайра;

в) фаҳмонидан ва тасдиқ намудани ин ё он масъалаҳои мураккаб вобаста ба забон.

Барои он ки ба саволи чӣ тавр бояд омӯхт ҷавоби муносиб додан мо бояд масъалаи ҷойгоҳи методҳои таълимро мавриди баррасӣ қарор диҳем, зеро бидуни методҳои омӯзиш ба мақсади мавриди назар ноил гаштан, таълими самарабахши маводди таълимӣ ва фаҳмидани он аз ҷониби донишҷӯён имконнопазир аст. Метод маркази раванди омӯзиш аст. Нақши он дар системаи «мақсад – мазмун – методҳо – шаклҳо – воситаҳои омӯзиш» баҳснопазир аст. Истилоҳи «метод» мафҳуми васеъро ифода мекунад ва тафсирҳои гуногун дорад, аз ҷумла, методҳои таҳқиқоти илмӣ, методҳои тарбия, методҳои омӯзиш ва ғайра. Методи омӯзиш (аз юн. methodos – роҳ, тарз, таҳқиқ, тариқ) ин ба низом даровардани фаъолияти омӯзгор ва донишҷӯён дар раванди таълим мебошад, ки барои ноил гардидан ба мақсади гузошташудаи омӯзиш равона карда шудааст. Дар таҳти методҳои омӯзиш (методҳои дидактикӣ) одатан маҷмуи роҳҳою тарзҳои ба мақсад расидан ва ҳалли вазифаи таълим фаҳмида мешавад. Дар адабиёти педагогӣ истилоҳи метод баъзан фақат ба фаъолияти омӯзгор ё фаъолияти таълимгирандагон мансуб дониста мешавад. Ба мақсад мувофиқ хоҳад буд, ки агар дар навбати аввал методҳои омӯзиш ва дар равбати дуюм методҳои таълимотро мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Агар сухан дар бораи ҳамкории омӯзгору донишҷӯ равад, он гоҳ, пеш аз ҳама, бешубҳа, методҳои омӯзиш ба назар гирифта мешаванд. Дар раванди омӯзиш метод ба мақсади муайяни таълимӣ ва тарбиявӣ ба кор бурда мешавад. Аз ин нуқтаи назар ҳар як методи омӯзиш табиатан дар худ, пеш аз ҳама, кори таълимии омӯзгор, яъне баёни маводди нави таълимӣ, фаҳмондадиҳии он ва дар асоси муҳтавои таъсирбахши он тарбия намудани шогирдонро дар бар мегирад. Аксаран барои фаҳмидан ва аз худ кардани мавзуи мавриди таълим омӯзгор маводди нави таълимиро тибқи методи фаҳмонидан ба донишҷӯён таълим дода, онҳоро ба фаъолияти таълимӣ–маърифатӣ руҳбаланду ҳавасманд мегардонад. Дар раванди таълим баъзан омӯзгор маводди нави таълимиро худаш нафаҳмонда, фақат мавзуи онро муайян мекунад ва суҳбати муқаддимавӣ мегузаронаду ҳалли онро ба худи донишҷӯён вогузор менамояд. Донишҷӯён он мавзуъро худашон аз китоби дарсӣ таҳти роҳнамоии омӯзгор меомӯзанд. Чунонки мебинем, дар ин маврид вобастагии кори таълимии омӯзгор ва ташкили дурусти фаъолияти таълимӣ–маърифатии ӯ ва ҳам фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён ба назар мерасад. Азбаски дар раванди омӯзиш фаъолияти тарафайни омӯзгору донишҷӯён бо ҳам алоқаманд аст, методҳоро ҳам аз ҳамин нуқтаи назар бояд баррасӣ кард. Дар китобҳои дарсии педагогика муаллифон, асосан, фаъолияти омӯзгору донишҷӯёнро ба назар гирифта, методи омӯзишро таъриф додаанд. Чунончи, С. П. Баранов методи озишро чунин таъриф мекунад: «Методи омӯзиш – ин роҳи идроки назариявӣ ва фаъолияти амалии омӯзгор ва донишҷӯён, ки ба иҷрои вазифаҳои таълим нигардонида шудааст». Ба андешаи А. К. Громтсева, «методҳои таълим – ин тарзҳои фаъолияти якҷояи омӯзгору донишҷӯён мебошанд, ки барои ҳалли вазифаҳои омӯзиш равона карда шудаанд» [83, с.320]. Аммо олими шинохтаи тоҷик М. Лутфуллоев ин таърифҳои методҳои омӯзишро дар шароити кунунӣ

қаноатманд ҳисоб намекунад. Чунки мактаб дар навбати аввал бояд мувофиқи талаботи Консепсияи милии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба саломатӣ, тарбия ва инкишофи фард, рушд ва пешрафти қобилияти шахс машғул шавад. Бинобар ин, олими мазкур инкишофи қобилияту доираи назари фардро дар ҷойи аввал гузошта, гунаи нисбатан қобили қабули таърифи методҳои таълимро ба тариқи зайл овардааст: «Методҳои таълим ҳамчун чароғи фаъолияти омӯзгору донишҷӯ илмест дар хусуси роҳ, тарз ва воситаҳои инкишофи қобилияти фардии донишҷӯён, доираи назар, андӯхтани дониш ва ҳосил намудани маҳорату малакаҳо» [194, с.70]. Вале ба назари мо, дар асоси ҳамин маънидоди мафҳуми методҳои омӯзиш таърифи зайл саҳеҳтар мебуд: зери истилоҳи «методҳои таълим» роҳҳо, тарз ва воситаҳои самарабахши фаъолияти омӯзандагии омӯзгору донишҷӯ бо мақсади инкишофи қобилияти фардии донишҷӯён, васеъ намудани ҷаҳонбинӣ ва дар онҳо ташаккул додани дониш, маҳорат ва малакаҳои фаъолияти касбӣ фаҳмида шавад. «Роҳҳои самарабахш» гуфтанамон ба он мақсад аст, ки инсоният ҳамеша дар ҳама кор дар ҷустуҷӯи роҳҳои осону муфиди истеҳсолкунӣ мебошад. Як вақтҳо босавод кардани одамон басо душвор буд, ҳоло бошад, бо роҳҳои самарабахш таълими савод дар мактаб хеле осон шудааст, минбаъд боз ҳам осонтар хоҳад шуд. Аз ин рӯ, таърифи мазкури методи омӯзиш, ба назари мо, созгор ва шояд пойдортар бошад. Методи омӯзиш назарияест, ки бо роҳи муайяни самарабахш сурат гирифтани фаъолияти таълимии омӯзгору донишҷӯёнро таъмин мекунад. Аз ин рӯ, ҳар як метод бояд асоси илмӣ дошта бошад ва дар пешбурди мақсадноки фаъолияти маърифатии шахс хизмат намояд.

Усулҳои таълим. Методҳои омӯзишро бидуни усулҳои дохилии он тасаввур кардан мумкин нест. Пас усулҳои таълим чист? Усулҳои таълим ин ҷузъиёти метод, амалиёти алоҳидаи тафаккур, лаҳзаҳои таркибии

раванди азхудкунии донишҳо ва ташаккул додани маҳорату малакаҳо дар шогирдон мебошанд. Усул вазифаи мустақили таълимӣ надорад, вале мувофиқи талаботи ин ё он метод амал мекунад ва барои самарабахш гардидани метод мадад мерасонад. Масалан, методи машқ, ки, асосан, вазифаи ташаккул додани маҳорату малакаҳоро дорад, метавонад чунин усулҳоро дар бар гирад: намунаи кори омӯзгор, дар асоси намуна мустақилона ба роҳ мондани фаъолияти донишҷӯён, ба пешқадамон супоридани машқҳои иловагӣ, ҳамкории омӯзгор бо шогирдони донишашон суст, сустхонҳоро руҳбаланд кардани омӯзгор, натиҷагирӣ ва ғайра. Ҳамаи методҳои таълимӣ мувофиқи хусусиятҳои худ метавонанд фарогири усулҳои гуногун бошанд. Усулҳои таълимие ҳам ҳастанд, ки дар чанд метод истифода бурда мешаванд. Чунончи, усули мисоловарӣ аз китобҳо ё аз ҳаёт дар методҳои эзоҳ, суҳбат, машқ, озмоишгоҳӣ ва ғайра истифода бурда мешавад. Методи омӯзиш ҳамеша ба мақсади муайян истифода бурда мешавад, вазифаи муайяни таълимиро иҷро мекунад ва ба аз худ кардани мазмуни маводди муайяни таълимӣ мадад мерасонад ва барои  ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардидан мусоидат мекунад. Маҷмуи методҳои таълим ин роҳи донистани воқеияти атроф, роҳест, ки хусусиятҳои рушди зеҳнии донишҷӯёнро муайян намуда, имкониятҳои азхудкунии донишҳо ва ташаккули хислатҳои  шахсӣ барои онҳоро фароҳам меорад. Ба кор бурдани маҷмуи усулҳои омӯзиш аз ҳунар ва интихоби омӯзгор вобастагӣ дорад. Усулҳои таълим ба корбурди методҳои омӯзиши омӯзгор хусусиятҳои хосса бахшида, ба тарзи тадриси инфиродӣ ва азхудкунии инфиродии маводди таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён имконият медиҳанд.

Таснифоти методҳои омӯзиш. Методҳои омӯзиш хеле зиёд буда, муайян кардани миқдори онҳо имконнопазир аст. Методҳои омӯзиш бояд аз нигоҳи мантиқ, хусусият, муносибат ва вазифаҳои таълимиашон ба

гурӯҳҳои муайян тасниф шаванд. Аммо ҳоло дар муассисаҳои таълимӣ чунин гурӯҳбандии ягонаи методҳо вуҷуд надорад ва дар байни педагогҳою методистон доир ба ин масъала ақидаи ягона вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин дар назария ва амалияи омӯзиш чандин таснифоти методҳои омӯзиш арзи вуҷуд кардаанд, ки онҳо хилофи ҳам набуда, балки ҳамдигарро пурра мекунанд ва ба омӯзгорон имконият медиҳанд, ки дар омӯзиши маводди таълимӣ шеваҳои гуногуни таълимро ба кор баранд. Таснифоти методҳо боиси танзим ва ба низом даровардани раванди омӯзиш мегардад. Таснифоти методҳо ба омӯзгор имкон медиҳад, ки дар омӯзиши маводди таълимӣ роҳи беҳтаринро интихоб кунад. Олимони соҳаи педагогика методҳои омӯзишро мувофиқи фаҳмиши худ ҳар хел гурӯҳбандӣ кардаанд. Аз ҷумла Ю. К. Бабанский методҳои таълимро ба се гурӯҳи асосии зерин тасниф кардааст: а) методҳои ташкил ва ба вуҷуд овардани фаъолияти таълимӣ–маърифатӣ; б) методҳои ҳавасмандгардонӣ ва ангезиши фаъолияти таълимӣ–маърифатӣ; б.) методҳои ҳавасмандкунӣ ва ангезиши фаъолияти таълимӣ–маърифатӣ; в) методҳои назорат ва худназоратии самарабахшии фаъолияти таълимӣ–маърифатӣ. Дар робита ба амалҳои дидактикӣ таснифоти М. А. Данилов ва Б. П. Есипов бештар қобили қабул мебошанд. Олимони мазкур дар ин бора қайд кардаанд, ки «агар методҳои таълим ҳамчун тарзи ташкилу танзими фаъолияти таълимии донишҷӯён оид ба амалисозии мақсад ва иҷрои вазифаҳои дидактикӣ ба кор бурда шаванд, пас, онҳоро ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан равост: методҳои азхудкунии донишҳои нав, методҳои ташаккули маҳорат, малака ва дар амал ба кор бурдани онҳо, методҳои санҷиш ва баҳодиҳӣ ба дониш, маҳорат ва малакаҳои донишҷӯён» [94, с.90-99]. Ин таснифот бо вазифаҳои асосии омӯзиш бештар мувофиқат мекунад ва барои беҳтар фаҳмидани вазифаҳои онҳо мадад мерасонад. И. Ф. Харламов таснифоти мазкурро эътироф намуда, навиштааст, ки агар ба

таснифоти мазкур баъзе иловаҳо дохил карда шаванд, дар натиҷа ҳамаи методҳои гуногуни таълимро ба панҷ гурӯҳи зерин тақсим кардан мукин аст: а) методҳои баёни шифоҳии дониш аз тарафи омӯзгор ва фаъол гардондани донишҷӯён, ки аз инҳо иборатанд: накл, эзоҳ, лексияи мактабӣ, тасвир ва намоиши аёният; б) методҳои мустаҳкамкунии маводди омӯхташуда, ки, асосан, аз суҳбат ва кор бо китоби дарсӣ иборатанд (пешниҳоди И. Ф. Харламов); в) методҳои кори мустақилонаи донишҷӯён оид ба фаҳмидан ва аз худ кардани маводди нави таълимӣ, яъне кор бо китоби дарсӣ, кор дар синфхонаи лингофонӣ (пешниҳоди И. Ф. Харламов); г) методҳои корҳои таълимӣ барои дар амал ба кор бурдани дониш, касб кардани маҳорат ва малакаҳо, ки аз инҳо иборатанд: машқҳои хаттӣ ва амалӣ, машғулиятҳои лингофонӣ; д) методҳои санҷиш ва баҳодиҳӣ ба дониш, маҳорат ва малакаҳои донишҷӯён, ки амалҳои зеринро фаро мегиранд: ҳамарӯза мушоҳида кардани корҳои донишҷӯён, пурсиши шифоҳӣ, баҳои ҳаррӯза, корҳои санҷишӣ, санҷиши корҳои мустақилона, назорати барномавӣ. Ин таснифоти муштараки олимони мазкур қобили қабул аст, зеро он бо пайдарҳамӣ, мукаммалӣ ва возеҳии худ аз таснифоти олимони дигари соҳаи педагогика фарқ мекунад ва мо ҳам ин таснифотро ҷонибдорӣ карда, ба он бо дарназардошти хусусияти маҳаллӣ баъзе иловаҳоро ворид мекунем [303, с.142].

Барои беҳтар намудани шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар рафти суҳбат тавассути ташкил намудани фаъолияти ҷустуҷӯии онҳо мо талаботи зеринро нисбат ба гузаронидани суҳбат муайян намудем.

1. Истифода бурдани суолҳои проблемавӣ;

2. Истифода бурдани воситаҳои аёнӣ, аз ҷумла ҷадвалҳо, диапозитивҳо ва ғайра.

3. Тавъам ба кор бурдани методи суҳбат бо намоиш ва бо дигар дигар усулҳои таълимӣ.

**Методи мушоҳида** ҳамчун усули муҳимму самарабахши омӯзиш дар раванди ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён дар машғулиятҳои забони англисӣ истифода бурда мешавад. Мушоҳида имкон медиҳад, ки объект, падида ва равандҳо муқоиса карда шаванд, то ки ҷамъбасту хулосабарорӣ дуруст сурат гиранд ва ба ин восита мушоҳидакорӣ ва рағбати донишҷӯёнро нисбат ба ҳодисаҳои забонӣ инкишоф диҳем.

Муҳаққиқ И. П. Павлов менависад: «Мушоҳида усули кофӣ барои омӯзиши танҳо падидаҳои одӣ мебошад. Ҳарчанд падида мураккабтар бошад, вале он аз ҳаёт мураккабтар нест ва бо ҳамон дараҷа аз таҷриба вобастагӣ дорад. Танҳо таҷриба, бо ягон чиз ба ҷузъ аз андозаҳои интихобнамоии зеҳни инсон маҳдуд карда нашудааст. Мушоҳида он чизро ҷамъ менамояд, ки забон ба он пешниҳод менамояд, таҷриба бошад аз забон ҳар он чизеро, ки хоҳад, мегирад. Ва неруи таҷрибаи филологӣ дар ҳақ беандоза аст» [231].

Дар адабиёти илмӣ-педагогӣ ин усул ҳамчун идроки барқасдона ва мақсаднок баррасӣ карда мешавад, ки вазифаи илмӣ ва амалиро таъмин менамояд. Усули мушоҳида – ин фаъолияти маърифатӣ ва мақсадноки донишҷӯён мебошад, ки бар идроки ба ҳиссиёти объект ё падидаи омӯхташаванда асос меёбад.

Мушоҳида яке аз усулҳои муҳимтарини омӯзиши забони англисӣ мебошад, ки ба инкишофи чунин қобилиятҳои зеҳнӣ, ба мисли идрок, таҳлил, абстраксиякунонӣ, умумигардонӣ, хулосабарории донишҷӯён мусоидат менамояд ва дар баробари ин ба ташаккули маҳорату малакаҳои амалии онҳо мусоидат менамояд ва дар баробари он ба ташаккули маҳорату малакаҳои амалии онҳо мусоидат мекунад.

Мушоҳида бояд мақсаднок бошад, яъне ҳангоми гузаронидани он бояд мақсад, вазифаҳо ва мундариҷаи мушоҳидаро муайян намуд. Олим ва педагоги маъруф А. Н. Бекетов қайд менамояд: «Пеш аз ҳама, зарур аст

мушоҳида ва қиёс намуданро омӯхт ва ин нуқта баҳснопазир аст, ки таърихи табиӣ аз ҳама маълумотҳои беҳтарини мушоҳида ва қиёс намуданро пешниҳод менамояд. Мушоҳида асло илми осон намебошад, мумкин аст дақиқ предметро аз назар гузаронид, вале ба ҳар ҳол сифатҳои асосии онро набинем. Барои он ки чизро амиқу ҳамаҷониба мушоҳида намуданро омӯзем, бояд муддати зиёд зери роҳбарии мушоҳидакори ботаҷриба машқ намоем» [39, с.176].

Аз ин бармеояд, ки А. Н. Бекетов усулҳои дорои ҷонибҳои аҳаммиятноки мушоҳидаро боз менамояд, яъне: тарбияи тафаккури мустақилона; роҳбарӣ намудан аз болои корҳои мутақилона, ки мушоҳидакорриро инкишоф медиҳад. [39, с.180]

Самаранокии мушоҳида аз бисёр ҷиҳат аз давраи мушоҳидае, ки аз ҷониби омӯзгор анҷом дода мешавад, вобастагӣ дорад, зеро мушоҳида нишон медиҳад, ки кадом нишонаҳоро бояд муқоиса кард ва чӣ гуна хулосабарорӣ кард.

Мушоҳидаи фаъолияти донишҷӯён метавонад усули мустақили таълим ва ҳам як усули методӣ бошад, ки дар машғулиятҳои амалӣ, лексияҳо ва экскурсияҳо истифода бурда мешавад.

Дар раванди мушоҳида миёни донишҷӯён шавқмандии маърифатӣ нисбат ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ ташаккул меёбад ва миёни онҳо мустақилӣ, ташаббускорӣ, покизакорӣ, масъулият барои иҷрои мақсаду вазифаҳои гузошташуда иникишоф меёбанд.

Мушоҳида инчунин аҳаммияти калони таълимӣ-тарбиявӣ дорад, зеро он ба донишҷӯ имконият медиҳад, ки самарабахшии натиҷаҳои фаъолияти мустақилонаи амалии худро мушоҳида намояд.

Бо мақсади ташкили фаъолияти мустақилонаи ҷустуҷӯӣ ҳамчун воситаи ангезиши шавқмандии маърифатии донишҷӯён ҳангоми ташкил намудани мушоҳидаҳо мо чораҳои зеринро пешниҳод менамоем:

1) мушоҳидаро бо дигар усулҳои таълимӣ, аз ҷумла бо нақл, шарҳи омӯзгор бояд тавъам ба кор бурд, зеро ин ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки тавассути мушоҳида моҳияти падидаҳои омӯхташавандаро хубтару амиқтар дарк намояд;

2). гузаронидани машварати хуб оид ба ташкил намудани мушоҳида;

3). дар назди донишҷӯён гузоштани проблемае, ки онҳо бояд дар рафти мушоҳида онро ҳал намоянд.

**Таҷриба** усули таҳқиқот мебошад, ки санҷиши илмӣ-объективӣ ва дурустии фарзияи дар оғози таҳқиқот баёншударо тасдиқ менамояд.

Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани фаъолияти маърифатии донишҷӯён, вазифаҳои мушаххаси таҷриба дар соҳаи педагогика, аз ҷумла тарзҳои ташкили таҷриба дар омӯзиши фанҳои алоҳида, ба таври васеътар дар корҳои  Г. И. Шукина, В. С. Илина ва дигарон (таҳия намудани низоми чораҳо оид ба ташаккул додани рағбат ва эҳтиёҷоти маърифатии донишҷӯён), Н. А. Половникова, Б. И. Коротяев, П. И. Пидкасистий ва дигарон (инкишофи фаъолияти мустақили маърифатии донишҷӯён) муайян карда шудаанд.

Аз ҷониби И. Д. Зверев, А. Н. Мягкова муайян карда шудааст, ки фанҳои филологӣ аз рӯйи моҳияти худ таҷрибавӣ мебошанд, зеро аз таҷриба ва мушоҳида ҳар гуна илм натиҷаҳо ва донишҳоро соҳиб мешавад, баъдан онҳо аз лиҳози назариявӣ дарк карда мешаванд ва аз ҷониби олимон умумӣ гардонида мешаванд. Ана барои чӣ таҷриба дар илмҳои филологӣ мақоми махсусро ишғол менамояд.

Дар қиёс бо мушоҳида, таҷриба фаъолияти мураккабтари таълимии донишҷӯёнро талаб менамояд. Таҷриба, тамошои видеофилмҳо бо объектҳои зинда барои омӯхтани падида ва раванҳои филологиро дар бар мегирад.

Ба мақсад мувофиқ хоҳед, агар қайд намоем, дар муассисаҳои таълимӣ таҷриба аслан ба сифати намоиш гузаронида мешавад, яъне чӣ гуна таҷрибаро гузаронидан ба донишҷӯ худи омӯзгор нишон медиҳад, ки ба андешаи мо, ин на он қадар дуруст мебошад. Чи тавре ки таҷриба нишон медиҳад, корҳо ва мушоҳидаҳои шахсии мо, дар барномаҳо доир ба таълими забони англисӣ шумораи зиёди озмоишҳо пешниҳод карда мешаванд, вале донишҷӯён наметавонанд онҳоро мустақилона ба анҷом расонанд.

Таҷриба аҳаммияти калони маърифатӣ ва тарбиявӣ дорад, зеро донишҷӯёнро бо воқеъияти мавҷуд будани падидаҳои филологӣ шинос мекунад, онҳоро ба покизакорӣ, дақиқкорӣ ҳидоят мекунад, тафаккури онҳоро инкишоф медиҳад, зеро ҷустуҷӯи роҳҳои дарки забонро талаб менамояд.

Аҳаммияти махсусан калони тарбиявӣ ва маърифатиро он озмоишҳое доранд, ки дар онҳо худи донишҷӯён фаъолона ширкат меварзанд: онҳо мақсади таҷрибаро муайян мекунанд, роҳҳои амалӣ намудани онро пешниҳод менамоянд ва фарзия дар бораи натиҷаҳои имконпазири онро баён менамоянд.

Н. В. Падалко, В. Н. Федорова ва дигарон қайд мекунанд, ки «таҷриба яке аз усулҳои мураккаб, меҳнатталаб ва ҳамзамон муҳим дар фаъолияти омӯзишии донишҷӯён ба шумор меравад, зеро нақши бузургро дар ташаккул ва инкишофи мафҳумҳои педагогӣ, фаъолгардонии фаъолияти маърифатӣ ва амалии донишҷӯён бозӣ менамояд» [231, с.254 ].

Ҳангоми ёд додани тарзи ташкилу гузаронидани таҷриба ба донишҷӯён, қабл аз ҳама, зарур аст, ки талаботи умумие, ки насбат ба таҷрибаи филологӣ пешниҳод карда мешавад, бошуурона аз худ намоянд. Аз ҷумлаи талаботи мазкур инҳо мебошанд: муайян кардан ва дарк намудани мақсаду вазифаҳои таҷриба, пешниҳод кардани фарзия дар

бораи натиҷаҳои дилхоҳ, тартиб додани нақшаи гузаронидани таҷриба, назорат аз рафти таҷриба ва вариантҳои такрории он; фарқ гузоштан миёни таҷриба ва назорат дар сурати мавҷуд набудани як шарт; муайян намудани воситаҳою таҷҳизоти зарурӣ барои гузаронидани таҷриба; назорати пайваста аз рафти гузаронидани таҷриба доир ба тарҷумаи матни зери назорат қарордошта; дар шакли хаттӣ сабт намудани натиҷаҳои муайяни таҷриба; хулосабарории дуруст ҳангоми муқоиса намудани натиҷаҳои мушоҳидаи таҷрибаи гузаронидашуда; муқоиса намудани натиҷаҳои таҷрибаи гузаронидашуда бо фарзияи пешниҳодшуда.

Яке аз роҳҳои самарабахши омӯзиши донишҷӯён дар рафти гузаронидани таҷриба ин ҷалб намудани онҳо ба ташкилу гузаронидани таҷриба дар машғулиятҳои амалии забони англисӣ мебошад.

Барои ташкил намудани фаъолияти мустақилонаи ҷустуҷӯии донишҷӯён бо мақсади дар онҳо ташаккул додани шавқмандии маърифатӣ ҳангоми гузаронидани таҷриба мо қобили қабул мешуморем, ки ба ҷанбаҳои мазкур аҳаммият дода шавад:

1) дар назди донишҷӯён гузоштани масъалаие, ки онҳо бояд онро дар рафти гузаронидани таҷриба ҳаллу фасл намоянд;

2) ҳангоми гузаронидани таҷриба дар дарсҳои амалии забони англисӣ бояд мустақилияти ҳар чи бештари донишҷӯён таъмин карда шавад;

3) тавъам ба кор бурдани таҷриба бо дигар усулҳои таълим, аз ҷумла: суҳбат, мусоҳиба, нақл, мушоҳида ва амсоли инҳо.

Ҳамин тариқ, дар рафти гузаронидани таҳқиқот аз ҷониби мо муҳиммияту самарабахшии як қатор усулҳои таълимӣ барои бештар кардани шавқмандии маърифатии донишҷӯён ва талабот нисбат ба

усулҳои таълимӣ, вобаста аз зарурати ташкили кори пайвастаи ҷустуҷӯии донишҷӯён, муайян карда шуданд.

## 2.2.Ангезаҳои мусоидаткунандаи ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ дар раванди таълими забони англисӣ

Масъалаи ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълим яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад. Дар воқеъ, ҳалли ин масъала бо ду масъалаи асосӣ вобастагӣ дорад: якум, мусоидат кардан ба инъикоси пурратари раванди илм дар шуури донишҷӯён ва воридшавӣ ба робитаҳои муҳимми онҳо; дуюм, дар асоси ин нигоҳ доштану мустаҳкам намудани чунин муносибат ба донишу омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки аз омодагии донишҷӯён ба азхуд кардани донишҳо, талош кардан ба ҳар чи амиқтар ворид шудан ба раванди маърифат ва худдорӣ кардан аз омӯзиши рӯякӣ иборат аст. Дар асл ҳаллу фасли ин вазифаҳо ба андозаи зиёд робитаи омӯзишу рушдро таъмин мекунад, ки яке аз шаклҳои муҳимми зоҳиршавияш шавқмандии маърифатии донишҷӯён ба шумор меравад.

Аз тарафи умум эътироф шудааст, ки дар асри мо илм бо суръат пеш меравад ва дар муассисаи таҳсилоти олӣ бояд на танҳо донишҷӯёнро ба натиҷаҳои илмҳо шинос кард (ба сабаби зуд ҷамъ шудани иттилооти илмӣ ин кор осон нест), балки ба онҳо ёд додани принсипҳои умумии равиши илмӣ, аз худ кардани мафҳумҳои асосии умумӣ, ки имкон медиҳад воқеиятҳои мушаххаси илмӣ дуруст арзёбӣ шаванд, зарур аст.

Тавре ки маълум аст, А. С. Виготский нақши муҳимми таълим дар рушди донишҷуёнро дар он мебинад, ки таълим, ки ба мафҳумҳо сару кор дорад, ба донишҷӯ имкон медиҳад, то ӯ аз тасаввуроти соддаву маҳдуди эмпирикӣ, ки аз таҷрибаи зиндагӣ бармеояд, ҷудо шуда, ба сатҳи мафҳумҳои дониш гузарад.

Ба ақидаи А. С. Виготский таълим, албатта, ба сатҳи рушди зеҳнии донишҷӯ такя мекунад, вале таълим пеш мераваду рушдро пеш мебарад, ояндаи онро муайян мекунад ва донишҷӯро маҷбур мекунад, ки дар ҳамон соҳаи илм принсипҳо ва мафҳумҳои онро ба кор барад. Вале ин равандро, чунон ки маълумоти таҳқиқоти муосир нишон медиҳад, на бояд ҳамчун як раванди танҳо ҷамъоварӣ ва аз худ кардани мафҳумҳои нав ва принсипҳои умумӣ тасаввур кард. Раванди мазкур фаротар аз чунин тасаввурот аст ва дар худ раванди рушди муносибати нав ба донишҳою омӯзишро ҳам фаро гирифтааст.

Дар боло қайд шуд, ки шавқмандии маърифатӣ аз ягонагии раванди инъикоси олами атроф дар шуури субъект ва муносибат ба он иборат аст Маҳз ҳамин ҳамзамон сурат гирифтани раванди аз худ кардани мафҳумҳо ва ташаккули муносибат ба донишу омӯзишро Дж. Брунер ҳам қайд кардааст: “Аз худ кардани мафҳумҳои асосии ҳамаи соҳаи илм дар худ на танҳо аз худ кардани принсипҳои умумӣ, балки инчунин тарбия кардани муносибати лозима ба омӯзиш ва корҳои пажуҳишӣ, ба тахмин ва имконияти ҳалли он вазифаҳое, ки дар ҳаёти донишҷӯ рух медиҳанд, фаро мегирад. Барои он ки дар донишҷӯён чунин муносибатро тарбия кард, кори бештар аз он, ки мафҳумҳои асосӣ чандин бор тавзеҳ дода мешаванд, талаб карда мешавад” [**51, с. 22**.].

Дигар кардани муносибат ба донишу омӯзиш, пеш аз ҳама, дар шавқмандии маърифатии донишҷӯён инъикос меёбад. Чунин ҳолатҳои шахс, ки ба он алоқаманданд, ба мисли хурсандӣ аз бозёфтҳо, қаноатмандӣ аз фаъолияти муваффақонаи худ, ки дар бораи ин Д. И. Писарев дар вақташ навишта буд, дар корҳои олимони рус  ва олимони кишварҳои дигар низ зикр шудаанд.

Ба ин тариқ, ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён ҳамчун мушкилии маърифатӣ дар кори мо аз мавқеи назарияи умумии рушд баррасӣ мешавад. Раванди таълим дар маҷмуъ, ки бо раҳнамоӣ ва идоракунии фаъолияти маърифатии донишҷӯён равона карда мешавад, асоси тарбия ва рушди шавқмандии маърифатии онҳо ба шумор меравад.

Маҳз дар раванди таълим, ки дар он худи мундариҷаи фаъолият ҳамчун манбаи муҳимми рушди шавқмандии маърифатӣ хизмат менамояд, робитаи байниҳамдигарии мақсадҳое, ки ҷомеа пешниҳод мекунад ва он мақсадҳое, ки донишҷӯён дар пеши худ мегузоранд, зоҳир мегардад. Моҳияти таълим мусаллаҳ гардондан ва соҳиб шудан ба низоми донишҳою воқеиятҳо ва қонуниятҳо, тавзеҳ додану аз худ кардани роҳҳои нав, вале нисбатан мураккаби фаъолияти маърифатӣ, муқаррару ҳал кардани вазифаҳои ба тадриҷ мушкилшаванда иборат аст. Дар ин маврид вазифаҳои барои рушди шавқмандии маърифатии таълим зарур, таҳти роҳбарии омӯзгор дар ҳамкорӣ бо ҳамкасбон бо истифодаи васеъ аз корҳои мустақилона ва инфиродии донишҷӯён ҳаллу фасл мешаванд. Ҳамаи ин чунин шароитеро фароҳам меорад, ки имконияти ба ҳадди аксар истифода намудани сатҳи рушди иҷтимоии донишҷӯён ва муайян намудани имкониятҳои рушди психологии онҳо ва ҳавасманд кардани онҳо ба омӯзиши фаъолонаро таъмин менамояд.

Таъсири раванди таълим ба шавқмандии маърифатии донишҷӯёнро таҳлил карда, мо дар он ду сарчашмаи ташаккули шавқмандии маърифатиро фарқ мекунем: якум, муҳтавои маводди таълимӣ, дуюм, худи раванди омӯзиш, ки ҳамчун раванди ташкили фаъолияти маърифатии донишҷӯён зоҳир мегардад.

Дар таълим ду сарчашмаи шавқмандии маърифатии донишҷӯёнро муайян карда, мо ақидаи онҳоеро қабул надорем, ки масъалаи рушд ва таълимро, ба назари мо, яктарафа баррасӣ менамоянд. Маълум аст, ки дар байни равоншиносон доир ба ин масъала баҳс ҳоло ҳам давом дорад. Баъзе аз онҳо имкониятҳои рушди муҳассилинро дар мундариҷаи таълим мебинанд; гурӯҳи дигар манбаи рушдро дар усулҳои таълим мебинанд. Аз нуқтаи назари мо, натиҷаҳои таҳқиқоти ҳар ду равия назаррасанд, вале онҳо бартарияти яке аз тарафҳоро нишон намедиҳанд. Ҳам ҷустуҷӯи муҳтавои барои рушди донишҷӯён зарурӣ ва ҳам таҳқиқи таъсири усулҳои таълим ба рушди донишҷӯён ба андозаи баробар ба мақсади омӯзиши ҳаматарафаи имкониятҳои таълим барои рушд

заруранд. Вобастагии тарафайни равандҳои аз худ кардани муҳтавои нави нисбатан мураккаб ва усулҳои нави нисбатан такмилёфтаи таълим ба дараҷае равшан аст, ки зарурияти ба исботи нодуруст будани равиши яктарафа, ҷустуҷӯи захираи асосӣ ва ягонаи рушд дар раванди таълим боқӣ намемонад. Ба ақидаи мо, ин захираҳоро, ки дар ин бора дар зер тавзеҳоти бештар оварда мешавад, дар вобастагӣ аз ҳамдигари муҳтавои таълим ва усулҳое, ки донишҷӯён медонанд, ҷустуҷӯ бояд кард.

Дар раванди таълим ду сарчашмаи муҳимми ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёнро муайян карда, мо дар онҳо омилҳои зиёди воқеиеро мебинем, ки ба пайдоишу таҳким ва рушди шавқмандии маърифатии донишҷӯён мусоидат мекунанд. Бо вуҷуди ин, ҳар яке аз ин сарчашмаҳои дар боло зикршуда имкониятҳои ба худ хоси таъсиррасонӣ ба шавқмандии маърифатӣ, ангезаҳои махсуси худро дорад ва ҳолатҳои махсуси равонии донишҷӯйро ба вуҷуд меорад. Ҳамзамон хусусияти раванди таълиме, ки ба афзоиши шавқмандии маърифатии донишҷӯён мусоидат мекунанд, таҳқиқ карда, мо таъсири калоне, ки омили муоширát ба пайдоиши шавқмандии маърифатии донишҷӯён мерасонад ва дар раванди он муносибатҳои иштирок, ҳамдастӣ, ҳавасмандӣ ба муваффақиятҳои дигарон ташаккул меёбанд, мушоҳида намудем.

Муносибатҳое, ки ҳангоми омӯзиш байни донишҷӯён ва байни омӯзгору донишҷӯён ба вуҷуд меоянд, гарчи сарчашмаи бевоситаи шавқмандии маърифатӣ набошанд ҳам, вале ба рушди он таъсиргузор мебошанд.

Масъалаи ангезаҳо ва муносибати онҳо бо манфиатҳо дар солҳои охир таваҷҷуҳи баъзе муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст. Гарчанд ки дар он бисёр чизҳо ҳоло норавшананд, вале муҳиммияти он баҳснопазир аст, зеро он ба ҷустуҷӯи имкониятҳои таъсиргузор ба таълиму тарбия ва ба пешгӯии раванди тарбияи шахсият равона гардидааст: “Дар назди омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ вазифаи мушкил, вале ҷолибу бошараф қарор дорад, яъне

амиқтар ворид гардидан ба олами ботинии шогирдони худ, бодиққат омӯхтани ангезаҳои рафтори ҳар яке аз онҳо дар зери таъсири ин ё он ангеза”, - навиштаанд Б. Д. Леухин. З. И. Равкин. А. В. Степанов, ки ба таҳқиқи масъалаи ангезаҳо машғуланд.

Бар хилофи ҳавасмандӣ, ки ба қавли А. Н. Леонтев, таҳаввули мақсадҳои бегона ба мақсади худи шахс мебошад, ангеза ҳамчун як навъи такони беруна фаҳмида мешавад: “Ангеза, – менависанд муҳақиқони дигар, ҳавасмандкунандаи воқеии аз лиҳози иҷтимоӣ аҳаммиятнок ба шумор меравад. Ҳавасмандӣ бошад, амали асосноки шахсие мебошад, ки сабаби пайдоишаш ангеза, яъне ҳавасмандкунандаи дорои хусусияти субъективӣ мебошад” [252] .

Аз нуқтаи назари мо, чунин фарқгузорӣ байни ангеза ва ҳавасмандиро метавон шартан қабул кард, зеро он пурра равшан нест. Масалан, наметавонем бо чунин муқобилгузории объективӣ ва субъективӣ дар байни ҳавасмандӣ ва ангеза розӣ шуд. Ба назари мо, мавқеи равоншиносоне, ки А. Н. Леонтев иброз намуд, имкон намедиҳад, ки ҳавасмандиро ҳамчун як чизи субъективӣ маънидод кунем, зеро аз муҳити беруна инсон барои манфиатҳои худ ҳам арзишҳои моддӣ ва ҳам арзишҳои маънавиро мегирад.

Пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки манфиат ин ангезаи шахсӣ ва фардӣ, вале ангезае, ки сабабаш таъсироти беруна мебошад, нисбат ба шахс ва ташкили умумӣ маҳсуб мешавад. Дар робита ба он, ки ҳамон як ангезаи берунӣ ба таври гуногун ба манфиатҳои шахс мубаддал мегардад, зеро таҷрибаи одамон хеле инфиродӣ аст, ин қоида баҳснопазир аст.

То ҳоло масъалаи вобастагии самараи таъсири ангезаҳо аз сохтори манфиатҳо таҳқиқ нашудааст, ки бешубҳа, бояд ба ҳалли ин мушкилӣ равшанӣ андозад. Ҳарчанд ки зоҳиран метавон тасдиқ кард, ки ҳавасмандии устувори омӯзиш ба рафтору хусусияти фаъолият назар ба ангезаи беруна таъсири бештар мерасонад, вале бояд эътироф кард, ки ангезаи шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълим зарур аст, зеро ҳам амалҳои ҷудогонаи таълимӣ

ва ҳам тамоми фаъолияти таълимӣ дар маҷмуъ бо ангезаҳои берунӣ вобастагӣ доранд, бахусус, дар донишҷӯёни курси якум, ки бештар вақт ба сабаби ҳанӯз ноустувор будани ангезаҳои дарунӣ, бештар ба ангезаҳои берунӣ ниёз доранд.

Бо вуҷуди ин бояд қайд кард, ки ангезиши шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълим бо захираҳои воситаҳои методии омӯзгор дар робитаи зич қарор дорад. Аммо, агар ҷанбаи асосии методикаи раванди таълим ба донишҷӯён додани донишҳо ва дар онҳо ташаккул додани қобилиятҳою малакаҳо аз ҷониби омӯзгор бошад, пас ангеза асоси ҳавасмандкунии донишҷӯй ба аз худ кардани донишҳо ва касб кардани маҳорати корбурди амалии онҳо ба шумор меравад. Ангезаҳои шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълимро таҳқиқ карда, мо муайян намудем, ки ҳам муҳтавои маводди таълимии ҳар гуна фанни таълимӣ ва ҳам худи раванди фаъолияти донишҷӯён дар дарсҳо ҳар кадоме аз сарчашмаҳои мазкури ҳавасмандӣ ангезаҳои зиёди ба худ хосро доро мебошад.

Ҳамзамон, комилан равшан гардид, ки ба шавқмандии маърифатии донишҷӯён муносибатҳои гуногун, аз қабили баҳодиҳӣ ба ҳамдигар, ҳамдилӣ, ҳамдастӣ, дастгирии ҳамдигар ва амсоли инҳо, ки фазои махсуси омӯзишро ба вуҷуд меоваранд, таъсиргузор мебошанд.

Муносибатҳое, ки дар дарс байни доиншҷӯёну омӯзгор сурат мегиранд, инчунин, муносибатҳои махсуси байни донишҷӯёнро мо наметавонем ба мисли муҳтавои маводди таълимӣ ва раванди ташкилшавандаи таълим сарчашмаи бевоситаи шавқмандии маърифатии донишҷӯён ҳисоб кунем, зеро чунин муносибатҳо мақсади бевоситаи маърифатӣ надоранд. Вале таъсири ҳавасмандкунии муносибатҳо дар раванди таълим ба шавқмандии маърифатии донишҷӯён баҳснопазир аст. Муносибатҳо фазои мусоид ва ё номусоид дар дарсро ба вуҷуд меоранд, онҳо ба таври воқеӣ вазъияти омӯзишро тағйир медиҳанд ва ба рафти фаъолияти омӯзишии донишҷӯён, ба ҳолу ҳавсалаи онҳо

таъсир расонда, онҳо маҷбур месозанд, хурсандию нороҳатӣ, тарс ва ҳиссиёти дигарро эҳсос намоянд.

Тавре ки дар ҳамин боб нишон дода хоҳад шуд, пажуҳишҳои мо ангезаҳои мухталифи раванди таълимро ошкор карданд, ки ҳам аз сарчашмаҳои гуногуни шавқмандии маърифатӣ маншаъ мегиранд ва ҳам аз муносибатҳое, ки таъсири вазъияти таълим ба шавқмандии маърифатии донишҷӯёнро таҳким мебахшанд ва ё заиф мегардонанд, вобастагӣ доранд.

Таҳқиқи ангезаҳои шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълим дар асоси маводди мушоҳидаи махсус, сабту таҳлили 180 дарси омӯзгорони забони англисӣ дар курсҳои 1 ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода ва ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ анҷом дода шуд.

Маводди дарсӣ, ки дар онҳо, чунон ки маълум аст, омӯзгор талош меварзад, то ҳадди аксар ҳамаи усулҳои методии боэътимод ва аз санҷиш гузаштаи таълимиро ба кор барад, инчунин қайдҳои дарсҳои дар ҳамин як гурӯҳ дар ҳамон як рӯз ва дарсҳои мувозии ҳамон як омӯзгор дар дарсҳои гуногунро ба асос гирифта, метавон гуфт, ки дар раванди таълим истифодаи се навъи ангезаҳои шавқмандии маърифатии донишҷӯён ҷой доранд: навъи якуми ангеза аз муҳтавои маводди таълимӣ маншаъ мегирад; навъи дуюми ангеза дар рафти ташкили фаъолияти омӯзишии донишҷӯй ба вуҷуд меояд,; навъи сеюми ангеза такя ба омили муоширати дорад ва ба муносибатҳое алоқаманд аст, ки онҳо дар раванди таълим байни донишҷӯён, инчунин байни донишҷӯёну омӯзгор сурат мегиранд. Ҳар кадоме аз ин навъҳои ангезаи шавқмандии маърифатиро ба тафсил баррасӣ карда, манзараи тақсими ангезаҳои шавқмандии маърифатии донишҷӯёнро дар дарсҳои забони англисӣ нишон медиҳем.

Гурӯҳи якуми ангезаҳоро баррасӣ намуда, мо бояд пешакӣ баъзе мулоҳизаҳои худро доир ба онҳо иброз намоем.

- Мусаллам аст, ки таъсири ангезаи муҳтавои маводди таълимӣ ба шавқмандии маърифатии донишҷӯён аз раванди фаъолияти онҳо ва аз он

муносибатҳое, ки дар раванди таълим сурат мегиранд, вобастагӣ надорад. Бинобар ин, дар дарс мушоҳида шудани ин ё он ангеза гувоҳи таъсири танҳо ҳамон ангеза маҳсуб намешавад.

- Дар дохили ҳамон як машғулият инчунин ҳар як ангеза на ба таври ҷудогона, балки дар ҳамкорӣ бо дигар ангезаҳо амал менамояд. Ба туфайли ин муҳтавои маводди таълимӣ бо гуногунии тарафҳояш дар пеши донишҷӯён зоҳир мегардад, ки барои нигоҳ доштани шавқмандии маърифатӣ муҳим дониста мешавад.

- Ҳамон як ангеза дар гурӯҳҳои гуногун ва мавзуъҳои гуногун навсозии худро дорад ва ба таври гуногун ба шавқмандии маърифатӣ таъсир мерасонад.

Барои ҳамин ҳам омӯзиши ҳар як навъи ангеза на танҳо ошкору муайян кардани ин ё он ангеза дар дарс, балки бо ёрии таҳлили дарсҳои мушоҳидашуда ва қайдшуда, ошкор кардани хусусиятҳои хоси ангеза мутобиқ ба маводди таълимии мухталиф, таҳлил кардани таъсири ангеза ба шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар сохтори тамоми дарс ва пайгирӣ кардани таъсирпазирии ангезаҳои мухталиф аз ҳамдигарро дар назар дорад.

Ҳоло бошад, маълумоти ҷамъбастиеро аз назар мегузаронем, ки ба мо манзараи умумии мавҷудияти хусусият ва тақсими ангезаҳоеро ошкор мекунад, ки бо муҳтавои маводди таълимӣ дар дарс алоқаманд мебошанд.

**Ҷадвали 2**

**Тақсимоти ангезаҳои марбут ба муҳтавои маводди таълимӣ дар дарсҳои забони англисӣ дар курси 1**

| № | Ангеза | Ҳафтаҳои таълимӣ | | | | | | | | Дар маҷмуъ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2 | 4 | 6 | 8 | 10 | 12 | 14 | 16 | |
| 1. | Навгониҳои муҳтавои маводди таълимӣ | 49 | 28 | 48 | 47 | 19 | 22 | 24 | 24 | 32,6 |
| 2. | Навсозии донишҳои аллакай азхудкарда | 28 | 28 | 48,8 | 50,3 | 80,4 | 36 | 36 | 37 | 43 |
| 3. | Дастовардҳои муосири илм | 18 | 15,3 | 13 | 23 | 17 | 19 | 21 | 23 | 18,66 |
| 4. | Аҳаммияти амалии муҳтавои донишҳо | 35 | 45,8 | 38 | 53 | 19 | 21 | 24 | 25 | 32,6 |

Аз рӯйи маълумотҳои ҷамъбастӣ, ки аз ҷадвали 2 бармеояд, ангезаҳое, ки ба муҳтавои маводди таълимӣ такя мекунанд, дар раванди таълим қариб баробар тақсим мешаванд, ба истиснои ангезаи "Дастовардҳои муосири илм", ки дар таълим нисбат ба дигар ангезаҳо камтар зоҳир мегардад. Мувофиқи ин дар дохили гурӯҳҳо мо дар муқоиса ҳолати баробарро дорем.

Дар раванди тағйироти вобаста ба ҳафтаҳои таълимӣ метавон қайд кард, ки аз рӯйи маълумоти ҷадвали 2, таъсири ангезаҳои навгонии муҳтаво ва аҳаммияти амалии он аз ҳафтаи якуми таълим то нимаи якуми нимсолаи таълимӣ кам мешавад, аммо нақши ангезаи навсозӣ кардани донишҳои аллакай азхудкарда афзоиш меёбад.

Дар ҷадвали 2, ба мисли ҳамаи ҷадвалҳои баъдии ин боб, рақамҳои овардашуда таносуби фоизи миқдори дарсҳо бо зуҳуроти ҳамон ангеза ба миқдори умумии дарсҳо дар ҳамон гурӯҳро мефаҳмонад.

То ҳадди имкон мо ҷойгоҳи ҳар як ангезаро ба самарабахшии дарсҳои аз ҷониби мо муқарраршуда муайян мекунем.

1. Ангезаи муҳимме, ки шавқмандииии маърифатиро ба вуҷуд меорад, навгонии муҳтавои маводди таълимӣ ба шумор меравад. Гуфтаҳои сершумори донишҷӯён доир ба шавқи донишомӯзӣ ва шавқ ба фанни таълимӣ маҳз ин воқеиятро тасдиқ менамоянд, ки амали унсури нави дониши то ҳол дар таҷрибаи онҳо вуҷуднадошта ҳамчун воқеияте фаҳмида мешавад, ки ба пайдоиш ва ё ба таҳкими шавқмандии маърифатӣ мусоидат мекунад. Дар баробари ин унсури навгонӣ умуман омили муҳимми нигоҳдории шавқмандии маърифатӣ дар раванди таълим ба шумор меравад. Унсури навгонӣ (далелҳои нав, муқоисаҳои нав, ҷанбаҳои нави пешниҳоди маводди таълимӣ, шаклҳои нави фаъолият, тарзҳои нави ҳалли вазифа) ба ҳамаи тарафҳои раванди таълим воридшуда, ҳама вақт ангезишро ба вуҷуд меорад.

Тавре ки мо дар боло дидем, ҳалатҳои бештар муҳимми инсон, ки ҳамроҳ бо самтгирии фаъоли ӯ мебошанд, ҳолатҳои тааҷуб, дар ҳайрат мондан ва

ҳайрат ба шумор мераванд. Навгонӣ худ ҳамон ангезаи муҳити берунае мебошад, ки ин ҳолатҳоро ба вуҷуд меорад.

Ҳар гуна китоби дарсӣ имкониятҳои зиёди ба донишҷӯён додани маълумоти наверо дорад, ки барояшон наву ҳайратовар мебошад. Чунки маълумот метавонад аз далелҳою ахбор ва назарияҳои нав иборат бошад, ки донишҷӯён пештар аз он хабар надоштанд.

Ангезаи навгонӣ, асосан, аз нуқтаи назари баён намудани далелҳои нави маълумоти барои донишҷӯён аҷоиб баррасӣ шудааст. Аз рӯйи маводди таҳқиқоти мо, метавон тасдиқ кард, ки аллакай аз рӯзҳои аввали таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ, ангезаи навгонӣ шаклҳои дигар мегирад. Донишҷӯён на танҳо аз далелҳою маълумоти нав эҳсоси хурсандӣ мекунанд, балки чунин эҳсосот дар онҳо бисёр вақт аз фаҳмидану ошкор кардани қонуниятҳо дар раванди аз худ кардани донишҳо ба вуҷуд меоянд. Масалан, мо дарси забони англисиро дар курси 1 доир ба мавзуи The articles сатҳи баланди шавқмандии маърифатии донишҷӯёнро ба қайд гирифтем (курси 1. Ихтисоси забони хитойӣ. Информатика, омӯзгор Нарзиқулов Т).

Дар ҳашт гурӯҳ мо шавқи зиёди донишҷӯёнро дар дарс доир ба мавзуъҳои тасрифи феъли To be дар замони ҳозира, ҷинс ва шумораи исмҳо, сохтани шакли ҷаъи исмҳо дар забони англисӣ ба қайд гирифтем. Ангезаи навгонӣ дар ин дарсҳо ҳамчун ошкор кардани соҳаи нави дониш зоҳир гардид.

Ангезаҳои мазкур дар дарсҳо доир ба бахшҳои дигари фанни забони англисӣ дар воқеиятҳои ҳодисаҳои барои донишҷӯён тааҷҷубовар дар маълумоти наву барои онҳо ҳанӯз номаълум зоҳир мегарданд.

Ангезаи навгонӣ инчунин дар муҳтавои мавзуи берун аз барномаи таълимӣ ҳам зоҳир мегардад. Дар солҳои охир аз имкониятҳои маводди берун аз барномаи таълимӣ бисёр омӯзгорон ба мақсади васеъ намудани ҷаҳонбинии шогирдон, шинос намудани онҳо ба паҳлуҳҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва тарбияи онҳо ба таври васеъ истифода мебаранд. Ба ин кор хондани асарҳои бадеии

адибони соҳибзабон ба забони асл, мутолиаи матбуоти даврӣ ба забони англисӣ, тамошои барномаҳою филмҳои бадеии мустанад ва ғайра мусоидат мекунанд. Мисоли барҷастаи ин хонда ва тарҷума кардани асари "Оворагарди хурд"- и Ҷемс Гривуд ба шумор меравад.

Ба сабаби мавҷудияти ангезаҳои зиёди дар ҳамкорӣ қарор дошта, (донишҳои таърихӣ, мушкилсозӣ, оҳанги эҳсосотии фаъолият, эҳсосоти худи омӯзгор ва ғайра) ин дарс барои донишҷӯён шавқовар буд, асосан, аз он ҷиҳат ки барои донишҷӯён нав ва ғайриодӣ буд. Дар ин ҷо метавон чанд ҷиҳати мусбати ин дарс, ки боиси мароқангезии он гардиданд, зикр намоем:

- Дарс донишҷӯёнро ба эҷодиёти нависандаи номаълум, ки ҳамасри Ҷ. Диккенс буд, шинос намуд. Вай соли 1866 китоберо навиштааст, ки то ҳоло таъсири он ба одамон коҳиш наёфтааст. Адиби мазкур умри дароз дидааст, вале аз сабаби он ки разилатҳои ҷомеаи худро фош кард, то охири умр эътирофнашуда боқӣ монд.
- Навгонии дарс дар он ҳам зоҳир гардид, ки омӯзгор барои донишҷӯён он роҳи мушкили тай кардаи зиндагии нависандаро нишон дод, ки ӯ барои навиштани асари фошкунандаи худ паси сар кардааст. Адиб гарчанд ки худ марди сарватманд буд, шабҳоро дар манзили оворагон, дар паҳлуи онҳое, ки ҷойи зист надоштанд, рӯз мекард ва ҳазорҳо шаби зиндагии хешро дар ҷойҳои ифлосу таҳаммулнопазир, дар бенавоӣ сипарӣ намуд ва ҳатто рост меистод ва мунтазири навбаташ мешуд, то ки шабро дар зиштиҳо ва ҷойи нафратовар гузаронад.

Дар дарс донишҷӯёни бепарво ба назар нарасиданд. Бештари онҳо бо шавқ ва бо хоҳиши худашон ибрози назар мекарданд, баҳсу мунозира мекарданд ва ақидаҳои худро дифоъ мекарданд. Ҳамаи онҳо тақдири шахсиятҳои он асари бадеиро шаддидан эҳсос мекарданд.

Дар гурӯҳи дигар дар дарси забони англисӣ донишҷӯён ашъори шоир Эндро Марвел (Andrew Marvell – дар асри XVII зиндагӣ карда, бо ашъори лирикию

ҳаҷвии худ машҳур буд) The Sun Rising (асари лирикӣ, ки дар он шоир ба офтоб муроҷиат карда, вақт ва ҳаёти човидона талаб мекунад)-ро мехонданд, ки дар барномаи таълимӣ пешбинӣ нашуда буд, вале онҳо бо хоҳиши худ аз ёд кардаанд. Дар ин маврид ҳам ангезаи навгонӣ асосӣ буд ва инчунин шавқ аз он ҳам тақвият ёфт, ки худашон он чизеро қироат мекунанд, ки дигарон накардаанд ва аз он чиз ҳам, ки як чизи нав шунидан аз дигарон ҳам мумкин будааст.

2. Навсозии донишҳои аллакай омӯхташуда. Қобили зикр аст, ки воқеиятҳои маълумоти нав ва навгонии муҳтавои маводди таълимӣ ангезаи ягона ва доимии шавқмандии маърифатӣ нест, ки мундариҷаи таълим дорад. Ин ангеза аз он сабаб наметавонад ягона ва доимӣ бошад, ки силсилаи дарсҳо метавонад як муҳтаворо омӯзонанд, ки он дар рафти онҳо ё таҳким меёбад ва ё амиқтар мешавад.

Педагоги машҳур К. Д. Ушинский навишта буд, ки “барои он ки шавқи омӯзиш бедор шавад, фанни таълимӣ бояд қисман нав ва қисман барои донишҷӯён маълум бошад” [293].

То омӯзиши муназзаму мақсадноки забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ донишҷӯй дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ забони хориҷиро омӯхтааст ва то андозае луғату қоидаҳои грамматикии онро медонад ва шарт нест, ки ҳамаи онҳоро аз нав омӯзад.

Донишҳои нав ҳамон вақт барои донишҷӯй аҳаммияти махсусро соҳиб мешаванд, вақте ки муқоисаи он чизҳое, ки вай пештар медонист бо ин чизе, ки ҳозир ва ё имрӯз фаҳмид, сурат гирад.

Бинобар ин, истифодаи навгонии муҳтаво ҳамчун ангезаи доимии рушди шавқмандии маърифатӣ ғайриимкон аст, зеро дар муассисаи таҳсилоти олӣ, на ҳама чизи нав омӯхта мешавад ва бисёр чизҳое, ки аллакай маъмуланд, ба сабаби зуд – зуд такрор шудан ҷолибият ва ҷазобияти худро гум мекунанд.

Аммо дар ин сурат масъалаи ҷиддие доир ба маҳви ногузир ва қонунии рефлексияи таҳқиқгаро дар ҳолатҳое, ки ҳама чиз маъмул ва рӯзмарра мегардад, ба миён меояд.

Бинобар ин, масъалаи дар бораи ангезаи дигар, дар бораи имконияти дигари муҳтаво, ки шавқмандии маърифатиро нигоҳ медорад, дар бораи ибрози нуқтаҳои назари нав, гардиши нав, тарафи нави ҳодиса, ки донишҳои маъмулро ба тарзи нав нишон медиҳад, ба миён меояд.

Шавқмандии маърифатиро метавонанд ангезаҳои навъи дигар ҳам ба вуҷуд биёранд ва таҳким бахшанд. Шавқмандии маърифатӣ дар сурате мутаваҷҷеҳи ашёю ҳодисаҳои одӣ, шинос ва рӯзмарра мешавад, ки вақте ки дар онҳо тарафҳои нав ва ё чизе, ки пештар ниҳон ва эҳсоснашаванда буд, мушоҳида шавад.

Навсозии донишҳои пешина, ҷанбаи нави таҳқиқи чизи маълум, имконияти дар донишҳои пешина ва аллакай маъмулӣ дидани паҳлуҳои нав, гардишҳои нав, ки ҳайратовар ва диққатҷалбкунанда мебошанд, муҳимтарин ангезаи шавқмандии маърифатӣ ба шумор меравад (ин ҳодисаро соли 1919 В. Шкловский усули “бартараф кардан” ном бурдааст. [324].

Ҷанбаи нави таълим, ки аллакай бо амалияю таҷриба омезиш ёфтааст ва робитаи нави ҳодисаю равандҳое, ки донишҷӯён дар маводди маъмулии таълимӣ мушоҳида мекунанд, натиҷаи тавзеҳи он мавод бо равиши образноку пурэҳсос ва истифодаи чизҳои дигар, масалан, воситаҳои санъат ва назари интиқодӣ мебошад. Дар ҳамаи ҳолатҳо асари санъатро тамошо карда ва ё шунида, бо назари интиқод ба умқи ҳадафи муаллиф ва мазмуни амиқи асар сарфаҳм рафта, донишҷӯён дар бораи ҳалли масъалаҳои дар асар баёншуда андешаронӣ мекунанд. Онҳо дуртару амиқтар назар меандозанд, содатар мебинанд, ҳатто назар ба дарки чизи наву номаълум, ки вокуниши бевоситаи тахминиро ба вуҷуд меорад.

Зарурати ин ангезаи арзишманд барои ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёнро омӯзгорони ҷавони муассисаҳои таҳсилоти олӣ равшантар эҳсос менамоянд, зеро барои онҳо ҳам бисёр чизҳои нав дар мундариҷаи маводди барояшон маълум ошкор мегардад, ки онро ба донишҷӯён бори нахуст дар дарс мефаҳмонанд. Онҳо бештар вақт назар ба омӯзгорони соҳибтаҷриба бештар кӯшиш мекунанд, ки дар маводди таълимии барояшон ошно чизи навро ошкор созанд ва шогирдони худро ҳам ба ин амал ташвиқ мекунанд.

Аз тарафи дигар, аз дидгоҳи донишҷӯй ба масъала нигоҳ кардан, эҳсос кардани он, ки чӣ тавр донишҷӯй фанни таълимиро дарк мекунад, ба ӯ аз ҳодисаҳои одӣ мутаҳайир шуданро ёд додан вазифаест, ки аз уҳдаи он ҳар як омӯзгори соҳибтаҷриба баромада метавонад, чунки ӯ чандин бор барномаро амалӣ намудааст, гардишҳои он, сатҳи азхудкунии маводди таълимӣ аз ҷониби донишҷӯёнро дидааст ва ҳам барои худ пешбинӣ карда метавонад. Маҳз дар ҳамин фарқияти байни омӯзгори эҷодкор аз омӯзгори одӣ, ки аз рӯйи қолаби муайян амал менамояд, зоҳир мегардад.

Аз ҳамин имконияти ошкор кардани ҷиҳати нави маводди маълуму ошно ва доир ба он дар донишҷӯён ба вуҷуд овардани тааҷҷуб ангезаи дигари бисёр муҳимми шавқмандии маърифатӣ, ки дар муҳтавои маводди таълимӣ мавҷуд аст, иборат мебошад. Тафсири анъанавии ин масъала дар амалияи таълим, ки бештар вақт назария инро манъ мекунад, имконияти истифодаи таҷрибаи шахсӣ ба мақсади таълими инкишофдиҳандаро маҳдуд менамояд. Ин нуқтаи назар танҳо истифодаи таҷрибаи донишҷӯён барои наздик овардани донишҳо ба ҳаёт дар назар дорад, то ки фосила байни он чизе, ки аз мушоҳидаҳои шахсӣ ҷамъ шудааст ва он чизе, ки аз муҳтавои маводди таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ бармеояд, ба вуҷуд наояд. То андозае ин ақида асос дорад, вале манбаи шавқмандии маърифатӣ дар таҷрибаи шахсии донишҷӯй ҳангоми таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ на ҳама вақт аз донистани чизи нав ва аз таҷрибаи шахсӣ иборат аст, балки бештар вақт сарчашмаи дигар дорад. Афзоиши

бевоситаи донишҳо дар асоси таҷрибаҳои зиндагии донишҷӯй барои рушди шахсият, аз ҷумла барои ташаккули  шавқмандии маърифатӣ хеле кам аст (Назарияи рушди Л. С. Виготский беасос будани таълиме, ки ба сатҳи рушди зеҳнии донишҷӯ такя мекунад, ошкор кард ва нишон дод, ки моҳияти таълим аз бозсозии таҷрибаи соддаву ночиз ва бештар вақт нокоми зиндагии донишҷӯ ва баланд бардоштани ин таҷриба ба сатҳи нисбатан баланд иборат аст).

Барои ташаккули шавқмандии маърифатӣ такя ба таҷрибаи шахсии донишҷӯй  на ба мақсади вусъат бахшидани он, балки ба мақсади нишон додани ноқисии он барои бозсозӣ хеле муҳим маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, таҷрибаи шахсиро бо омӯзиш набояд омехта кард ва фарқияти байни маълумоти таҷрибаи шахсӣ ва мундариҷаи таълимро сарфи назар кард, балки онҳоро бояд вусъат дод, то ки донишҷӯй маҷбур шавад ба дурустии таҷрибаи шахсии худ шубҳа кунад, маълумоти ин таҷрибаро аз нуқтаи назари донишҳои нави азхудкарда, ки ба тарзи дигар ба он равшанӣ меандозанд, таҷдиди назар кунад. Ба ин маънӣ таълими инкишофдиҳанда дар айни ҳол ангезаи неруманди пайдоиш ва таҳкими шавқмандии маърифатии аслӣ ба шумор меравад.

Бинобар ин, омӯзгороне, ки доимо зарурати навсозӣ кардани донишҳои шогирдонро дарк мекунанд, ба чунин усулҳое рӯ меоранд, ки онҳо нишон медиҳанд чӣ қадар таҷрибаи ягонаи одам ноқис аст, чӣ қадар чизҳои муҳим аз он берун мемонанд ва чӣ тавр метавон ба тарзи дигар, сарфакоронаю оқилона, бо такя ба равишҳои на танҳо эмпирикӣ, балки равишҳои назариявӣ ҳам, вазифаҳои таълимиро ҳаллу фасл кард.

Чунин тавсияҳо дорои аҳаммияти калони назариявӣ ва амалӣ мебошанд, яъне дурнамои рушди шогирдонро барномарезӣ карда, бо такя ба донишҳою муносибати онҳо ба омӯхтани донишҳо, таълимро тавре бояд ба роҳ монд, ки шогирдон зарурати доимо васеътару амиқтар аз худ кардани фанни мавриди омӯзишро дарк намоянд, зеро раванди маърифат беохир аст.

Омили асосию муҳимми ташакули шавқмандии маърифатии донишҷӯён бошад, ин дар асоси бархурди донишҳои таҷрибавии онҳо, ки ҳар кадоме аз онҳо аз таҷрибаи шахсии худ ба даст меоранд ва донишҳои муназзаме, ки аз омӯзиш касб мекунанд ва ба донишҳои муназзам табдил додани тасаввуроти одии онҳо мебошад.

Андешаҳои А. С. Вигодский доир ба донишҳои наве, ки омӯзиши муназзам медиҳад ва бартарияти он нисбат ба ҷамъоварӣ шудани донишҳо тавассути таҷрибаи шахсиро мо ба маънии воқеӣ қабул карда наметавонем, зеро дар таълим усули индуктивӣ дар марҳалаҳои маълум ва дар баъзе мавридҳо унсури асосӣ ба шумор меравад. Дар назарияи Вигодский қисми асосиро аз ин иборат медонем, ки таълим ба дарки қонуниятҳои ҳодисаҳои олам оварда мерасонад, ба ҷамъбасту таҷрид (абстрансия) намудани ҳодисаҳои беаҳаммият ва тасодуфӣ мусоидат мекунад, унсурҳои мафҳумҳои илмиеро ташаккул медиҳад, ки мушоҳидаҳои таҷрибавӣ ва донишҳои зиндагии рӯзмарра, ки аз таҷрибаи шахсӣ ба даст меоянд, равшанӣ меандозанд.

Барои шавқмандии маърифатӣ маҳз ҳамин манбаи доимии пайдоиш ва устувор гардидан ба шумор меравад.

Тибқи маълумоти таҳқиқоти мо, саҳми ангезаи навсозии донишҳо давра ба давра меафзояд (ҷадвали 2). Ин маълум аст, зеро донишу таҷрибаи донишҷӯён сол ба сол зиёдтар мегардад ва камолоти зеҳнӣ алаккай ба донишҳои сатҳию бозёфти навгониҳои ошкор қаноат намекунад. Воридшавӣ ба умқи ҳодисаҳою равандҳо ба шахс хурсандии фикрӣ мебахшад. Қобилияти дидани ҷиҳати нав дар падидаи куҳна ва шигифтовар шудани он чизе, ки бо падидаҳои рӯзмарраю маъмул алоқаманд аст, худ аз худ аз рушди зеҳнӣ гувоҳӣ медиҳад. Мавҷудияти чунин қобилият барои шавқмандии маърифатӣ аҳммияти калон дорад, чунки аломати фаъолнокии равандҳои фикрӣ ба шумор меравад. Барои он ки ҷиҳати наверо дар падидаи ошноию маълум мушоҳида кард, бояд хеле мушоҳидакор буд ва бояд аз зеҳни дорои қобилияти таҳлилкунӣ ва тахайюли инкишофёфта

бархӯрдор буд. Чунин фаъолнокии равандҳои маърифатӣ дар зери таъсири шавқмандии маърифатии ташакулёбанда сурат мегирад ва дар навбати худ шавқи мазкурро инкишоф медиҳад.

Дар оғози таҳсил дар курси 1  ангезаи навсозиро бештар вақт аз ангезаи навгонӣ фарқ кардан душвор аст. Масалан, вақте ки донишҷӯёни курси як медонанд, ки дар Юнони Қадим оҳан қиматтарин филиз маҳсуб мешуд, тааҷҷуби онҳоро аз ҳисоби фаҳмидани чизи нав, яъне нақши оҳан дар таърихи ҷомеа фаҳмидан мумуин аст, инчунин аз ин сабаб ки чунин як филизи одӣ, ки дар зиндагии рӯзмарра онҳо ба қадраш намерасанд, ҳато аз тилло ҳам, ки дар тасаввури онҳо арзишаш ба оҳан мутаносиб нест, қимматтар будааст.

Гуногунии ҳодисаҳое, ки донишчуён дар зиндагӣ мушоҳида мекунанд, маълум мешавад, ки сабаби умумӣ доранд ва аз лиҳози физикӣ таҳқиқ ва андозагирӣ мешавад. Бояд зикр кард, ки фанни забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ барои ҳис кардани чизи нав бо ёрии навсозии донишҳои алаккай омӯхташуда инконияти зиёд дорад. Омӯзиши қариб ҳамаи мавзуъҳо маҷбур мекунад, ки ба ҳодисаҳои алаккай ошно бо назари нав нигоҳ карда шавад, муносибати худро ба ҳодисаҳои мушоҳидашаванда дар заминаи донишҳои наве, ки дар муасисаи таҳсилоти олӣ фаро мегиранд, тағйир бояд дод.

Дар дарсҳои забони англисӣ чунин воҳидҳою ҳодисаҳои забонии илмие, ба мисли фонема, калима, ҷумла, сермаъноӣ, омонимия, синонимия ва ғайра аҳаммияту маънои дигарро мегиранд, назар ба оне, ки бо таҷрибаи бе воситаи донишҷӯён алоқаманд аст.

Ба низоми таълими забони англисӣ дар нимсолаи дуюм омӯзгор ҷанбаҳои нави баррасии мазуҳоро аз дидгоҳи данишҳои пештар азхудкарда ворид кардааст, ки тавъам бо проблемагузорӣ  асоси ташаккул додани  шавқи донишҷӯён ба азхудкунии донишҳо ба шумор меравад. Ҳар як дарси нав ба дараҷае дониши донишҷӯёнро зиёд мекунад, ки дар дарсҳои минбаъда ин донишҳо ба сифати воситаҳои аз худ кардани донишҳои нав хизмат мекунанд.

Чунончи, дар дарсҳое, ки ба эҷодиёти нависандагони англисзабон аз ҷумла Дж. Лондон бахшида шуданд ва то ҳол омӯзгор қадам ба қадам роҳнамоӣ мекунад, донишҷӯён ба зарурати донистани ҷаҳонбинии нависанда дучор мешаванд, ки дар асари The Sea-Wolf (Гурги баҳри) чи гуна капитани бераҳм Уолтер Греди, қобилияти ахлоқӣ ва ҷисмонии қаҳрамони асарро ҳангоми саёҳат дар баҳр месанҷад, норавшан мегардад. Дар ин дарсҳо донишҷӯён ба зинаи баландтари адабиётшиносӣ мебароянд ва калид барои арзёбӣ ва таҳлили асарҳои давраҳои баъдтари нависандаро ба даст меоранд. Дар дарсҳои аввал ин чиз барояшон ҳанӯз нофаҳмо, тааҷҷуби онҳоро ба вуҷуд намеорад ва зоҳиран ҳамчун ҷаҳиши назаррас мушоҳида намешавад. Танҳо дар мавзуъҳои баъдии бахшида ба эҷодиёти дигари нависандагони англис ин барои донишҷӯён ва барои мушоҳидакунандаи беруна назаррас мегардад.

Ангезаи навсозӣ дар дарсҳои забони англисӣ ҳамон хусусиятҳо дорад, яъне аҷиб будану дар ҳайрат мондан ҳам чун ҳолат, ки дар натиҷаи баён кардани муҳтавои алаккай маълум аз дидгоҳи нав пайдо мешаванд, вале онҳо равшан ба назар намерасанд, чунон ки дар дарсҳои фанҳои дигар мушоҳида мешавад. Ин раванд дар дарсҳои забони англисӣ метавон гуфт, ки дар шакли ҷаҳишҳои хурд сурат мегирад, ки онҳоро донишҷӯён танҳо тавассути бахотироварӣ ва ба роҳи тайкардаи омӯзиши забон назар кардан, мушоҳида мекунанд. Дар айни ҳол раванди навсозӣ дар ҳамкорӣ бо проблемагузорӣ баъзан ҳатто ба мухолифати донишҷӯён ва кӯшиши онҳо ба қаноат кардани ба он донишҳои пештараи худ дучор мешавад.

Ҳолати мазкур дар яке аз дарсҳо аз рӯйи романи The Sea-Wolf (Гурги баҳри) равшан ба назар расид, вақте ки сухан дар бораи вижагиҳои бадеии насри Дж. Лондон мерафт. Омӯзгор усули муқоисаи тасвири санҷишҳои Уолтер Гредиро бар муқобили қаҳрамони асар ва тасвири қаҳрамонони асари (Плавание на край земли) “Шино кардан ба ун тарафи дунё”-и Клайв Люсис дар бораи саёҳати баҳрии қаҳрамонон ба олами ҷодугарии Нарния, ки дар он ҷо онҳо ба

озмоишҳои гуногун дучор мешаванд, нақл мекунад, ба кор бурд. Ҳар ду ҳолат қариб якхела мебошанд, вале дар ҳар ду тасвир услуби эҷодии ҳар кадоме аз ин адибон ба назар мерасад.

Дар ҳамин дарс ошкор гардид, ки шавқмандии маърифатӣ на ба таври ҳамвор, балки мураккабу бо ихтилоф дар раванди омӯзиши адабиёт дар марҳилаи ибтидоӣ ташаккул меёбад, ки дар ин марҳила кӯшиш ба муҳокимаронии мустақил ба назар мерасид ва муносибати интиқодӣ ба арзёбии китоб ва омӯзгор ҷой дорад, вале дар ин марҳила ҳанӯз донишу қобилиятҳо барои асосноккунии мулоҳизаҳои худ кифоят намекунанд. Маҳз ин мураккабӣ ва мухолифат ба туфайли навсозӣ ва дар ҳайрат мондани донишҷӯён бо гардиши ногаҳонии омӯзиши гӯё ҳодисаи алаккай маълум, он чизе, ки бояд тибқи барнома донанд, зоҳир мегардад.

Ҳамин тавр, таъсири ангезаи навсозии донишҳои қаблан омӯхташуда, марҳила ба марҳила ба шавқмандии маърифатӣ зиёд мегардад. Арзиши ин маҳз аз он иборат аст, ки ба пайдоиши зинаи нави аз худ кардани донишҳо мусоидат мекунад. Дар ниҳояти кор дар марҳилаи муайян инро худи донишҷӯён, бо ҳар чи бештар аз худ кардани равиши диалектӣ дар омӯзиши фанҳои таълимӣ ҳис мекунанд.

3. Ангезаи муҳимми шавқмандии маърифатии марбут ба муҳтавои маводди таълимӣ ҷанбаи таърихии дониҳшои донишҷӯён (таърихшиносӣ), яъне баёни маълумот аз таърихи илм ва таърихи кашфиётҳои илмӣ ба шумор меравад. Ҳамзамон, аз як тараф, шавқмандии маърифатӣ ба маводди камтар шинохташуда, баъзан маводди тамоман нав (масалан, аз таърихи забон) такя мекунад, ки бо аз худ кардани он донишчуён ба андозаи бештар дарк мекунанд, ки донишгоҳ, дарс ва омӯзгор ба онҳо чӣ медиҳанд. Аз тарафи дигар, рӯ овардан ба таърих дар омӯзиши фанҳои таълимӣ то андозае раванди омӯзишро ба идроки илмӣ наздик мекунад. Донистани он, ки дониши дахлдор дар давраи оғози худ чӣ гуна буд, чӣ тавр он таҳаввул кард, ба ҷустуҷӯҳои илмӣ даст задан

ва душворию хурсандии онҳоро эҳсос кардан, ҳамаи ин маънои ба дарки худи раванди маърифат наздик шуданро дорад, бигзор на қонунҳои илмии кашфшаванда, балки қонунҳои илмии дар раванди омӯзиш бошанд, вале ба ҳар ҳол ба ҷустуҷӯи ҳақиқат рабита доранд.

Маҳз ин ангеза бо воқеияти номаълум аз таърихи илм ва шарҳи ҳоли олимон пайваст аст. Маълумот доир ба сарчашмаҳои кашфиёти илмӣ ҳама вақт аз ҷониби донишҷуён бо шавқу рағбати зиёд дарк мешаванд, зеро ки барои ба таври нав дидани маводди мавриди омӯзиш мадад мерасонанд ва ба навсозии он чӣ, ки одӣ ва маъмулӣ аст, мусоидат мекунанд. Аз тарафи дигар, маълумоти таърихӣ ҳамеша барои донишҷуён камтар маълум аст ва аз ҷониби онҳо ҳамчун чизи нави ногаҳонӣ ва ҷолиб дарк карда мешавад. Дар ниҳоят, шиносоӣ бо таърихи илм ва кашфиёти он ба дарки душвориҳои азими ҷустуҷӯҳои илмӣ, дар назари донишҷӯён баланд бардоштани эътибори илм, эҳтироми далелҳои исботшудаи илмӣ ва мафҳумҳои илмӣ аз ҷониби донишҷӯён мусоидат мекунад ва донишҷӯён барои исботи мулоҳизаҳою хулосаҳои худ ба кор бурдани далелҳои исботшударо ёд мегиранд.

Маълумоти таҳқиқоти мо аз саҳми калони донишҳои таърихӣ ба ҳамаи марҳилаҳои таълим ва ба дарсҳои фанҳои гуногун, аз ҷумла дар омӯзиши забонҳо ҳам, гувоҳӣ медиҳанд. Масалан, ҳангоми бозсозии заминаи таърихии ҳодиса, дар ахбор оид ба воқеатҳо аз зиндагиномаи олимону адибон, инчунин ҳангоми нишон додани таҳаввули афкори илмӣ ва ғайра донишҳои таърихӣ ба кор бурда мешаванд. Мусаллам аст, ки аз ин ҷиҳат дарси таърих, ки ҷаҳонбинии донишҷӯёнро васеъ мекунад, онҳоро ба таҳаввули фарҳангу илм ва санъат ошно месозад, аҳаммияти махсус дорад.

Дар натиҷаи он ба шавқмандии маърифатии донишҷӯён ин чиз ҳам мусоидат мекунад, ки таърихи пайдоишу таҳаввули кашфиёти илмиро то ҳамин рӯз мерасонад; раванди таълим ба рушди илми муосир наздик мешавад ва қуллаҳои онро нишон медиҳад ва ин донишҷӯёнро ба донишҳои муосири илмӣ

наздик мекунад, ки барои ангезиши шавқмандии маърифатии онҳо хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Масъалаи ҳалталаби муосир, ки ба сатҳи муосири илм мувофиқ кардани муҳтавои таълим мебошад, амалан бо тартиб додани барномаҳои таълимии нав ва таълифи китобҳои нав аллакай ҳаллу фасл мегардад. Аммо, аввалан, набояд ба ҳалли қатъии ин масъала бо сабаби маҳдудияти чаҳорчӯбаи вақти таълимӣ умед баст ва дуюм, ҳаракати илми муосир чунон зуд ва беназир аст, ки барномаҳои нав ногузир аз дастовардҳои илмии муосир ақиб хоҳанд монд. Аз ин рӯ, дар назди омӯзгорон ҳам дар давраи ҳозира ва ҳам дар оянда вазифаи таъхирнопазир қарор хоҳад гирифт, ки аз пур кардани холигии байни фанҳои таълимӣ ва илм, шинос намудани донишҷӯён бо марҳилҳои рушди илм, қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни онҳо ба донистан ва ба ин васила амиқу мустаҳкам намудани шавқмандии маърифатии онҳо иборат мебошад.

Дар ҳаёти воқеи ин раванди душвор аст ва омӯзгорон ба ҳолати баръаксаш дучор мешаванд. Худи омӯзгорон дар ин бора чунин мегӯянд: “Ҳамин ки дар ин самт як супориш дода шавад, ҳатман доир ба он вокуниш ногузир ва хеле зиёд мешавад. Ба ҷойи як китоби нави тавсияшуда, онҳо се китобро ёфта мебиёранд ва ҳатман суҳбати омӯзгорро доир ба онҳо талаб мекунанд. Дар дарс онҳо метавонанд омӯзгорро бо саволҳои худ доир ба ягон кашфиёти илмӣ, ки дар бораи он ӯ ҳанӯз иттилое надорад, дар як ҳолати ногувор қарор диҳанд”.

Вале ин маҳз  ҳамон умқи шавқмандии маърифатӣ аст, ки дар вақташ тавассути ангезаи беруна ба вуҷуд омадааст, вале ба талаботи дарунии донишҷӯй мубаддал гардидааст.

4. Дар муҳтавои маводди таълимӣ, ки донишҷӯён аз худ мекунанд, боз як унсури  муҳимми дигари таҳкими шавқмандии маърифатӣ мавҷуд аст, ки мо аз таҳлили раванди таълим дарёфтем ва онро ҳам баробари навгонии маводди таълимӣ дарк мекунанд. Ин унсури муҳим зарурати амалӣ ба дониш барои истифодаи илм дар амал мебошад.

Фаъолияти маърифатӣ ва амалии инсон бо ҳам дар ягонагӣ ва печидагӣ қарор доранд [260]. Дар маърифат ва амал такомули шахсияти инсон сурат мегирад.

Таҳқиқоти мо, инчунин таҳқиқоти олимони дигари соҳаи дидактика, аз ҷумла таҳқиқоти Р. Г. Лемберг, М. Н. Скоткин, нишон медиҳанд, ки сарчашмаи муҳимми ташаккули шавқмандии маърифатии бештари донишҷӯён фаъолияти амалии онҳо ба шумор меравад. Онҳо ҳангоми фаъолият комёбиро дар пешравии корҳои эҷодӣ худ эҳсос мекунанд. Маҳз таваҷҷуҳи ин қисмати донишҷӯёнро дар фанҳои таълимӣ на ҷанбаи назариявӣ, балки он донишҳое, ки онҳо аз фанҳои таълимӣ барои фаъолияти амалии худ ба даст меоранд, ба худ ҷалб мекунанд. Чунин донишҷуён, тибқи таҳқиқоти мо, аз ҳар як гурӯҳ аз 2-3 нафар сар карда, се ҳиссаи тамоми ҳайати гурӯҳро ташкил медиҳанд. Ба ягон фаъолияти амалӣ майл дошта, онҳо ба донишҳои назариявӣ, ки дар дарсҳо ва аз китобҳои дарсӣ ба даст меоранд, диққат намедиҳанд ва аз ин рӯ, ба фаъолияти маърифатӣ машғул намешаванд. Вале, ба донишҳои корбурдӣ зароратро эҳсос карда, онҳо худашон адабиёти дахлдори фарогири маслиҳату тавсияҳое, ки метавонанд дар фаъолияти амалӣ ба онҳо ёрӣ расонанд, ҷустуҷӯ мекунанд.

На танҳо барои ин гурӯҳи донишҷӯён, балки барои ҳамаи донишҷӯён дарки аҳаммияти амалии илм ва нақши он дар бозсозии ҷомеа зарур мебошад, то ки барои афзун намудани донишҳои илмӣ-назриявии худ бештар сайъ варзанд. Нисбати гурӯҳи мазкури донишҷӯён бошад, истифодаи маҳз ин ангезаи марбут ба муҳтавои маводди таълимӣ аҳаммияти махсусро касб мекунад. Он барои бартараф кардани ихтилофоте, ки байни фаъолияти маърифатию корбурди амалии донишҳои назариявӣ ба вуҷуд омадааст, мусоидат мекунад ва донишҷӯёнро ба дарки зарурати донишҳои назариявӣ водор мекунад.

Ангезиши шавқмандии маърифатӣ тавассути нишон додани аҳаммияти амалии донишҳо, аз рӯйи маълумоти таҳқиқотии мо, барои донишҷӯёни курсҳои поёни бениҳоят муҳим аст, зеро ки онҳо бо сабаби нокифоя будани

дониш ва таҷриба на ҳама вақт метавонанд арзиши назариявӣ ва аҳаммияти амалии донишҳои ба даст омадаро арзёбӣ кунанд, вале ҳама вақт бо шавқ аз имконияти амалан ба кор бурдани дониш дар ҳаёти шахсии худ истифода мебаранд. Чунин муносибат дар кӯшиши баъзе донишҷӯён ба омӯхтани донишҳои корбурдӣ ҳам зоҳир мегардад, ки аз озмоиши мо бо конвертҳо маълум ва ошкор гардид.

Тибқи маълумоти таҳқиқоти мо, ба кор бурдани ин ангеза дар дарсҳо дар курсҳои поёнӣ бештар дучор мешавад (аз 35 то 55%) Дар курсҳои болоӣ бошад, на он қадар зиёд мушоҳида мешавад (то 19-21%).

Таъсири ин ангеза ҳам ба таври гуногун сурат мегирад. Бештар вақт донишҷӯён бевосита зарурати истифодаи ин ё он дониш дар фаъолияти таълимиро эҳсос мекунанд, ба мисли фарқ кардани овозҳою ҳарфҳо, тарзи дурусти имлои ин ё он шакли грамматикӣ, зарурати аз худ кардани нутқи гуфтугӯйӣ ба забони англисӣ, ба кор бурдани воқеиятҳои таърихӣ, зарурати эҷоди бадеӣ, таҳлили асари бадеӣ ва вижагиҳои бадеияти он.

Ба донишҷӯён нишон додани дастовардҳои муосири илмӣ ҳам ангезаи муҳимми марбут ба муҳтавои таълим ба шумор меравад. Дар ин маврид, таърихи илмро то давраи ҳозираи рушди он овардан зарур аст, ки танҳо ҳамон вақт донишҷӯй тамоми мураккабӣ, ихтилофот, машаққати ҷустуҷӯҳои илмӣ, меҳнати зиёде, ки кашфиётҳои илмӣ натиҷаи онҳо мебошанд, пурратар дарк мекунад.

Дастовардҳои муосири илмӣ барои фаҳмиши раванди мураккаби ба шохаҳо ҷудо шудани донишҳо ва ҳамгироии илмҳои муосир барои анҷом додани кашфиётҳои бузург мадад мерасонанд. Дар ин замина донишҳои таълимӣ барои донишҷӯён арзишманд ва шавқангез мегарданд.

Ангезиши ҳисси ифтихор барои илми ватанӣ дар донишҷӯён, водор намудани онҳо ба дарки қудрати илм ва қудрати ақли инсон бидуни ба муҳтавои маводди таълим ворид намудани маълумот доир ба дастовардҳои

муосири илмӣ имконнопазир аст. Зуҳуроти ин ангеза дар раванди таълим, аз рӯйи мушоҳидаҳои мо, чандон зиёд нест. Дар муқоиса бо ангезаҳои боқимондаи марбут ба муҳтавои таълим, ин ангеза ду ва ҳатто се бор камтар дучор мешавад, гарчанд ки нақши он дар баланд бардоштани шавқмандии маърифатии донишҷӯёнро омӯзгорон хубтар дарк мекунанд (ҷадвали 2).

Дар раванди дарс вобаста ба мавзуҳои грамматикӣ ҳолатҳои барои донишҷӯён ҷолиб дар бораи калимасозӣ, дар мавзуи таърихи забони омӯхташаванда бошад, сухан дар бораи тафсири муосири илмии мафҳумҳои фарҳанги моддӣ ва фарҳанги маънавӣ мерафт ва дар дарс дар мавзуи адибони англисзабон танҳо як бор зоҳиршавии ин ангезаи барои ташаккули шавқмандии маърифатӣ муҳим ба қайд гирифта шуд, ки ин ҳам бошад, тафсири эҷодиёти Дж. Лондон аз тарафи олимони соҳавӣ буд.

Тавре ки мебинем, хусусиятҳои хоси ҳар як фанни таълимӣ хеле гуногунанд ва имкониятҳои истифодаи онҳо барои ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён  хеле зиёд аст. Вале метавон зикр кард, ки на ҳаммаи имкониятҳои ангезиши шавқмандии маърифатии алоқаманд ба муҳтавои маводди таълимиро ҳар як омӯзгор ба таври лозима истифода мебарад.

Сарчашмаи дигаре, ки дар ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён нақши муҳим дорад, ин худи фаъолияти маърифатии донишҷӯён мебошад. Фаъолияти маърифатии донишҷӯён, ки аз лиҳози педагогӣ дуруст ташкил шудааст, ба донишҷӯён таассуроти дигар мебахшад, ҳолатҳои дигари равониро ба вуҷуд меорад ва аз онҳое, ки дар зери таъсири муҳтавои маводди таълимӣ ба вуҷуд меоянд, ба куллӣ фарқ мекунанд. Барои ҳамин таъсири шаклҳои мухталифи ташкил ва хусусияти ҷараёни фаъолияти омӯзишии донишҷӯён ҷанбаи хоси ташаккули шавқмандии маърифатии онҳоро эҷод мекунад, ки аз ҷанбаи ангезише, ки аз муҳтавои мавдоди таълимӣ бар меояд, фарқ мекунад .

Дар таҳқиқоти худ мо талош варзидем, то ин хусусиятҳои фарқкунандаро ошкор намоем. Ошкор кардани хусусиятҳои фарқкунандаи фаъолияти

маърифатии донишҷӯён, ба сабаби он ки ин тараф дар раванди воқеии таълим гӯё ки бо тарафи дигар (муҳтавои маводди таълимӣ) тамоюли бештар ва васеи фаъолсозии фаъолияти омӯзиши донишҷӯён омехта шудааст, мураттабу печида гардидааст. Барои он ки шавқмандии маърифатиро аз фаъолиятнокии доничӯён ҷудо намоем, лозим шуд, ки ин хусусияти хосе, ки фаъолияти маърифатӣ ба фаъолияти донишҷӯй ворид мекунад ва нақши он дар хатти умумие, ки ба рушди фаъолнокӣ ва мустақилияти донишҷӯй дар раванди таълим равона гардидааст, баррасӣ намоем.

Мусаллам аст, ки маҳз дар рафти омӯзиш шавқмандии маърифатии донишҷӯён ҳамчун ангеза зоҳир мегардад. он на танҳо ба иҷрои корҳо водор мекунад, балки ба сифати онҳо низ таъсир мерасонад. Мушоҳидаи раванди омӯзиш дар гурӯҳҳо ва дарсҳои озмоишие, ки ба мақсади муайян намудани хусусиятҳои фаъолияти таълиме, ки дар натиҷаи таъсири шавқмандии маърифатӣ ба вуҷуд меоянд, инчунин пайгирӣ намудани ҳолатҳои инфиродии ташаккули он баъзе хусусиятҳои зоҳир гардидани шавқмандии маърифатӣ ошкор гардиданд, ки барои муайян кардани нақши онҳо дар худи раванди фаъолият мадад расонд. Натиҷаҳои ин таҳқиқотро метавон аз инҳо иборат донист:

1. Шавқмандии маърифатӣ ҳамчун ангеза донишҷӯйро на танҳо ба дарки доираи муайяни ҳодисаҳо, ки махсусан, барои таълим муҳим аст, равона созад, балки ӯро ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ водор мекунад ва метавонад шавқмандии маърифатии ӯро қонеъ гардонад ва нигоҳ дорад;

2. Шавқмандии маърифатӣ эҷоди “муҳити дохилӣ“, таконҳои дарунии омӯзиширо муайян мекунад, ки ба туфайли он раванди фаъолият бештар фаъол, эҷодкорона ва натиҷааш бештар самарабахш мегардад;

3. Дар навбати худ, худи хусусияти фаъолияти донишҷӯй ба ангеза барои таҳкими шавқмандии маърифатӣ мубаддал мегардад, чунки дар он бо неруи махсус тамоми равандҳои зеҳнию иродавӣ ва эҳсосотию психологӣ фаъол

мегарданд. Шавқ ҳам фаъолиятро тавассути эҳсосот ангезиш мебахшад ва ҳам худи раванди фикррониро фаъолтар мегардонад. Чунин таъсири мутақобилаи равандҳои фаъолияту шавқ ҳам сабаб ва ҳам натиҷаи таъсири шавқмандии маърифатӣ ба фаъолияти маърифатии донишҷӯй мебошад;

4. Дар раванди фаъолияти омӯзишии ғайратмандонаю мустақилонае, ки дар натиҷаи шавқ ба вуҷуд меояд ва дар навбати худ боиси устувор гардидани шавқи донишҷӯй мегардад, эҳсосоти хосе ба вуҷуд меояд, ки аз доираи фаъолияти маърифатии ӯ берун мебароянд ва ба муносибатҳои ахлоқию эстетикии донишҷӯй ва ба воқеият таъсир мерасонанд. Чунин эҳсосот ба эҳсосоте, ки бо дарку фаҳмиши муҳтавои маводди таълимӣ алоқамананд, қобили муқоиса нестанд. Ҳамин тавр, муҳтавои маводди таълимӣ ҳамчун сарчашмаи шавқмандии маърифатӣ дар донишҷӯй, тавре ки мо мушоҳида кардем, ҳисси хурсандии ӯ аз ҷаҳонфаҳмӣ, ҳисси қаноатмандӣ аз имконияти амиқтар  рафтан дар фаҳмиши он, тааҷҷуб, ҳисси чизи нав ва интизории донистани чизи нав ба вуҷуд меоварад. Ҳамаи ин ҳиссиёт ва ҳолатҳо, тавре ки мо мебинем, метавон ҳамчун ҳиссиёти фикрӣ ва хурсандии фикрӣ тавсиф кард.

Раванди фаъолият, ки ба фаъолнокӣ ва мустақилияти донишҷӯй пайваст аст, тобиши дигари ҳиссиётро ба вуҷуд меорад, ки доираи амали он бештар воқеъ аст.

**Ҷадвали 3.**

**Тақсимоти ангезаҳои марбут ба ташкил ва хусусияти ҷараёни фаъолияти омӯзишии донишҷӯён**

| № | Ангеза | Ҳафтаҳои таълимӣ | | | | | | | | Дар маҷмуъ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2** | **4** | **6** | **8** | **10** | **12** | **14** | 16 | |
| 1. | Гуногунии шакли кори мустақилона | 22 | 29 | 9 | 18 | 16 | 18 | 14 | - | 15,75 |
| 2. | Донистани усулҳои нави фаъолият | 26,4 | 32 | 15 | 24 | 39 | 14 | 18 | 16 | 23,5 |
| 3. | Мушкилот | 16,4 | 19,5 | 15 | 19 | 25 | 54 | 31 | 43 | 27,5 |
| 4. | Унсурҳои таҳқиқот | 14 | 17 | 5 | 9 | 17 | 12 | 19 | 23 | 14,5 |
| 5. | Корҳои эҷодӣ | 19 | 19,5 | 9,5 | 12 | 27 | 11 | 22 | 16 | 17 |
| 6. | Корҳои амалӣ | 26 | 45 | 7 | 19 | 15 | 19 | 7 | 7 | 18,1, |

- Дарки рушд ва пешрафти худ дар маърифати ҷаҳон.
- Хурсандӣ аз донистани бештар такмилёфтаи тарзҳои фаъолият ва ё амалҳои омӯзишӣ.
- Хушҳолӣ аз раванди фаъолияти маърифатӣ.
- Ҳисси муваффақият.
- Ҳисси шаъну эътибори худ.
- Ифтихор барои муваффақиятҳои рафиқ.
- Ҳиссиёти мухталифи аъзоёни коллективи гурӯҳ ҳангоми вазифаи умумии коллектив.

1. Омӯзгорони моҳир нақши ҳамаи ин ҳиссиёти шогирдони худро дар ташаккули шавқи онҳо ба омӯзиши фанни таълимии худ муҳим арзёбӣ мекунанд. “Ман мехоҳам, - мегӯяд яке аз омӯзгорони соҳибтаҷриба, ки донишҷӯ дарсҳои мо ва вохӯрӣ бо манро ҳамчун манбаи донишҳои наву аҷоиб интизор бошад. Ин интизории дарсҳои забони хориҷӣ бояд ӯро на танҳо ҳамон вақте, ки супоришҳои пешниҳодкардаи маро иҷро мекунад, балки ҳамон вақте ҳам, ки ӯ дар интихоби машғулиятҳои худ озод аст, яъне барои ҳамешагӣ тарк накунад”.

Мо он чизеро, ки оё ҳамаи ин таассурот аз фаъолияти шавқовар ҳолатҳои муваққатианд ва ё ҳолатҳои доимию устувор, таҳлил намекунем.

Вобаста ба нақши фаъолияти онҳо, аз он ки то чӣ андоза ин ё он ҳиссиёт зуд – зуд пайдо мешавад, метавонанд ҳам муваққатӣ ва ҳам доимӣ бошанд. Як чиз мусаллам аст, ки ҳамаи ин асоси чунин муносибатҳои шахсиеро ташкил медиҳанд, ки фазои махсус ва берунаи таълимиро эҷод мекунанд.

Ҳоло навъи дуюми ангезаҳои шавқмандии маърифатиро баррасӣ менамоем, ки ба ташкил ва ҷараёни фаъолияти омӯзишии донишҷӯй алоқаманданд.

Тавре ки аз маълумоти дар ҷадвали 3 овардашуда бармеояд, зоҳиршавии ин навъи ангезаҳо дар дарсҳо ба миқдори хеле кам ба қайд гирифта шудааст ва аз бисёр ҷиҳат аз ангезаҳои марбут ба муҳтавои маводди таълимӣ ақиб мемонад ва

ин воқеият моро ба андеша водор мекунад. Бо вуҷуди он ки дар солҳои охир ба масъалаи фаъолсозии таълим, рушди худомӯзӣ ва корҳои мустақилонаи донишҷӯён ва масъалаи умумии самарабахшии дарс бисёр корҳои пажуҳишии дидактикӣ ва методӣ бахшида шуда буданд [94], аммо дар амалияи таълим ин ҳанӯз пурра инъикос наёфтааст ва барои бартараф кардани фосилаи байни назария ва амалияи таълим кӯшишу заҳмати бештарро талаб мекунад.

1. Яке аз ангезаҳои гурӯҳ, ки мо ошкор кардем, гуногунии шакли корҳои мустақилонаи донишҷӯён мебошад, ки саҳми он дар ангезиши шавқмандии маърифатӣ ночиз аст ва дар ҳафтаҳои ниҳоии таълим тамоман зоҳир намегардад.

Дар ташкили фаъолияти донишҷӯён дар дарсҳо шаклҳои аз озмоиш гузашта ва чандин маротиба санҷидашудаи корҳои мустақилонаи донишҷӯён, ки ба касб кардани роҳҳои нави фаъолияти маърифатӣ, ба мисли таҳлили луғавӣ, морфологӣ, синтаксисӣ ва ғайра алоқамандanд, бештар истифода бурда мешаванд.

Гарчанде ки манзараи зоҳир гардидани ин навъи ангезаҳо аз рӯйи раванди таълим хеле гуногун аст, дар маҷмуъ метавон гуфт, ки онҳо дар чоряки ҳамаи дарсҳои бақайдгирифта мушоҳида шуданд.

Таъсири фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён ба рушди шавқмандии маърифатии онҳо ҳамеша фоидаовар аст, зеро бо он ҳиссиёти мусбати шахс алоқамандаnд, ки онҳо амалиёти тафаккурро фаъолтар мегардонанд ва ба дарки зарурати бартараф намудани душвориҳои хурду калон мадад мерасонанд.

Гуфтаҳои сершумори донишҷӯёни сину соли гуногун аз баҳои мусбати онҳо ба корҳои мустақилонае, ки барои имкониятҳои беҳтарини онҳо пешбинӣ шуда, онҳоро ба фикркунӣ водор мекунанд, гувоҳӣ медиҳанд.

Таҷрибаи пешрафтаи педагогӣ исбот кардааст, ки шаклҳои гуногуни корҳои мустақилона ва тағйирпазирии онҳо донишҷӯёнро ба фаъолияти ғайратмандона ҳавасманд мекунанд. Вале ин ҳолатро на ҳама вақт омӯзгорон ба

кор мебаранд, зеро худи муҳтавои маводди таълимӣ истифодаи тулонии ягон шакли кори мустақилона ба мақсади мустаҳкам намудани қобилияту малакаҳоро талаб мекунад. Бештар вақт ин бо иҷрои вазифаҳо доир ба грамматика, тарҷума ва амсоли инҳо алоқаманд аст, вақте ки донишҷӯён ҳамзамон роҳи ҳал ва қонуниятҳои дахлдорро аз худ мекунанд. Дар чунин ҳолатҳо якнавохтии такроршавии амалҳо метавонад монеи роҳи устувор гардидани шавқмандии маърифатӣ гардад. Дар ин маврид ҳам ҳамон вазъияти ҳал бартарият пайдо мекунад, ки онро омӯзгор бо муносибаташ ба супориш ва ба раванди ҳалли он, бо озмудани унсурҳои мушкилсозӣ ва ҳамзамон танзим намудани раванди иҷрои супоришҳо эҷод мекунад.

2. Бахусус, масъалаи мушкилсозиро муфассалтар баррасӣ кардан лозим аст, ки он дар курсҳои болоӣ тамоюл ба афзоиш дорад.

Масъалаи омӯзиш бо усули проблемавӣ дар солҳои охир дар назария ва амалияи педагогӣ ҷойгоҳи хоса дорад, зеро ин усули таълим ба талаботи рӯзафзуни самараи рушди таълим бештар ҷавобгӯй мебошад. Масъалаи мазкур дар таҳқиқоти олимони ватанӣ А. Муҳаммадиев, М. М. Мирзоев, А. Р. Раҳимов, А. Ш. Шамсиддинов, олимони рус С. Л. Рубинштейн, Н. А. Менчинская, А. А. Люблинская, И. Я. Лернер, дар таҳқиқоти олимони кишварҳои дигар В. Окон, К. Лех, Ч. Куписевич ва дигарон ҳамчун роҳи нави таълим, ки дар муқобили роҳҳои анъанавии таълим қарор мегирад, ба таври васеъ баррасӣ шудааст. Ҷанбаҳои хеле гуногуни таълими проблемавӣ дар раванди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар бораи ин равоншиносон, педагогҳо, дидактикҳо ва методистони зиёде изҳори ақида кардаанд.

Мо дар назди худ вазифаи муайян кардани нақши таълими проблемавиро намегузорем ва майли ворид шудан ба баҳс доир ба он ки принсип ва ё система чист, надорем.

Мушкилсозӣ дар таълимро аз нуқтаи назари таъсири он ба шавқмандии маърифатии донишҷӯён баррасӣ карда, мо дар он ҷиҳатҳои арзишманди

объективиеро мушоҳида мекунем, ки бо пайдоиши чунин ҳолатҳои равонӣ дар донишҷӯён ба мисли таачуб, ҳайрат, фикрронӣ, ҳисси руҳбаландӣ, хоҳиши фаҳмидан ва бештару амиқтар дарк кардани мавзуи мавриди омӯзиш мусоидат мекунанд. Ҳолатҳои мазкури равонӣ хоси шавқмандии маърифатӣ мебошанд.

Дар таълими проблемавӣ ҳама вақт мухолифати дохилӣ ва ё берунӣ, як муаммои хосе вуҷуд дорад, ки донишҷӯйро нигарон мекунад ва вокуниши тахминӣ-иктишофии ӯро ба вуҷуд меоварад.

Ҳолати проблемавӣ, ки дар дарс эҷод мешавад, дар донишҷӯён саволҳоро ба вуҷуд меорад. Дар пайдоиши саволҳо бошад, ҳамон такони даруние (талабот ба дарки ҳамон ҳодиса) ифода ёфтааст, ки барои таҳкими шавқмандии маърифатӣ хеле арзишманд аст. Ҳолати проблемавӣ дар шакли тақлидии худ бархӯрдҳои маърифатиеро эҷод мекунад, ки донишҷӯй фаъолона роҳи аз онҳо баромаданро меҷӯяд.

3. Барои таълими проблемавӣ инчунин бархурди дидгоҳҳо хос аст, ки онҳоро бояд фаҳмид, то ки гурӯҳ мавқеи худро муайян кунад. Таълими проблемавӣ ба ин сабаб ба ҷустуҷӯйи фаъоли далелҳо барои ҳимояи нуқтаи назари худ ҳавасманд мекунад. Ин ангеза барои бартараф намудани душвориҳо, барои фаъолияти шадидди зеҳнӣ, барои таҳрики зеҳн ва барои фаъолияти пажуҳишӣ мебошад.

Ин ақидаро В. Окон дар асараш “Асосҳои таълими проблемавӣ” вусъат мебахшад ва ба ин андеша аст ки:

- вазифа танҳо дар ҳолате хусусияти пролемавиро касб мекунад, вақте ки душвории муайяни амалӣ ва ё назариявие ба вуҷуд меояд, ки фаъолияти пажуҳиширо талаб мекунад;
- мушкилиро дар сурате метавон ҳал кард, вақте ки доир ба ҳамон мавзуъ чизе аллакай маълум бошад;

- бояд заминаҳо маълум бошанд, агар онҳо нокифоя бошанд, донишҷӯ онҳоро бо мушоҳидаҳо, таҷрибаҳо, корҳои амалӣ ва мутолиаи адабиёт ва ғайра пурра мекунад.

- вақте ки мавод ҷамъ шуд, фикри асосӣ аниқ мешавад ва ба фаъолияти ҳалли масъала табдил меёбад [223, с.186-203.].

Ба таври субъективӣ таълими проблемавӣ ва вазифаи мушаххаси таълимӣ ё бо ягон номувофиқатӣ боиси тааҷҷуб мешавад ё эҳсоси душвориеро ба вуҷуд меорад, ки донишҷӯйро ба зарурати равона кардани донишҳои худ барои бартараф кардани он мувоҷеҳ мекунад. Чунин зуҳурот бошанд, маҳз хоси ҳолати шавқмандӣ мебошад.

Чун қоида, дар ҳолати дарс таълими проблемавӣ тамоми маҷмуи равандҳое, ки ба таркиби психологии шавқмандии маърифатӣ дохил мешаванд, яъне шиддати зеҳнӣ ва руҳияи баланди эҳсосотиро эҷод мекунад.

Дар таҷрибаи пешқадами омӯзгорон, инчунин дар таҳқиқоти махсуси В. Н. Максимова мо тасдиқи ин нуктаро мебинем, ки таълими проблемавӣ ба шавқмандии маърифатии донишҷӯён ҳатто дар гурӯҳҳои аз ҷиҳати шавқмандии маърифатӣ дорои фаъолияти суст, таъсири судманд мерасонад.

Мушкилсозии таълим бо ҳавасмандкунии он ба ҷустуҷӯ, пажуҳиш ва фаъолияти мустақилона, бешубҳа, ангезаҳоеро фаро мегирад, ки ба рушду таҳкими шавқмандии маърифатӣ мусоидат мекунанд. Дар ин маврид шарти муҳим муваффақияти фаъолият ба шумор меравад, ки ба он малакаҳою қобилиятҳои устувори маърифатӣ мусоидат мекунанд ва имкон медиҳанд, ки донишҳои фарогирифта дар ҳолатҳои мухталиф, аз ҷумла дар ҳолатҳои проблемавӣ ва ҳолатҳои интихоби озодонаи вазифаҳо ва ҳалли онҳо, ба кор бурда шаванд. Дар он ҳолатҳое, ки фосилаи равшан байни мушкилии барои ҳал пешниҳодшуда ва мавҷудияти захираи нокифояи донишҳо, қобилияту малакаҳои ноустувору заифи маърифатӣ ошкор карда мешаванд, таълими проблемавӣ ба нокомӣ мувоҷеҳ мегардад ва шавқ ба омӯзиш хомӯш мешавад.

Аз тарафи дигар бошад, дар гуфтаҳои В. Окон мо чунин тасдиқро мебинем: шавқе, ки таълими проблемавиро ба вуҷуд меорад, ба ангезаи фаъолият ва мустақилияти донишҷӯён мубаддал мегардад.

Дар маводди дар ин боб марбут ба ангезаи навсозӣ баррасишуда, мо аллакай ба ҳамдкории ангезаҳои навсозӣ ва мушкилсозӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудем. Метавон гуфт, ки моҳияти мушкилсозӣ аз он иборат аст, ки ногаҳон донишҳои пешина ҷанбаҳои наверо соҳиб мешаванд, ки то ҳоло барои донишҷӯй ҳанӯз номаълуманд. Ба ин сабаб донишҷӯй робитаҳои навро муқаррар мекунад ва дарки амиқтари донишҳои омӯхташуда сурат мегирад.

Шарҳи сабаби баъзе ҳодисаҳои маълум дар чунин ҳолат мушкилотро ташкил медиҳад ва ҷустуҷӯйи ин сабаб ангезаи шавқмандии маърифатӣ мебошад.

Дар ҳамаи мисолҳои дар боло овардашуда, мо танҳо баъзе ҳолатҳои ҷудогонаи ҳолати проблемавӣ ва зуҳуроти мушкилиро гоҳ дар як ҷанба ва гоҳ дар ҷанбаи дигари таълим мушоҳида мекунем. Мо ба он боварӣ дорем, ки маҳз чунин истифодаи мушкилсозӣ боиси шавқмандии маърифатӣ мегардад, барои он ки мушкилӣ аз ягон ҷиҳат ба ҳолати худ аз худ кардани донишҳо шиддат бахшида, ҳама вақт ба фаъол гардидани равандҳои зеҳнӣ ва эҳсосотии донишҷӯён алоқаманд мебошанд. Дар ин ҳолатҳо таъсири мушкилсозӣ ба шавқмандии маърифатӣ ҳамчун сабаби амали омӯзишӣ маҳсуб мешавад. Шавқ ҳамчун сабаби омӯзиш тавассути системаи таълими проблемавӣ ташаккул меёбад, ки танҳо дар он сурате самараи дилхоҳро ба бор меорад, агар ин бахши муҳтавои таълим ба мушкилсозии баён зарурат дорад ва имконияти эҷоди ҳолатҳои проблемавиро фароҳам меорад. Ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли баъзе вазифаҳои таълими маърифатӣ мувофиқ бошад, имконияти мазкурро фароҳам меорад.

Шавқмандии маърифатӣ ин шавқ ба дарси амиқу ҳаматарафа аст. Ҳар гуна шавқ то андозае ба омӯзиши предмети мавриди шавқ равона гардидааст, вале

фарқияти шавқмандии маърифатӣ дар он аст, ки ин шавқ, умуман, на ба предмети мавриди омӯзиш ва на танҳо ба раванди фаҳмиш, балки шавқ ба фаҳмиши ҳақиқии самарабахш мебошад, ки дар натиҷаи он  як чизи нав ё тартиби донишҳо ва ё дар тарзи муносибати донишҷӯй ба аз худ кардани он донишҳо зоҳир мегардад. Аз ҳамин ҳамоҳангии донишҳои ҳаматарафаи доимӣ, қобилияту малакаи тағйир додани онҳо ҳангоми иҷрои вазифаҳои нав дар ҳолатҳои нав сарчашмаи дарунии шавқмандии маърифатӣ ҳамчун сабаби омӯзиш иборат аст. Аз ҷумлаи ангезаҳои шавқмандии маърифатие, ки бо мушкилсозӣ робитаи зич дорад, равиши пажуҳишӣ ва шинос намудани донишҷӯён ба методҳои таҳлили илмӣ ба шумор меравад.

Аллакай дар иншоҳои донишҷӯён мо мушоҳида кардем, ки меъёри дарси шавқоварро онҳо дар шинос намудани онҳо ба таҳлили адабиётшиносии асар медонанд. Тибқи маълумоти дар ҷадвали 3 овардашуда, ин шакли ангезиши шавқмандии маърифатӣ дар дарсҳо мавридҳои ками зоҳиршавӣ дорад (12% зуҳуроти нисбати шумораи умумии дарсҳо). Дар баъзеҳо бошад, умуман, мушоҳида намешавад.

4. Таъсири ҳавасмандкунӣ ба шавқманди маърифатӣ ба унсурҳои таҳқиқот, бо ангезаи корҳои эҷодии донишҷӯён робитаи зич дорад, ки ангезаи мазкур равандҳои равонии эҳсосотию иродавии зеҳниро фаъол мегардонад ва ба ташаккули имкониятҳои эҷодии донишҷӯй мусоидат мекунад.

Фарқияти ангезаи корҳои эҷодӣ аз унсурҳои пажуҳиш дар он зоҳир мегардад, ки корҳои эҷодӣ дар худ на танҳо ҷустуҷӯйи роҳҳои махсус ва беҳтарини ҳалли вазифаҳои маърифатиро фаро мегиранд, балки, чун қоида, дар натиҷаҳои воқеӣ ва намоёне ифода меёбанд, ки метавон бо натиҷаҳои эҷодкории дигарон муқоиса кард. Дар ин натиҷаҳо ҳам фикр, ҳам донишҳои омӯхта ва ҳам фаъолияти амалӣ шакли моддӣ мегиранд.

Неруи таъсири корҳои эҷодии донишҷӯён ба шавқмандии маърифатӣ дар арзиши онҳо барои рушди шахсият зоҳир мегардад, зеро худи мақсади кори

эҷодӣ ва ҳам раванди иҷрои он ва ҳам натиҷаи он – ҳама аз шахс то ҳадди аксар сарф намудани қувваро талаб мекунанд.

Тавре ки аз ҷадвали 3 маълум мешавад, аз рӯйи маълумоти таҳқиқоти фавқ дар раванди таълим ин ангеза он қадар мавқеи калон надорад.

Супоришҳои эҷодие, ки боиси ангезиши шавқи донишҷӯён мегарданд, қисмати калони маводди таҳқиқоти моро ташкил медиҳанд, ба мисли тартиб додани чистон, ба таври инфиродӣ ва ё дастаҷамъӣ навиштани ҳикоя, тасвири шифоҳии расм ва ё ҳодисаҳо, гузориш, ахбор ва маърузаи донишҷӯён, тартиб додани вазифаҳо ва ғайра.

Дар солҳои охир дар байни омӯзгорон кӯшиши ба сифати дарси  эҷодии саънасозии махсус дар дарс, яъне ривоят кардан аз ҷониби шахси якум, аз ҷониби шахсиятҳои асари бадеии мавриди омӯзиш ба роҳ монда шудааст. Чунин дарсҳои навъи саънасозии ҳикояҳоро мо ҳам ба қайд гирифтем. Ҳамчун шакли навъи дарс онҳо, бе шубҳа, шавқи бевоситаро ба вуҷуд меоварданд, вале вазифаҳои худ, яъне кӯшиши ба умқи маводди мавриди омӯзиш ворид гардиданро пурра иҷро накарданд.

Аз ин ҷо метавон чунин натиҷагирӣ кард: ҳар гуна вазифаи эҷодиро, зоҳиран, чӣ гуна ҷолибе ки набошанд, набояд то замоне, ки донишҷӯён барои иҷрои он маҳорати заруриро касб накардаанд, ба таълим ворид кард. Ҳам омодагии дарки худи вазифа ва ҳам донистани тарзи иҷрои он талаб карда мешавад, танҳо дар сурати мавҷудияти чунин шароит супориши эҷодӣ метавонад ангезаи ташаккули шавқмандии маърифатии ҳақиқӣ гардад.

5. Таъсири корҳои амалии донишҷӯён ба шавқмандии маърифатии онҳо аз ҷониби М. Н. Скатин ва М. И. Сиреский [275] ҳангоми баррасии масъалаи муттаҳид кардани меҳнат ва таълим ба таври боварибахш нишон дода шудааст. Вале, агар корҳои амалиро ҳамчун он навъи фаъолияти мустақил, ки на танҳо раванди маърифатӣ, балки амалҳои ҷисмониро ҳам талаб мекунад, баррасӣ намоем, он гоҳ мувофиқи маводди мо  ҳам ба таври васеъ зоҳир намегардад.

Ин ҳам аз нокифоя истифода бурдани захираҳои таълим барои ҳавасмандии донишҷӯён ба шавқмандии маърифатӣ гувоҳӣ медиҳад.

Ҳамин тавр, метавон гуфт ,ки фаъолсозии фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар раванди таълим ҳам, ки ба ташаккули шавқмандии маърифатии онҳо равона гардидааст, нокомил аст. Ҳанӯз гуногуншаклии кори мустақилонаи донишҷӯён дуруст ба роҳ монда нашудааст. Теъдоди корҳои амалӣ кам ва корҳои эҷодии донишҷӯёне, ки ҳамчун ангезаи самарабахши рушди шахсият, аз тарафи умум эътироф шудаанд, на ҳама вақт барои ташаккули шавқмандии маърифатӣ арзиш доранд, зеро роҳбарии педагогӣ на ҳама вақт иҷрои муваффақонаи онҳоро аз ҷониби донишҷӯён, ба сабаи нокифоя будани тарзҳои иҷро, таъмин мекунад.

Навъи сеюми ангезаи шавқмандии маърифатӣ дар таълим, тавре ки дар боло ҳам зикр шуд, муносибатҳое мебошанд, ки дар раванди таълим байни иштирокчиёни он сурат мегиранд.

Муносибатҳое, ки дар раванди фаъолияти таълимӣ ҳам байни донишҷӯён ва ҳам байни донишҷӯёну омӯзгор сурат мегиранд, худ сарчашмаи мустақили шавқмандии маърифатӣ маҳсуб намешаванд. Муносибатҳои мазкур, пеш аз ҳама, сарчашмаи сабаби иҷтимоии рафтори донишҷӯён мебошанд. Аммо бояд қайд кард, ки шавқмандии маърифатӣ ба мисли ҳар гуна сабаби дигари фаъолият, дар алоҳидагӣ, берун аз шароитҳои гуногуни раванди фаъолият ва ҷудо аз дигар сабабҳою муносибатҳое, ки аз ҷумлаи омилҳои муошират ба шумор мераванд ва дар ташаккулу таҳкими шавқмандии маърифатии донишҷӯён нақши муҳимми ҳавасмандкунӣ доранд, ташаккул намеёбанд. Ба ғайр аз ин, чунончи таҳқиқоти мо нишон медиҳад, ин навъи ангеза аз ҷиҳати миқдори зоҳиршавияш дар дарс бештар мушоҳида мешавад ва дар ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён нақши муҳим дорад,

Хусусияти муносибатҳои байни омӯзгор ва донишҷӯён, услуби ин муносибатҳо омили муҳимтарине мебошад, ки шавқмандии донишҷӯёнро ба

омӯзиши фан ба вуҷуд меорад ва ба таҳкиму устувор гардидани он мусоидат мекунад.

Барои донишҷӯён ин чиз писанд меояд, ки омӯзгор ба онҳо дар фаъолона ширкат варзидан дар раванди омӯхтани донишҳо мадад мерасонад, вай гӯё як қисми раванди таълимро ба дӯши онҳо вогузор мекунад, доимо онҳоро ба таҳлили он чизе, ки дар гурӯҳ сурат мегирад, ҷалб мекунад ва ба боддиқат будан, мушоҳида кардани камбудиҳо ва барои бартараф намудани онҳо чораандешӣ кардан водор мекунад. Ба туфайли чунин усули роҳбарии омӯзгор ба фаъолияти омӯзишии донишҷӯёни гурӯҳ онҳо гӯё аз ҷиҳати имкониятҳои омӯзишии худ як зина боло мераванд, ки он ба омӯзгор дар ҳақиқат дар раванди мураккаби таълим ёрӣ мерасонад.

Масъалаи муносибатҳои коллективонаи донишҷӯён ҳамчун бахши муҳимми мушкилоти ҳавасмандкунӣ ба омӯзиш дар таҳқиқоти равоншиносону педагогҳо А. Л. Шнирман, О. И. Рут, Т. Е. Конникова, инчунин дар таҳқиқоти солҳои охири муҳаққиқони англисӣ А. Жакил, В. Окон ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Чӣ қадаре ки ангезаҳои марбут ба муҳтавои маводди таълим ва раванди фаъолияти омӯзишӣ неруманд набошанд, ба ҳар ҳол ангезаҳои иҷтимоии марбут ба муносибатҳои иҷтимоии донишҷӯён баъзан барои шахсияти онҳо нерумандтар аз ҳамаи ангезаҳои боқимонда ба шумор мераванд.

Дар таҳқиқоти А. Л. Шнирман ва О. И. Рут имкониятҳои фаъолияти омӯзишӣ дар такмили чунин муносибатҳо, ба мисли муносибатҳои корӣ, дӯстӣ, вобастагӣ аз ҳамдигар ва масъулиятшиносӣ, ёрӣ ба ҳамдигар ва дастгирии ҳамдигар, ҳамдилӣ ва ғайра нишон дода шудаанд. Дар навбати худ, чунин муносибатҳои иҷтимоӣ, тибқи таҳқиқоти мо, заминаи зарурӣ барои таълими проблемавӣ, мубодилаи афкор ҳангоми мубоҳиса, ҳангоми таҳлил ва арзёбии ҷавобҳои рафиқон муҳайё месозад ва ба ташаккулу таҳкими шавқмандии маърифатӣ таъсири мусбат мерасонад.

Дар раванди таълим таҳким бахшидан ба муносибатҳо дар коллектив, ки ба ташаккули шавқмандии маърифатӣ мусоидат мекунанд, ба андозаи зиёд бо таъсири роҳбарии омӯзгор ва бо муносибатҳое, ки байни ӯ ва шогирдон сурат мегиранд, алоқаманд аст. Аз ин рӯ, ин навъи ангезаро пайгирӣ карда, мо ҳамзамон оҳанги эҳсосии фаъолияти донишҷӯён ва оҳанги кори худи омӯзгорро ошкор кардем, ки ногузир ба донишҷӯён ва хусусияти муошират байниҳамдигарӣ ва муносибатҳои байни устоду шогирдон таъсиргузор мебошад.

**Ҷадвали 4. Ангезаҳои шавқмандии маърифатии марбут ба муносибатҳои байни иштирокчиёни раванди таълим дар дарсҳо**

| № | **Ангеза** | Ҳафтаҳои таълимӣ | | | | | | | | Дар маҷмуъ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2** | **4** | **6** | **8** | **10** | **12** | **14** | 16 | |
| 1. | Эҷоди оҳанги эхсосотӣ барои фаъолияти маърифатӣ | 38 | 85 | 34 | 79 | 67 | 47 | 69 | 57 | 59,5 |
| 2. | Эхсосоти худи омӯзгор | 30 | 44 | 40 | 55 | 58 | 61 | 65 | 83 | 54,5 |
| 3. | Боварӣ ба қобилиятҳои маърифатии донишҷӯён (хушбинии педагогӣ) | 14 | 55 | 14 | 42 | 68 | 70 | 60 | 8 | 41,3 |
| 4. | Дастгирии мутақобила дар фаъолияти омӯзгор ва донишҷӯён (раванди мутақобила) | 52 | 76 | 32 | 59 | 65 | 67 | 55 | 26 | 55 |
| 5. | Мусобиқа | 8 | 15 | 13 | 9 | 11 | 16 | 13 | 5 | 11,25 |
| 6. | Ҳавасмандкунӣ | 43 | 77 | 14 | 42 | 18 | 55 | 75 | 16 | 42,5 |

Ангезиши мавқеи маърифатии марбут ба муносибатҳои байни иштирокчиёни раванди таълим дар дарсҳои забони англисӣ.

1.Муносибати байни омӯзгорон бо донишҷуён ҳама вакт дар оҳанги эҳсоси фаъолияти донишҷуён зоҳир мегардад, ки ё ба пайдоишу устувор гардидани мавқеи маърифатии онҳо мусоидат мекунад ва ё онро хомӯш мекунад. Ин оҳанги эҳсосӣ ҳам аз хусусиятҳои хоси донишҷӯёни гурӯҳ ва ҳам аз худи омӯзгор ва дар ниҳоят аз усули муносибатҳои тарафайни омӯзгор ва шогирдон вобастагӣ дорад.

Дар натиҷаи таҳлили дарсҳои қайдшуда мо хусусиятҳои зерини оҳанги эҳсосии фаъолияти донишҷӯёнро дар дарс, ки ба таҳким бахшидни мавқеи маърифати онҳо мусоидат мекунад, муайян намудем:

а) танзими фаъолияти зеҳнии донишҷӯён аз ҷониби омӯзгор, ки ба туфайли он дар донишҷӯён хурсандӣ аз фаҳмидан ва қаноатмандӣ аз муваффақият пайдо мешавад;

б) ҳавасмандии муштарак ба як фаъолият, ки дар дарс омӯзгор гӯё ки дар шароити баробар бо донишҷӯён кори ҷустуҷӯиро анҷом медиҳад: якҷоя бо онҳо нақшаҳоро тартиб медиҳад, бозии тахайюлро таҳрик мебошад, саволҳои ҷолиб медиҳад, худаш ҳам дар ҷустуҷӯ аст ва донишҷӯёнро маҷбур мекунад, ки роҳҳои гуногуни ҳалли вазифаи маърифатиро ёбанд:

в) шиддати баҳсҳое, ки дар онҳо муносибатҳои аз ҷониби омӯзгор ташкил ва роҳнамоӣ шаванда баррасӣ мешаванд, махсусан, донишҷӯёнро дар ҳафтаҳои ниҳоии таълим таҳти таъсир қарор медиҳанд. Онҳо ҳам ба иштироки бевосита дар баҳс ва ба шунидани ақидаҳои гуногун, ки доир ба онҳо метавон берун аз дарс ҳам андешаронӣ кард, ҳавасманд мебошанд;

г) бо услуби расмиву қотеона гузаронидани дарс аз ҷониби омӯзгор ба фаъолияти бошиддати ҳамаи иштирокчиён ҳангоми иҷрои вазифа ва ҳадди аксар фишурда бурдани дарс мусоидат мекунад. Ин хусусият аз рӯйи маълумоти мо, хоси дарсҳое аст, ки дар онҳо мантиқи равшан, таваҷҷуҳи шаддид ва пай дар пайии амалҳо ва фаъолияти дохилии донишҷӯён талаб карда мешавад. Барои баъзе омӯзгорон гузаронидани ҳар як дарс бо услуби расми ва қотеона хос аст. Дар баъзе омӯзгорон ин ангеза танҳо дар дарсҳои ҷудогона, ки муҳтавои онҳо барои донишҷӯён то андозае душвор мебошад, ҷой дорад;

ғ) оҳанги мусбати оромонаю якранги муошират бо шогирдон дар дарс ҳам услуби кори бисёре аз омӯзгорон мебошад, ки тартиботи пурра дар дарс, муносибати хайрхоҳона нисбат ба ҳамдигар ва шароит барои комёбиҳо дар ҳалли мушкилиҳои донишҷӯёнро фароҳам меорад. Ин ҳам шавқмандии

маърифатиро бедор мекунад, чунки ҳамаи вазъият ба ин водор мекунад, ки то фикр кунанд, агар ягон нафар хатое содир кард, онро ислоҳ кунад, сабаби хатогиро ёбад, аз муваффақияти худ ва рафиқаш хурсанд шавад;

д) ниҳоят, оҳанги эҳсосии фаъолияти омӯзишӣ тавассути ангезаҳои марбут ба муҳтавои маводди таълим ҳам эҷод мешавад.

Мо намехоҳем, ки ба яке аз амалҳо бартарият диҳем, ки ба эҷоди оҳанги эҳсосии мувофиқи фаъолияти донишҷӯён мусоидат намояд, тавре ки ин, масалан, дар давраи рағбати ҳамагонӣ ба таҷрибаи омӯзгорон ҷой дошт, вақте ки бартарии аслӣ ба фишурдагии замон дар дарс, шиддати кор дар дарс дода мешуд, ки дар он на барои ҳиссиёт, оромиши диққат ва на барои истироҳати кутоҳмуддат  вақт намерасид. Меъёри асосии дарси комил бошад, миқдори зиёди калимаҳоеро, ки донишҷӯён навиштаанд, ба шумор мерафт.

Бояд эътироф кард, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии муосир дар баробари ин омилҳои мусбат боз омилҳои манфие ҳам ҷой доранд. Чунончи, дар муқобили фаъолияти шақовари якҷояи омӯзишӣ усули маҷбуркунии доимии донишҷӯён ба омӯзиш аз ҷониби омӯзгор, дар муқобили фаъолияти ҷиддию ғайратмандона дар як дарс талаботи суст нисбати донишҷӯён дар дарси дигар, дар муқобили муоширати оромона ва бо лаҳни якранг суханронӣ кардани як омӯзгор ғазабу асабонияти омӯзгори дигар қарор дорад.

Аз рӯйи маълумоти мо, ин ангеза дар 35% дарсҳо дар оғози машғулиятҳо ва қариб дар ҳамаи дарсҳои ниҳоӣ зоҳир мегардад. Зуҳуроти эҳсосоти омӯзгор ҳам тобишҳои худро дорад ва аз муносибатҳо бо гурӯҳи донишҷӯён, инчунин аз ҳолати мушаххас вобастагӣ дорад. Масалан, дарсҳои кушоди таълимӣ ба мисли дарсҳои дигаре, ки дар онҳо шахсони бегона иштирок мекунанд, бештар вақт боиси ҳаяҷони омӯзгор ва то андозае асабонияти ӯ мегардад.

Дар таҳқиқоти фавқ мо ба таври равшан 4 гурӯҳи омӯзгорон бо хусусиятҳои мухталифи марбут ба эҳсосоти омӯзгорро муайян кардем, ба

гурӯҳи 5-ум мо ҳама ҳолатҳои номаълумро дохил карда, онро гурӯҳи дигарон номгузорӣ кардем.

Ба гурӯҳи 1-ум мо омӯзгоронеро дохил кардем, ки воқеан дилчасп ва муштоқи фану кори худ мебошанд. Ҳар як дарс барои онҳо ба мисли хурсандӣ аз ошкор кардани олам барои дигарон аст. Шавқу ҳаваси онҳо ба он аст, ки дар дарс шогирдон чиро ва чӣ хел аз худ мекунанд, ба кӯшиши худи шогирдон ба муоширaт бо онҳо мусоидат мекунанд, ки, бешубҳа, ба шавқи донишомӯзии шогирдон таъсири мусбат мерасонад.

Гурӯҳи дуюмро омӯзгороне ташкил медиҳанд, ки талош меварзанд, то дар дарс вазъияти кориро барои фаъолияти шогирдон муҳайё созанд. Онҳо фаъолу моҳир ва донишмандони варзида буда, ҳиссиёти худро бештар зоҳир намекунанд ва дар назди шогирдон ошкор намешаванд. Мавқеи онҳо чунин аст: ”бояд ҳар як донанду тавонад“, заруриёт, пай дар пай ҳар чи бештар мураккаб кардани супоришҳои омӯзишӣ. Дар назди чунин омӯзгорон омӯхтан шавқангез аст, зеро шогирдон пешрафти худ, афзоиши маънавиёту маҳоратҳои худро мебинанд. Дар чунин ҳолат эътирофи ҳақиқи маҳорати омӯзгор аз ҷониби шогирдон сурат мегирад ва вай аз эҳтироми воқеии шогирдон бархурдор мешавад.

Гурӯҳи сеюми омӯзгорон бо иродаи нек ва хушбинии педагогии худ шавқмандии маърифатии шогирдонро бедор мекунанд. Онҳо бештар мехоҳанд, ки ҳар як шогирд аз муваффақият бархурдор бошад. Воситаи таъсири онҳо ба шавқи донишомӯзии шогирдон ин итминону таҳким бахшидани боварии шогирдон ба нерую имкониятҳои худ мебошад. Омӯзгорони ин гурӯҳ як хусусияти арзишманде доранд, ки он дар шогирд дуруст муайян кардани “минтақаи рушди наздиктарин” аст. Онҳо мушоҳидакор, медонанд, ки киро ва кай бояд барои ҷавоб додан даъват кард, то ки ҷавоби дуруст таъмин гардад. Онҳо хоҳиши ҷавоб додани шогирдро қонеъ мегардонанд ва аз нокомии зиёди онҳое, ки барои ҷавоб додан тайёр нестанд, ҷилавгирӣ мекунанд ва инчунин

медоданд, ки кай бояд супориши мураккабтарро супорид ва кай онҳоро ба таъхир андохт.

Гурӯҳи чоруми омӯзгорон бо равшан зоҳир намудани эҳсосоти худ ҳангоми баёни маводди таълимӣ ва ҳангоми арзёбии ҷавобу рафтори шогирдон фарқ карда мешаванд. Барангехтани шавқмандии маърифатии донишҷӯён аз ҷониби ин гурӯҳи омӯзгорон бо ин ду вижагии зерин фарқ мекунад:

1) Эҳсосоти омӯзгор на ҳамеша вокуниши мувофиқи шогирдонро ба вуҷуд меовард, аз ин рӯ, на ҳама вақт ба сифати ангезаи шавқмандии маърифатӣ зоҳир мегардад. Сабаби ин бештар вақт аз ҳад зиёд будани дилсӯзии омӯзгор нисбати шогирдон мебошад, ки ё боиси ханда ва ё тамасхури онҳо мегардад;

2) Дар давоми дарс руҳияи омӯзгор чанд бор тағйир меёбад, аз ифодаи ғамангези эҳсосоти худ дар робита ба муҳтавои маводди таълимӣ онҳо аз мавзуи дарс канор рафта, метавонанд ба осонӣ ба тарбияи ахлоқӣ ва насиҳати шогирдон ё бо лаҳни асабонӣ муошират кардан бо онҳо гузаранд. Ҳамаи инро шогирдон ҳамчун камбудии тоқатнопазирии омӯзгор мефаҳманд ва, албатта, ба шавқи онҳо ба дарс ва ба ҳамон фан умуман таъсири манфӣ мерасанд.

Дар ниҳоят ба гурӯҳи 5-ум мо он омӯзгоронеро дохил намудем, ки дар онҳо таъсири ҳавасмандгардонӣ ба шавқмандии маърифатии шогирдон ба андозаи кофӣ равшан набуд. Дар онҳо усули муайяни муносибат бо шогирдон ташаккул наёфтааст ва дарсҳояшон ноҳамвор мебошанд. Бештар вақт ин натиҷаи камтаҷрибагии омӯзгор, инчунин донишҳои нокифояи назариявию методӣ ва психологию педагогӣ ӯ мебошад.

Мо омӯзгоронро аз рӯйи меъёри ангезаи пешбар ба шавқмандии маърифатии донишҷӯён ба гурӯҳҳо ҷудо кардем, вале бояд, эътироф кард, ки дар фаъолияти ҳар яке аз гурӯҳҳои омӯзгорон метавонанд баъзе дигар унсурҳои мусбати муносибат ва муошират бо шогирдон низ ҷой доранд, ки ба шавқмандии маърифатии донишҷӯён таъсиргузор мебошанд.

Дар ҷадвали 5 тақсими 90 нафар омӯзгор нишон дода шудааст, ки кори онҳоро мо аз рӯйи 5 гурӯҳи мазкур таҳлил кардем.

**Ҷадвали 5. Тақсими омӯзгорон ба гурӯҳҳо мутобиқи хусусиятҳои ангезиши шавқмандии маърифатии донишҷӯён аз ҷониби онҳо**

| Шумораи умумии омӯзгорон | I | I I | I I I | IV | V |
|---|---|---|---|---|---|
| 90 | 27 | 32 | 10 | 13 | 8 |

Тавре ки аз ҷадвали 5 бармеояд, гурӯҳи дуюми омӯзгорон, ки талош меварзанд, то дар дарс муҳити кории шаддидро муҳайё созанд, бартарият дорад. Теъдоди зиёди омӯзгорони гурӯҳи якумро, ки ба кори худ ва муошират бо донишҷӯён дилчасп ва шавқманданд, метавон як воқеияти хурсандибахш ҳисоб кард. Аз тарафи дигар, бояд ҳамон воқеияти ташвишовареро манфӣ арзёбӣ кард, ки чоряки омӯзгорон мансуб ба гурӯҳҳои чорум ва панҷум мебошанд, яъне ба шавқмандии маърифатии донишҷӯён ё таъсири манфӣ мерасонанд ва ё ҳавасмандкунии шогирдон аз ҷониби онҳо норавшан аст.

Дар робита ба гурӯҳҳои болоӣ дар таҳқиқоти В. В. Котов [159] нишон дода шудааст, ки дар муассисаҳои муосир ба таҳсили муносибатҳои дастаҷамъӣ дар дарс ҳанӯз шаклҳои анъанавии таълим монеъ мешаванд, вақте ки фаъолияти омӯзишӣ ҳангоми кор кардан бо гурӯҳ, хусусияти баён ва дарки донишҳои тайёр дорад ва ба ин сабаб ҳар кас барои худ кор мекунад. Тибқи маълумоти муаллифи мазкур, унсурҳои фаъолияти якҷоя, ки ба донишҳои тайёр алоқаманданд, ҳатто дар дарсҳои ниҳоӣ назар ба фаъолияти ҳақиқии ҷустуҷӯӣ, ки донишҷӯёнро муттаҳид мекунад ва ба ташаккули муносибатҳои коллективонаи онҳо мусоидат мекунад, бештар сурат мегирад.

Маълумоти мазкурро аз мавқеи хушбинии педагогӣ баррасӣ карда, мо метавонем фарз кунем, ки дар гурӯҳҳои курси 2 таълим дар заминаи “донишҳои тайёр” бештар ба кор бурда мешавад.

Дар солҳои охир дастовардҳои дидактикаи ватанӣ аз он иборат аст, ки дар раванди таълим донишҷӯ бо имкониятҳои рушд ва талаботу шавқи зеҳнии ӯ қарор гирифт. Чунин пешравиҳо дар дидактикаи англисӣ, ҳам мушоҳида мешавад.

Дар асоси ин шаклҳои таълим (умумӣ ва инфиродӣ) таҷдиди назар мешаванд ва ҷустуҷӯҳои шаклҳои бештар самарабахше, ки барои рушди шахсият имкониятҳои зиёдро фароҳам меоваранд, сурат мегиранд. Яке аз чунин шаклҳои таълим, таълими гурӯҳӣ ва ё ба гурӯҳҳои ҷудогона тақсим кардани муҳасилин ба шумор меравад, ки навъҳои зерин дорад:

а) гурӯҳи доимӣ, ки дар он дар дарсҳо мавзуъҳои муайяни назариявӣ тадрис ва корҳои муайяни амалӣ иҷро карда мешаванд;

б) гурӯҳҳои доимӣ бо омӯзиши мавзуъҳое, ки бахшҳои таркибии мавзуъҳои умумиро ташкил медиҳанд;

в) ҳайати даста доир ба иҷрои супоришҳои истеҳсолӣ;

г) гурӯҳҳои ба таври даврӣ ташкилшаванда, ки аз ҷиҳати ҳайат ва миқдори иштирокчиёни гуногун, барои иҷрои ягон супориши мушаххас ташкил карда мешаванд.

Ҷонибдори кори гурӯҳӣ бо супоришҳои якхела В.Окон, ба ин ақида аст, ки кори умумӣ ва инфиродӣ монеи тафаккури мустақили донишҷӯён мегардад ва танҳо кори гурӯҳӣ ба андозаи пурра ба ин мусоидат мекунад.

Дар таҳқиқоти солҳои охир, ки таҳти роҳбарии В. Окон анҷом дода шудаанд, таъсири кори якхелаи гурӯҳӣ доир ба таълими проблемавӣ аз рӯйи натиҷаҳои фардии донишҷӯён исбот карда шудааст. “Кори гурӯҳӣ, - менависад В. Окон – ҳисси ифтихорро тарбия мекунад, сустхонҳоро ба азхудкунии беҳтар водор мекунад ва аълохонҳоро ба ёрии муваффақона ба ниёзмандон водор мекунад ва ин чиз арзишманд аст, ки онҳо ин ёриро аз рафиқони худ мегиранд, ки ба онҳо боварӣ доранд ва аз нафаҳмидани худ шарм намекунанд. Кори

гурӯҳӣ хиҷолатро аз байн мебарад ва ба анҷоми хуби кор оварда мерасонад, боварӣ ба имкониятҳои худро ба вуҷуд меорад” [347, с. 273-274].

Ин нукта ҷолиб аст, ки дар кори В. Окон, ки аз он иқтибос овардем, гуфта шудааст, ки таълими гурӯҳӣ на танҳо нисбат ба шакли анъанавии таълим бештар самарабахштар аст, балки воситаи муҳимми устувор гардонидани робитаҳои иҷтимоии донишҷӯён ҳам маҳсуб мешавад.

Кӯшиши равона кардани раванди таълим ба рушди шахсияти донишҷӯ хоси педагогикаи кишварҳои зиёд мебошад.

Дар интишороти намояндаи педагогикаи шведӣ Стилан Арвардзон омадааст: “Ноил гардидан ба рушди шахсияти донишҷӯи ҷудогона вазифаи асосии муассисаи таҳсилоти олӣ аст. Фаъолияти мустақилона ва руҳияи ҷамъгароӣ (коллективизм) мақсади ин рушди шахсият ба шумор меравад ва шакли таълимеро талаб менамояд, ки бар пояи фаъолияти мустақилонаи донишҷӯи ҷудогона ва ҳамаи гурӯҳ ташкил карда мешавад. Азбаски донишҷӯён аз рӯйи майлу рағбат ва қобилияти худ гуногун мебошанд, кори муассисаи таълимӣ бояд мувофиқ ба қобилияту фаъолияти омӯзишии ҳар як донишҷӯ ба роҳ монда шавад. Донишҷӯ бояд худ роҳи рушди худро дар мактаб муайян кунад ва замони таҳсил дар мактаб бояд барои ҳама ҳамон қадаре бошад, то онҳо тавонанд ҳодисаҳои ҳаётро таҳлил кунанд ва минбаъд мустақилона хонда тавонанд” [345].

Ба андешаи муаллиф, ноил гардидан ба ин мақсад на аз тариқи таълими умумӣ ва ғайримутамоиз (ғайридиффренсиалӣ), балки аз тариқи таълими инфиродӣ ва мутамоиз имконпазир аст, ки дар натиҷаи ин донишҷӯ ҳамроҳ бо волидон метавонад барои худ роҳи таҳсилро интихоб намояд.

Ба ин тариқ, ҳамон як мақсад, ки дар назди раванди таълим гузошта шудааст, он додани маълумоти умумии васеъ ва ташаккули шахсияти донишҷӯ мебошад, ки ба таври гуногун ҳаллу фасл мешавад: дар як ҳолат танҳо таълими гурӯҳӣ, на таълими умумӣ ва ё инфиродӣ, дар ҳолати дигар танҳо таълими

инфиродӣ, вале на умумӣ-анъанавӣ, ки наметавонад мустақилиятеро, ки барои рушди шахсият зарур аст, таъмин намояд.

Мо дар ин ҷо сайри таърихии ташкили таълимро маҳз барои он овардем, ки ҷустуҷӯи шаклҳои беҳтарини таълим дар дидактикаи муосири ватанӣ ва англисӣ ифодаи боварии ҳақиқӣ ба имконияти шахсияти донишҷӯи муосир, рушди босуръат, ки суръатбахшии он аз тарафи умум эътироф шудааст, ба шумор меравад.

Дар таҳқиқоти мо имкониятҳои рушди шахсият, асосан, дар чаҳорчӯбаи раванди маъмули таълим ошкор карда шуданд. Танҳо вазифаи баъзе самтҳои иловагиро пайгирии таъсири таълими барномарезишуда ва мутамоизро мувофиқи матлаб донистем. Мо ба ин ақидаем, ки боварӣ ҳамчун ангезаи шавқмандии маърифатӣ дар худи ташкили раванди таълим ҷой дорад. Дар эҷоди ҳолатҳои проблемавӣ боварӣ ба имкониятҳои зеҳнии донишҷӯён муҳим аст. Бо дарназардошти ин, ҳолати проблемавӣ бояд аз доимо мураккабтар кардани вазифаҳои маърифатӣ, аз ҳавасмандӣ ба равиши эҷодӣ ва фаъолияти мустақилонаи ҷустуҷӯӣ барои ёфтани роҳи асили ҳал ва дар ниҳоят, аз таълими мураккаб, боварӣ ба нерую имкониятҳои донишҷӯй, хушбинии амиқи педагогӣ иборат бошад. Ҳамзамон хусусияти мувофиқи муошироти омӯзгор ва донишҷӯён таъсири ин ангезаро афзун менамояд.

Хушбинии педагогии худро зоҳир намуда, беҳтарин омӯзгорон ҳатто аз камтарин имкониятҳо ҳам истифода мебаранд, то нуфузи донишҷӯёнро дар пеши худашон баланд бардоранд.

Ангезаи боварӣ, ба мисли ангезаҳои дигар, ҷудонопазир ва дар шакли ҷудогона намебошад. Он на танҳо бо муносибатҳои гуногун печида аст, балки ба ташкили фаъолияти таълимӣ ва ба низоми таълиме, ки дар сатҳи баланди талаботи лозима бо дарназардошти имкониятҳои воқеии донишҷӯён ба роҳ монда шудааст, ворид гардидааст.

Ангезаи дигаре, ки дар таҳкими шавқмандии маърифатӣ нақши муҳим дорад ва бо ангезаи боварӣ робитаи зич дорад, ин дастгирии ҳамдигари омӯзгору донишҷӯён дар раванди таълим мебошад. Боварӣ ба омӯзгор ҳама вақт меҳру муҳаббати донишҷӯёнро нисбат ба ӯ бедор мекунад.  Вале маълумоти мо аз он гӯвоҳӣ медиҳад, ки ангезаи дастгирии ҳамдигар бештар вақт мустақилона ва новобаста аз ангезаи боварӣ ҳам воқеъ мегардад (Ҷадвали 4). Ин аз худи табиати таълим бармеояд, ки муоширати муттасили омӯзгор бо шогирдон, ҷавоби фаъолонаи шогирдон ба ҳамаи саволҳои омӯзгорро талаб мекунад. Дастгирии махсуси омӯзгорро мо дар ҳафтаҳои аввали таълими забони англисӣ ба қайд гирифтем, ки ҳангоми ҳар гуна саволи омӯзгор ҳама барои ҷавоб додан талош мекарданд, гарчанде ҷавоби дурустро на ҳама медонистанд. Дар дарсҳои ниҳоӣ, тавре ки маълумоти мо аз он гувоҳӣ медиҳад, на дар ҳамаи дарсҳо ва на ба ҳар як саволи омӯзгор акси садои донишҷӯён мушоҳида мешуд (сабаб шояд, асосан, ба муносибати интиқодӣ ба ҷавобҳои худ алоқаманд бошад).

Аз рӯйи мушоҳидаҳои мо, ангезаи дастгирии ҳамдигар дар ҳолатҳои мухталиф воқеъ мегардад.

1. Ҳангоми иҷрои вазифаҳои маърифатии бештар дорои хусусиятҳои эҷодӣ, вақте омӯзгор ташаббуси донишҷӯёнро бо баланд бардоштани руҳияи онҳо, сариваќт дидани душворӣ ва зиёд намудани боварии онҳо ба роҳи интихобкардаашон дастгирӣ мекард. Ба туфайли ин шавқи донишҷӯён ба раванди иҷрои вазифа ҳама вақт зиёд мешуд.

2. Ҳангоми баёни маълумот аз ҷониби омӯзгор дастгирӣ аз ҷониби донишҷӯён дар шакли таваҷҷуҳи зиёд ва вокуниши муносиби ҷавобӣ (ханда дар ҷавоб ба шӯхии омӯзгор, ҳолати хандаовар, шиддат ва тамаркуз ҳангоми баррасии муҳтавои мураккаби маводди таълимӣ, хоҳиши такрор кардани қоидаҳои ҷудогона барои дарки пурраи онҳо, омодагӣ ба додани ҷавоби пурраю асоснок ба саволи омӯзгор) сурат гирифт. Фазои робитаи пурраи байни омӯзгор

ва шогирдон, албатта, ба шавқмандии маърифатии шогирдон таъсири мусбат расонд.

3. Дар шароити ҳолати проблемавӣ, чун қоида, дастгирии тарафайн сурат гирифт. Бидуни роҳнамоии устод бе ихтилофи тезу тунд, бе вусъати ғояи асосии проблема туфон ба пойзанӣ дар ҷояш мубаддал мегардад. Дар навбати худ бе дастгирии фаъолонаи донишҷӯён проблема шиддати худро гум мекунад ва дар натиҷа маънии худро ҳам аз даст медиҳад, зеро он ба фаъолсозии фаъолияти маърифатии донишҷӯён равона гардидааст.

4. Ба ҷумлаи ангезаҳои шавқмандии маърифатии марбут ба муносибатҳои байни донишҷӯён мо инчунин мусобиқаро дохил мекунем, ки тибқи маълумоти мо, дар раванди таълим ҷойи хеле ночизро ишғол мекунад (Ҷадвали 4), гарчанд ки, тавре ки маълум аст, дар байни донишҷӯёни курсҳои поёнӣ ҷаззобияти эҳсосотии мусобиқа хеле калон аст.

Бо вуҷуди ин, ангезаи мусобиқа ба таълим хусуситяи хушвақтии беруниро мебахшид ва аслан гӯем, руҳияи хурсандии умумиро эҷод карда, на ҳама вақт ба амиқии раванди маърифатӣ мусоидат мекард.

Кори ҳамзамони 3-4 нафар донишҷӯе, ки супориши якхеларо иҷро мекунанд (ёфтани мисолҳо барои шаклҳои грамматикии калимаҳо, тартиб додани нақшаи матни хондашуда, навиштани калимаҳо ба забони англисӣ) ҳама вақт дар худ унсурҳои мусобиқа дорад, зеро донишҷӯй кори худро бо кори ҳамсабақи худ муқоиса мекунад. Омӯзгор бошад, фаъолияти тамоми гурӯҳро пайгирӣ мекунад, ки кӣ беҳтар ва зудтар супоришро иҷро мекунад. Дар чунин ҳолатҳо шавқ ба амали мушаххас равшан эҳсос мешавад ва мо шоҳиди он шудем, ки чӣ тавр донишҷӯён хоҳиши ба назди тахта баромадан мекарданд, то ки дониши худро дар амалҳои фаъол озмоиш кунанд.

Дар байни донишҷӯён чунин ангеза ҳам, ба мисли мусобиқа аз рӯйи супоришҳои зерин: “Ки бештар чистонро ба забони англисӣ меёбад?, “Чистонҳои кӣ аҷоибтаранд”; “Кӣ барои ҳикоя номи беҳтаринро меёбад ?”,

“Иҷрои кӣ бештар асил, оқилона ва сарфакорона аст” ва ғайра вокуниши зиёд ба вуҷуд овард.

Дар баъзе ҳолатҳо ангезаи мусобиқа дар иҷрои амалҳои омӯзишӣ (“Аз кӣ беҳтар аст?”) ҳам мушоҳида шуд, вақте ки муқоисаи ҳикоя, хониш ва эҷодиёти тахайюлии худро бо ҳикояю хониш ва эҷодиёти тахаюлии рафиқи худ боиси бедор шудани шавқ ба дарс ва ба фаъолияти худ дар дарс гардид.

Ангезаи мусобиқа, вақте ки дар раванди омӯзиш ба мақсади иҷрои супоришҳои мураккаби маърифатӣ, масалан, бештар ёфтани роҳҳои имконпазири ҳалли вазифа, мустақилона ва дақиқтар баён кардани таърифи ягон мафҳум ва ё қоида, барои шаклҳои грамматикӣ мисолҳо овардан аз китобҳои дарсии гуногун ба кор бурда мешавад, хусусияти дигарро касб мекунад. Дар чунин ҳолатҳо мусобиқа ҳамроҳ бо фаъолияти шаддиди зеҳнӣ сурат гирифт, ки иловатан руҳияи эҳсосотии мувофиқро (“аз рафиқонам қафо намонам”, “қувваи худро биозмоям”) ба вуҷуд овард.

Дар раванди таълими равиягаро, инчунин таълим дар гурӯҳҳое, ки барои иҷрои яквақтаи супориши таълимӣ ташкил карда шудаанд, мусобиқа ҳамчун ангезаи шавқмандии маърифатӣ бо ҳиссиёти аъзоёни коллектив, ки баҳри ба чойи аввал баровардани гурӯҳи хурди таълимии худ талош меварзанд, тавъам меояд. Дар ин ҷо метавон гуфт, ки сабаби шавқмандии маърифатӣ, ки аз мусобиқа бармеояд, нисбат ба сабаби коллектив мавқеи тобеиятро ишғол мекунад.

Дар ниҳоят, мутаасифона, мо воқеиятҳоеро ҳам дучор шудем, ки мусобиқа бо сабаби нодуруст ба кор бурдани воситаҳои педагогӣ худ ба худ хатм шуда, боиси канда шудани робитаҳои байни аъзоҳои коллектив гардид. Масалан, дар дарс мо мушоҳида кардем, ки омӯзгор баҳогузориро ба донишҷӯён аз рӯйи принсипи кӣ пештар аз ҳама супоришҳоро иҷро мекунад, ба роҳ монд. Мо дар ин дарсҳо мушоҳида кардем, ки чӣ тавр, ҳатто донишҷӯёни пешқадам ҳам, шитоб мекарданд, ки аз ҳамсабақонашон қафо намонанд, сайъ меварзиданд, то

супоришро бо ҳар ҳоле ки набошад, зудтар иҷро кунанд, гарчандки онҳо метавонистанд талаботи супориши омӯзгорро хубтар иҷро кунанд ва натиҷаи хубтарро ба даст оранд. Сипас, ҳама хурсандона кори худро ба омӯзгор супориданд ва омӯзгор ҳам мувофиқи он ки кӣ пештар корашро супорид, ба донишҷӯён баҳо мегузошт. Дар дарс як фазои нодурусти шитобкорӣ, талош барои аз дигарон пеш гузаштан ба вуҷуд омад, вақте ки ҳисси худхоҳӣ бартарият ёфт ва мусобиқа ба рақобати номатлуб мубаддал гардид.

Ҳамин тавр, ҳатто ҳамон зухуроти камшумори ангезаи мусобиқа, кадомҳоеро, ки мо ба қайд гирифтем, имкон медиҳанд, ки дар бораи таъсири ин ё он ангеза дар рафти таълим ва дар бораи печидагии зичи ангезаҳое, ки бо муносибатҳои байни донишҷӯён алоқаманданд ва сабабҳои гуногуни ангезаҳои омӯзишӣ натиҷагирӣ кунем.

5. Дар байни ангезаҳои шавқмандии маърифатии марбут ба муносибатҳои байни донишҷӯёну омӯзгор, мо ба нақши мукофотҳо таваҷҷуҳ зоҳир намудем, ки дар давраҳои мухталиф  (ҷадвали 4) ба таври васеъ ба кор бурда мешаванд ва ба андозаи бештар аз шахсияти омӯзгор ва хусусияти муносибатҳои ӯ бо донишҷӯён вобастагӣ дорад.

Дар бораи таъсири муҳимми мукофотҳо ба шахсияти донишҷӯй маълумоти зиёд мавҷуд аст. Нақши қадрдонӣ ва мукофот дар устувор гардонидани шавқмандии маърифатӣ дар баланд шудани руҳия, пайдо шудани неруҳои зеҳнӣ ва сифатҳои ахлоқӣ, ки донишҷӯён аз қадрдони ва мукофот эҳсос мекунанд, иборат аст. Дар ин маврид мо мушоҳида намудем, ки ба чунин таъсир на танҳо худи холи баланд, нигоҳи меҳрубонона, арзёбии ҷавоби шогирдон бо таҳлили арзишмандии онҳо ва бештар вақт эътирофи рафиқон мусоидат мекунад. Баҳоҳои мусбати асоснок ва тасдиқи қазовати омӯзгору рафиқон неруи донишҷӯйро чанд баробар зиёд мекунад.

Ангезаҳои навъи сеюми шавқмандии маърифатӣ, яъне, “ангезаҳои муносибат” дар раванди муоширати донишҷӯён байни худ ва бо омӯзгор зоҳир

мешаванд. Дар навбати худ асоси ин муоширати фаъолияти якҷояе ба шумор меравад, ки аз ҳалли доимии вазифаҳои маърифатӣ иборат аст ва онҳо устуворона ҳам аз рӯйи мухтаво ва ҳам аз рӯйи роҳҳои ҳал мураккаб мешаванд. Бинобар ин, ҳамаи навъҳои ангезаҳои шавқмандии маърифатӣ бевосита ба ҳамдигар алоқаманд ва аз ҳамдигар вобастаанд.

Дар таҳқиқоти мо инчунин баъзе усулҳои омӯзгороне қайд шудаанд, ки ба зиёд намудани таваҷҷуҳ ва шавқ мусоидат мекунанд. Аз байни онҳо се гурӯҳро ҷудо намудем. 1-ум истифодаи аёният, 2-юм истифодаи ҷаззобият, ба гурӯҳи 3-юм мо усулҳои дорои хусусиятҳои гуногунеро дохил кардем, ки дар худ ҳамоҳангии муайяни унсурҳои ҳам аёният ва ҳам ҷаззобият (тасвирҳои зинда, матн аз адабиёти интиқодӣ, сабтҳои магнитафон, истифода кардани нақли шоҳиди айнӣ ва ғайра) –ро фаро мегирад.

Барои тасаввуроти пурра дар бораи ангезаҳои шавқмандии маърифатӣ ҷадвали 6 бо маълумот доир ба усулҳои махсуси омӯзгор меоварем, ки бешубҳа, ба шавқмандии маърифатии донишҷӯён таъсири мусбат мерасонанд.

**Ҷадвали 6. Истифодаи усулҳои махсус аз ҷониби омӯзгор, ки шавқи донишҷӯёнро ба дарс зиёд мекунанд**

| № | Усулҳои ангезиши шавқмандии маърифатӣ | Ҳафтаҳои таълимӣ | | | | | | | | Дар маҷмуъ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2** | **4** | **6** | **8** | **10** | **12** | **14** | 16 | |
| 1. | Аёният | 28 | 23 | 64 | 39 | 60 | 33 | 5 | 20 | 34 |
| 2. | Ҷаззобият | 22 | 27 | 22 | 16 | 25 | 8 | 6 | 6 | 16.5 |
| 3. | Дигарҳо | 18 | 47 | 65 | 29 | 18 | 38 | 36 | 41 | 36,5 |

Усулҳое, ки омӯзгор ба кор мебарад, ба қайд гирифта, мо таъсири онҳоро ба таваҷҷуҳ ва шавқмандии маърифатии донишҷӯён мушоҳида мекунем. Дар байни ин усулҳо нақши аёният дар ҳафтаҳои аввал таълим ниҳоят калон аст. Дар ҳафтаҳои ниҳоӣ аёният ҳамагӣ дар 20% дарсҳо нисбат ба шумораи умумии онҳо истифода бурда мешавад.

Дар мавриди ҷаззобият метавон гуфт, ки истифодаи онро мо дар ҳафтаҳои аввали таълимӣ ба қайд гирифтем.

Ҳангоми муқоисаи маълумоти таҳқиқоти мо доир ба ҷаззобият мо баъзе пешравиҳоро мушоҳида кардем (дар 96 дарс 16.5% зуҳуроти ҷаззобиятро ба қайд гирифтем).

Дар байни дигар усулҳое, ки ба шавқмандии маърифатии донишҷӯён таъсири мусбат мерасонанд, мо ба қайд гирифтем:

- Дар гурӯҳҳои 1-2: истифода аз нақли шоҳидон, интихоби матнҳои ҷолиб барои нақли хаттӣ, унсурҳои робитаҳои байнифаннӣ дар дарси забони англисӣ;

- Дар гурӯҳҳои 3-4: истифодаи матнҳои ҷолиб аз асарҳои бадеӣ, ки ҳангоми тасвир таассуротро тақвият мебахшанд, масалан, истифодаи адабиёти интиқодӣ, шаҳодати ҳамзамон, он ёддоштҳо, истифодаи маводди берун аз барномаи таълимӣ;

- Дар гурӯҳҳои 5: истифодаи ёддоштҳои ҳамзамонон, маводди адабиёти интиқодӣ.

Мо таъсири тамоми методикаи фаъолияти омӯзгор ба шавқмандии маърифатии донишҷӯёнро мавриди таҳлил қарор надодем, зеро ин метавонад мавзуи таҳқиқоти ҷудогона бошад. Дар ин ҷо ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки таъсири хусусиятҳои хоси методикаи таълими фанҳои гуногуни таълимӣ ба ташаккулу рушди шавқмандии маърифатии донишҷӯён хеле калон аст. Ҷудо кардани се гурӯҳи ангезаҳои баррасишуда умумиятеро ошкор месозад, ки барои ҳамаи фанҳои таълимӣ аҳаммияти муҳим дорад ва имкон медиҳад, ки манзараи умумии ангезиши шавқмандии маърифатӣ дар раванди таълим муайян карда шавад.

## ХУЛОСАИ БОБИ 2

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва рақобати афзояндаи дониш ва технология, зарурати ташаккули шахсияти маърифатталаб ва фаъол дар низоми

таҳсилоти олӣ аҳаммияти аввалиндарача дорад. Забони англисӣ, ҳамчун василаи муҳимтарини дастрасӣ ба иттилооти ҷаҳонӣ, дар маркази таваҷҷуҳи барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ қарор дорад.

Шавқмандии маърифатӣ — ин майл ва ангезаи дохилии донишҷӯ ба донистан, омӯхтан ва дарки муҳтавои нав мебошад, ки ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва афзоиши қобилияти худомӯзӣ мусоидат мекунад. Ин навъи шавқ бо эҳсоси масъулият, кунҷковии илмӣ ва завқи шинохти олами атроф робитаи зич дорад.

Омӯхтани забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ танҳо омӯзиши грамматика ва луғат нест, балки фароҳам овардани муҳити мусоиди маърифатӣ низ хисобида мешавад. Ин муҳит имкон медиҳад, ки донишҷӯён бо захираҳои илмии байналмилалӣ, фарҳангҳои гуногун ва навовариҳои соҳаи таълим шинос шаванд. Барои ба ин ҳадаф расидан барномаи таълими забони англисӣ бояд ба таври мутақобила бо фанҳои дигар ҳамоҳанг карда шавад (масалан, педагогика, методикаи таълим, психологияи таҳсилот). Ин равиш имкон медиҳад, ки дониш амалӣ ва сермазмун бошад. Равишҳои монанди муколамаи байнифардӣ, кори гурӯҳӣ, омӯзиши лоиҳавӣ ва муҳокимаронии масъалаҳо метавонанд шавқи донишҷӯёнро бедор ва нигоҳ доранд.

Инчунин платформаҳо ва барномаҳои омӯзишии рақамӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, видео-дарсҳо, подкастҳо ва порталҳои интерактивӣ дар ташаккули муҳити шавқангез ва фаъол нақши калидӣ мебозанд. Мутобиқсозии муҳтаво ва равишҳои таълим ба завқ, қобилият ва сатҳи фаҳмиши донишҷӯён ба баланд бардоштани сатҳи шавқмандии маърифатӣ мусоидат мекунад.

Омилҳои асосии таъсиррасон ба ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯ, асосан, инҳоянд:

- Муҳити таълимӣ: Муҳити равонӣ, иҷтимоӣ ва моддии муассиса бояд рушддиҳандаи шавқ ва ангезаи донишҷӯён бошад.

- Фаъолияти омӯзгор: Омӯзгори боэҳсос, мутахассис ва илҳомбахш метавонад донишҷӯёнро ба омӯзиши амиқтар ҳидоят кунад.
- Ҳавасмандсозии дохилӣ ва берунӣ: Нақши муҳимми қадрдонӣ, эътироф ва дастгирии фаъолияти маърифатии донишҷӯён.

Нақши асосии мундариҷаи донишҳои филологии донишҷӯён дар ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён муҳим арзёбӣ мешавад. Муқаррар карда шудааст, ки донишҳои филологӣ дорои самти ҷаҳонбинӣ, методологӣ, амалӣ ва проблеманокӣ мебошанд ба амалӣ намудани ҷанбаи мундариҷавии модели назариявии ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ мусоидат менамоянд. Ғайр аз ин, донишҳои филологӣ дорои зарфияти баланди гуманистӣ ва арзишӣ-маъёрӣ мебошанд, ки хусусияти эҳсосотии онро муайян менамояд.

Омилҳои асосие, ки ба таълими забони англисӣ таъсиргузор мебошанд, аз инҳо иборатанд: омилҳои филологӣ, муҳити буду боши донишҷӯён, хешигарии забони модарӣ ва забони англисӣ, вазифаи иҷтимоӣ ва нақши онҳо дар зиндагӣ, дарки зарурати омӯзиши забони англисӣ, инчунин якҷоя истифода бурдани усулҳои мухталифи таълим ва шаклҳои ташкили омӯзиш ба мисли машғулиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ, амалӣ гуногуниии машғулиятҳо ва ғайра. Ҳамаи ин омилҳо дар ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён нақши муҳим доранд.

Мақом ва нақши донишҳои филологӣ дар мундариҷаи курси забони англисӣ муайян карда шуданд. Мундариҷаи донишҳои филологӣ бо роҳи ворид намудани мафҳумҳои асосӣ дар марҳилаи аввали омӯзиши курси забони англисӣ, инкишофи пайдарпайи онҳо, аз ташкил намудани фаъолияти маърифатии донишҷӯён иборат мебошад

Нақши донишҳои забоншиносӣ дар ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён низ нишон дода шуд. Мақоми онҳо дар

мундариҷаи курси забони англисӣ нишон дода шудааст. Инчунин мундариҷаи донишҳои филологӣ мутобиқ ба барномаҳо ва китобҳои таълимӣ; тавсияҳои методӣ оид ба истифодабарии онҳо ҳангоми омӯзиши курси забони англисӣ таҳия карда шуданд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ донишҷӯён бояд бо забони англисӣ на танҳо бо мақсади омӯхтани фан, балки барои истифодаи амалии он дар фаъолияти касбӣ ва илмӣ рӯ ба рӯ шаванд. Ин дар шароите имконпазир аст, ки агар дар онҳо шавқу ҳаваси дохилӣ барои фаҳмидани забон ташаккул ёбад.

Тамоюлҳои зерини омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён муҳим ба ҳисоб меравindependent:

- Тамоюли коммуникативӣ: омӯзиш бо такя ба гуфтугӯи озод ва муошират бо забони англисӣ, ки тавассути сценарияҳои воқеии муошират ва бозиҳои нақшдор бо забони англисӣ сурат мегирад;
- Тамоюли касбӣ: дар бозиҳои нақшофарӣ ва дар машғулиятҳои марбут ба омӯзиши муошират бо забони англисӣ истифода бурдани лексикаи забони англисӣ вобаста ба соҳаи омӯзгорӣ;
- Тамоюли инноватсионӣ: дар омӯзиши забони англисӣ ба таври васеъ истифода бурдани технологияҳои нави рақамӣ, таҷҳизоти коипютерӣ ва имкониятҳои омӯзиши онлайн;
- Тамоюли таҳқиқотӣ: дар омӯзиши забони англисӣ истифода бурдани чунин корҳои таҳқиқотӣ, ба мисли таҳияи лоиҳаҳо, навиштани корҳои курсӣ ва презентатсияҳо ба забони англисӣ;
- Тамоюли фардгароӣ: мутобиқсозии омӯзиш ба қобилияту маҳорат ва талаботи инфиродии донишҷӯён.

Инчунин якчанд воситаҳои амалии ташаккулро низ номбар кардан мумкин аст:

- Истифодаи барномаҳо ва платформаҳо чун Quizlet, Duolingo, Kahoot ва Moodle;

- Мусоҳибаҳо ва гуфтугӯҳои омӯзишӣ бо меҳмонон ё омӯзгорони англисзабон;
- Лоиҳаҳои гурӯҳӣ бо муҳтавои касбӣ;
- Омӯзиши филмҳо, матнҳо ва мақолаҳои илмиву педагогӣ бо забони англисӣ

Ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ ҷанбае мебошад, ки на танҳо натиҷаи омӯзишро беҳтар мекунад, балки заминаи рушди шахсият ва касбияти омӯзгорони ояндаро фароҳам месозад. Омӯзгори муосир бояд на танҳо донандаи методикаи таълим бошад, балки қобилияти бедор кардани ангеза ва шавқи донишҷӯро дошта бошад. Дар ин замина, истифодаи равишҳои фаъоли таълим, ҳамгироии фаннӣ ва воситаҳои муосири техникӣ зарур аст.

Шаклгирии шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар шароити таълими забони англисӣ яке аз вазифаҳои стратегӣ ва муҳимми низоми таҳсилоти олӣ мебошад. Фақат тавассути таҳияи муҳтавои мувофиқ, интихоби равишҳои инноватсионӣ ва ташкили муҳити илҳомбахш метавон рушди устувори маърифатӣ ва коммуникативии насли омӯзгорони ояндаро таъмин намуд. Раванди омӯзиши забони англисӣ бояд на танҳо омӯзиши забон, балки як воситаи муассири тарбияи шахсияти комил ва маърифатталаб бошад.

# БОБИ 3. АСОСҲОИ МЕТОДӢ-ТАШКИЛИИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ҶУЗЪИ ТАРКИБИИ ТАШАККУЛИ ШАВҚМАНДИИ МАЪРИФАТӢ

## 3.1.Ташкил ва гузаронидани бозиҳои рамзӣ-нақшофарӣ тавассути маводди шавқангези забони англисӣ яке аз воситаҳои ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён

Дар ҷаҳони муосир омӯзиши забонҳои хориҷӣ, хусусан забони англисӣ, аҳаммияти махсус пайдо намудааст. Омӯзиши муассири он талаб мекунад, ки методикаҳои фаъолу ҷолиб ба роҳ монда шаванд. Яке аз чунин усулҳои муассир — бозии рамзӣ-нақшофарӣ (role-play) мебошад, ки на танҳо малакаҳои муоширатиро такмил медиҳад, балки ҳавасмандии маърифатии донишҷӯёнро низ бедор месозад.

Бозии нақшофарӣ — ин шакли омӯзишест, ки донишҷӯён дар он нақшҳои муайянро ба уҳда гирифта, дар вазъиятҳои сунъӣ ё воқеии зиндагӣ амал мекунанд. Ин шакли омӯзиш имконият медиҳад, ки донишҷӯён бо забони англисӣ дар муҳити табиӣ ва амалӣ сухан гӯянд, озодона фикр кунанд ва хато карданро ҳамчун як қисмати омӯзиш қабул кунанд.

Барои бозии муассири нақшофарӣ, интихоби дурусти маводҳо аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.  Масалан:

- Муколамаҳо ва саҳнаҳо аз филмҳои маъруф;
- Сенарияҳои рӯзмарра (сафар, фурӯшгоҳ, мусоҳиба барои кор);
- Ҳикояҳои кӯтоҳ ва достонҳои забони англисӣ;
- Вазъиятҳои имконпазири донишҷӯӣ (имтиҳон, суҳбат бо устод, муаррифии лоиҳа).

Ин маводҳо муҳити таълимиро зинда ва шавқовар мекунанд, ки дар натиҷа донишҷӯён бо шавқи бештар дарсро пайгирӣ менамоянд.

Тибқи таҷриба ва тавсияҳои методистӣ, гузаронидани бозии нақшофарӣ бояд чунин марҳилаҳоро дар бар гирад:

1. Муаррифии мавзуъ ва нақшҳо – омӯзгор вазъият ва муҳтавои бозиро мефаҳмонад;

2. Тақсими нақшҳо – ҳар донишҷӯ нақшеро интихоб ё қабул мекунад;

3. Омодагӣ ва машқ – донишҷӯён матн ё гуфторро таҳия мекунанд;

4. Иҷро ва муаррифӣ – нақшҳоро пеши дигарон иҷро мекунанд;

5. Таҳлил ва фикру мулоҳиза – омӯзгор ва гурӯҳ натиҷаҳоро муҳокима мекунанд.

Пеш аз он ки моҳият ва имкониятҳои таълимии бозии нақшофарии омӯзиширо ошкор созем ва вазифаҳои онро ҳамчун воситаи фаъолсозӣ муайян намоем, лозим медонем, ки ба худи истилоҳи «бозии нақшофарии омӯзишӣ» равшанӣ андозем. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки истилоҳи мазкур фаҳмиш ва таърифи ягонаю дақиқ надорад. Чунончи:

1. Бозиро метавон ҳамчун як навъи фаъолият, воситаи муҳимми рушди иҷтимоии шахс ва як шакли фаъолияте, ки ба мутобиқшавӣ ба шароитҳои беруна ва  тағйироти онҳо равона гардидааст, маънидод кард (А. С. Виготский);

2. Робитаи байни бозӣ ва тахайюл (С. Л.  Рубинштейн );

3. Назарияи умумии хусусияти амали бозӣ (Б. Г. Ананев, А. Н. Леонтев );

4. Бозӣ ва омӯзиш ҳамчун шаклҳои омодасозии фаъолият, ки пеш аз меҳнат сурат мегиранд (Б. Г. Ананев);

5. Мутобиқати мундариҷа ва тартиби амал дар бозӣ ба амали воқеӣ тавъам ба имкониятҳои тағйирёбии шароити амалҳо (А. Н. Леонтев);

6. Ангезаи фаъолияти бозӣ (Н. А. Емелянов], В. Н. Кругликов);

7. Бозӣ ҳамчун воситаи фаъолияти амалии маърифатӣ ва самарабахш аз худ кардани дониш (И. В. Драгомиреский).

Таҳлили аз ҷониби мо анҷомдодашудаи равандҳои асосии таҳқиқи масъала, ки дар адабиёти илмӣ оварда шудаанд, имкон медиҳад чунин натиҷагирӣ кард,

ки дар фаҳмиш ва тафсирҳои илмии омӯзиши тавассути бозӣ ягонагии мафҳумӣ (консептуалӣ) ва пайдарпайии зарурӣ вуҷуд надорад, инчунин ҳамбастагии мафҳумҳои «бозии нақш» ва «омӯзиш дар асоси бозӣ» ба таври равшан ва боэътимод муайян нашудааст.

Баъзе муаллифон зери ин истилоҳ хониш аз рӯйи нақшҳо, саҳнапардозии матнҳо ва амсоли инҳоро мефаҳманд [341]. Аз ин ҷиҳат кори С. Л. Ливингстон бо номи «Бозии нақш дар омӯзиши забон», ки аз ҷониби Гез Н.И. барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ тавсия дода шудааст, истисно аст [72, с.24]. Асари мазкур намунаи барҷастаи омӯзиши вобаста ба вазъияти шакли шифоҳии нутқ ба шумор меравад. Бешубҳа, шаъну эътибори ин китоб аз самти амалӣ доштани он, мавҷудияти теъдоди зиёди воситаҳои фарозабоние, ки самарабахшии корбурди амалии онро зиёд менамоянд, бармеояд.

Тавре ки таҳлили адабиёти аз ҷониби мо анҷомдодашуда нишон медиҳад, ҷанбаҳои гуногуни падидаи бозии нақшофарии омӯзишӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои психологӣ, педагогӣ ва методӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Ҷанбаи психологии бозии нақшофарии омӯзиширо, ҳамчун ҳар гуна бозӣ, олимони ватанию хориҷӣ аз мавқеи равиши фаъолият барррасӣ мекунанд: «Бозӣ ин навъи махсуси фаъолият аст, ки дар он ангеза дар худи раванд ва дар мундариҷаи амал воқеъ аст» [331, с.304]. Аз ин рӯ, бозӣ на танҳо фаъолият, балки фаъолияти бо ангеза аст.

Мундариҷаи бозиро муносибатҳои байни одамон дар раванди фаъолияти омӯзишӣ, меҳнатӣ ва ҷамъиятии онҳо ташкил медиҳанд. Бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ дар омӯзишҳои иҷтимоӣ – равоншиносӣ (омодасозии равоншиносии иҷтимоӣ) ба таври васеъ ба кор бурда мешаванд. Бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ “дар омӯзиши иҷтимоӣ – равоншиносӣ ба истилоҳ бозии касбу кор ва ё коромӯзие мебошанд, ки ҳам дар кишварамон ва ҳам дар хориҷа хеле васеъ густариш ёфтаанд” [283, с.3].

Мафҳуми «бозии нақшофарии омӯзишӣ» ва «бозии коромӯзӣ» бо ҳам наздиканд, вале як чиз нестанд. Е. Н. Краснянская бозии нақшофарии омӯзиширо «ҳамчун бозӣ дар доираи як вазифаи касбӣ ва бозии коромӯзиро бошад, ҳамчун таркиб аз чанд нақш» маънидод мекунад [162, с.40.].

Аммо ин ақидаро наметавон ҷонибдорӣ кард, зеро, ба андешаи мо, фарқияти муҳимми бозии коромӯзӣ аз бозии нақшофарии омӯзишӣ аз инҳо иборат аст: аввалан, дар бозиҳои коромӯзӣ раванди омӯзиш ҳадди аксар ба амалияи воқеӣ наздик аст. Ин тавассути дар бозиҳои коромӯзӣ ба кор бурдани моделҳои системаҳои воқеии иҷтимоӣ – иқтисодӣ ба даст меояд.

Бинобар ин, бозии коромӯзӣ ин методи омӯзиш тавассути бозии тақлидкории дастаҷамъона мебошад. Дуюм, ҳамаи ширкаткунандагон барои касбомӯзӣ ба ин ё он нақш ба таври воқеӣ ворид шуда, дар ҳалли низоъҳо тасмимгирӣ мекунанд ва ба ин мақсад “шиддати эҳсосотии идорашаванда эҷод карда мешавад [273, с.70]. Дар бозиҳои нақшофарии  омӯзишӣ бошад, махсус фазои озодона барои фаъолияти тахаюлии эҷодӣ, фикррониии фаъол, саргармӣ ва ғайра фароҳам оварда мешавад.

Т. И. Олейник ба ин ақида аст, ки «тафовути асосии бозии коромӯзӣ аз бозии нақшофарии омӯзишӣ дар он аст, ки дар рафти бозии коромӯзӣ омӯзандагон ҳамон нақшҳоеро бозӣ мекунанд, ки дар фаъолияти меҳнатиашон ҳам иҷро мекунанд ва ба он корҳое, ки дар бозӣ мавриди омӯзиш қарор доранд, хуб шинос мебошанд.  Дар бозии нақшофарии омӯзишӣ бошад, омӯзандагон нақшҳои мухталифро иҷро мекунанд, ки онҳоро, эҳтимол, дар фаъолияти ояндаи худ иҷро мекунанд ва ё хоҳиши иҷрои онҳоро доранд» [225, с.180]. Ин комилан дуруст аст, вале он чизе, ки муаллифи мазкур мафҳумҳои «бозии коршиносӣ»  ва  «бозии нақшофарии омӯзишӣ» - ро омехта мекунад, комилан дуруст нест. Чунин воқеиятҳо бештар вақт сабаби зиёд шудаи истилоҳот дар дастгоҳи мафҳумию истилоҳотии илми педагогика мегарданд.

Гап дар сари он аст, ки тибқи тавзеҳи В. Я. Платов, бозиҳои нақширо инчунин бозиҳои коршиносӣ ҳам меноманд, ки барояшон мавҷудияти нақшҳо ва модели системаи идоракунӣ хос аст, ки бо ягон системаи мушаххаси иҷтимоӣ – иқтисодӣ ворид карда шудааст [247, с.21]. «Чунин моделро дар бозии нақш муҷтамеи бозӣ меноманд». Бозиҳое, ки дар бораи онҳо Т. И. Олейник дар диссертатсияаш менависад, бозиҳои омӯзишӣ мебошанд.

Баъзе аз пайравони муҳаққиқи мазкур бозии омӯзиширо ба таври дигар таъриф мекунанд. Бозии омӯзиширо онҳо бозие меноманд, ки «дар раванди таълим ба ҳайси супорише, ки вазифаҳои омӯзишӣ (проблема, вазъияти мушкилсоз) – ро фаро гирифтааст ва иҷрои он ба даст овардани мақсади мушаххаси таълимиро таъмин менамояд» [96, с.4]. Ба бозии нақшофарии омӯзишӣ унсури «тасмимгирӣ» дар вазъияти проблемавӣ (ва ё вазъияти душвори зеҳнӣ) хос аст. Т. И. Олейник ин чизро зикр намекунад, гарчанде ки аз мавҷудияти унсурҳои мазкур мақоми бозии нақшофарии омӯзишӣ вобастагӣ дорад.

В. М. Ефимов ва В. Ф. Комаров бори нахуст дар Россия дар бораи «моделҳои муҳитӣ» ва «тасмимгорӣ» ҳамчун унсурҳои ҷудоинопазири бозии коршиносӣ ҳарф задаанд. Онҳо ҳатто пешниҳод карданд, ки «бозиҳои нақшофарии омӯзишие, ки дар таркиби худ унсурҳои маърифатӣ доранд, бозиҳои коршиносӣ ва ё худ бозиҳои коршиносии омӯзишӣ номгузорӣ шаванд» [111, с.152]. Онҳо ба ин ақидаанд, ки натиҷаи коршиносии бозӣ аз он иборат аст, ки «тафаккури касбиро инкишоф медиҳад». Вале нисбат ба бозиҳои нақшофории омӯзишие, ки барои таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои ғайрифилологӣ таъин шудаанд, мо онҳоро ба гурӯҳи бозиҳои коршиносӣ мансуб намедонем.

Аввалан, дар онҳо объектҳои воқеӣ ва системаҳои иқтисодии воқеӣ баррасӣ намешаванд. Дуюм, тасмимгириҳое, ки дар бозиҳои нақшофарии омӯзишии касбӣ ба забони англисӣ ин он тасмимгириҳои маъмурие нест, ки дар

бозиҳои коршиносӣ ба забони модарӣ сурат мегиранд. Сеюм, бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ на танҳо «тафаккури касбӣ», балки қобилиятҳои зеҳнӣ (касбӣ) ба забони англисиро ҳам инкишоф медиҳанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки бозиҳои нақшофарии омӯзиширо наметон бозиҳои коршиносӣ ном бурд. Вале натиҷаи «корӣ»- и бозии нақшофарии омӯзишӣ, ҳақиқатан, имкон медиҳад, ки он «шартан корӣ» ном бурда шавад, чунки дар бозии нақшофарии омӯзишӣ ба забони англисӣ на танҳо "тақлиди тасмимгирӣ", балки тақлиди амалан ба кор бурдани нутқ ба забони хориҷии марбут ба "тасмимгирӣ" ҳам сурат мегирад.

Дар таҳқиқоти фавқ мо дар муайян кардани моҳияти бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ ба равишҳои навоварона дар омӯзиши ин падида ва ба таҳқиқоти олимони равоншиноси муосир такя намудем: [95], [179], [195], [211]. Онҳо бозиҳои нақофарии омӯзиширо, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, аз ҷумла ҳангоми таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ ҳам, ба кор бурда мешаванд, ҳамчун воситаи ташаккули тафаккури эҷодӣ, фаъол гардонидани фикррони ва рушди шахсияти касбӣ дар назар доранд. Дар ин ҷо мо ақидаи охир, яъне рушди шахсияти касбиро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Олимон ба ин ақидаанд, ки ҳалли масъалаҳои равоншиносии рушди касбӣ дар давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ дар асоси бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ ба вусъати имконоти (патенсиал) шахсияти донишҷӯй таъсир мерасонад. Роҳҳои мураккаби моделсозии шабеҳи фаъолияти воқеии донишҷӯй дар вай хислати бартараф намудани душвориҳо дар фаъолияти ояндаи касбиашро тарбия мекунад.

Ҳамаи таҳқиқоти равоншиносони ватание, ки ба раванди рушди касбии шахс бахшида шудаанд, дар асоси принсипи ягонагии шуур ва фаъолият, ки дар корҳои С. А. Рубинштейн шакл гирифта, онро равоншиносон Б. Г. Ананев ва А. Н. Леонтев такмил додаанд, анҷом дода шудаанд.  Муҳтавои асосии ин принсипи методологиро метавон бо суханони зерини С. А. Рубинштейн баён кард: "..... фаъолияти инсон боиси ташаккули шуур ва робитаҳои равандҳою

хосиятҳои ӯ мегардад ва хосиятҳо бошанд, фаъолияти инсонро танзим намуда, шарти иҷрои мувофиқи онҳо ба шумор меравандˮ [259, с.42] .

К. К. Платонов ҳам менависад, ки шахс ҳамчун мавҷуди дорои шуур дар ягонагӣ бо он зоҳир мегардад ва дар фаъолият ташаккул меёбад [247].

А. А. Деркач дар китоби “Асосҳои акмеологияи умумӣ ва амалӣˮ менависад: (Акмеология **аз** калимаи юнонии **акме** гирифта шуда –маънояш **қулла, дараҷаи олӣ -** бахши фалсафии равоншиносӣ мебошад ва ба таҳқиқи қонуниятҳои механизмҳое масъул аст, ки расидан ба дараҷаи олии рушди фардиро таъмин менамоянд) “Дар фаъолияти мутахассис ҳамеша мумкин аст чунин лаҳзае фаро расад, ки роҳҳои маъмули худсозии рефлексӣ (худтаҳлилкунӣ) дар ҳалли вазифаҳо ва мушкилоти касбӣ дараҷаи навро ба вуҷуд намеорандˮ [95, с.90] ва “барои он ки ҷавобгӯи зарурати нав бошанд, моделҳои табдили қобилиятҳо дар заминаи ташаккули худтанзимкунии рефлексӣ сохта мешавандˮ. Вазъияти ба ин монанд ҳамон вақте ба вуҷуд меояд, вақте ки субъект ба муддати дароз дар ҳолати рукуд қарор дорад.

Имрӯз низоми таҳсилот дар ҳолати мушобеҳ қарор дорад, яъне дар ҳолате ки танҳо методҳои анъанавии таълим, масалан, методҳои таълими забони англисӣ наметавонанд ҷомеа ва шахсони ҷудогонаро қонеъ гардонанд ва барои он ки аз ин ҳолат берун рафт, омӯзгор бояд модели нави таълимро таҳия намуда, раванди омехтаи таълимро ба роҳ монад ва мушкилоти раванди рушди донишҷӯёнро ҳаллу фасл намояд.

Тарафдорони равияи навоваронаи ташкил ва худсозии рефлексии субъект дар раванди фаъолияти бозии маърифатии дорои самти касб вусъати минбаъдаи ин назарияро дар маҷрои моделсозии бозиҳо дар асоси “воситаҳои рамзӣ ва схематикӣˮ, ки онҳоро О. С. Анисимов коркард кардааст [15, с.47], мебинанд. “Инҳо номуди нави бозиҳое мебошанд, ки дар солҳои охир аз ҷониби гурӯҳи олимони дар боло зикршуда коркард шудаанд ва бо суръати тез вусъат ёфта истодаандˮ [229].

Мақсади ин намуди бозиҳо, на танҳо фаъолияти моделсозӣ барои корбурди амалӣ, ки аз он натиҷаи ниҳоӣ ба даст меояд, балки моделсозии равандҳои дорои хусусияти рефлексӣ мебошад, ки ташкилу бозсозии ҷиҳати корбурдии амалҳо, инчунин тағйир додани худи фоил (субъект)-ро таъмин менамояд. Ба андозаи зиёд бозиҳои рефлексӣ дар ҳолатҳои проблемавӣ фоидаи амалиро ба бор меоранд, вақте ки кӯшиши иҷрои меъёрҳои пештара идома ёбад ва вақте ки ҷиҳати навоварӣ, эҷодӣ ва арзишҳо бештар бошад.

Чунон ки мебинем пайравони ин равия барои вусъати назарияи худ бо равиши навоваронаи моделсозии бозиҳо такя мекунанд, ки усули ҷолиб ва ояндадор ба назар мерасад ва ба рушди тафаккури эҷодӣ ва пайдоиши муносибатҳои нави байни ашхос мусоидат мекунанд (А. А. Бодалев, И. Н. Кулюткин, В. Н. Мясишев ва дигарон).

Ҷанбаи педагогии бозии нақшофарии омӯзишӣ аз ҷониби Е. Э. Селеская, И. А. Липский, Р. И. Аппатова, И. В. Драгомиреский, Н. К. Ахметов, Е. С. Аргустанянс, С. Ф. Шербак, Э. Н. Коротков, Г. А. Китайгородская ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Масалан, Е.Э. Селеская ба ин ақида аст, ки “бозии таълимӣ метавонад, шавқи огоҳонаро ба вуҷуд биёрад, азхудкунӣ ва ё такрорро бо сарфи камтари меҳнат имконпазир гардонад” [272, с.106]. И. А. Липский бошад, бозиро “воситаи ташаккули фарҳанги педагогӣ” медонад [190, с.30].

Г. А. Китайгородская муътақид аст, ки бозии нақшофарии омӯзишӣ шакли асосии амалӣ намудани раванди таълим мебошад, ки амалисозии принсипи таълими тарбияткунандаро имконпазир мегардонад [143]. Н. К. Ахметов ба ин бовар аст, ки бозии омӯзишӣ дар донишҷӯён сифати мустақилият дар ҳалли вазифаҳои таълимиро тарбия мекунад ва воситаи рушди зеҳнӣ мебошад [29, с.4].

Бозии нақшофарии омӯзишӣ ба забони англисӣ аз бозӣ ва омӯзиш иборат аст. Он аз ҷониби омӯзгор идора мешавад ва барои фаъол гардонидани чунин

имкониятҳои эҷодии донишҷӯёнро фароҳам меорад, ба мисли нишон додани ташаббус, идрок, арзёбии вазъият ва тасмимгирӣ ва “сарфи назар аз хусусияти тахаюлӣ доштани бозӣ, шартӣ будани вазъият ва ғайра, эҳсост воқеӣ ва асил мебошанд” [259, с.192].

Ба ҳамаи ақидаҳои дар боло зикршуда танҳо бо риояи шартҳои мушаххас ва иҷрои шартҳои хос метавон розӣ шуд:

1. Донишҷӯён бояд хоҳиши бозӣ дошта бошанд;

2. Ба онҳо бозиро бояд ёд дод;

3. Онҳо бояд ба бозии нақшофарии омӯзишӣ омода бошанд;

4. Онҳо бояд аз бозӣ лаззат баранд, яъне аз муоширот ба забони англисӣ, зеро ки роҳҳо барояшон ошно мебошанд, вале мазмун наву шавқангез аст, аз ҳайратангезӣ, эҳсосот ва аз он, ки дар дарс бояд андешаҳои худро ҷамъ карда тавонанд ва дар зинаи баланд ҷой гиранд; аз он ки рафиқонашро дастгирӣ кард ва омӯзгорро хурсанд кард; аз он, ки тавонист аз вазъияти душвори ҳолати проблемавӣ баромад ва вазифаи гузошташударо иҷро кард ва ғайра.

Барои он ки ҳамаи ин имконпазир гардад, омӯзгор бояд тавонад;

1. Дар гурӯҳи таълимӣ фазои муносиби психологиро фароҳам орад;

2. Забони англисиро ба таври озодона донад ва маҳорати ташкили бозиҳоро дошта бошад;

3. Барномаи таълимиро хуб донад ва пешбинӣ карда тавонад, ки маҳз кадом мавзуъҳо бештар барои бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ ва кадомашон барои навъҳои дигари таълим созгоранд;

4. Қаблан тартиб додани сенарияи бозии нақшофарии омӯзишӣ;

5. Ба тадриҷ, бидуни маҷбурӣ ва бехабар омода намудани донишҷӯён ба бозии нақшофарии омӯзишӣ дар раванди таълим тавассути бозӣ дар дарсҳои гузашта бо ёрии бозиҳои таълимӣ (лексионӣ, грамматикӣ, калимасозӣ, омӯзиши нутқ): намоишномасозӣ (тақлид, импровизатсия), этюдҳои хурду калон ва ба ин тарз ба таври табиӣ омода намудани донишҷӯён ба бозии нақшофарии омӯзишӣ;

6. Ба донишҷӯён фаҳмондани мақсади бозӣ, супурдани вазифаҳои эҷодӣ барои кори мустақилона, тақсим кардани вазифаҳои сохтани лавозим барои таҷҳизонидани ҷойи бозӣ ва таъин кардани рӯзи гузаронидани бозӣ.

Дар чунин сурат фанни забони англисӣ фанни дӯстдошта, донишҷӯй фаъолу аз назари омӯзиш ҳадафманд ва омӯзгор шахси дилхоҳ мешавад. Кӣ намехоҳад чунин омӯзгор бошад?

Назарпурсие, ки мо дар кафедраҳои забонҳои хориҷии ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода гузаронидем, нишон дод, ки танҳо 24% омӯзгорон бозиҳои омӯзиширо мегузаронанд. Дар қиёс ба ин назарпурсӣ дар баъзе муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ошкор гардид, ки танҳо 20% омӯзгорон бозиҳои омӯзиширо мегузаронанд, ҳол он ки боз 30% омӯзгорон ба ин шавқманд бошанд ҳам, вале ҷуръат надоранд, ки таълимро ба тарзи нав ба роҳ монанд. Ба ҷумлаи чунин ҳолатҳо метавон инҳоро дохил кард: надоштани қобилияту истеъдоди ташкил ва гузаронидани бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ, мавҷуд набудани сенарияи тайёри бозӣ ба нақшофарӣ, надонистани технологияи омодасозии донишҷӯён ба бозӣ, мавҷуд набудани воситаҳо барои таҷҳизонидани ҷойи бозӣ, тарс аз нокомӣ ва ғайра. Ба ғайр аз ин, омӯзгор медонад, ки барои омода намудани бозии нақшофарии омӯзишӣ сарфи вақт лозим меояд ва ташвиш илова мешавад.

Инчунин метавон илова кард, ки миқдори соатҳои таълимие, ки барои омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ ҷудо шудааст, баъзан омӯзгори камҷуръатро, ки хоҳиши аз худ кардани методҳои навоварона дорад, ба саргумӣ мебарад, мавҷуд набудани воситаҳо барои бозии нақшофарии омӯзишӣ боиси ноороми мегардад, мавҷуд набудани семинарҳо доир ба омӯзиши методҳои ташкили бозиҳои таълимӣ боиси ноумедӣ мегардад. Аз ин рӯ, бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ аз рӯйи сенария бештар вақт ба бозиҳо – чистонҳо, ҳолатҳои шиносшавӣ ва амсоли инҳо иваз карда мешаванд, ки дар такмили шаклҳои ташкил ва методҳои таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ саҳми ночиз доранд.

Мушкилии баррасии ҷанбаи методии бозии нақшофарии омӯзишӣ дар он зоҳир мегардад, ки бисёр муҳаққиқон истилоҳи “бозии нақш” – ро ба маъноҳои мухталиф кор мефармоянд.

Баъзе муҳаққиқон мавҷудияти хусусиятҳои монанд байни бозиҳои нақшӣ ва санъати театриро ба назар гирифта, идеяи театркуниро пешниҳод мекунанд ва истилоҳоти “театркунонӣ” ва “драматизатсия” (намоишномасозӣ) – ро ҳамчун муродиф барои ифодаи унсурҳои таълим ба кор мебаранд, масалан, Е. А. Маслико [198, с.74-88.], Н. Г. Ксенофонтова [167] ва дигарон. Идеяи истифодаи педагогикаи театрӣ дар раванди таълими забони англисиро (Н. Г. Ксенофонтова) бидуни эрод қабул кардан мумкин аст, вале омехта кардани мафҳумҳои “бозии нақш” ва намоишномасозӣ (импровизатсия), ба назари мо, қобили қабул нест.

Чунин ақидае ҳам вуҷуд дорад, ки мувофиқи он “бозии нақш” ҳамчун такрор кардани ҳолате фаҳмида мешавад, ки донишҷӯён дар рафти амалҳои бозӣ рушд мекунанд. Ин ақидаро ҳам наметавон қобили қабул донист, зеро вазъият ин ҳанӯз бозии нақш нест. Бозии нақш танҳо восита ба тарзи ташкили бозии нақшофарии омӯзишӣ маҳсуб мешавад.

Масъалаи истифодаи бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ барои омӯзиши забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ дар корҳои таҳқиқотии Г. А. Китайгородская, Е. С. Аргустанянс, В. М. Филатов, И. В. Драгомиреский ва дигарон ҳаллу фасл шудааст. Тавре ки таҳлили адабиёти илмӣ – методӣ нишон дод, дар таълими забони англисӣ ба донишҷӯён бозиҳо ба таври васеъ ба кор бурда мешаванд (М. М. Крюков, Г. И. Фролова, Г. А. Китайгородская ва дигарон). Дар байни муҳаққиқони педагогика, ки ба таҳқиқи бозиҳои касбӣ машғуланд, корҳои чунин муаллифон, ба мисли И. А. Липский, И. В. Драгомиретский, Е. Н. Краснянская, Э. Н. Коротков ва дигарон машҳуранд.

Бозии нақшофарии омӯзишӣ аз нигоҳи методӣ чист? Муҳаққиқ Л. Ш. Гегечкори бозии нақшро принсипи махсуси методии таълим ҳисоб мекунад. Аз

нуқтаи назари муаллиф принсипи бозии нақш дар чунин усулҳои методӣ, ба мисли этюдҳои вариантдор ва намоишномасозӣ, ҳолатҳои проблемавӣ, озмунҳо ва бозиҳо амалӣ мегардад. Г. А. Китайгородская бозии нақшро шакли асосии амалисозии раванди таълим медонад .

И. В. Драгомиреский муътақид аст, ки бозии нақшофарии омӯзишӣ (мазкур онро бозии шабеҳсозии ҳаёт меномад) “воситаи ташаккули қобилияту малакаҳои муошироти шифоҳии касбӣ ба забони англисӣ” мебошад, ки комилан дуруст аст. Ба андешаи Н. И. Гез бозии нақш “пурратар ҷавобгӯйи вазифаҳои ташаккули қобилиятҳои нутқи марбут ба касб дар раванди амал мебошад”. Тақрибан ба ин монанд ақидаи Г. М.  Фролова аст. Аз назари М. Ф. Стронина бозии омӯзишӣ машғулияти махсус ташкилкардашуда мебошад. Ба ақидаи Е. И. Пассов бозии мазкур навъи асосии машқи гуфтор аст. Дар муқоиса ба Е. И. Пассов,  К. А. Родкин бозиҳоро на фақат намудҳои машқҳо, балки “шаклҳои махсус”, ки дар онҳо метавонанд машқҳо сурат гиранд.

Ин гуногунии маънидоди падидаи “бозии нақшофарии омӯзишӣ” аз он гувоҳӣ медиҳад, ки падидаи мазкур чандкора (бисёрвазифа) аст. Самараи баланди бозии нақшофарии омӯзишии марбут ба касб дар таҳқиқоти И. В. Драгомиреский чунин таъкид карда шудааст “....барномаи фаъолият самти муошироти шифоҳии марбут ба касб ба забони англисиро муайян мекунад ва бо фаъол гардонидани механизми фаъолияти фикрию нутқ маҷбур мекунад” [104, с.11].

Бо хулоса кардани мулоҳизаҳои дар боло овардашуда ва такя ба таҷрибаи шахсӣ метавон тасдиқ кард, ки аз ҳамаи навъҳои мухталифи бозиҳои омӯзишӣ танҳо бозиҳои нақшофарии омӯзишии касбгаро ба вазифаи ташаккули малакаҳои гуфтори касбгаро ба забони англисӣ дар раванди амалҳои бозӣ дар натиҷаи иҷрои вазифаҳои мухталифи проблемавӣ ва тасмимгирӣ бештар ҷавобгӯй мебошанд. Онҳо инчунин барои шавқовар ва ба тарзи гуногун ташкил кардани кор бо дарназардошти вижагиҳои сину сол ва касбии донишҷӯён мадад

мерасонанд. Аз ин рӯ, ба ҳайси воситаи қудратманди фаъолсозӣ кӯмак менамояд.

Дар ин ҷо кӯшиш ба харҷ медиҳем, то таърифи бозии нақшофарии омӯзишии касбиро нисбати таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои ғайрифилологӣ муайян кунем. Бозии нақшофарии омӯзишӣ ин фаъолияти махсуси нақшофарӣ аз рӯйи мавзуи алоқаманд ба касби оянда дар заминаи ҷойи бозӣ мебошад, ки дар он фаъолияти фикрии донишҷӯён тавъам бо амали мушаххаси касбӣ ба забони англисӣ сурат мегирад. Дар омӯзиши забони англисӣ бозии нақшофарии омӯзишӣ ҳамчун фаъолияти муошироти донишҷӯён зоҳир мегардад, ки дар рафти он онҳо нақшҳои мухталифи иҷтимоӣ ва миёни фардиро бозӣ мекунанд ва дар ин маврид на танҳо воситаҳои забонӣ, балки воситаҳои ғайрифилологӣ (имову ишора, ифодаи чеҳра, ҳаракати ҷисм, тамоси чашм ва ғайра) ҳам истифода мешаванд. Воситаҳои ғайрифилологӣ дар офаридани бозии нақш саҳми калон доранд.

Бо такя ба таҳлили маводди омӯхташуда доир ба масъалаи истифодаи бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ дар раванди таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои ғайрифилологӣ мо аломатҳоеро ҷудо мекунем, ки бозии нақшофарии омӯзишӣ ба забони англисиро аз ҳар гуна бозии дигар фарқ мекунанд. Он аломатҳо аз инҳо иборатанд:

1. Робитаи гуфтор ба забони англисӣ ва модели бозии касбгаро бо такя ба чунин воситаҳои рамзӣ – схематикии аёнияти майдони бозӣ, ба мисли схемаҳо, кодограммаҳо, слайдҳо, графикаҳо ва воситаҳои дигари майдони бозӣ.

2. Самти ҳадаф ин рушди тафаккури касбии донишҷӯён тавассути воситаҳои забони англисӣ, ки иборат аз сифатҳои зерин мебошад: ҳушмандӣ, мантиқ, тахайюл, мустақилият, динамизм, устувории фикрӣ, маҳсулнокӣ ва эҷодкорӣ, рақобатпазирӣ ва дар асоси онҳо касб кардани таҷрибаи эҳсосотӣ – арзишӣ дар ҳаллу фасл кардани ҳолатҳои мунокиша ва таҷрибаи эҳсосотӣ - арзёбии фаъолияти худ ба худнишондиҳӣ (нишон додани афзалиятҳои худ).

3. Мавҷудияти нақшҳои хос, ки тавассути онҳо нақшҳои иҷтимоӣ ва миёни ашхос бо забони англисӣ дар шароити расонаҳои майдони бозӣ амалӣ мегарданд.

Мулоҳизаҳои дар боло овардашуда аз қонунӣ будани истифодаи бозиҳои нақшофарии касбӣ ҳамчун воситаҳои фаъолсозии таълиму тарбия дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Таҳлили фаъолияти маърифатӣ тавассути бозӣ аз мавқеи равиши фаъолияти системавӣ дар асоси бозиҳои нақшофарии омӯзишии касбгаро, ошкор кардани моҳият ва имкониятҳои таълимии бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ ба мо имкон медиҳад, ки вазифаҳои асосии педагогии бозиро дар фаъолсозии фаъолияти маърифатӣ ба забони англисии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олиро муайян намоем. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки доир ба ин масъала равшании комил вуҷуд надорад.

Чунончи, Р. С. Алпатова вазифаҳои зерини бозиҳои нақшофарии омӯзиширо ҳамчун воситаи пурзӯр намудани таълим, яъне вазифаҳои омӯзишӣ, ҷубронкунӣ ва тарбиявиро нишон додааст. Т. И. Олейник вазифаҳои асосии бозиро вазифаҳои омӯзишӣ медонад. Гурӯҳи дигари муҳаққиқон (Г. И. Фролова, Г. И. Хозяинов, Э. Н. Коротков) ин се вазифа: иттилоотӣ, ташкили фаъолияти маърифатӣ ва тарбиявиро баррасӣ менамоянд.

Вале А. А. Деркач назарияи бозии омӯзиширо дар раванди таҳқиқи ҳаматарафа қарор дода, бисёрвазифа будани онро таъкид ва вазифаи кашфиётии онро қайд кардааст, яъне бозии омӯзишӣ метавонад, ҳамчун “воситаи кашфиёти педагогӣ” хизмат намояд [95, с.4]. Ба андешаи мо, муайян кардани вазифаҳои бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ вобаста ба он аҳаммияте, ки бозиҳои мазкур дар ҳалли вазифаҳои умумии таълимӣ дар раванди таълиму тарбия доранд, самарабахш хоҳад буд. Бо дарназардошти мақсади умумии тарбия ва таълими

шахси ҳаматарафа инкишофёфта, дар педагогика чунин ақидае роиҷ аст, ки мувофиқи он раванди таълим ин се вазифаро анҷом медиҳад: таълим, тарбия ва инкишофдиҳӣ.

Табиати мураккаби фаъолияти маърифатӣ тавассути бозӣ дар асоси бозиҳои нақшофарии омӯзишии касбгаро имкон медиҳад, ки ҳар се вазифаи аз тарафи Ю. Бабанский нишондодашуда тавъам анҷом дода шаванд.

Таҳқиқи мибаъдаи ин мушкилот ва таҳлили адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла англисӣ, ба мо имкон дод, ки вазифаҳои зерини хоси бозиҳои нақшофарии омӯзиширо муайян намоем: ҳавасмандкунӣ, водоркунӣ, иттилоотӣ – омӯзишӣ, кашфиётӣ, инкишофдиҳӣ – тарбиявӣ, муоширатӣ, назоратӣ, худтаҳлилкунӣ (рефлексивӣ) – арзёбӣ, ки ба принсипи “парвариш ва худинкишофдиҳӣ” такя мекунад ва вазифаҳои равонпизишкӣ (психотерапевтӣ) – ро анҷом медиҳад.

Вазифаҳои мазкури бозиҳои нақшофарии омӯзишии касбгароро ба тафсил баррасӣ менамоем. Вазифаи нахустини бозиҳои нақшофарии омӯзиширо мо ҳавасмандкунӣ – водоркунӣ ҳисоб мекунем. Тавре ки маълум аст, раванди тавлиди нутқ аз “сатҳи ҳавасмандӣ - водоркунӣ” оғоз меёбад [116]. Мундариҷаи ин вазифа бояд мақсад, дастури раҳнамо, қоидаҳои бозӣ, вазифаҳои бозингарон, мавҷудияти ҳолати динамикии бозӣ, нақшҳо ва амсоли инҳоро фаро гирад. Иҷрои вазифаи мазкур ба марҳилаи созмондиҳии бозӣ, ки мавҷудияти шароит барои бозии мавриди назарро бояд таъмин кунад, вобастагӣ дорад. Вазифаи ҳавасмандӣ – водоркунӣ бошад, аз худи табиати бозии нақшофарии таълимӣ бармеояд, ки он аз ҷониби омӯзгор роҳандозӣ мешавад ва воситаи ибтидоии ангезиши фаъолияти маърифатии донишҷӯён ба шумор меравад.

Вазифаи дигари бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ, ба ақидаи мо, вазифаи иттилоотӣ – омӯзишӣ мебошад. Зери ин истилоҳ моҳияти омӯзишии бозӣ дар назар гирифта мешавад. Ҷанбаи педагогии падидаи бозиҳои нақшофарии омӯзиширо таҳлил карда, мо пештар ошкор намудем, ки он шакли фаъоли

таълим ба шумор меравад. Бозии нақшофарии омӯзишӣ қаблан интихоб намудани воситаҳои забонӣ аз ҷониби омӯзгорро талаб мекунад. Бозиҳои таълимие, ки аз рӯйи сенария сурат мегиранд, бояд ба мундариҷаи фанни забони англисӣ, ки дар маркази он ихтисос ва омодасозӣ ба фаъолияти ояндаи касбӣ қарор дорад, пурра мувофиқат кунанд ва ба ҳавасмандгардонии фаъолияти фикрию нутқи донишҷӯён равона шуда бошанд.

Хусусияти таълимии бозиҳои нақшофарии омӯзишии касбгаро на ба танҳоӣ, балки тавассути ташкили кори якҷояи донишҷӯёну омӯзгорон мутобиқ ба моҳият ва қонуниятҳои фаъолияти маърифатии инсон бо ёрии бозӣ зоҳир мегарданд. Иҷрои ин вазифа  дутарафа сурат мегирад. Тарафи берунӣ ба воситаи манбаъҳои мухталифи маълумот: (воситаҳои техникии таълим), омӯзгор, аёният ва ғайра.

Тарафи дарунӣ бошад, бо таъсиррасонӣ ба раванди маърифат алоқаманд аст ва дар таъсир ба раванди қадам ба қадам аз худ кардани донишҳо тибқи назарияи равоншиносии қадам ба қадам сурат гирифтани амалҳои зеҳнӣ (Л. С. Виготский, П. Я. Галперин, А. Н. Леонтев ва дигарон), ба ибораи дигар “пешрафт аз рӯйи занҷир” (Н. В. Кузмина) зоҳир мегардад.

Арзиши таълимии бозии нақшофарии омӯзишӣ ҳамчун воситаи фаъолсозии фаъолияти маърифатӣ аз ин иборат аст, ки дар “он нишонаҳои зерини технологияи матлуби таълим: фаъолият, динамизм, саргармкунӣ, иҷрои нақшҳо, дастаҷамъӣ, моделсозӣ, фикру мулоҳиза, мушкилсозӣ, самаранокӣ, мустақилият, системанокӣ, рақобатпазирӣ ва ғайра тавъам меоянд” [104, с.7].

Аҳаммияти таълимии бозиҳои нақшофарии омӯзишии касбгаро, асосан, аз он иборат аст, ки марҳилаи амалҳои эҷодии омӯзишӣ ин ё он мавзуъ ва ё бахши алоҳидаи барномаи таълимӣ аз забони англисиро хотима мебахшад ва сарҳадҳое, ки байни ҷузъҳои таркибии мундариҷаи фанни мавриди омӯзиш маҷуданд, яъне ба мавзуъҳо, бахшҳо, матнҳо ва ҷанбаҳои алоҳида ҷудо шудани мундариҷаи фанро аз байн мебарад. Донишҳои парокандаро барои нақшофарии

омӯзишӣ дар як таркиби кул, дар як таркиби воҳиди сифатҳои зарурӣ муттаҳид мекунанд, яъне ба андозаи зиёд ба умумикунонии донишҳою қобилиятҳо ва малакаҳо доир ба забони англисӣ мусоидат мекунанд.

Вазифаи иттилоотӣ – омӯзишии бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ бо вазифаи ташкилию идоракунӣ (вазифаи кашфиёт) вобастагӣ дорад. Аз як тараф, асоси иҷрои ин вазифа дар сенарияи бозии нақшофарии омӯзишӣ гузошта шуда бошад, аз тарафи дигар, асоси иҷрои онро “принсипи роҳбарии педагогӣ ба бозӣ” ташкил медиҳад. [328].

Бозиҳои нақшофарии омӯзишии касбгаро дар таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии ихтисосҳои ғайрифилологӣ ҳамчун шакли нави таълим ва роҳи ғайристандартии ташкили дарс ва идоракунии донишҷӯён хизмат менамояд. Ин нуқтаи назарро як гурӯҳ муҳаққиқон ҳам дастгирӣ мекунанд  Масалан, Г. А. Победоноссев менависад: “Дар мавриди методҳои идоракунӣ метавон гуфт, ки маҳз бозӣ ҳамчун воситаи бештар самарабахши рушди ҳамаи ҷузъҳои фаъолияти донишҷӯён хизмат менамояд” [248, с.40-48].

Мо вазифаи ташкилӣ ва идоракунии бозиҳои нақшофарии омӯзиширо вазифаи кашфиётӣ (пажуҳишӣ) номгузорӣ кардем ва дар ин маврид ба ақидаи зерини А. А. Деркач такя намудем. “Бозии омӯзишӣ воситаи идоракунии мақсадноки фаъолияти зеҳнии донишҷӯён аз ҷониби омӯзгор, инчунин воситаи ташаккули чунин сохторҳои маърифатие мебошад, ки ба иштирокунандагони он имконияти мустақилона танзим кардани фаъолияти зеҳнии худро фароҳам меорад ва ин маънои онро дорад, ки бозии нақшофарии омӯзишӣ метавонад ҳамчун воситаи эвристикаи педагогӣ хизмат намояд” [97, с.5].

Истилоҳи мазкур аз вожаи юнонии "heureca" (маънояш-калимаи сермаъно) гирифта шудааст. Эвристика таҳлили тафаккури эҷодии донишҷӯёнро дар асоси методҳои навоваронаи таълим, ки одатан мухолифи методҳои расмӣ мебошанд, дар назар дорад. Моҳияти эвристикаи педагогӣ амалан аз коркарди методҳои

идоракунии мақсадноки фаъолияти зеҳнии донишҷӯён иборат аст. Вазифаи педагог дар ин маврид аз ёрӣ расонидан ба донишҷӯён дар мустақилона ҳал кардани вазифа ва мустақилона ҷамъбаст намудани он иборат аст.

Тавре ки маълум аст,  вазифаи омӯзишии раванди таълим мақсади ниҳоии таълим, яъне омодасозӣ ба ҳаёт ва меҳнатро муайян мекунад. Воқеъбинона метавон фарз кард, ки низоми бозиҳои нақшофарии омӯзишие, ки мо пешниҳод мекунем, ба омодасозии донишҷӯён ба зиндагии иҷтимоӣ ва фаъолияти касбӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ мусоидат хоҳад кард.

Бинобар ин, мувофиқи мақсад хоҳад буд, ки агар низоми бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ барои таълими забонҳои хориҷиро дар чаҳорчӯби назарияи раванди ягонаи педагогӣ баррасӣ намоем, зеро забони англисӣ ҳамчун фанни таълимӣ ҳамеша ба ҳайси воситаи рушди донишҳою маҳорати  касбии донишҷӯён, новобаста аз ихтисос, хизмат мекард.

Агар вазифаи инкишофдиҳии раванди таълим аз ноил гардидан ба самараи фаъолияти маърифатии донишҷӯён иборат бошад, яъне барои он ки такмили амалҳои объективии шахс дар раванди таълим ба рушди қобилиятҳои маърифатии донишҷӯй алоқаманд бошад, он гоҳ вазифаи инкишофдиҳии бозии нақшофарии омӯзишӣ аз ҷиҳати рушди зеҳнӣ, иродавӣ ва эмотсионалии донишҷӯён аз он фаъолияте, ки бо мақсади омӯзиш ташкил карда мешавад, вобастагӣ дорад.

Бинобар ин, дар мавриди омӯзиши забони англисӣ дар асоси низоми бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ метавон гуфт, ки чизи асосӣ дар амалисозии вазифаи мавриди баррасӣ ин “ташкили аз ҷиҳати педагогӣ арзишманди фаъолияти худи донишҷӯён аст. Барои ин зарур аст, ки ҳамаи амалҳои омӯзишӣ ба мақсад равона шуда бошанд ва вазифаҳои муайяншуда хеле дақиқу возеҳ ва роҳҳои ҳал мувофиқ ба талабот бошанд, ҳар як амали маърифатӣ пайгирӣ ва ислоҳ карда шавад ва натиҷаи ниҳоӣ аз назар гузаронида шавад“ [294, с.143].

Дар акси ҳол коэффисенти амали вазифаи мазкури бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ ночиз хоҳад буд.

Иҷрои вазифаи мазкур бо принсипи педагогии “парвариш” ва худсозӣ (худинкишофдиҳӣ) – и донишҷӯён дар ҳамкории наздик қарор дорад. Вазифаи мавриди баррасии бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ дар дасти омӯзгор воситаи дар донишҷӯён тарбия кардани эҷодкорӣ ба шумор меравад, зеро бозии нақшофарии омӯзишӣ худаш барои равона кардани тағйири табиии худ дар вазъияти нави эҷодӣ аз тарафи донишҷӯён шароитро фароҳам меорад, агар бозӣ аз лиҳози педагогӣ дуруст ташкил шуда бошад. Дар акси ҳол, агар омӯзгор аз тариқи “фишор овардан” [15, с.41-43] мақсади нақшаҳо ва лоиҳаҳои худро амалӣ созад, вай дар донишҷӯён вазъияти нави эҷодиро ба вуҷуд оварда наметавонад ва чизе ба онҳо талқин мекунад, ки аз лиҳози зеҳнӣ барояшон бегона аст.

Дар мавриди ҷиҳати тарбиявии вазифаи мавриди баррасӣ метавон қайд кард, ки ҷанбаи тарбиявӣ ба табиати ҳар гуна фаъолияти бозӣ хос аст. Г. А. Китайгородская ба ин ақида аст, ки бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ имкон медиҳанд принсипи омӯзиши тарбияткунанда дар коллектив ва ба воситаи коллектив амалӣ гардад. Чунин ақидаро наметавон рад кард, зеро моҳияти бозиҳои инкишофдиҳӣ – тарбиявӣ чунин аст.

Вазифаи дигари бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ ин вазифаи муоширатӣ мебошад. Мақсад ва таъиноти вазифаи муоширатии бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ ин мусоидат кардан ба рушди салоҳияти муоширатии донишҷӯён ба забони англисӣ маҳсуб мешавад. Салоҳияти муоширатӣ ин қобилияти кори якҷоя бо одамони дигар, донистани психология ва этика, қобилияти дуруст фаҳмидани инсони дигар аст. Табиати иҷтимоии забон ҳамчун воситаи мубодилаи афкор зарурати омӯзиши забони англисиро тавассути муошират махсусе, ки бо мақсади аз худ кардани забони мазкур ташкил карда мешавад, ба миён мегузорад.  Яке аз шаклҳои махсуси омӯзиши забони ангилисӣ, ки ба

мақсади мазкур ташкил карда мешавад бозии нақшофарии омӯзишӣ ба шумор меравад.

Дар бозии нақшофарии омӯзишӣ ёд гирифтани муошırати озодона ҳамчун мақсади асосӣ ба шумор меравад, чунки ақидаи мушаххас тавзеҳро талаб менамояд. Дараҷаи иҷрои вазифаи муоширатии бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ аз омилҳои зерини шахсӣ, яъне сатҳи донистани забони англисӣ ва қобилияти ба ин забон муошират кардани бозингарон, вижагиҳои фазои психологӣ, маҳорат, иҷрои вазифаҳои муоширатии алоқаманд ба ихтисоси донишҷӯён ва ғайра вобастагӣ дорад. Вале омили асосие, ки дараҷаи фаъолсозии вазифаи макурро муайян мекунад, намуди бозӣ ва марҳилаи омӯзиш ба шумор меравад.

Архитектоникаи (таркиббандӣ) муошират дар бозиҳои нақшофарии омӯзишии дорои хусусияти истеҳсолӣ ва эҷодӣ ба авҷи имконпазири худ мерасад. Ин чиз бо роҳи супоришҳои эҷодӣ, душвор намудани масъалаҳои зеҳнӣ ва тасмимгирӣ ба даст меояд, ки фаъолияти зеҳнии эҷодиро талаб менамояд. Чунин бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ бозиҳои “навоварона” ном доранд [15, с.47]. Дар онҳо иҷрои вазифаи муоширатӣ ҳадди аксарро ташкил медиҳад. Дараҷаи баланди иҷрои муоширатӣ дар раванди муошират имкон медиҳад, ки ҳангоми омӯзиши забони англисӣ натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шаванд.

Таъсири вазифаи муоширатӣ метавонад аз ҳисоби таҷҳизоти майдони бозӣ ба ҳадди аксар расад. Аз сатҳи таъсири рефлексивии воситаҳои майдони бозӣ ва қудрати ин воситаҳо таъсири вазифаи мазкур, фаъолияти зеҳнии бозингарон, сатҳи муошират ва сатҳи тафаккури эҷодӣ вобастагӣ дорад.

Вазифаи мавриди баррасӣ дар бозиҳои омӯзишии сатҳи репредуктивӣ (худтакрор) ва бозиҳои нақшофарии сатҳи этюди бозӣ (сатҳи репредуктивӣ) бо унсурҳои маълумот, инчунин дар бозиҳои коршиносии тақлидӣ бо нигоҳдории бештари мазмуни лоҳиавии ҳамаи шартҳо ва маводди бозӣ комилан мутафовут ба назар мерасад. Дар ин маврид ангезаи суст ва мавҷуд набудани талабот ба

муошират мушоҳида мешавад. Дар чунин ҳолат вазифаи муоширатии бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ ва бозиҳои коршиносӣ ва ё тақлидӣ суст иштирок мекунад ва натиҷаҳои назаррасро ба бор намеорад. Дар ин ҳолат баъзе иштирокчиёни бозӣ гӯё ки дар бозӣ ширкат меварзанд, вале фаъолият намекунанд.

Омӯзгор бо мақсади тақвият бахшидан ба вазифаи муоширатии бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ дар рафти иҷрои онҳо, бо такя ба қоидаҳо ва шартҳои бозӣ, амалҳои назорат ва қазоватро анҷом медиҳад. Ин нақши омӯзгор дар бозиҳои мазкур барои пайгирии воридшавии иштирокчиён ба бозӣ ва хориҷшавӣ аз он созгор аст, аммо омӯзгор метавонад дар бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ ба таври гуногун амал намояд. Вай метавонад бозингаронро руҳбаланд ва тафаккури онҳоро фаъолтар намояд.

Вале баъзан барои боздоштани бозингари дорои сифати манфии роҳбар омӯзгор ба ӯ таъсири бештар мерасонад, ки ин метавонад таъсири манфии чунин роҳбарро ҷуброн намояд ва ба ин восита вазифаи муоширатии бозии нақшофарии омӯзиширо пурзӯр менамояд. Чунин аст моҳияти вазифаи муҳимтарини бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ, яъне вазифаи муоширатии он.

Вазифаи назоратӣ ва арзёбии рефлексии бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ. Истилоҳи “рефлексия” дар тарҷума аз забони лотинӣ маънои инъикосро дорад. Рефлексия ин таҳлили ҳолати руҳӣ ва андешаронии худ мебошад. Вазифаи мазкур ба табиати бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ хос аст. Ин вазифа дар амалҳои бозиҳои “бозингарон” дар бозӣ зоҳир мегардад. Собит шудааст, ки бозии нақшофарии омӯзишӣ ин фаъолият аст ва тавре ки маълум аст, ҳар гуна фаъолияти инсонро амалҳои рефлексӣ – арёбӣ ҳамроҳӣ мекунанд. Одатан инсон онро бошуурона анҷом медиҳад, вале дар робита ба дониш бошад, масъала “дар бораи ташаккули мақсадноки қобилияти рефлексия (худтаҳлилкунӣ)” [221, с.160] ба миён меояд.

Вале анҷоми ин кор чандон осон нест, бахусус дар раванди бозии нақшофарии омӯзишии дорои мушкилот ва фаъолияти дастаҷамъии фикрӣ. Дар ин ҷо сухан дар бораи рефлексияи ҳамаи бозингароне, ки бо ҳам дар муошират қарор доранд ва ба рефлексия фаро гирифтани ҳамаи навъҳои фаъолият ва дар бораи таъсири рефлексия ба амали мувофиқашудаи ҳар яке аз муошираткунандагон меравад. Ташаккули маҳорати касбии донишҷӯён баробари аз худ кардани амалҳои рефлексӣ – арзёбӣ аз ҷониби онҳо оғоз меёбад.

Ин ҳамкории нави иштирокчиёни раванди таълим дар педагогикаро метавон яке аз роҳҳои ташаккули қобилияти донишҷӯён ба ташкили коллектив дар ҳолатҳои воқеии муошират ҳисоб кард. Аҳаммияти таълимӣ ва педагогии вазифаи таълимии бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ ҳам аз ҳамин иборат аст.

Моҳияти вазифаи назорати ҳолати равонии иштирокчиёни бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ аз бартараф кардани тарс ва шармгинии донишҷӯён, ташаккули малакаи идора кардани эҳсосоти худ, инчунин нигоҳ доштани фазои мусоиди психологӣ, фазои эҳтиром, фаъолият ва эҷодкорӣ иборат аст. Инро гуфтаҳои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар назарпурсии худ, ки худашон баъди бозии навбатии нақшофарии омӯзишӣ навиштаанд, тасдиқ мекунанд. Чанде аз онҳоро дар ин ҷо меоварем " Ба ман худи фазои бозӣ ва вазъият писанд омад. Бозӣ зинда ва шавқовар гузашт. Ман ҳатто пай набурдам, ки ин ду соат чӣ тавр сипарӣ шуд"; "Дар мактаб забони англисӣ бароям шавқангез набуд, вале дар дарсҳои Шумо хело ҷолиб шуд".

Қобили зикр аст, ки ба ҷумлаи унсурҳои амалисозии вазифаи мазкур инчунин ҷамъбасти натиҷаҳои бозии нақшофарии омӯзишӣ ҳам дохил мешавад, аз ҷумла таҳлили натиҷаҳо ва муайян кардани ғолибон, яъне бозӣ хотима ёфт, вале кор идома дорад. Дар сурати моҳирона идора шудани бозии нақшофарии омӯзишӣ аз ҷониби омӯзгор, вазифаи мавриди назар ба ҳайси воситаи коҳишдиҳандаи вазифаи равонпизишкии назорат ҳам амал менамояд.

Мо пай бурдем, ки дар раванди бозӣ ҳамаи вазифаҳои номбаршуда дар маҷмуъ амал менамоянд. Илова бар ин, бидуни таъсиррасонӣ ба онҳо аз ҷониби омӯзгор, вазифаҳои омӯзгор амал намекунанд ва танҳо дар натиҷаи тавъам шудан бо вазифаи омӯзгор, ки дар раванди идоракунии педагогӣ ба бозӣ сурат мегирад, фаъол мегарданд. Аз ин рӯ, дар натиҷаи тавъам ба кор бурдани вазифаҳои хоси бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ ва вазифаҳои омӯзгор барои самарабахшии бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ шароити зарурӣ фароҳам меояд.

Баррасии моҳияти таълимии бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ ва вазифаи онҳо дар фаъолсозии фаъолияти маърифатии бозӣ имкон медиҳад, чунин натиҷагирӣ кунем, ки моҳияти бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ аз фаъолияти маърифатии бозӣ дар сатҳи шакли густаришёфтаи он ҳамчун фаъолияти якҷояи эҷодии проблемавӣ - ҷустуҷӯии субъектҳо дар асоси вазъиятҳои инкишофёбандаи ба касб нигаронидашуда ҳамчун объекти моделсозӣ иборат аст.

Аз таҷрибаи худ мо ба чунин хулосае омадем, ки мавзуи бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ ба забони англисӣ дар муқоиса бо фаъолияти маърифатии бозии “сатҳи этюд” на танҳо вазъияти ба касб нигаронидашуда, балки силсилаи вазъиятҳое, ки онҳоро сенарияи ягонаи бозии нақшофарии омӯзишӣ муттаҳид кардааст ва ин объекти моделсозӣ ба шумор меравад. Тақвияти мавзуи фаъолият (вазъияти инкишофёбанда) ба тақвияти фаъолияти касбгаро, густариши майдони бозӣ, амалҳои фаннии бозӣ ва дар натиҷа ба фарогирии бештари субъектҳои ин фаъолият ва фаъолияти бештари маърифатӣ оварда мерасонад, ки ин дар навбати худ ба афзоиши донишҳою маҳоратҳои касбӣ мусоидат мекунад.

Дар адабиёти таҳқиқотӣ мо баъзе камбудию норасоиҳоро ҳам мушоҳида намудем. Масалан, модели шакли густаришёфтаи фаъолияти маърифатии бозӣ (парадигмаи маърифатӣ) ва доир ба омӯзиши забони англисӣ дар самти “худи бозӣ” вуҷуд надорад. Худи сохтори модели бозӣ то ҳол норавшан боқӣ

мемонад, доир ба коркарди бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ ба забони англисӣ равияи муназзами асоснок вуҷуд надорад, аз ин рӯ, худи система ҳам вуҷуд надорад. Асоси назарияи системаҳои бозиҳои нақшофарии омӯзишии дорои сенарияҳо ва ба тадриҷ душворшаванда, инчунин принсипҳои ташкили фаъолияти маърифатии бозӣ ва ғайра ҳам вуҷуд надоранд.

Мо комилан ақидаи В. В. Хрипкоро ҷонибдорӣ мекунем, ки навиштааст: "Ҳоло замони коркард намудани шаклҳои бозии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ фаро расидааст" [306, с.88].

Вале бояд зикр кард, ки аз ҷумлаи душвориҳои ҷиддӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, пеш аз ҳама, мавҷуд набудани намунаҳои сенарияҳои бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ ба шумор меравад. Сабабашро мо дар нокифоя коркард шудани стандартҳои ягона ва принсипҳои фаъолияти маърифатии бозӣ мебинем, ки метавонанд барои омӯзгорон ҳамчун асоси назариявӣ барои коркард ё сенарияи як бозӣ ва ё системаи пурраи бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ хизмат намоянд.

Донишҳои муосири педагогӣ доир ба аҳаммияти таълимӣ ва ҷузъҳои асосии сохтори фаъолияти маърифатии бозӣ, омӯзиши фанҳои ҷудогонаи таълимӣ тавассути бозӣ, моҳият ва вазифаҳои бозиҳои нақшофарии омӯзишӣ имкон медиҳанд, ки ҷамъбасти назариявии ин донишҳо ба сатҳи болотар бардошта шавад ва принсипҳои асосии фаъолияти маърифатии бозҳои омӯзишӣ муайян карда шаванд.

Бозии рамзӣ-нақшофарӣ воситаи муассир ва ҷолиби таълими забони англисӣ мебошад. Он ба ташаккули шавқмандии маърифатӣ, рушди қобилиятҳои муоширатӣ ва баландбардории эътимод ба худ мусоидат мекунад. Истифодаи маводди шавқовар дар чунин бозиҳо муҳити таълимиро ҷолиб ва муассир мегардонад. Аз ин рӯ, омӯзгоронро мебояд, ки ин шакли таълимро васеъ истифода баранд.

## 3.2. Амалисозии таълими проблемавӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ асоси ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ

Дар шароити муосири рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва тағйирёбии талаботи бозори меҳнат, омӯзиши забони англисӣ ҳамчун воситаи асосии иртиботи байналмилалӣ аҳаммияти махсус касб кардааст. Барои баланд бардоштани самаранокии омӯзиши он, истифодаи усулҳои муосир, аз ҷумла таълими проблемавӣ, муҳим арзёбӣ мегардад.

Таълими проблемавӣ (problem-based learning) як усули таълим аст, ки дар он донишҷӯён ба ҳаллу фасли масъалаҳои мушаххас машғул мешаванд. Онҳо бояд маълумоти навро мустақилона ҷустуҷӯ ва татбиқ намоянд, ки ин раванд тафаккури интиқодӣ ва қобилияти ҳалли масъалаҳоро инкишоф медиҳад.

Таълими проблемавӣ як равиши омӯзишест, ки дар он донишҷӯён ба ҳаллу фасли масъалаҳои воқеӣ машғул мегарданд. Онҳо барои дарёфти ҳалли масъалаҳо бояд дониши нав омӯзанд, мулоҳизаю муҳокима кунанд ва натиҷа бароранд. Ин равиш таҳкурсии тафаккури интиқодӣ, мушоҳида, ҳамкорӣ ва фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро гузошта, раванди омӯзишро шавқовар мегардонад.

Дар омӯзишии забони англисӣ дар давраи ҳозира дар чаҳорчӯби стандарти давлатии таҳсилот технологияҳои муосири таълимие, ки ба ноил гардидан ба мақсади асосии омӯзиши фанни забони англисӣ мусоидат мекунанд, ба кор бурда мешаванд. Мақсади асосии омӯзиши забони англисӣ бошад, ташаккули салоҳияти муоширaт кардан ба забони англисӣ маҳсуб мешавад, ки аз инҳо иборат аст: салоҳияти нутқ (қобилияти донишҷӯён доир ба истифодаи забони мазкур дар шаклҳои шифоҳӣ ва хаттӣ); салоҳияти забоншиносӣ (қобилияти истифодаи донишҳои забоншиносӣ барои ифодаи мақсади худ дар вазъияти

мувофиқи муошират); салоҳияти муошırати иҷтимоӣ – фарҳангӣ (қобилияти саҳмгузорӣ дар робитаҳои байнифарҳангӣ); салоҳияти ҷубронкунӣ (қобилияти аз вазъияти ногувор баромадан дар раванди муошират ҳангоми норасоии захираи луғавӣ ва надоштани воситаҳои дигари ифода ба забони англисӣ); салоҳияти омӯзишӣ – маърифатӣ (қобиляти мустақилона омӯхтани забони англисӣ бо истифодаи технологияҳои муосир).

Дар ҳамбастагии таълими шахсиятгаро ва робитаи байнифанҳо, вақте ки на фаъолияти таълимии омӯзгор, балки фаъолияти маърифатии донишҷӯй дар навбати аввал қарор мегирад, рушди зеҳнӣ ва иҷтимоии шахсияти донишҷӯй тавассути ҷустуҷӯҳои эҷодкорона аҳаммияти махсусро касб мекунад. Ба назар чунин мерасад, ки зарурати масъалае, ки мо барои баррасӣ пешниҳод мекунем, ба муайян кардани хусусиятҳои таълими проблемавӣ ва ё мушкилсозӣ ва корбурди он тибқи стандартҳои нави давлатии таҳсилот дар омӯзиши забони англисӣ робита дорад. Масъалаи мазкур на танҳо ба ташаккули салоҳияти муоширатии донишҷӯён, балки ба рушди ҳаматарафаи шахсияти онҳо дар раванди омӯзиши забони англисӣ ҳам мусоидат мекунад ва рушди минбаъдаи хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олиро таъмин менамояд.

Дар марҳилаи ҳозира намуди асосии фаъолияти таълимии омӯзгори забони англисӣ истифодаи равиши иртиботӣ – маърифатӣ дар дарс ба шумор меравад, ки яке аз талаботи он инкишофи нутқи донишҷӯй дар дарс мебошад. Хусусияти фарқкунандаи омӯзиши муосири забони англисӣ на такроран баён кардани чизи азёдшуда, ки ҳоло ҳам дар таълими забони англисӣ ҷой дорад, балки иҷрои амалҳои эҷодие мебошад, ки боиси фаъол гардидани тафаккури донишҷӯён мегарданд. Дар робита ба ин ҳаминро таъкид кардан зарур аст, ки принсипҳои раҳнамоӣ бояд ҷойгузини принсипҳои маъмули фаъолияти омӯзгор гарданд, яъне техналогияҳое лозиманд, ки ба омӯзгор имкон медиҳанд донишҷӯёнро ба иҷрои мустақилонаи корҳо сафарбар намояд, фаъолияти омӯзишӣ ва тафаккуру нутқи донишҷӯёнро фаъол созад, ки бидуни инҳо ташаккули ангезаи дохилии

донишҷӯён, ки хуб аз худ кардани забони англисиро таъмин менамояд, имконнопазир аст. Ба назари мо, яке аз чунин технологияҳо таълими проблемавӣ маҳсуб мешавад, ки ба он, чунин ташкили таълиме хос аст, ки сермаҳсулии фаъолияти омӯзишии донишҷӯёнро таъмин мекунад ва дар рафти он онҳо таҷрибаи шахсии ҳалли мушкилоти маърифатиро касб мекунанд.

Дар дидактика мафҳуми таълими проблемавиро М. И. Махмутов таъриф кардааст, ки чунин аст: “Таълими проблемавӣ як навъ омӯзиши инкишофдиҳандае мебошад, ки дар он фаъолияти муназзами ҷустуҷӯии мустақилонаи донишҷӯён ва аз худ кардани хулосаҳои тайёри илмӣ аз ҷониби онҳо тавъам ба кор бурда мешаванд ва низоми методҳои омӯзиш бо дарназардошти мақсад ва принсипи проблемагузорӣ ташкил карда мешавад; раванди ҳамкории таълим ва омӯзиш ба ташаккули омӯзиши мустақилона, ангезаҳои устувори омӯзиш ва қобилиятҳои фикрронӣ (аз ҷумла тафаккури эҷодӣ ҳам) дар рафти аз худ кардани мафҳумҳои илмӣ ва роҳҳои фаъолият аз ҷониби онҳо, афзалияти низоми ҳолатҳои проблемавӣ равона гардидааст” [201, с.5]. Ба зарурати истифодаи ҳолатҳои проблемавии омӯзиш дар дарс А. А. Леонтев ҳам чунин ишора кардааст: “Мо бояд раванди таълим дар низоми ҳолатҳои проблемавии дарс ва мундариҷаи таълим дар низоми воситаҳое, ки ба ҳалли ин ҳолатҳои проблемавӣ равона гардидаанд, бозсозӣ намоем” [184, с.108].

Усусли таълими проблемавӣ имкон медиҳад, ки худи раванди омӯзиши забони англисӣ барои донишҷӯён шавқовар гардад, инчунин барои истифодаи имкониятҳои ҳар як донишҷӯ ёрӣ мерасонад ва самарабахшии омӯзишро таъмин менамояд. Дар забономӯзии муосир, асосан, кори мустақилонаи забономӯзон, навъҳои сермаҳсули фаъолияти омӯзишӣ, қобилияти фикррониии мустақил, мустақилона ҳал кардани мушкилот ва мулоҳиза кардан ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Аз ин рӯ, ангезаҳои асосӣ дар таълими проблемавӣ ангезаҳои маърифатӣ – водоркунӣ мебошанд. Бинобар ин, бояд шаклҳои самарабахши омӯзиш дар дарс, аз ҷумла шаклҳои лоиҳавии кор ва

ғайра ба кор бурда шаванд. Чунин усули таълимро дар таълими фанни забони англисӣ ҳам ба кор бурдан зарур аст.

Ба ин тариқ, дар асоси таҳлили адабиёти педагогӣ мо таълими проблемавиро дар доираи таълими забони англисӣ ҳамчун як навъи махсуси фаъолияти таълимӣ–маърифатӣ муайян мекунем, ки ба ҷустуҷӯи ҳалли вазифаҳои проблемавии муошırату маърифатӣ ва ҳолатҳои проблемавии таълим равона гардидааст ва дар натиҷаи он ташаккули малакаю қобиятҳои муошират кардан бо забони англисӣ, касб кардани таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ, инчунин ташаккули тафаккури мантиқӣ ва шавқмандии маърифатии донишҷӯён тавассути забони англисӣ сурат мегирад.

Дар ин ҷо мо ҳолатҳои проблемавӣ дар дарси забони англисиро баррасӣ менамоем, ки асоси таълими проблемавиро ташкил медиҳанд. Ҳолати проблемавӣ, ки дар раванди муошират бо забони англисӣ ба вуҷуд меояд, ба пайдоиши шароитҳои омӯзишие равона мегардад, ки донишҷӯёнро ба муошират ҳавасманд мекунанд. Худи ҳолати проблемавӣ ангезиши фикрронии сермаҳсул, бартараф кардани душвориҳои муайян, сафарбар намудани фаъолияти тафаккуру нутқ ба баррасии мавзуъ ва ба кор бурдани унсурҳои эҷодкориро талаб мекунад. Ин на танҳо ба аз худ кардани донишҳою қибилиятҳо ва малакаҳои нав, балки ба рушди шахсияти донишҷӯён, бахусус, ба рушди қобилиятҳои эҷодии онҳо мусоидат мекунад. Ҳолати проблемавӣ метавонад дар худ роҳи нави фаъолият, объекти фаъолият ва шароитҳои иҷрои амалро фаро гирад. Аз ин рӯ, ҳолати проблемавӣ донишҷӯёнро ба мустақилона гуфтугӯ кардан ба забони англисӣ ҳавасманд мекунад. Ба сабаби номувофиқатии маълумоти мавриди баррасӣ ҳолатҳои проблемавӣ метавонанд гуногун бошанд.

Дар адабиёти методӣ вобаста ба сатҳи проблема ҳолатҳои проблемавӣ ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд:

- ҳолатҳое, ки проблемаро омӯзгор ба миён мегузорад ва ҳал мекунад;

- ҳолатҳое, ки проблемаро омӯзгор ба миён мегузорад ва донишҷӯён онро ҳал мекунанд;
- ҳолатҳое, ки проблемаро донишҷӯён мустақилона ташкил ва ҳал мекунанд

Дар робита ба таълими забони англисӣ И. А. Зимняя се сатҳи проблемаи мавриди омӯзишро муайян кардааст. Ба сатҳи якум олими мазкур ба вуҷуд овардани ҳолати омӯзиши дорои проблемае дохил кардааст, ки дар он бояд донишҷӯй доир ба мавзуи бароящ маълум тавассути воситаҳои забонии барояш номаълум фикри худро баён намояд. Ба сатҳи дуюм ҳолати омӯзиши дорои проблемае дохил мешавад, ки дар он донишҷӯй бояд тавассути воситаҳои забонии барояш маълум доир ба чизи барояш номаълум ё мавзуи нав фикрашро баён намояд. Дар сатҳи сеюми ҳолати омӯзишии дорои проблема худи донишҷӯй ягон проблемаи барои худаш шахсан аҳаммиятнокро ба миён мегузорад ва доир ба он фикри худро бо забони англисӣ баён мекунад.

Озмоиши ҳолатҳои дорои сатҳҳои мухталифи проблемавӣ аз ҷониби мо имкон медиҳад тасдиқ намоем, ки аз ҷиҳати фаъолсозии тафаккури нутқ ҳолатҳои омӯзишии проблемавии сатҳи сеюм бештар самарабахшанд, зеро дар ин ҳолати омӯзишӣ донишҷӯй мустақилона проблемаро ба миён мегузорд, фикрҳои худро мураттаб месозад ва онҳоро ба забони англисӣ баён менамояд. Дар ин раванд ҳалли ҳолатҳои омӯзишии проблемавии мустақилона эҷодкардаю шахсан аҳаммиятнок талаботи маърифатӣ ва фаъолияти фикрии донишҷӯйро зиёд менамояд ва сатҳи рушди зеҳнии ӯро баланд мебардорад.

Аз мулоҳизаҳои дар боло овардашуда метавон чунин хулоса кард, ки дар омӯзиши забони англисӣ ҳолати омӯзишии проблемавӣ ин, пеш аз ҳама, ҳолатҳои проблемавӣ – муоширатие мебошанд, ки донишҷӯёнро ба гуфтугӯ ба забони англисӣ ҳавасманд мекунанд ва чунин ҳавасмандӣ дар баёни фикрҳои шахсӣ ва нутқи созандаи донишҷӯён дар натиҷаи дарки амиқ ва иҷрои вазифаҳои фикрию нутқии ба миёнгузошта зоҳир мегардад. Аз ин рӯ, омӯзиши

забони англисӣ бо усули проблемагузорӣ дар дарс коркарди муттасилу мақсаднок ва ба донишҷӯён пешниҳод кардани ҳолатҳои проблемавиеро талаб менамояд, ки тавассути ҳалли онҳо донишҷӯён нутқи худро ба забони англисӣ мурратаб месозанд ва онро ҳамчун як чизи аз ҷиҳати шахсӣ аҳаммиятнок дарк мекунанд.

Ҳамин тавр, асоси равиши проблемавиро як навъ ангезаи дарунӣ, яъне проблемавӣ – маърифатӣ ташкил медиҳад. Бинобар ин, маводди таълимӣ, ки донишҷӯён бояд аз худ намоянд, ҳамчун силсилаи вазифаҳои проблемавӣ пешниҳод карда мешавад. Вазифаҳои проблемавӣ навъи махсуси вазифаҳои зеҳние мебошанд, ки дар онҳо баъзе аз унсурҳо барои ҳалли онҳо барои донишҷӯён номаълум аст ва онҳо бояд инҳоро худашон ёбанд. Вазифаи проблемавӣ ҳамеша бо бартараф кардани ягон хел монеа ва ҷалб намудани фаъолияти маърифатии донишҷӯёну иштироки унсурҳои эҷодии фаъолияти тафаккури нутқӣ алоқаманд аст. Ҳолати проблемавӣ ин як шакли ба донишҷӯён пешниҳод кардани вазифаҳои таълимие мебошад, ки ба фаъолияти гуфтугӯ ҳавасманд мекунад.

Вазифаи муоширатӣ – маърифатӣ бояд ба донишҷӯён дастрас ва ба сатҳи рушди зеҳнии онҳо мувофиқ бошад. Маҳз дар ин сурат он барои донишҷӯён ҳолати проблемавиро ба вуҷуд меорад.

Барои муайян кардани дараҷаи душвории вазифа мо ба меъёрҳои муайян: пешакӣ муайян ва ё номуайян будани маводди забонӣ ва дараҷаи мустақилияти донишҷӯён ҳангоми иҷрои ин вазифа, ки инчунин аз пешакӣ маълум будан ё набудани маводди забонӣ вобаста аст, такя менамоем.

Ҳамин тавр, мо ба ҳамин хулоса расидем, ки ҳар қадар маводди таълимӣ бештар супорида шавад, ҳамон қадар мустақилияти донишҷӯён камтар аст.

Омӯзиш тавассути проблемагузорӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли он ба нигоҳ доштани ангезаи донишҷӯён ба омӯзиши забони англисӣ дар муқоиса бо истифодаи усули омӯзиши анъанавии аёнӣ – тавзеҳӣ мусоидат мекунад.

Аз ин рӯ, “ҳар чи бештар ба кор бурдани усулҳои таълими проблемавие, ки донишҷӯёнро ба фаъолияти бештари муоширатӣ – маърифатӣ ҳавасманд мекунанд, мувофиқи матлаб хоҳад буд. Дар ин маврид муносибати инфиродӣ ва эҷодкоронаи омӯзгор ҳам нақши муҳим дорад” [230, с. 151].

Барои истифодаи самарабахши технологияи таълими дорои ҳолатҳои проблемавӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ мо талаботи зеринро пешниҳод менамоем:

- интихоби вазифаҳое, ки барои донишҷӯён муҳим арзёбӣ мешавад;
- муайян кардани ҷанбаҳои омӯзиши проблемавӣ дар марҳилаҳои гуногуни раванди таълими забони англисӣ: ҳангоми муаррифии маводди нави забонӣ, назорат, мустаҳкамкунӣ ва дар марҳилаи такмили маҳорати гуфтугӯ;
- интихоби усули ташкили ҳолати проблемавии омӯзишӣ;
- интихоби вазифаи проблемавӣ - муоширатӣ, ки аз ҷониби донишҷӯён пешниҳод мешавад.

Ташкили машғулияти таълимӣ ҳамчун амалҳои мутассили донишҷӯён, ки аз ҷониби омӯзгор ташкил, идора ва назорат карда мешавад. Чунин машғулияти таълимӣ ташаккули салоҳияти муошират донишҷӯён бо забони англисӣ ва ҷузъҳои сохтории онро таъмин менамояд ва коркарди алгоритми ташкили фаъолияти таълимӣ–маърифатии донишҷӯён дар асоси равиши проблемагузорӣ дар таълими забони хориҷиро талаб мекунад.

Алгоритми ташкили фаъолитяи таълимӣ–маърифатӣ барои аз худ кардани забони англисӣ дар асоси равиши проблемагузорӣ аз амалҳои зерин иборат аст:

- ба миён гузоштани проблемае, ки ҳалли он дар сурати нокифоя будани маълумоти мавҷуда талаб карда мешавад;
- ба вуҷуд овардани монеаҳо дар роҳи ҳалли проблема;
- интихоби яке аз гунаҳо ва ё роҳҳои ҳалли проблема;

- бархурди ақидаҳои муқобил доир ба мазмуни маводди мавриди омӯзиш;
- баррасии масъалаи бамиёнгузошта аз дидгоҳҳои гуногун;
- баррасии рӯйдодҳою падидаҳо аз дидгоҳҳои гуногуни одамон;
- муқоиса, умумикунонӣ ва натиҷагирӣ аз муқоисаи далелҳои баёншуда.

Интихоби роҳ ва иҷрои алгоритми пешниҳодшуда бештар вақт аз рӯйи мазмуни маводди таълимии мавриди омӯзиш, муайян карда мешавад. Чунончи, бархурди ақидаҳои аз ҷиҳати мазмун бо ҳам зид метавонад ҳангоми ташкили ҳолатҳои проблемадори омӯзишӣ дар мавзуъҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ахлоқӣ ба кор бурда шавад. Интихоби яке аз чанд роҳҳои ҳалли проблемаи омӯзишӣ асоси ташкили ҳолатҳои маърифатиро ташкил медиҳад. Баррасии ҳамон як масъала аз дидгоҳҳои мухталиф метавонад ҳамчун усули ташкили ҳолатҳои омӯзиши проблемавӣ ва илмӣ – маърифатӣ хидмат намояд.

Барои мисол ҳолати проблемавии рафториро дар асоси истифодаи усули бартараф намудани монеа дар роҳи ба мақсад расидан аз рӯйи мавзуи Teen Camps меорем: (УМК Английский в фокусе, 3 курс): 1) Imagine that you are going up into the mountains. Suddenly fog is coming down, you are running into low-lying clouds and you do not know where you are exactly. What will you do? 2) Imagine that you are camping in the woods. Suddenly you hear a bear trying to get into your tent. You do not have a gun. What will you do? Мавҷудияти монеа дар роҳи ба мақсад расидан ҳамчун ангеза барои гуфтор бо забони англисӣ хизмат менамояд, вақте ки донишҷӯён фикрҳои шахсии худро баён мекунанд, на ҷумлаҳои пешаки азёд кардаро такрор мекунанд. Интихоби яке аз якчанд гунаҳо ҳам ангеза барои эҷоди ҳолати проблемавӣ аз рӯйи матни Who’s who? (УМК Английский в фокусе, 3 курс) ба шумор меравад: Is it better to have one or two close friends, or quite a few friends you don’t know so well?. Нокифоя будани маълумоти ибтидоӣ, ҷустуҷӯ ва муқоиса ҳамчун роҳи эҷоди ҳолати проблемавӣ

аз рӯйи мавзуи Going places (УМК Английский в фокусе, 4 курс) хизмат мекунад: Gather information about travel connections from our city to neighbouring countries. What means of transport are available? How long do the journeys to these countries take? Decide which routes are most expensive,.

Таҷрибаи мо доир ба истифодаи ҳолатҳои омӯзишии проблемавӣ нишон медиҳад, ки бомуваффақият ворид намудани донишҷӯён ба раванди ҳалли самарабахши вазифаҳои омӯзишии проблемавӣ барои дар онҳо ташаккул додани қобилиятҳои мустақилона проблемагузорӣ кардан, тавзеҳ додан, асоснок ва ё рад кардани ягон ақида мегардад.

Барои тартиб додани тезис (мазмуни мухтасари яогон мавзуъ) дар назди донишҷӯён вазифа дар шакли проблема гузошта мешавад, ки дар раванди баррасии он мавзуъ бояд ақидаҳои гуногун баён карда шаванд. Проблемаро метавон дар шакли тайёр пешниҳод кард. Масалан, аз рӯйи матни Schooling: Should punishment be used in class? ва ё матни What should be the balance between a broad academic education and a more practical, vocational education? Вале метавон ба донишҷӯён имконият дод, то онҳо мустақилона масъалаи проблемавиро аз матни барои хониш ва шунидан супоридашуда муайян кунанд ва муҳокимаи онро пешниҳод кунанд, масалан: What we need to decide is whether it is better to specialize or to have a broad education. Муҳокимаи ба таври равшан таҳияшуда тезисе мебошад, ки метавон онро мавриди баҳс қарор дод. Ҳолатҳои омӯзиши проблемавии нисбатан душвортарро метавон бо ёрии тезисҳо барои мубоҳисаи байни донишҷӯён эҷод кард.

Дар марҳилаи ибтидоӣ ба кор бурдани ҳолатҳои проблемавии омӯзишӣ ба донишҷӯён воқеиятҳо дар шакли тайёр пешниҳод карда мешаванд, ки боиси ҳавасманд кардани онҳо ба гуфтугӯ бо забони англисӣ мегарданд. Дар зер мисолҳои дорои чунин воқеиятҳо оварда мешаванд:

Punishment should not be used in class because:

- any punishment humiliates a human being;

- teachers who punish their pupils do not care for children, they care only that children conform to the rules;

- punishment leads to lies, as children would tell any lie to prevent the unpleasant act.

Воқеиятҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳамроҳ бо супоришҳои зерин бошанд:

- agree or disagree with the following statements;

- support the following statements with the arguments of your own.

Дар амалияи таълими забони англисӣ истифодаи навъҳои дигари супоришҳои омӯзишии проблемавие, ки ба беҳтар намудани фаъолияти омӯзишӣ ва ташаккули қобилиятҳои истифодаи амалии забони англисӣ ҳамчун воситаи муоширaт мусоидат мекунанд, мувофиқи матлаб хоҳад буд. Ба назари мо, супоришҳои ғайризабоние, ки бо таҳияи муҳтавои мавзуи матнҳо ба забони англисӣ ва тавзеҳи минбаъдаи он алоқамананданд, бештар самарабахш мебошанд. Масалан, пешакӣ додани саволҳо ба мақсади дарки матнҳои ба забони англисӣ шунидашуда ва ё хондашуда, ки дорои супориши проблемавии пешбинӣ кардани мавзуъ ва сюжет аз рӯйи аёният ва ё аз рӯйи сарлавҳа мебошанд. Саволномаҳои санҷишӣ (клоуз - тестҳо) ҳам, ки ба донишҷӯён дар марҳилаи назорат (санҷиш) пешниҳод карда мешаванд, дорои сатҳи баланди проблемагузорӣ мебошанд. Барои дуруст гузоштани унсурҳои дар матн мавҷуд набуда донишҷӯён бояд баъзе бозсозиҳоро анҷом диҳанд: таҳлили муҳтавои бахшҳои қаблӣ ва баъдии мант, таҳлили грамматикии ягон порчаи матн, ба хотир овардани воҳидҳои луғавие, ки ба он порчаи матн алоқаманд мешаванд, овардани он унсурҳои матн аз нуқтаи назари грамматика.

Ҷудо кардани калимаҳое, ки дар забони модарӣ муодил доранд, имкон медиҳад, ки ҳолатҳои омӯзишии проблемавӣ дар гурӯҳҳои дорои сатҳҳои гуногуни дониш ба кор бурда шаванд, зеро ин супоришҳоро метавон аз рӯйи дараҷаи мушкилӣ тақсим кард.

Супоришҳо барои ёфтани тобишҳои маъноӣ ва этимологияи калимаҳо ба беҳтар кардани фаъолияти маърифатии донишҷӯён мусоидат мекунанд ва барои дар хотир нигоҳ доштан мадад мерасонанд. Мо дар амалияи таълими забони англисӣ супоришҳои зеҳние ҷорӣ кардем, ки бо дарки мазмуни нақшаҳо, диаграммаҳо, расмҳо, объектҳои графикӣ, крассвордҳо, таърифи ягон мафҳум, ба таври мушкилтар баён намудани муҳтавои маводди омӯзишӣ робита доранд, вақте ки донишҷӯён бояд амалҳои муқобилгузорӣ, муқоисаро анҷом диҳанд ва натиҷагирӣ кунанд, инчунин донишҷӯён бояд супоришҳои ҳавасмандкунанда ба гуфтугӯ ба забони англисӣ дар ҳолати пешниҳодшударо иҷро намоянд. Чунин супоришҳоро донишҷӯён ҳангоми мустақилона истифода бурдани мавод барои гуфтугӯ ба забони англисӣ дар ҳар гуна ҳолати нав супорида мешаванд.

Ҳамин тавр, кори муназзам доир ба татбиқи равиши омӯзиши проблемавӣ дар таълими забони англисӣ дар асоси алгоритми пешниҳодшуда ва маҷмуи супоришҳои проблемавӣ донишҷӯёнро ба фаъолияти маърифатӣ ҳавасманд мекунад ва онҳоро ба гирифтани маълумоти мушаххас ва рушди қобилиятҳои коркарди он маълумот равона месозад, инчунин ба ташаккули механизмҳои психолингвистии баёни муҳтавои матни ба забони англисӣ хондашуда ва ё шунидашударо таъмин менамояд, фикрронию нутқ ва эҷодкории донишҷӯёнро беҳтар мекунад, ба ташаккули фикрҳо ва рушди иҷтимоии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони англисӣ  мусоидат мекунад.

Дигаргунсозиҳое, ки дар кишвари мо сурат мегиранд, таҷдиди назар намудани арзишҳои мавҷуда ва ташаккул додани арзишҳои нав масъалаи арзишгароии шахсро дар madди аввал мегузоранд. Муносибатҳои байни одамон ва шаклҳои зоҳир гардидани ин муносибатҳо дар ҷомеа аҳаммияти махсусро касб мекунанд. Вуруди босуръати Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, равандҳои ҳамгироӣ дар соҳаҳои сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг ва идеалогия масъалаи муошират ба забони англисиро талаб мекунад.

Барои расидан ба ҳадафҳои таъиншуда мо дар дарсҳои забони англисӣ истифода бурдани усули таълими проблемавиро пешниҳод мекунем. Нишонаҳои нахустини чунин усули таълимро метавон ҳанӯз дар суҳбатҳои файласуфи Юнони Қадим Суқрот мушоҳида кард, ки мавсуф бо ёрии саволҳо ва мантиқи ташкили суҳбат шогирдонро мувоҷеи ақидаҳои бо ҳам зид кард ва ба тадриҷ онҳоро ба хулосаи зарурӣ овард. Авҷи шавқу рағбат ба усули таълими проблемавӣ дар кишвари мо ба солҳои 70-ум ва ибтидои солҳои 80-уми асри гузашта рост меояд. Маҳз дар ин давра доир ба ин масъала корҳои асосии назариявӣ ба вуҷуд омаданд, ки дар онҳо ҷанбаҳои психологӣ – педагогии чунин усули таълим коркард шуда буданд. Вале олимон доир ба моҳияти таълими проблемавӣ ихтилофи назар доштанд [154].

Баъзе олимон, аз ҷумла Т. А. Илина, таълими проблемавиро ҳамчун як равиш, А. В. Брушлинский, И. Я. Лернер, А. М. Матюшкин ва В. Окон бошанд, онро ҳамчун методи таълим маънидод мекунанд, Т. В. Кудрявсев, М. И. Махмутов онро низоми таълим ҳисоб мекунанд. В. И. Агапов таълими проблемавӣ дар муассисаи таҳсилоти олиро ҳамчун “намуди комили таълиме, ки шаклҳою методҳо ва усулҳои беҳтару хубтар гардондани фаъолияти маърифатӣ – ҷустуҷӯӣ ва эҷодкории донишҷӯёнро муттаҳид мекунад”, маънидод кардааст.

Муҳаққиқ В. Окон таълими проблемавиро ҳамчун маҷмуи чунин амалҳо, ба мисли ташкили ҳолатҳои мушкили омӯзишӣ, эҷоди мушкилӣ дар дарс, ёрӣ расонидан ба донишҷӯён дар ҳалли мушкилӣ, санҷиши ҳалли мушкилот ва дар ниҳоят, роҳбарӣ кардан ба раванди муназзамсозӣ ва таҳкими дарсҳои пролемавӣ маънидод кардааст [223, с186].

Дар давраи ҳозира, ба андешаи Г. К. Селевко, зери истилоҳи “таълими проблемавӣ” чунин ташкили машғулиятҳои таълимие фаҳмида мешавад, ки “таҳти роҳбарии омӯзгор ҳолатҳои омӯзишии мушкил ва фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён доир ба ҳалли онҳо ташкил карда мешаванд ва дар

натиҷаи ин аз худ кардани донишҳои назариявии касбӣ, малакаҳою қобилиятҳои амалӣ ва рушди фикрронӣ сурат мегиранд” [271].

Мо ақидаи И. А Илнискаяро дар бораи ин ки асоси таълими мушкилсозиро на ангезаи мушкилсозӣ ташкил медиҳад, қобили қабул мешуморем [121]. Ба андешаи ӯ, таълими проблемавӣ тарҳрезии мувофиқи муҳтавои омӯзишии маводди таълимиро талаб мекунад, ки бояд ҳамчун занҷири ҳолатҳои пролемавӣ пешниҳод карда шавад. Таҳлили таърифҳои таълими проблемавӣ имкон медиҳад, ки ҳолати мушкили омӯзиширо яке аз мафҳумҳои маркази ин навъи омӯзиш ҳисоб кард.

Муҳаққиқон И. А. Колесникова ва О. А. Долгина ҳолати проблемавии таълимро ҳамчун маҷмуи шароитҳое (шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ) медонанд, ки барои ба вуҷуд овардани мушкилӣ ва ҳавасманд кардани донишҷӯён ба ҳалли супоришҳои мушкил заруранд [150].

В. М. Рябов бошад, зери истилоҳи “ҳолати омӯзишии пробемавӣ” супоришҳои омӯзишӣ, истеҳсолӣ – касбӣ ва ҷустуҷӯӣ – пажҳишиеро мефаҳмад, ки ҳангоми иҷрои онҳо донишҷӯён ба душвориҳо мувоҷеъ мешаванд.

Асоси ҳолати омӯзишии пробемавиро мушкилие ташкил медиҳад, ки “моҳияти он номувофиқатии байни донишҳои барои донишҷӯй маълум, қобилияту малакаҳои мавҷудаи ӯ ва воқеиятҳою ҳодисаҳои наве мебошад, ки барои фаҳмидану шарҳ додани онҳо донишҳои пештара кифоят намекунанд” [262 ].

Дар дарсҳои забони англисӣ бештар вақт асоси ҳолатҳои омӯзиши проблемавиро ихтилофот байни муайян ва номуайянӣ, байни баррасии маъмул ва ғайримаъмули масъалаи мавриди омӯзиш, байни донишҳои азхудкарда ва истифодаи онҳо дар шароити нави амалӣ ва байни тахайюлу воқеият ташкил медиҳанд. Вазифаи асосии омӯзгор дар ин мавридаз он иборат аст, ки ба донишҷӯён имкон диҳад, то онҳо таҳти назорату роҳнамоии ӯ ҳаллу фасл намоянд.

Дар давраи ҳозир ду навъи ҳолатҳои омӯзишии проблемавӣ, яъне ҳолатҳои психологӣ ва педагогиро аз ҳам фарқ мекунанд. Ҳолати омӯзишии проблемавии педагогӣ аз амалҳои фаъолонаи донишҷӯён, саволҳои омӯзгоре, ки навгонӣ ва муҳиммияти донистани объекти мавриди омӯзишро таъкид мекунанд, иборат мебошад. Ҳолати омӯзишии мазкур ташкили раванди таълим мебошад. Ҳолати омӯзишии проблемавии психологӣ бошад, ба фаъолияти донишҷӯён тааллуқ дорад ва ташкили он ба назар гирифтани сатҳи дониши ҳар як донишҷӯй ва хусусиятҳои ӯ ҳангоми таҳияи супоришҳои омӯзиширо талаб менамояд.

Ҳангоми ташкили ҳолати омӯзишии проблемавӣ донишҷӯй ҳамчун субъекти омӯзиш ба шумор меравад. Ҳамин тавр, агар ҳолати омӯзишии проблемавии педагогӣ дуруст ташкил шуда бошад, он гоҳ донишҷӯён онро хуш қабул мекунанд ва он ба ҳолати омӯзишии психологӣ мубаддал мегардад [154].

Таснифоти нисбатан пурратари ҳолатҳои омӯзишии проблемавиро Г. К. Селевко анҷом додааст, ки аз рӯйи меъёрҳои зерин гурӯҳбандӣ шудаанд: 1) аз рӯйи ҷолибият ва ё ҳавасмандкунии мазмун, яъне мазмуни нав, нигоҳи дигари ғайримаъмулӣ ба мазмуни маводди омӯзишии пештар омӯхташуда, робитаи он ба ҳаёт, робита ба фаъолияти амалии донишҷӯён, робита бо замони муосир, робита бо таърих, робита бо оянда; 2) аз рӯйи мазмуни номаълум, яъне номаълум будани мақсад, тарзи фаъолият, объекти амал ва шароити иҷрои амал; 3) аз рӯйи сатҳи мушкилӣ: ҳолатҳои омӯзишии новобаста аз тарзи ташкил пайдошаванда, ҳолатҳои омӯзишие, ки аз тарафи омӯзгор ташкил ва ҳал карда мешаванд; ҳолатҳои омӯзишие, ки онҳоро омӯзгор ташкил мекунад ва донишҷӯён онҳоро ҳал мекунанд, ҳолатҳои омӯзишие, ки донишҷӯён онҳоро мустақилона ташкил ва ҳал мекунанд; 4) аз рӯйи навъи ихтилофи байни маълумот: ҳолатҳои омӯзишии ногаҳонӣ, дорои низоъ, тахмин, рад кардани ақида, номувофиқатӣ, номуайянӣ; 5) аз рӯйи методҳои ташкил: ҳолатҳои омӯзишии нохоста, мақсаднок, баёни мушкилӣ, суҳбати эвристикӣ, намоиши мушкилӣ, корҳои пажуҳишии озмоишгоҳӣ, санҷиши мушкилӣ, бо роҳи мушкил

иҷро кардани супориш, супориши мушкилсозӣ: ҳолатҳои омӯзишӣ бо мушкилсозии бадеӣ; 6) аз рӯйи намудҳои амалҳое, ки барои ҳалли мушкилӣ талаб карда мешаванд: интихоби роҳи ҳал, тасмимгирӣ, муқоисаи далелҳо, муқобилгузории далелҳо, муайян кардани робитаи байни воқеиятҳо, бартараф кардани ихтилофот, тағйир додани нуқтаи назар ба чизҳо, таҷриба, намунаҳо, ҷустуҷӯ, таҳқиқ, муносибати эҷодӣ [271].

Фаъолияти таҳқиқотии донишҷӯён, ҷун қоида, ҳангоми омодагӣ ба машғулиятҳои семинарӣ доир ба назарияи забон, навиштани эссе бо забони англисӣ ва ҳангоми таҳлили филологии матни бадеи ба забони англисӣ сурат мегирад.

Барои он ки раванди ҳалли ҳолати омӯзишии проблемавӣ хусусияти таълимӣ дошта бошад, бо тартиби муайяни пай дар пай ташкил кардани лаҳзаҳои он зарур аст. Мо фарзан гуфта метавонем, ки дар дарсҳои забони англисӣ истифодаи иҷрои пай дар пайи амалҳои аз тарафи Д. Уиллис муқарраршуда мувофиқи матлаб хоҳад буд [346], ки он амалҳо аз инҳо иборатанд:

Марҳилаи омодагӣ (Preparation and priming). Дар ин марҳила омӯзгор донишҷӯёнро ба иҷрои вазифаи проблемавие, ки ҳолати омӯзишии проблемавиро ташкил мекунад, омода месозад.

1. Марҳилаи баррасӣ (Task and report phase). Гурӯҳҳои хурд ва ё донишҷӯён дукасӣ 2-3 варианти имконпазири ҳалли проблема ваё мушкилиро фикр мекунанд ва онҳоро бо ҳам муқоиса карда, як варианти умумии ҳалли мушкилиро барои баррасӣ дар гурӯҳи пурраи таълимӣ интихоб мекунанд ва сабаби интихоби ҳамон варианти ҳалли проблемаро шарҳ медиҳанд.

2. Марҳилаи хаттии №1 (Writing phase 1). Барномарезӣ. Баъди баррасии масъала аз ҷониби тамоми гурӯҳ ба донишҷӯён пешниҳод карда мешавад, ки нақшаи худро доир ба ҳалли проблемаи мавриди назар бо дарназардошти натиҷаҳои марҳилаи баррасӣ тартиб диҳанд.

3. Марҳилаи хаттии №2 (Writing phase 2). Тартиб додани нақшаи ягонаи ҳалли проблема. Агар масъала асил ва ҳалли проблема аҳаммияти иҷтимоӣ дорад, онро метавон ба муассисаи дахлдор равон кард ва ё дар маҷалаи илмии муассисаи таълимӣ ҳамчун масъалаи муҳимми иҷтимоӣ ба муҳаррири нашрия пешниҳод кард.

4. Таҳлили маводди забонии интихобшуда (Focus on form). Агар баррасии масъала дар гурӯҳ дар шакли овозӣ сабт шуда бошад, метавон сабти овозро фаъол намуда, истифодаи воситаҳои забониро таҳлил кард. Нусхаи охирони ҳалли ҳолати омӯзишии проблемавиро ҳам бояд таҳлил кард.

Ба ақидаи мо, бартарияти алгоритми мазкур аз пай дар пай ба кор бурдани ҳамаи навъҳои фаъолияти нутқ ва ҷанбаҳои забон аз ҷониби донишҷӯён иборат аст. Агар ҷустуҷӯи роҳи ҳалли ҳолати омӯзишии проблемавӣ дар шакли мубоҳиса, мунозира ва ё бозиҳои нақшофарии дорои ягон проблемаи омӯзишӣ ташкил карда шудааст, вале истифодаи нутқи хаттӣ бо забони англисӣ дар назар гирифта нашудааст, алгоритми мазкурро наметавон ба кор бурд.

Ҳолатҳои проблемавӣ дар дарсҳои забони англисӣ ба донишҷӯён метавон ба мақсадҳои гунгуни таълимӣ: шиносоӣ бо маводди омӯзишии нав, ташаккул ва такмил додани малака ва қобилиятҳои гуфтор доир ба мавзуи муайян ва санҷиши сатҳи ташаккули маҳорати гуфтор бо забони англисӣ ва ғайра пешниҳод карда мешаванд.

Агар эҷоди ҳолати омӯзишии проблемавӣ ба мақсади шиносоӣ бо маводди нави таълимӣ ва ё ташаккули малака ва маҳорати гуфтор ташкил карда шудааст, чун қоида, барои ҳалли он ба донишҷӯён баҳои алоҳида гузошта намешавад.

Ҳангоми арзёбии натиҷаҳои ҳалли ҳолати проблемавие, ки ба такмил ва санҷиши ташаккули маҳорати гуфтор ба забони англисӣ равона шуда, барои омӯзгор зарур аст, ки меъёрҳои баҳогузорӣ ва тавзеҳи пешакии онҳо ба донишҷӯёнро хуб донад. Ба ҷумлаи меъёрҳои асосии баҳогузорӣ инҳо дохил мешаванд: дараҷаи ҳалли мушкилӣ, тартиб додани матн, ҳамкорӣ бо ҳамсуҳбат,

истифодаи луғати забон дар нутқ, риояи қоидаҳои грамматикӣ дар нутқ, имло ва корбурди аломатҳои китобат ва талаффуз.

Вобаста аз навъи ҳолати омӯзиши проблемавӣ меъёрҳои баҳогузорӣ метавонанд гуногун бошанд ва омӯзгор метавонад барои ҳар як ҳолати омӯзишии мушаххас меъёри нисбатан муҳимми баҳогузориро интихоб намояд. Шарти муҳим ин аст, ки донишҷӯён ба баррасии баҳоҳои донишҷӯёни дигар ҷалб карда шаванд. Ба ин тариқ, онҳо маҳорати арзёбии ҷавобҳои худро ҳам касб мекунанд, талаботи омӯзгор ва қоидаҳои гузоштани баҳоро хубтар дарк мекунанд, ки фаҳмидани ин нукот ҳангоми гузаронидани таҷрибаи педагогӣ ва фаъолияти ояндаи касбӣ талаб карда мешавад.

Ба ғайр аз баҳогузорӣ бо холҳо батафсил шарҳ додани баҳоҳо, ки ба рушди салоҳияти иҷрои корҳои беруназдарсии донишҷӯён ва қобилияти кор кардани онҳо дар гурӯҳ мусоидат мекунад, низ тавсия дода мешавад. Чунин тавзеҳи баҳоҳо аз рӯйи меъёрҳои зерин сурат мегирад.

1. Арзёбии интиқодӣ, яъне қобилияти фаҳмидани моҳияти масъала дар донишҷӯй кофист ва ё нокифоя рушд кардааст, мавҷудияти қобилияти муайяни таҳлил кардани проблемаи мавриди омӯзиш, оё донишҷӯй метавонад фарзияро мувофиқ ба мақсади омӯзиш пешниҳод ва мавриди санҷиш қарор диҳад.

2. Худомӯзӣ, яъне то кадом андоза донишҷӯй метавонад сарчашмаҳои муҳимми маводди таълимиро истифода барад, донишҳои пештара касб кардаро дар ҳалли проблемаи мавриди таҳлил ба кор барад, ташаббус ва зиддиятҳоро нишон диҳад, кори гурӯҳи хурдро ташкил ва ба роҳ монад.

3. Иштироки гурӯҳӣ, яъне иштироки фаъолонаю созандаи донишҷӯён дар гурӯҳ кофист ва ё кифоят намекунад, саҳмгузорӣ дар пешрафти гурӯҳ; уҳдадорӣ ва масъулияти ҳар як донишҷӯй барои пешрафти гурӯҳ, қобилияти дар ҷавоби худ пешниҳод кардани фикру мулоҳизаҳои дурусту созанда ва саҳм гузоштан дар ҳамоҳангии амалҳои гурӯҳ.

4. Муносибат ва рафтори инсондӯстона, яъне дарки зарурати эҳтироми шаъну эътибори дигарон ва маҳдудияти рафтору муносибат нисбати дигарон дар донишҷӯй кофист ва ё нокифоя, дар ҳар ҳалли як мушкилӣ имкониятҳои ҷисмонӣ, биологӣ ва ғайраро муттаҳид мекунад ё не, ақидаҳои мухолифро гӯш карда, нисбат ба дигарон таҳаммулпазир аст ё не.

Барои он ки ташкил ва ҳалли ҳолатҳои омӯзишии проблемавӣ дар дарсҳои забони англисӣ самарабахш бошанд, тавсияҳоеро пешниҳод кардан зарур аст, ки асоси онҳоро қоидаҳои таълими проблемавии А. М. Матюшкин ташкил медиҳанд: “Ҳангоми коркарди низоми ҳолатҳои проблемавии таълимӣ зарур аст, ки аввал воҳидҳои асосии донишҳою амалҳои мавриди омӯзиш ҷудо карда шаванд, сатҳ ва пайдарпайии иҷрои амалҳое, ки имконияти рушди фаъолияти маърифатӣ ва амалҳои фикриро таъмин мекунанд, муайян карда шаванд. Мутобиқ ба низоми пешниҳодшудаи қонуниятҳою тарзҳои иҷрои амалҳо минбаъд бояд низоми супоришҳои проблемавӣ таҳия карда шавад” [200, с. 170–186].

Супоришҳои проблемавӣ бояд дар асоси он донишҳою қобилиятҳое, ки донишҷӯён доранд, таҳия шаванд. Иҷрои супориши проблемавӣ бояд дар донишҷӯй талабот ба аз худ кардани донишҳоро ба вуҷуд оварад. Саволе, ки омӯзгор ба миён мегузорад, худ ба худ ҳолати омӯзишии проблемавиро ба вуҷуд намеоварад. Савол танҳо дар он сурате нишондиҳандаи ҳолати омӯзишии проблемавие мешавад, ки он дар донишҷӯй ҳангоми иҷрои супориши назариявӣ ва ё амалии ба ӯ супоридашуда ба вуҷуд меояд. Саволе, ки омӯзгор пешниҳод мекунад, бояд ба он саволи воқеие, ки дар донишҷӯй ба вуҷуд меояд, мувофиқат кунад.

Ҳамаи проблемаҳои омӯзишие, ки ба донишҷӯй пешниҳод карда мешаванд, бояд ба имкониятҳои зеҳнии ӯ мувофиқат кунанд. Дар як маврид, ҳангоми омодасозии бештари донишҷӯён ба ҳалли проблемаҳои омӯзишӣ метавон танҳо бо нишондиҳандаҳои ҷудогонае маҳдуд шуд, ки ба донишҷӯй имкон медиҳанд

мустақилона қонунияти проблемаи мавриди омӯзиширо дарк намояду тарз ва ё шарти лозимаи иҷрои амалро ёбад. Дар ҳолатҳои дигар ба омӯзгор зарур аст, ки ба донишҷӯён дар таҳия намудани қонунияти проблемаи мавриди омӯзиш, нишон додани тарзи иҷрои амал ва дар шароити нав иҷро кардани амали мавриди назар ёрӣ расонад. Низоми таҳияшудаи ҳолатҳои омӯзишии проблемавӣ бояд рушди пай дар пайи донишҳои донишҷӯёнро таъмин намояд. Ҳолати омӯзишии проблемавии якум, ки дар оғози омӯзиши мавзуъ ба вуҷуд оварда мешавад, бояд талаботи донишҷӯй ба донистани қонунияти умумии мавзуи мавриди омӯзишро ба вуҷуд оварад. Тамоми низоми ҳолатҳои мушаххаси омӯзишии проблемавии баъдӣ бояд на танҳо зарурат ба донишҳои гуногун, балки ба тамоми низоми донишҳою амалҳои мавриди омӯзишро ба вуҷуд оварад.

Дар ҷомеаи муосир бештарини соҳаҳои фаъолият аз мутахассис на танҳо мавҷудияти донишҳои касбӣ, балки донишҳои иловагӣ, маҳорат ва таҷрибае, ки барои фаъолияти самарабахш заруранд, талаб менамояд. Бинобар ин, барои мутахассис танҳо доштани маълумот бо забони модарӣ кофӣ нест. Вай бояд аз рушди соҳаи фаъолияти худ дар сатҳи ҷаҳонӣ бохабар бошад. Чунин зарурат ва талабот дар давраи ҳозира вуҷуд дорад.

Бар иловаи ин, равандҳои босуръати ҳамгирой ва ҷаҳонишавие, ки дар соҳаҳои мухталифи фаъолият сурат мегиранд, масъалаи муошироти байнифарҳангиро ба миён мегузоранд ва зарурати мубрами муошират, барқарор намудани робитаҳою мубодилаи таҷриба ба вуҷуд меоянд. Аз ин рӯ, забони англисӣ аҳаммияти махсус дорад. Имрӯз он ҷузъи ҳатмии омодасозии касбии мутахассисони ҳамаи соҳаҳо ба шумор меравад. Донистани забони англисӣ ҳам дар зиндагии рӯзмарра ва ҳам дар муошироти касбию расмӣ ва тиҷоратӣ яке аз нишондиҳандаҳои сатҳи касбии мутахассис ва бартарият дар дарёфти кор аз рӯйи ихтисос ба шумор меравад, ки мутахассис бо ин бартарият метавонад фаъолияти худро дар сатҳи байналмилалӣ ба роҳ монад. Аз ин рӯ, масъалаи

навсозӣ кардани таълими забони англисӣ ҳамчун воситаи муоширате, ки ба инсон имконият медиҳад, то ӯ бе монеа ва ба таври шоиста дар ҳама гуна ҳолати гуфтор, аз ҷумла ҳолатҳои ношинос ва мушкил ҳам, амал намояд.

Ҳамин тавр, аз ҷиҳати забондонӣ омода намудани мутахассисони оянда бояд дар сатҳи баланд донистани забони англисиро ҳам дар назар дошта бошад, ки ин кор ба кор бурдани методҳою воситаҳои нави таълимиро талаб мекунад. Ба назари мо, асоси таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабониро бояд принсипи ба ҳаёти иҷтимоӣ ва фаъолияти касбӣ нигаронидашудаи таълими забони англисӣ ташкил диҳад. Ин маънои онро дорад, ки раванди таълим, аввалан, бояд то ҳадди аксар ба ҳолатҳои воқеии зиндагӣ, аз ҷумла, дар соҳаи фаъолияти касбии ояндаи донишҷӯён наздик бошад, дуюм, имконияти анҷом додани муошират ба забони англисиро фароҳам орад.

Саволе ба миён меоял, ки чи тавр ин корро берун аз муҳити касбӣ ва забонӣ метавон анҷом дод. Дар натиҷа маълум шуд, ки ҳамон методҳои таълимие маъруфиятро соҳиб мешаванд, ки ба рушди зеҳнӣ ҳавасманд мекунанд, имкониятҳои мавҷудаи шахсро фаъол мегардонанд ва ҳолатҳое пешниҳод мекунанд, ки ангезаҳои муошират ба забони англисиро ба вуҷуд меоранд. Ба ҷумлаи чунин методҳои таълим метавон методҳои мушкилсозӣ ва ё проблемавиро дохил кард. "Методҳои проблемавӣ" маҷмуи методҳои таълимие мебошанд, ки мақсадашон фаъол гардонидани шавқмандии маърифатии донишҷӯён мебошад ва дар натиҷа фаъолияти маърифатии онҳо беҳтару фаъолтар мегардад. Асоси методҳои таълими проблемавиро моделсозии “ҳолатҳои мушкил” ташкил медиҳад, ки мақсади ин ба роҳ мондани кори мустақилонаю фаъолонаи донишҷӯён доир ба ҳалли ҳолати мушкил бо роҳнамоии омӯзгор мебошад. “Ҳолати мушкил” дарки он чизе мебошад, ки ҳангоми иҷрои супориши амалӣ ва ё назариявӣ ба вуҷуд меояд ва донишҳои қаблан азхудкарда барои ҳалли он нокифоя мебошанд, инчунин пайдоиши

талабот ба донишҳои наве мебошад, ки дар фаъолияти маърифатии самарабахш зоҳир мегардад. Моҳияти методҳои мушкилсозӣ (проблемавӣ) аз инҳо иборат аст: дар раванди баррасии ҳолати мушкил онҳо метавонанд шавқро ба вуҷуд биёранд, зеро асоси чунин ҳолатро мушкилии барои донишҷӯён аз ҷиҳати манфиатҳои касбӣ ва ё зиндагии иҷтимоӣ аҳаммиятнок ташкил медиҳанд; методҳои мазкур маҷбур мекунанд, ки мушкилӣ ташкил карда шавад, яъне дар он омилҳои маълум ва номаълум фарқ карда шаванд; онҳо маҷбур мекунанд, ки доир ба ҳалли мушкилот пешниҳодҳо баён карда шаванд ва дурустии ин пешниҳодҳо санҷида шавад. Марҳилаҳои зерини таълими проблемавӣ фарқ карда мешаванд:

Марҳилаи якум оғози ҳолати мушкиле мебошад, ки як силсила лаҳзаҳои мушкилсозиро фаро мегирад ва онҳо ба зуд ҳал кардани ин монеъ мешаванд. Ҳолат бояд то ҳадди кофӣ мушкил, вале ба қадри имкон бошад.

Марҳилаи дуюм ин кори донишҷӯй мебошад. Вай ҳамаи донишҳои доир ба ин масъала доштаи худро таҳлил мекунад ва маълум менамояд, ки донишҳои ӯ барои ҳалли ин масъала нокифояанд ва фаъолона ба дарёфти маълумоти надоштааш мепардозад.

Марҳилаи сеюм бо роҳҳои гуногун дарёфт намудани донишҳои барои ҳалли мушкилӣ заруриро фаро мегирад. Ин марҳила бо дарки роҳи ҳалли мушкилӣ хотима меёбад.

Марҳилаи чорум  ин бевосита ҳал кардани мушкилӣ мебошад.

Марҳилаи панҷум санҷиши натиҷаҳои бадастомада, тартиб додани фарзияи аввала, ба низом даровардану ҷамъбаст кардани донишҳою қобилитҳои ҳосилшударо дар бар мегирад. Дар доираи фанни забони англисӣ методҳои маъруфи таълими проблемавӣ, ба назари мо, методи лоиҳаҳо ва методи кейсҳо ба шумор меравaнд. Методи кейс (case study) методи таҳлили ҳолат чунин усули таълиме мебошад, ки тасвири ҳолатҳои воқеии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва соҳибкориро ба кор мебарад. Донишҷӯён бояд ҳолатро таҳқиқ кунанд, моҳияти

масъаларо дарк кунанд, роҳҳои имконпазири ҳалро пешниҳод намоянд ва беҳтарине аз онҳоро интихоб намоянд. Акнун ҳар кадоме аз ин методҳоро тавзеҳ медиҳем.

Методи лоиҳаҳо чунин технологияи педагогие мебошад, ки дар худ маҷмуи методҳои пажуҳишӣ, ҷустуҷӯӣ ва мушкилсозиро фаро мегирад, ки моҳияти онҳо эҷодкорӣ мебошад. Қобилияти истифодаи методи лоиҳаҳо нишондиҳандаи тахассуси баланди омӯзгор, методҳои муштараки таълимии ӯ ва рушди донишҷӯён маҳсуб мешавад. Идеяи асосии методи лоиҳаҳоро метавон ҳамчун касб кардани донишҳо бо роҳи ҳалли ҳолатҳои мушкил ва ба кор бурдани донишҳо аз соҳаҳои илмҳои бо ҳам алоқаманд маънидод кард.

Дар низоми муосири таҳсилот методи лоиҳаҳо фаъолона ба кор бурда мешавад, аз ҷумла дар таълими забони англисӣ ҳам. Чӣ тавр методи лоиҳа ба татбиқи идеяи таълими ба зиндагии иҷтимоӣ ва фаъолияти касбӣ нигаронидашуда ва омилҳои нутқи шифоҳӣ ҳангоми таълими забони англисӣ мусоидат мекунанд, аз назар мегузаронем. Аввалан, лоиҳаҳо аз лиҳози мавзуъ ва шакли ташкил гуногун мешаванд. Истифодаи онҳо дар дарсҳои забони англисӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки донишҳои соҳаҳои мухталифи илмро, ки бо манфиатҳои касбӣ ва ё иҷтимоии онҳо робита доранд, ҷалб ва истифода баранд.

Ба ин тариқ, аз як тараф, захираи донишҳои мавҷудаи онҳо доир ба мавзуи лоиҳа зиёд мегардад ва, аз тарафи дигар, донишҳои иловагӣ ва маҳорати муошират ба забони англисиро касб мекунанд. Дуюм, ҳар як лоиҳаи нав ин ҳолатҳою мушкилот ва вазифаҳои наве мебошад, ки онҳоро ҳал кардан лозим меояд. Мутаносибан, ҳар бор ба шароити нав ва талаботи нав мутобиқ шудан ва худро ба тарзи нав нишон додан, дар худ ҷустуҷӯ ва ошкор кардани имкониятҳою қобилиятҳои эҷодӣ лозим мешавад. Бо вуҷуди ин, муҳим он аст, ки дар чаҳочӯбаи барномаи таълимии фанни забони англисӣ, аввал бояд истифодаи забони англисӣ дар назар гирифта шавад. Дар натиҷаи касб кардани

чунин таҷриба дар донишҷӯён сатҳи баланди мутобиқшавӣ ба ҳолатҳои гуногуни нав ва мураккабу дорои мушкилоти зиёд ташаккул меёбад. Ҳамаи ин ба коркарди механизми посухи фаврӣ ва вокуниши мувофиқ ба он чи иттифоқ меафтад, аз ҷумла дар фазои суҳбат ба забони англисӣ, мусоидат мекунад. Сеюм, ҳамаи фаъолияти марбут ба иҷрои лоиҳа ин ҳамкории доимӣ бо иштирокчиёни дигари лоиҳа мебошад. Ин боиси ангезиши муошират мегардад, ки қисмати бештари он ба забони англисӣ сурат мегирад. Ба ин восита ҷамъ шудани таҷрибаи муошират ба забони англисӣ дар ҳолатҳои гуногун сурат мегирад. Мусаллам аст, ки вижагии муҳиме, ки асоси истифодаи муваффақонаи методи лоиҳа ҳангоми таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии ғайрифилологӣ ташкил медиҳад, ин универсалӣ будани он мебошад, ки аз ҷузъҳои амалӣ ва муошират иборат аст [76, с. 582-584].

Методи кейсҳо (аз вожаи англисии «case» - ҳодиса ҳолат) таълими фаъоле мебошад, ки асоси онро ҳолатҳои мушаххас ташкил медиҳанд.

Ин методи таълим ҳангоми тавзеҳи ҳолатҳои воқеии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва тиҷоратӣ (кейсҳо) ба кор бурда мешавад.  Ба донишҷӯён омӯзиши ҳолати проблемавӣ, дарки моҳияти он, пешниҳод кардани роҳҳои имконпазири ҳалли мушкилӣ ва интихоби беҳтарине аз онҳо пешниҳод карда мешавад. Натиҷаи чунин кор муаррифӣ кардани таҳқиқоти худ дар дарс маҳсуб мешавад. “Методи кейсҳо” дар дарсҳои забони англисӣ аз фаъолияти донишҷӯён дар чаҳорчӯбаи ҳолатҳои ба таври сунъӣ эҷодшудаи иҷтимоӣ ва касбӣ иборат аст ва ҳамкории фаъол ба забони англисӣ ба мақсади иҷрои супоришҳои пешниҳодшударо дар назар дорад [77, с. 741-743.]. Вале, ба назари мо, методи кейсҳо бар хилофи методи лоиҳаҳо бештар тамоюли касбӣ дорад. Истифодаи он ҳангоми таълими забони англисии касбгаро, вақте ки донишҷӯён на танҳо асосҳои забони англисиро меомӯзанд, балки заминаи муайяни касбӣ ҳам доранд, ба мақсад мувофиқ хоҳад буд. Аз ин ҷиҳат методи кейсҳо дар таълими забони англисии касбгаро дар муассисаи таҳсилоти олии ғайрифилологӣ нақши муҳим дорад:

Аввалан, методи кейсҳо дар сурати мавҷуд набудани муҳити забонӣ ва касбӣ барои моделсозии ҳолатҳое ёрӣ мерасонад, ки онҳо, аз як тараф, ба инкишофи чунин навъҳои нутқ, ба мисли хондан, шунидан ва сухбат кардан ба забони англисӣ ва, аз тарафи дигар, ба рушди малакаҳои касбӣ мусоидат мекунанд. Дуюм, методи мазкур барои ташаккули малакаҳои муоширатӣ, касбию тиҷоратӣ, инчунин баъзе малакаҳои таҳлилӣ, эҷодӣ ва иҷтимоӣ мадад мерасонад, ки аз ҷумлаи чунин малакаҳо инҳо ба шумор меравад: қобилияти тасмимгирӣ, аз ҷумла дар ҳолатҳои душвор ва стрес, қобилияти ба маълумоти гирифта зуд ва мувофиқ ҷавоб додан, аз ҷумла дар муҳити забони англисӣ ҳам.

Дар натиҷаи мунтазам ба кор бурдани методи кейсҳо ҳангоми таълими забони англисии касбгаро ду талаботи асосӣ қонеъ гардонида мешаванд: яке касб кардани таҷрибаи ҳамкорӣ дар ҳолатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва касбӣ барои донишҷӯён арзишманд ва дигаре таҳияи модели рафтор дар онҳо ҳангоми муошират кардан ба забони англисӣ.

Ба ин тариқ, ба кор бурдани методҳои таълими проблемавӣ ҳангоми таълими забони англисӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии ғайрифилологӣ ба афзоши самаранокии таълими забони англисӣ дар баробари такмил додани малакаҳои касбӣ мусоидат мекунад ва барои ангезаи дарунӣ заминаро муҳайё месозад ва ба рушди қобилиятҳои фардӣ ва малакаҳои эҷодӣ мусоидат мекунад; имкон медиҳад, ки роҳҳои маърифат аз худ карда шаванд; қобилиятҳои худинкишофдиҳӣ ва худомӯзиро дар донишҷӯён тарбия мекунад.

Амалисозии таълими проблемавӣ дар омӯзиши забони англисӣ як воситаи самарабахш барои ташаккули шавқмандии маърифатӣ, фаъолсозии донишҷӯён ва рушди малакаҳои забонӣ мебошад. Ин усул ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки на танҳо забонро омӯзанд, балки онро дар амал истифода баранд, ба он фикр кунанд ва баромад намоянд. Аз ин рӯ, омӯзгорон бояд аз ин равиш ба таври васеъ ва эҷодкорона истифода баранд.

## 3.3. Корҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ ҳамчун воситаи ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён

Дар шароити муосири таҳсилоти олӣ, тарбия намудани донишҷӯи донишманду мустақил яке аз ҳадафҳои асосии раванди таълим ба ҳисоб меравад. Яке аз василаҳои муҳимми расидан ба ин ҳадаф, истифодаи самараноки корҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ мебошад. Онҳо имконият фароҳам меоранд, ки донишҷӯён донишҳои назариявиро амиқтар фаҳманд ва малакаҳои амалӣ ба даст оранд.

Яке аз шаклҳои маъруфи фаъолсозии шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои забони англисӣ ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои гуногуни аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ мебошад (масалан, тарҷумаи матнҳо, тамошои видеофилмҳо бо забони англисӣ экскурсияҳо, вазифаҳо барои таътил).

И. Д. Зверев қайд мекунад, ки "доираи гузаронидани машғулиятҳои ғайриаудиторӣ бо донишҷӯён хеле васеъ аст ва онҳо дар утоқҳои дарсӣ ва дар шакли маҳфилҳо гузаронида мешаванд. Дар баробари ин, кори ғайриаудиторӣ барои ҳамаи донишҷӯён ҳатмӣ аст" [115, с.140].

Ба таҳқиқи намудҳои гуногуни машғулиятҳои ғайриаудиторӣ дар омӯзиши забони англисӣ корҳои Н. М. Верзилин, И. Д. Зверев, А. И. Никишов, К. И. Василев ва дигарон бахшида шудаанд. Дар ин корҳо намудҳои гуногуни ташкил ва гузаронидани корҳои ғайриаудиторӣ баррасӣ шуданд. Бо дарназардошти усулҳои таҳияшуда ва иҷрои амалии онҳо, барои таҳқиқ намудани нақши корҳои ғайриаудиторӣ дар ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён мо таҷрибаи педагогиро омӯхтем. Бо ин мақсад назарпурсии 120 омӯзгори ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода ва ДДОТ ба номи С. Айнӣ гузаронида шуд. Пурсишнома суолҳои зеринро дар бар мегирифт:

1. Шумо гузаронидани корҳои аудиторӣ ва ғайриаудиториро доир ба забони англисӣ мақсаднок мешуморед?

2.Ҳангоми ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ Шумо мушкилотро дар чӣ мебинед?

3. Ба андешаи Шумо камбудиҳо дар технологияи гузаронидани машғулиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ дар чист?

Наздики 77% омӯзгорон ба суоли якум мусбӣ посух доданд. Вале 81% омӯзгорон ҳангоми посух додан ба суоли дуюм як қатор мушкилотро, ки ҳангоми ташкил намудани машғулиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудиториро ба онҳо дучор мешаванд, номбар намуданд. Ба онҳо дохил мешаванд: сатҳи нокифояи омодагии омӯзгорон (қисми зиёди омӯзгорон унвони илмӣ надоранд), мавҷуд набудани шавқмандии донишҷӯён ба иштирок дар машғулиятҳои ғайриаудиторӣ, сифати пасти дониши донишҷӯён, мавҷуд набудани маҳорату малака барои тамошои видеофилмҳо ва тарҷумаи матнҳо, дар синфхонаи лингофонӣ мавҷуд набудани таҷҳизоти зарурии таълимӣ, инчунин аёниятҳои методӣ бо забони англисӣ. Ба суоли сеюм 69% омӯзгорон ҷавоб доданд, ки шумораи адабиёти методии доир ба ташкили машғулиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ бо забони англисӣ, хеле кам мебошад, ки ин боиси мушкилоти зиёд дар ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ мегардад. Ғайр аз ин, масъалаи машғулиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ дар адабиёти методӣ бо дарназардошти истифодабарии таҷрибаи пешқадами методистон, олимон, омӯзгорон бо таври нопурра ва хеле кам инъикос ёфтаанд. Ин моро водор намуд, то проблемаи мазкурро таҳқиқ намоем. Зербоби мазкур ба таҳқиқи нақши машғулиятҳои мухталифи аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ (вазифаҳои хонагӣ, экскурсияҳо, тарҷумаи матнҳои гуногун, супоришҳои тобистона ва ғайра) бахшида мешавад. Қобили зикр

аст, ки машғулиятҳои мазкур ҳам, дар ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён нақши муҳим доранд.

**Вазифаи хонагӣ** яке аз шаклҳои ташкили кори ғайриаудиторӣ мебошад. Масъалаҳои ташкил ва иҷро намудани вазифаҳои хонагӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои силсилаи филологӣ басо васеъ дар корҳои М. А. Данилов, И. Д. Зверев, С. А. Менделиная, Н. В. Падалко, В. Н. Федорова ва дигарон инъикос ёфтаанд.

Бо мақсади муайян намудани муносибати омӯзгорон ба вазифаҳои хонагӣ ва аз ҷониби онҳо аз худ намудани методикаи гузаронидани онҳо аз ҷониби мо назарсанҷӣ гузаронида шуд, ки ба он 70 нафар омӯзгор ҷалб карда шуд.

Пурсишнома суолҳои зеринро дар бар мегирифт:

1. Оё Шумо ҳангоми супоридани вазифаҳои хонагӣ хусусиятҳои инфиродии донишҷӯёнро ба инобат мегиред?

2. Шумо вазифаи хонагиро ба донишҷӯён дар кадом вақт месупоред, пеш ва ё баъд аз фаҳмонидани маводди нав?

3. Шумо ба донишҷӯён ба сифати вазифаи хонагӣ гузаронидани таҷрибаҳо, тарҷумаи матнҳоро вобаста ба таърихи забони омӯхташаванда супориш медиҳед?

Натиҷаҳои назарсанҷӣ нишон доданд, ки танҳо 40% омӯзгорон хусусияти инфиродии донишҷӯёнро ҳангоми супоридани вазифаҳои хонагӣ ба инобат мегиранд.

Наздики 40% ба суоли дуюми пурсишнома посух доданд, ки вазифаи хонагиро ба донишҷӯён матлубан вобаста аз мундариҷа ва мураккабии маводди омӯхташаванда бояд дод (фан ё мавзуъ), яъне агар мавзуъ калон ва мураккаб бошад, пас, мутаносибан, вазифаи хонагиро бояд дарҳол баъд аз фаҳмонидани маводди нав супорид, зеро дар охири машғулият омӯзгорон метавонанд ба онҳо танҳо саҳифа, зербахшро нишон диҳанд ва

фурсат намеёбанд тарзи иҷрои онро ба донишҷӯён фаҳмонанд. Дигар омӯзгорон ҷавоб доданд, ки агар мавод мушкил набошад, пас хубтар аст вазифаи хонагиро дар охири машғулият супорид. Ақидаи ба ин монанд вобаста ба вазифаи хонагӣ дар таҳқиқоти Н. В. Падалко, В. Н. Федорова ва дигарон оварда шудааст. Танҳо 20% омӯзгорон ба ҳайси супориши хонагӣ ба донишҷӯён тамошои видеофилмҳо ва мушоҳидаҳоро месупоранд, дар ҳоле ки 80% омӯзгорон ба донишҷӯён иҷрои чунин амалҳоро намесупоранд ва норасоии вақт дар дарс барои фаҳмондани тарзи иҷрои чунин супоришҳо ва санҷиши иҷрои онҳо, мавҷуд набудани таҷҳизот ва маводди зарурӣ, инчунин мавҷуд набудани аёниятҳои лозимаро баҳона мекунанд.

Ба суоли сеюм «Шумо ба донишҷӯён ба сифати вазифаи хонагӣ гузаронидани таҷрибаҳо, тарҷумаи матнҳоро вобаста ба таърихи забони омӯхташаванда супориш медиҳед?» 20% омӯзгорон мусбӣ ҷавоб доданд, дар баробари ин, мавҷуд набудани маҳорату малакаи мустақилонаи тарҷума намудани матнҳоро вобаста ба таърихи забони омӯхташаванда аз ҷониби донишҷӯён қайд гардид. Таҳлили ҷавобҳо нишон дод, ки омӯзгорон на ҳамеша дастурамали пурра ва асоснокшударо вобаста ба иҷро намудани вазифаи хонагӣ амалӣ менамоянд.

Ҳангоми ташкил ва гузаронидани вазифаҳои хонагӣ аз забони англисӣ омӯзгорон дар ташкил кардани фаъолияти маърифатии донишҷӯён мушкилӣ мекашанд, бо сабаби мавҷуд набудани аёниятҳои методӣ, коркардҳо ва тавсияҳо, ки ба ҳалли амалии проблемаи аз ҷониби мо баррасишаванда равона карда шудаанд.

Вазифаи хонагӣ, ба андешаи мо, барои ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён дорои имкониятҳои васеъ мебошад. Вазифаи хонагии донишҷӯ аз қориазёдкунии дурударози матни китоби дарсӣ наметавонад шавқовар ва барои ӯ ҷолиб бошад, агар омӯзгор тавонад

фаъолияти мустақилонаи ҷустуҷӯии донишҷӯёнро дуруст ба роҳ монад, якум бояд ӯ, бо роҳи гузоштани суоли проблемавӣ вобаста ба матни китоби дарсӣ, дуюм, тавассути ташкил намудани тарҷумаи матн ба забони англисӣ ин коррро анҷом диҳад. Нуктаи охирин басо муҳим мебошад, зеро вазифаи хонагӣ бо машғулиятҳо робитаи зич дорад, аз ин лиҳоз бо роҳи ташкили самараноки вазифаҳои хонагӣ ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён мумкин аст. Ба донишҷӯён супоридани вазифаҳои мухталиф оид ба тамошои видеофилмҳо ва тарҷумаи матнҳо, ки ба ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён мусоидат менамояд ва омӯзиши забон ва мушкилоти ифода кардани фикри худро осон менамоянд, ба мақсад мувофиқ аст. Бо мақсади ташкил намудани кори мустақилонаи ҷустуҷӯии донишҷӯён мумкин аст ба онҳо барои иҷро дар хона суолҳо ва вазифаҳои зеринро доир ба матни китоби дарсӣ ё барои ташкил намудани озмоишу мушоҳидаҳо пешниҳод намуд.

1. Рӯйхати забонҳое, ки ба гурӯҳи забонҳои олмонӣ дохил мешаванд, тартиб диҳед.

2. Муайян намоед, ки бо кадом забони гурӯҳи забонҳои олмонӣ чӣ қадар одам ҳарф мезанад.

3. Руинҳо чӣ гуна алифбо доштанд ва он аз чанд аломат иборат буд?

4. Китоб дар бораи грамматикаи муқоисавии забонҳои қадимаи олмонӣ дар асри XVII ба қалами кӣ таалуқ дорад?

5. Асари «Панду ҳикматҳои ҳиндуҳо» ба қалами кӣ тааллуқ дорад ва кай навишта шудааст?

Бо машғулиятҳо вазифаҳои таътили робитаи зич дорад. Ташкил намудани вазифаҳои инфиродии таътилии донишҷӯён аз забони англисӣ дорои аҳаммияти таълимӣ, тарбиявӣ ва маърифатӣ мебошанд, зеро донишҳои амиқтарро аз забони англиси таъмин менамояд.

Н. В. Падалко қайд мекунад, ки мақсади асосии вазифаҳо барои таътил ба мустаҳкам ва васеъ намудани донишҳои донишҷӯён равона карда шудаанд ва бо тарҷумаи матнҳои гуногун, хондани асарҳо бо забони англисӣ, тамошои видеофилмҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ бо забони англисӣ ва ғайра вобаста мебошанд.

Проблемаи шартҳои психологӣ-педагогии амалӣ намудани низоми нигоҳдорӣ ва шаклҳои ташкил ва гузаронидани вазифаҳо барои таътили донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар корҳои Б. В. Всесвятский, А. И. Никишов ва дигарон бо таври муфассал баррасӣ шудаанд. Дар ин ва дигар тадқиқотҳо вариантҳои мухталифи мундариҷа, шакл ва банақшагирии вазифаҳо барои таътили донишҷӯён аз рӯйи курси забони хориҷӣ мутобиқ бо барномаҳои таълимӣ баррасӣ карда шудаанд. Вале, дар ин корҳо ба масъалаҳои ташкили вазифаҳо барои таътили донишҷӯён бо дарназардошти фаъолсозии шавқмандии маърифатӣ аҳаммияти зарурӣ дода нашудааст ва предмети махсуси тадқиқоти мазкур нагардидааст.

Бо мақсади омӯзиш ва умумӣ гардонидани таҷрибаи пешрафтаи омӯзгорон дар ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода ва ДДОТ ба номи С. Айнӣ оид ба ташкил намудани вазифаҳо барои таътил аз забони англисӣ, аз ҷониби мо назарсанҷии омӯзгорон гузаронида шуд. Дар назарсанҷӣ 70 омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти олии номбаршуда иштирок намуданд.

Ба омӯзгорон суолҳои зерин пешниҳод карда шуданд:

1. Оё Шумо ба шогирдон иҷрои вазифаҳоро дар таътил пешниҳод карда будед?

2. Мақсади вазифаҳо барои таътил пешниҳодкардаи Шумо дар чӣ аст?

3. Чӣ гуна Шумо маводди ҷамъовардаи шогирдонро истифода мебаред?

Дар натиҷаи назарсанҷӣ муайян шуд, ки 86% омӯзгорон супоридани вазифаҳо барои таътилро ба шогирдон мувофиқи матлаб мешуморанд, вале на ҳамеша инро иҷро мекунанд, ҷавобҳои худро бо нафаҳмидани мақсад асоснок менамуданд. 50 % омӯзгорон вазифаҳоро барои таътил ба мақсади омӯхтани забони англисӣ ва содаю бурро баён кардани фикри худ, озодона суҳбат намудан бо забони англисӣ ва инчунин шинос шудан бо адабиёти классикӣ ва муосири англис месупоранд.

Танҳо 43% омӯзгорон дар машғулиятҳо, дар ҷамъомадҳои маҳфилҳои илмӣ, дар шабнишиниҳои фарҳангӣ, конфронсҳо ва озмунҳо маводди омӯзишие, ки донишҷӯён дар давраи таътил ҷамъоварӣ мекунанд, ба таври васеъ мавриди баррасӣ қарор медиҳанд, 57% омӯзгорон бошад, аз посух даст кашиданд, онҳо сабаби онро дар мавҷуд набудани аёниятҳои илмӣ-методӣ оид ба ташкил ва иҷрои вазифаҳо барои таътил аз забони англисӣ медонанд.

Дар рафти суҳбат бо омӯзгорон инчунин муайян карда шуд, ки қисми зиёди онҳо ба донишҷӯён вазифаҳо барои таътилро намесупоранд бо сабаби хоҳиш надоштани донишҷӯён.

Чи тавре ки аз натиҷаи назарсанҷӣ ва суҳбатҳо дида мешавад, омӯзгорон ба нақши вазифаҳо дар таътил аҳаммияти зарурӣ намедиҳанд ва онҳоро дар шакли барои донишҷӯён ҷолиб набуда месупоранд. Дар баробари ин, вазифаҳо барои таътил метавонанд, барои донишҷӯён ҷолиб бошанд, агар онҳоро бо роҳи ташкил намудани кори мустақилонаи ҷустуҷӯӣ ба роҳ монд, то ки онҳо самти забоншиносӣ дошта бошанд. Дар ин ҳолат вазифаҳо чунин маънидод карда мешаванд: «омӯзед», «таҳқиқ намоед», «ошкор намоед», «муайян намоед». Ба ташаккули шавқмандии маърифатӣ ба таври назаррас инчунин истифода бурдани маводди аз ҷониби донишҷӯён ҷамъоваришуда мусоидат менамояд, ҳангоми гузаронидани шабнишиниҳои фарҳангӣ, конфронсҳо (ин на танҳо

донишҷӯёнро руҳбаланд ва ҳавасманд менамояд, инчунин иштироки васеи онҳоро дар шаклҳои мухталифи ташкил ва гузаронидани вазифаҳои ғайриаудитории таътили аз забони англисӣ таъмин менамояд). Ҳамин тавр, ба афзудани шавқмандии маърифатии донишҷӯён ташкили фаъолияти мустақилонаи ҷустуҷӯйи онҳо ҳам мусоидат менамояд, инчунин тавъам ба кор бурдани супоришҳо барои иҷро дар вақти таътил бо дигар шаклҳои машғулиятҳои таълимӣ, аз ҷумла дарсҳои аудиторӣ, маҳфилҳо ва конфронсҳо ҳам, аз фоида холӣ нахоҳад буд.

Имконияти калонро барои ташаккул додани шавқмандии маърифатии донишҷӯён тамошои видеофилмхо дорад, ки роҳҳои ташкили он дар як қатор корҳои пажуҳишӣ инъикос ёфтааст.

Масъалаи оид ба технологияҳои ташкил ва гузаронидани тамошои видеофилмҳоро баррасӣ намуда, Б. В. Всесвятский менависад, ки ҷузъ аз аҳаммияти маърифатӣ тамошои видеофилмҳо ба таъсири калони тарбиявӣ барои донишҷӯён дорад. Онҳо шавқмандии донишҷӯёнро насбат ба забон бедор менамоянд, мушоҳидакорӣ, суботкориро инкишоф медиҳанд, ба аз худ намудани маҳорату малакаҳои амалии мухталиф, доир ба омӯхтани забони англисӣ мусоидат менамоянд. Дар методика тамошои видеофилмҳои умумӣ ва ҷузъиро фарқ менамоянд.

Аз рӯи ақидаи Б. В. Всесвятский, «видеофилмҳои умумӣ имкон медиҳанд ҳолати умумии забони омӯхташавандаро муайян намоем, ки бо тартиб додани тақвими забон алоқамандии зич дорад, видеофилмҳои ҷузъӣ бошанд, доир ба назарияи давраҳои инкишоф ва вусъати забони алоҳида дар давраҳои гуногун мебошанд». Ҳамин тавр, тамошои видеофилмҳои умумӣ заминаи умумиро барои хубтар аз худ кардани забон фароҳам меорад [64, с. 361].

Вале омӯзиши таҷрибаи педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нишон дод, ки омӯзгорон ба ин шакли кор аҳаммияти кофӣ

намедиҳанд. Пурсишнома, ки ба 60 омӯзгор пешниҳод карда шуд, суолҳои зеринро дар бар мегирифт:

1. Оё Шумо тамошои видеофилмҳоро ташкил мекунед?

2. Оё Шумо маводҳоеро, ки дар натиҷаи тамошои видеофилмҳо ба даст оварда мешаванд, дар машғулиятҳо истифода мебаред?

3. Оё Шумо тарҷумаҳои синхронӣ ва диахрониро амалӣ менамоед?

60% омӯзгорон андеша доранд, ки гузаронидани тамошои видеофилмҳо зарур аст, вале танҳо 27% омӯзгорон маводди тамошои видеофилмҳоро истифода мебаранд ва 13% - тарҷумаҳои синхронӣ ва диахрониро ҳангоми дарс зарур мешуморанд. Қисми зиёди омӯзгорон қайд намуданд, ки методикаи гузаронидани тамошои видеофилмҳоро бо сабаби мавҷуд набудани филмҳои бадеӣ бо забони англисӣ хеле суст медонанд. Аз ин лиҳоз тамошои видеофилмҳо аз ҷониби омӯзгорон хеле кам гузаронида мешавад. Баъзе омӯзгорон гузаронидани тамошои видеофилмҳоро як чизи зиёдатӣ мепиндоранд.

Бо мақсади фаъол намудани шавқмандии маърифатии донишҷӯён ҳангоми ташкил намудан ва гузаронидани тамошои видеофилмҳо мо зарур мешуморем, ки муносибатҳои тарҷума ва забоншиносиро пурзур намуда, ҳангоми ташкил намудани онҳо, робитаҳои тарафайнро миёни тамошои видеофилмҳо ва машғулиятҳо ба роҳ монда шаванд. Барои амалӣ намудани ин муносибатҳо тавсияҳои зеринро пешниҳод намудан мумкин аст:

1. Умумигардонӣ ва таҳлили тарҷумаи матнҳо, ки аз ҷониби донишҷӯён он ҳам дида шуданд, вобаста ба омӯзиши забони англисӣ ва махсусан истифодаи тарчумаҳои синхронӣ ва диахронӣ зарур аст.

2. Ба рох мондани тамошои видеофилмҳо бо забони англисӣ ҳар сари чанд вақт муҳим аст.

3. Мунтазам истифода бурдани кабинетҳои лингофониро бояд ба роҳ монд.

4. Таъмин намудани донишҷӯён бо маводди зарурӣ барои бо забони англисӣ хондан ва ба забони модарӣ тарҷума кардан.

5. Ба мақсади омода намудани донишҷӯён ба фаъолияти оянда ба ҳайси роҳбаладӣ сайёҳон (гид) онҳоро ҳар чи бештар ба осорхона ва ҷойҳои таърихии ҷумҳурӣ барои шиносоӣ сафарбар намудан зарур аст.

**Экскурсияҳо** нисбатан бо дигар шаклҳои корҳои ғайриаудиторӣ зиёдтар истифода бурда шаванд.

Омӯзгорони ботаҷриба ҳангоми гузаронидани экскурсияҳо ба ҷанбаҳои зерин бояд таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоянд:

а) ба донишҷӯён додани донишҳо дар бораи хусусиятҳои тарҷума, вожаҳои махсуси забони маҳаллӣ (диалектикаҳо), тарҷумаи таҳтулафзӣ ва маъноии онҳо;

б) ташаккул додани донишҳои донишҷӯён оид ба робитаҳои мутақобила ва муносибатҳои мутақобилаи донишҷуёни хориҷӣ;

в) ташаккул додани маҳорату малакаи донишҷӯён оид ба фаъолияти забономӯзӣ, муқоиса намудани тарҷумаи матнҳо.

Методикаи ташкил намудан ва гузаронидани экскурсияҳо барои донишҷуён ва нақши онҳо дар ташаккул додани шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар як қатор таҳқиқотҳо инъикос ёфтаанд. Дар онҳо қайд карда мешавад, ки экскурсияҳо дорои аҳаммияти калони таълимӣ, маърифатӣ ва тарбиявӣ мебошад, зеро бо ёрии онҳо донишҷӯён бо падидаҳои мухталифи педагогӣ шинос мешаванд, инчунин бо донишҳои амиқ доир ба забонро касб мекунанд. Экскурсияҳои забономӯзӣ инчунин аҳаммияти калони эстетикӣ низ доранд, яъне ҳиссиёти шавқу завқро бо зебоии бемисли забон бедор менамоянд, дар онҳо боавариро ба зарурияти забономӯзӣ ташаккул медиҳанд.

Экскурсия яке аз шаклҳои асосии ташкил ва гузаронидани корҳои таълимӣ-тарбиявӣ бо гурӯҳи донишҷӯён берун аз дарс бо мақсади ташаккул додани шавқмандии маърифатии онҳо мебошад.

Дар назария ва амалияи таҳсилот талабот нисбат ба гузаронидани экскурсияҳо таҳия карда шудаанд.

1. Экскурсия–ин қисми таркибии машғулиятҳои таълимӣ мебошад, на ин ки сайру саёҳати ғайринақшавӣ.

2. Зарур аст ҷой ва вақти гузаронидани экскурсияро бо иаври аниқ ба нақша гирифт.

3. Ҳангоми тартиб додани нақшаи экскурсия бояд мавзуъро бо истифода аз таҷҳизоти зарурӣ муайян намуд.

4. Бояд аз экскурсияҳои тасодуфӣ ва ғайринақшавӣ даст кашид.

5. Ҳангоми фаҳмондадиҳӣ ва маълумотдиҳӣ дар экскурсияҳо бояд диққати донишҷӯёнро ба чизи аз ҳама муҳим, ки дар нақша пешбинӣ карда шудааст, ҷалб намуд.

6. Бояд аз пургӯӣ даст кашид ва таваҷҷуҳи донишҷӯёнро набояд ба объектҳо ва падидаҳои сершумори ҷуғрофӣ ҷалб намуд.

7. Бояд экскурсияро бо экскурсияҳои қаблӣ алоқаманд намуд, инчунин бо омӯзиши падидаҳои мавсимӣ ва ғайра.

Аз ҷониби И. В. Измайлов нақшаи тахминии экскурсия, ки муайяннамоӣ ва омодагиро дар бар мегирад, таҳия карда шудааст:

- мақсад ва вазифаҳои экскурсия;
- сохтор ва марҳилаҳои экскурсия;
- мундариҷа ва методикаи гузаронидани экскурсия;
- хатсайр ва иншоотҳо барои мушоҳида;
- мавзуи экскурсия;
- макон, вақт ва муҳлати гузаронидани экскурсия;

- натиҷаҳои аз экскурсия ба даст омада ва хулосабарорӣ аз ташкил ва гузаронидани экскурсия;
- аёниятҳои ҷамъоварда ва корҳои мустақилонаи донишҷӯён ҳангоми гузаронидани экскурсия;
- натиҷагирӣ аз ташкилу гузаронидани экскурсия аз ҷониби донишҷӯён, навиштани ҳисобот, маърузаҳо, сохтани албомҳо, ҷамъ овардани матнҳои тарҷума, коллексияҳо ва ғайра;
- истифода бурдани маводди ҷамъовардашуда дар машғулиятҳо;
- ҷамъбасти натиҷаҳо ва гузаронидани кори ҷамъбастии гурӯҳ доир ба экскурсияҳо ва ҳавасманднамоии донишҷӯён.

Қобили қайд аст, ки экскурсияҳои дуруст ва оқилона ташкилкардашуда ва мутобиқ ба нақшаи таълимии қаблан тасдиққкардашуда на танҳо шавқмандии маърифатии донишҷӯёнро ташаккул медиҳанд, балки вазифаҳои таълимӣ-тарбиявиро низ иҷро менамоянд. Маълум аст, ки ҳамаи экскурсияҳо – ин қисми ҷудоношаванда ва бевоситаи машғулиятҳо мебошанд, онҳо дониши донишҷӯёнро дар хусуси объектҳо ва падидаҳои омӯхташаванда васеъ менамоянд.

Вобаста ба банақшагирии экскурсия Н. М. Верзилин, В. М. Корсунская қайд менамоянд, ки «нақшаи солонаро тартиб дода, омӯзгор муҳлати гузаронидани экскурсияро ба нақша мегирад, мундариҷаи онро бо маводди машғулиятҳои қаблӣ вобаста менамояд. Дар экскурсияҳо мафҳумҳои қаблан азхудкардашуда дар бораи тарҷума ва забон бо мафҳумҳои васеътар дар бораи забон ба ҳам меоянд» [58, с.57].

Омодагӣ ва хатсайри гузаронидани экскурсия ҳам дорои аҳаммияти калон мебошанд. Шогирдон бояд қаблан донанд, ки чиро онҳо бояд бубинанд, чиро мушоҳида намоянд, ба кадом объектҳо ва падидаҳо бояд аҳаммият дод. Бо мақсади бедор намудани шавқмандии маърифатии донишҷӯён омӯзгор бояд нақша ва хатсайри экскурсияро нишон диҳад,

яъне дар бораи он маълумот диҳад, ки бештар тарҷумонҳои оянда ба кадом нукта аҳаммият диҳанд, то ин ки донишҷӯён гумроҳ нашаванд. Донишҷӯён бояд барои бомуваффақият гузаронидани экскурсия дафтар, қаламҳои одӣ, дурбинҳо, дастгоҳҳои суратгирӣ, компасҳо, инчунин сару либоси мувофиқ ва ғайраро омода намоянд. Ғайр аз ин, омӯзгорон бояд донишҳои филологии донишҷӯёнро такмил диҳанд, яъне дар рафти экскурсия бояд калимаҳои нав ва ибораҳои алоҳидаро ба донишҷӯён ёд доД.

Қабл аз ташкил ва гузаронидани экскурсия омӯзгор шогирдонро бо проблемаҳои омӯхташаванда шинос менамояд, инчунин ба онҳо қаблан супориш медиҳад, ки дар бораи ин ё он маркази таърихи-фарҳангӣ, хусусиятҳои таърихии он маълумот ба даст оранд. Ҳамзамон дар баъзе муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ омӯзгорон экскурсияро ба машғулиятҳои иловагӣ табдил медиҳанд, яъне пурсиши донишҷӯёнро вобаста ба мавзуи омӯхташаванда мегузаронанд, ки ба ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён мусоидат наменамояд. Ҳамчун шакли муҳимми кори таълимӣ-тарбиявӣ оид ба забони англисӣ экскурсия ба осорхона, ба марказҳои таърихӣ-маърифатӣ, ки барои тарҷумаи вожаҳои нав кӯмаки калон мерасонад, инчунин шавқмандии маърифатии донишҷӯёнро нисбат ба омӯзиш ташаккул медиҳад.

Экскурсияҳо, аз як ҷониб, натиҷагирии бештари натиҷаҳои мавзуъҳои барномавиро дар машғулиятҳо таъмин менамоянд, аз ҷониби дигар, донишҷӯёнро ба омӯзиши мақсадноки забонҳои хориҷӣ ва шиносоӣ бо диёри худ омода менамоянд.

Барои фаъолсозии шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар экскурсияҳо мувофиқи мақсад аст, ки робитаҳои мутақобилаи онҳоро бо машғулиятҳо барқарор намуд, инчунин фаъолияти мустақилонаи

ҷустуҷӯии маърифатии донишҷӯёнро бо роҳи гузоштани масъалаҳои проблемавӣ, истифода бурдани корҳо-дастурамалҳо ба роҳ монд.

Гуфтаҳои болоро натиҷагирӣ намуда, бояд қайд намоем, ки дар рафти таҳқиқоти гузаронидашуда аз ҷониби мо талабот нисбат ба ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои ғайриаудиторӣ муайян карда шуд (вазифаҳои хонагӣ, вазифаҳо барои таътил, тамошои видеофилмҳо, эскурсияҳо), ки ба фаъолсозии шавқмандии маърифатии донишҷӯён; барқарор намудани робитаҳои мутақобила миёни машғулиятҳо ва шаклҳои гуногуни кори ғайриаудиторӣ; ташкил намудани фаъолияти мустақилонаи ҷустуҷӯии донишҷӯён бо роҳи гузоштани масъалаҳо ва вазифаҳои проблемавӣ, тамошои видеофилмҳо ва мушоҳидаҳо аз рӯи объектҳои филологӣ, равандҳо ва падидаҳо мусоидат менамоянд.

Фаъолияти касбии мутахассисони муосири соҳаҳои мухталиф на танҳо қобилияти муайян кардани самти ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъалаҳо ва таҳлилу қабул кардани қарори бомасъулият, асоснок кардани нуқтаи назари худ доир ба масъалаи мавриди баррасӣ, додани баҳои дуруст ба воқеият, балки муоширати фаъол бо забони хориҷӣ, пеш аз ҳама, бо забони англисӣ бо ҳамкасбонро ҳам дар назар дорад. Дар давраи ҷаҳонишавӣ баробари донишҳои касбӣ, малакаю қобилиятҳо ва маҳорати муошират кардан бо забони хориҷӣ, ки барои ҳамкории байни афрод ва бо намояндагони фарҳангҳои гуногун ҳам дар дохили кишвари худ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ заруранд, мусбат арзёбӣ мегардад.

Ташаккули салоҳияти муошират кардан, яъне қобилият ба ҳамкории байнифарҳангӣ, бе донистани забони англисӣ имконнопазир аст. Эътирофи муҳим будани донистани забони англисӣ метавон ҳамчун натиҷаи ҷаҳонишавии ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи мо ва ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳисоб кард. Мутахассиси ҳозира ин инсони дорои донишҳои васеъю мукаммали касбӣ ва омодагии пурра барои фаъолият дар ягон соҳаи мушаххас ва дорои қобилияти доимо такмил додани тахассуси худ мебошад.

Дар давраи ҳозира донистани забони англисӣ шарти зарурии омодагӣ ба фаъолияти касбӣ ба шумор меравад ва ин имкон медиҳад ҳангоми кор аз иттилооти марбут ба ихтисос, ки дастраси ҷомеаи ҷаҳонӣ аст, истифода бурда шавад, инчунин робита бо ҳамкасбон аз кишварҳои мухталиф имконпазир мегардад. Кор бо иттилоот ба ҳар гуна забон қобилиятҳои муайяни зеҳнӣ, яъне қобилияти таҳлил кардани иттилоот, интихоб кардани воқеиятҳо (фактҳо) – и зарурӣ, ба низом даровардани онҳо ва қобилияти пешниҳод кардани далелҳои дигар дар баробари далелҳои мавҷударо талаб мекунад. Чун қоида, ҳангоми аз рӯйи ихтисос ба фаъолияти меҳнати оғоз кардан дар раванди муошират бо ҳамкасбони хориҷии худ мутахассиси ҷавон ба зарурати ҳалли мушкилоти дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалие дучор мешавад, ки фикрҳои дақиқу равшан, қобилияти ба тартиб даровардани фикрҳо ва дар шаклҳои шифоҳӣ ва ё хаттӣ бо забони англисӣ баён кардани фикрро талаб менамояд. Аз ин рӯ, заминаи муҳим барои фаъолияти муваффақонаи касбӣ муошират дар ҷомеа маҳсуб мешавад, ки маданияти баланди нутқ, самаранок истифода бурдани усулҳо ва роҳҳои муассири суханварӣ ва далеловариро талаб мекунад.

Агар пештар дар мавриди омӯзиши забони англисӣ сухан дар бораи услҳои додани донишҳо доир ба ин забон мерафт, ҳоло бошад маълум аст, ки донишҳо дода намешаванд, балки дар раванди фаъолияти дорои аҳаммияти шахсӣ касб карда мешаванд.

Худи донишҳои назариявӣ бидуни малакаю қобилиятҳои истифодаи онҳо дар амал мушкилоти таълими инсон ва омода намудани ӯ ба фаъолияти касбӣ берун аз муассисаи таълимиро бартараф намекунанд. Барои бомуваффақият аз худ кардани забони англисӣ бояд фазои мусоид барои омӯзиш ва тарбия фароҳам оварда шавад, ки ин дар навбати худ тағйир додани мақсадҳо, ба назар гирифтани манфиатҳо ва вижагиҳои фардии омӯзандаи забони англисӣ ва фароҳам овардани замина барои мустақилияти бештар дар фаъолияти таълимиро талаб мекунад. Дар раванди омӯзиши забон донишҷӯён дар ҳолати

интихоб қарор мегиранд ва талабот нисбат ба истифодаи таҷрибаи шахсӣ, ҳиссиёту эҳсосот бештар мегардад. Донишҷӯён бояд бо баён намудани ақидаи худ ва ба мустақилона фикр кардану хулоса баровардан одат кунанд.

Раванди омӯзиши забони англисӣ метавонад бо истифодаи усули пролемагузорӣ дар раванди таълим самрабахшии бештар дошта бошад. Усули проблемавии таълимро метавон ҳамчун принсипи асосии таълим ва ҳамчун намуди нави таълим, ҳамчун методи таълимӣ ва ҳамчун низоми нави таълим маънидод кард. Зери истилоҳи таълим бо усули проблемагузорӣ ва ё таълими проблемавӣ одатан чунин тарзи ташкили машғулиятҳои омӯзишие фаҳмида мешавад, ки дар онҳо таҳти роҳбарии омӯзгор ҳолатҳои омӯзишии проблемавӣ ба вуҷуд оварда мешаванд ва донишҷӯён ин проблемаро мустақилона ҳаллу фасл мекунанд. Проблемагузорӣ ҳамчун самти афзалиятноки равиши ба шахсият нигаронидашуда дар таълими забони англисӣ ба шумор меравад ва метавонад дар ҳамаи зинаҳои ташкили раванди таълим ба кор бурда шавад. Бо усули проблемагузорӣ пешниҳод кардани маводди омӯзишӣ ба баланд бардоштани самарабахшии раванди таълим мусоидат менамояд, чунки ин усули таълим донишҷӯёнро ба фаъолияти бештари фикрронӣ, ҷустуҷӯйи мустақилонаи иттилоот ва кӯшиш ба таҳлилу ҷамъбаст кардани далелҳо ҳавасманд мегардонад.

Дар ин маврид сухан дар бораи ба кор бурдани як силсилаи комили методҳои дорои хусусияти проблемагузорӣ дар омӯзиши маводди мавриди таълим меравад. Ба ин гурӯҳ методҳои пажуҳишӣ, ҷустуҷӯйӣ ва мубоҳисавӣ, методи лоиҳаҳо, ки дар худ ҳамаи методҳои дар боло зикршударо фаро мегирад, дохил мешаванд [60].

Принсипи мушкилсозӣ раванди омӯзишро ба равандҳои маърифат, таҳқиқ ва тафаккури эҷодӣ наздик мекунад. Моҳияти ангезиши фаъолияти омӯзиши донишҷӯён тавассути таълими проблемагузорӣ аз фаъолияти одии омӯзишӣ ва амалиёти фикрӣ доир ба ҳалли вазифаҳои қолабӣ ва иҷрои супоришҳои

бемаҳсул иборат нест. Моҳияти он аз ангезиши тафаккури донишҷӯён бо роҳи эҷоди ҳолатҳои омӯзишии проблемавӣ ва эҷоди ангезаи омӯзишӣ ва моделсозии амалҳои зеҳнӣ иборат аст, ки ба эҷодкории ҳақиқӣ баробар аст. Дар ин маврид малакаҳои ҷустуҷӯйӣ, пажуҳишӣ барои ҳалли мушкилоти назариявӣ ва ё амалӣ ташаккул меёбанд [201, с.247– 248].

Методи мубоҳиса ҳамчун яке аз методҳои равиши таълими проблемавӣ бештар дар дарсҳои забони англисӣ, аз ҷумла ҳангоми омӯзиши забони англисӣ дар алоқамандӣ ба касби ояндаи донишҷӯён, ба кор бурда мешавад, зеро методи мазкур имкон медиҳад, ки донишҳои мавҷудаи донишҷӯёнро аз соҳаҳои мухталиф ҳангоми ҳалли ягон масъала муттаҳид кард, инчунин имкон медиҳад, ки донишҳо ва малакаҳои корбурди забон дар амал истифода шаванд ва ҳамзамон идеяҳои нав ба вуҷуд биёранд.

Раванди омӯзиши забони англисӣ дар худ навъҳои хеле гуногуни фаъолияти гуфтор ва тафаккурро фаро мегирад ва ба ташаккули қобилияти андешаронии равшан, бо назари интиқодӣ дарк кардани иттилоот ва дар он муайян кардани фикри асосӣ, ёфтани воситаҳою далелҳо барои тасдиқ ва асоснок кардани фикр мусоидат мекунад. Бинобар ин, дарки ҳар гуна маводди назариявии таълимиро осон мегардонад. Огоҳона аз худ кардани маводди таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён, ки он мавод аз ҷониби омӯзгор баён карда мешавад, доштани маҳорати дарки нуткро дар мубоҳиса талаб мекунад. Ба ғайр аз ин, аз худ кардани меъёрҳои муошири шифоҳии мантиқан дуруст ва донистани қоидаҳои баҳс кардан ва муносибати масъулиятнок ба гуфторро ташаккул медиҳанд, ки яке аз талаботи муҳим нисбат ба мутахассиси муосири ҳар гуна соҳаи фаъолият ба шумор меравад.

Мубоҳиса ба маънои оммафаҳм ин баррасии ягон масъала аз ҷониби гурӯҳи одамон мебошад. Суҳбати ду ва ё зиёда одамон ягон ҷиҳати мубоҳисаро дорад, зеро ихтилофи назар ва зиддиятҳо ҳамеша дар ҳаёти мо ҷой доранд. Зарурати ҳамдигарфаҳмӣ ва ба тавофуқ расидан шарти ҳатмии мавҷудияти

ҷомеаи инсонӣ ба шумор меравад. Мубоҳиса ин амали ба вуҷуд овардани як ақидаи муштарак ва бартараф кардани зиддиятҳо дар дохили коллектив мебошад. Зери мафҳуми мубоҳиса метавон баррасии масъалаи баҳсбарангез фаҳмид, ки бар пояи санъати мулоҳиза ва баён кардани ақидаи худ мувофиқи қоидаҳои ақл, инчунин шакли муошırати илмӣ ва касб кардани донишҳои нав қарор дорад [114, с. 120].

Мубоҳисаро инчунин метавон ҳамчун воситаи ташкили фаъолияти якҷоя ба мақсади ҳар чи зудтар ба ягон қарор омадан дар гурӯҳ тавассути баррасии ягон масъала ва ё мушкилоти ҷойдошта маънидод кард. Мубоҳиса ин маҷмуе аз ақидаҳои иштирокчиёни он доир ба ин ё он масъалае мебошад, ки зарурати баҳси муттасилро ба миён меорад. Таҷриба нишон медиҳад, ки мубоҳиса метавонад дараҷаҳои мухталифи муқобилият дошта бошад. Ин дараҷаҳо метавонанд аз баҳс, мунозира, ҷанҷол ва ихтилофи назарҳо иборат бошанд. Дар ҳар сурат барои гузаронидани мубоҳиса камаш мавҷудияти ду нуқтаи назари хилофи ҳам, ду равиши ҳалли масъала ва ё мушкилоти дахлдор зарур аст. Гарчанде дар амал, чун қоида, сабабҳои мубоҳиса бисёртар мебошанд. Аслан, ҳар яке аз иштирокчиёни мубоҳиса бештар вақт доир ба ҳалли мушкилоти ҷойдошта нуқтаи назар ва ақидаи худро дорад. Мубоҳисаро бештар вақт бо мунозира ва ҷанҷол омехта мекунанд, вале бар хилофи низоъҳо ва муборизаи ақидаҳое, ки хоси ҷанҷолу мунозира мебошанд, мубоҳиса бо мақсаднокӣ ва талош кардан ба созиш фарқ мекунад. Бисёре аз муаллифон мубоҳисаро ҳамчун фаъолият медонанд, ки бархилофи мунозира, одамонро на ҷудо, балки муттаҳид мекунад. Агар дар мунозира бештар ихтилофи назарҳо ва номувофиқии ақидаҳо ҷой дошта бошанд, он гоҳ дар мубоҳиса ақидаҳо бо ҳам мувофиқат мекунанд ва ба мақсади ҷустуҷӯ ва муайян кардани ҳақиқат баён карда мешаванд. Принсипи асосии мубоҳиса ин самтгирӣ ба натиҷаҳои мусбат мебошад ва ин принсип онро аз мунозира фарқ мекунонад [60, с. 11]. Аломатҳои мубоҳиса ҳамоҳангӣ, тартиботи муайян, фаъолияти дастаҷамъона доир ба муайян кардани дурустӣ ва

ё нодурустии ҳар як фарзияи пешниҳодшуда ба шумор меравад ва воситаҳои он на ақидаҳои тарафҳо, балки мавқеъҳои мантиқӣ маҳсуб мешаванд.

Мақсади ҳар гуна мубоҳиса ин ҳар чи зудтар ноил гардидан ба ризоят ва мувофиқаи иштирокчиёни он оид ба масъалаи мавриди баррасӣ мебошад. Равишҳое, ки дар мубоҳиса ба кор мераванд, бояд аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни он эътироф шуда бошанд ва доир ба ин масъала бояд дар байни иштирокчиёни мубоҳиса ихтилофи назар набошад. Натиҷаи мубоҳиса набояд мазмуни ақидаҳои мухолиф, балки дар шакли иттифоқи назари ба ҳақиқат наздик баён карда шавад ва аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни мубоҳиса ва ё аксарияти онҳо ҷонибдорӣ шавад.

Ҳамин тавр, дар мубоҳиса ҳалли масъала нисбатан дақиқу равшан сурат мегирад ва то ҳадди имкон назари субъективӣ бартараф карда мешавад: ақидаи як нафар ва ё гурӯҳи одамон ҷонибдории дигаронро соҳиб мешавад ва бадин васила хусусияти обеъктивиро касб мекунад.

Хусусияти муҳимми мубоҳиса ба кор бурдани далелҳо ба шумор меравад. Ягон масъалаи баҳсбарангезеро мавриди баррасӣ қарор дода, ҳар як иштирокчӣ мухолифати худро нисбати ақидаи иштирокчии дигар баён карда, барои ҳимояи ақидаи худ далелҳо меорад. Самарабахшии мубоҳиса аз бисёр ҷиҳат аз такя кардан ба мантиқ ва бархурдор будан аз маҳорати далеловарии иштирокчиён вобастагӣ дорад. Қобилияти исбот намудани ақидаи худ шарти зарурии мубоҳиса ба шумор меравад. Дар давраи ҳозира дар тамоми ҷаҳон бисёр зоҳир намудани таваҷҷуҳ ба далелнокии масъалаи мавриди мубоҳиса мушоҳида мешавад ва корҳои зиёди пажуҳиши доир ба назария ва амалияи мубоҳиса нашр мешаванд. Омӯзиши мантиқ ва далеловарӣ аз худ кардани донишҳои муайян аз соҳаҳои равоншиносӣ, рафтори иҷтимоӣ ва назарияи маърифатро талаб мекунад. Далеловарӣ ин санъатест, ки дарки он танҳо дар натиҷаи ба таври амиқ аз худ кардани донишҳои муайян аз соҳаҳои равоншиносии шахсият, равоншиносии тафаккур, рафтори иҷтимоии шахс, назарияи маърифат ва касб

кардани малакаҳои амалии ин илмҳо муяссар мегардад. Назарияи далелнокӣ, ки оғози он ба замони Арасту рост меояд ва асоси онро қоидаҳои мантиқ ташкил медоданд, дар он замон дар балоғату суханварӣ ба кор бурда мешуд. Равиши мантиқӣ ба далелнокӣ маънои дар асоси иқтибос овардан натиҷагирӣ кардан ва балоғати сухан мақсади талош барои бовар кунондани мухотабонро дошт. Дар мусоҳиба ва баҳс доимо исбот кардан ва ё инкор кардани ин ё он ақида ва бовар кунонидани мухолифон пеш меояд. Аз ин рӯ, барои шахси баҳскунанда равшан фикр кардан, мантиқан дуруст тартиб додани суханронии худ, ҷавобҳои далелнок додан зарур аст, яъне маданияти баланди тафаккур дошта бошад. Барои ин риояи қонунҳои асосии мантиқи расмӣ муҳим дониста мешавад.

Қонуни якуми мантиқ ин ягонагӣ мебошад ва таърифаш чунин аст: ҳар як фикр дар раванди ҳамон як муҳокимаронӣ бояд ҳамон як мазмуни муайяну устувор дошта бошад. Ин маънои онро дорад, ки ҳангоми муҳокима як мавзуъро ба мавзуи дигар иваз кардан мумкин нест. Қонуни ягонагӣ дар ҳар гуна муҳокима муайянии фикрро талаб мекунад. Қонуни мазкур ба муқобили номуайянӣ ва бемаънӣ будани қазоват равона гардидааст.

Қонуни дуюми мантиқ қонуни зиддиятҳо ном дорад ва талаб мекунад, ки : “Ду фикри ба ҳам зидди доир ба ҳамон як предмет ва мансуб ба ҳамон як замону ҳамон як муносибат, наметавонанд ҳамзамон дуруст бошанд”. Бори нахуст ин қонунро Арасту тартиб дода буд. Вай ин қонунро қонуни асосии тафаккур ҳисоб мекард. Қонуни зиддиятҳо ҳамзамон ҳақиқат донистани ду фикри бо ҳам зидро танҳо бо шартҳои муайян манъ мекунад. Пеш аз ҳама, сухан бояд дар бораи ҳамон як чиз сурат гирад ва бояд ба ҳамон як замон тааллуқ дошта бошад. Предмет бояд аз рӯйи ҳамон як муносибат баррасӣ шавад. Қонуни мазкур ба иштирокчиёни мубоҳиса дар ташкили пайдарҳамии фикрҳо ва баёни ақидаи худ мадад мерасонад, инчунин имкон медиҳад, ки номуайянӣ ва зиддиятҳои мантиқӣ пешгирӣ карда шаванд.

Қонуни сеюми мантиқ, яъне қонуни инкори сеюм, ки ба мисли қонуни дуюм, аз ҷониби Арасту мураттаб гардидааст ва чунин аст: “Аз ду сухани бо ҳам зидди мансуб ба ҳамон як замон ва ҳамон як муносибат ҳатман якеаш ҳақиқат аст”. Барои дуруст ба роҳ мондани мубоҳиса ва баҳс инкор кардани сеюм ҳатмист. Вайрон кардани ин қонун ба мухолифати мантиқӣ дар суханронӣ оварда мерасонад, ки ба қабули қарори одилона монеъ мешавад.

Қонуни чоруми мантиқ – қонуни асоси басанда мебошад, ки чунин аст: “Ҳар гуна фикри дуруст бояд ба фикрҳои дигар асоснок шуда бошад, ки ҳақиқӣ будани онҳо исбот шудааст”.

Фикррونии дуруст бояд на танҳо муайян, пай дар пай ва беихтилоф, балки инчунин асосноку бодалел бошад. Ин қонун аз ҷониби Лейбнис мураттаб гардидааст ва хусусияти муҳимми олами атрофи моро инъикос мекунад. Дар табиат ва ҷамъият ҳама чиз дар робита ва ҳамбастагӣ қарор дорад. Бинобар ин, ягон ҳодиса ба вуҷуд омада наметавонад, бидуни заминае ва инкишофи пештарае, ки ба ин мусоидат мекунад. Қонуни асоси басандаи илми мантиқ тасдиқу хулосабарории беасосро қабул надорад ва исботи боварибахши ҳақонияти фикрҳоро талаб мекунад.

Донистан ва ба кор бурдани қонунҳои мантиқ раванди фикркуниро ба низом медарорад, ба мантиқан дуруст баён намудани фикрҳо мусоидат мекунад ва имкон медиҳад, ки сухан таъсирбахш бошад ва ба хатогиҳои мантиқӣ роҳ дода нашавад. Қонунҳои мантиқ маънои мустақил доранд ва амалкарди онҳо аз ирода ва хоҳиши одамон вобастагӣ надорад. Мантиқ барои баҳсу мунозира зарур мебошад ва аҳаммияти он аз қонунҳои биологӣ бармеояд, зеро онҳо ҳамчун принсипи ҳар чи камтар сарф кардани неру барои фикрронӣ амал менамоянд. Мавҷудияти мантиқ дар гуфтору навиштор аз талоши шахс ба идеалӣ, оқилона ва то ҳадди аксар мантиқӣ будани фикрҳо вобаста аст, зеро раванди идеалии тафаккури мантиқӣ ба ин сурат ба ҷониби ақлоният равона гардидааст [114, с. 137]. Қонунҳои мантиқ аз ҷумлаи воситаҳои зеҳнӣ ба шумор

мераванд ва имкон медиҳанд, ки фикрҳо ва мулоҳизаҳо бо низом сурат гиранд. Аз хуб донистани мантиқ ва ба кор бурдани қонунҳои он аз ҷониби шахс ба андозаи хеле зиёд сифати баёни маълумот вобастагӣ дорад, зеро ҳеҷ гуна далелҳо ҳангоми баёни маълумот таъсирбахш нахоҳанд буд, агар дар байни онҳо робитаи мантиқӣ вуҷуд надошта бошад.

Барои самарабахш сурат гирифтани мубоҳиса муайян будани мавқеъҳою дидгоҳҳои иштирокчиёни он шарти зарурӣ ба шумор меравад. Агар дар рафти баррасии масъалаи баҳсбарангез дидгоҳҳои иштирокчиёни мубоҳиса равшан ифода наёфта бошад, баҳс кардан бо онҳо имконнопазир аст. Мубоҳиса дар сурате самарабахш хоҳад буд, ки агар иштирокчиёни он мавқеи ибтидоии умумӣ дошта бошанд ва аз аввал дар байнашон ҳамдигарфаҳмӣ барои баррасии масъалаҳои ҳалталаб мавҷуд бошад. Албатта, вақте ки сухан дар бораи умумияти мавқеи ибтидоии иштирокчиёни мубоҳиса меравад, он гоҳ ақидаи ягона доир ба масъалаҳои мавриди баррасӣ дар назар гирифта намешавад. Ақидаҳои иштирокчиёни мубоҳиса метавонанд мухталиф бошанд, вале мақсаду талош барои ёфтани роҳи ҳалли дурустии масъала, хоҳиши дуруст фаҳмидани моҳияти масъалаи мавриди баҳс ва дарёфти ҳақиқат барои ҳамаи иштирокчиёни мубоҳиса бояд муштарак бошанд.

Муваффақияти баррасии масъала ба андозаи зиёд аз қобилияти иштирокчиёни мубоҳиса доир ба истифода бурдани мафҳумҳою истилоҳот ва хуб дарк кардани онҳо вобастагӣ дорад. Муайян кардани мафҳумҳои асосию такягоҳии мавзуи мубоҳиса ва дуруст интихоб кардани истилоҳоте, ки барои баррасии мавзуи мавриди баҳс лозиманд, хеле зарур мебошад. Барои он ки ҳамаи иштирокчиён калимаю истилоҳоти истифодашавандаро якхела фаҳманд, бояд аввал маънои истилоҳоти асосӣ дақиқ карда шавад ва маънои ин ё он истилоҳе ва ё вожае, ки ҳар кадоме аз иштирокчиёни мубоҳиса ба кор мебаранд, ба ҳама фаҳмо бошад. Азбаски сермаъноии калимаҳо боиси маънидод ва корбурди гуногуни онҳо мегардад, бинобар ин, нодуруст ба кор бурдани

истилоҳот ва калимаҳои сермаъно аз ҷониби иштирокчиёни мубоҳиса ба ёфтани роҳи ҳалли қобили қабули ҳамаи иштирокчиён доир ба масъалаи мавриди баррасӣ халал мерасонад.

Яке аз талаботи муҳимми мубоҳиса ин эҳтироми ҳамдигари иштирокчиёни он мебошад. Мутаассифона, мо бештар вақт мушоҳида мекунем, ки иштирокчиёни мубоҳиса нисбат ба одамоне, ки ақидаҳо ва мавқеи дигар доир ба масъалаи мавриди баррасӣ доранд, беэҳтиромона муносибат мекунанд. Кӯшиш ба фаҳмидани ҳарифи худ ва муносибати эҳтиромона ба ақидаи ӯ шарти зарурии баррасии масъала дар мубоҳиса ба шумор меравад.

Асоснокӣ ва суханварӣ ба ҳайси заминаи ҳар гуна фанни таълимӣ, аз ҷумла забони англисӣ ҳам, хизмат мекунанд. Суханварӣ дар замони ҳоҳира хусусияти байнифаннӣ дорад, яъне аз фанҳои гуногун сарчашма мегирад. Ба таври умумӣ ин илм дар бораи санъати сухани дуруст ба мақсади муътақид намудани одамон ва илм дар бораи қоидаҳои муошироти боварибахш мебошад. Илми суханварӣ ба илмҳои мантиқ, фалсафа, герменевтика (илм дар бораи тафсири матнҳое, ки маънои ибтидоии онҳо бо сабаби қадимӣ ва пурра ҳифз нашуданашон норавшан аст), назмшиносӣ ва забоншиносӣ робита дорад, вале дар муқоиса бо забоншиносӣ илми суханварӣ фақат бо нутқ сару кор дорад, на ба худи забон, зеро ба ғайр аз бевосита такмил додани маҳорати забондонӣ, мубоҳиса ба ташаккули маҳорати суханварӣ ҳам мусоидат мекунад. Гуфтори озодонаю равшан ва мантиқан дуруст ба забони модарӣ муҳимтарин хусусияти нутқи шахси таҳсилкарда мебошад ва донистани забони англисӣ бошад, имкониятҳои фаъолияти суханварии шахсро боз ҳам бештар мекунад.

Маълум аст, ки яке аз сабабҳои асосии нигаронии донишҷӯён аз суханронӣ дар ҷамъомадҳо, маҳфилҳо ва ғайра ба забони англисӣ ин надоштани малакаи муошират ва таҷрибаи суханронӣ барои омма ба забони модарӣ мебошад. Дар низоми анъанавии таҳсилоти мактабии кишвари мо, махсусан маҳорати нутқ кардан бо забони тоҷикиро ба дараҷаи лозима намеомӯзанд. Дар нақшаи

таълимӣ фанне вуҷуд надорад, ки коркарди чорабиниҳои амалӣ доир ба аз худ кардани нутқ ҳамчун шакли воқеии муошират ба донишҷӯён ёд диҳад. Бинобар ин, яке аз воситаҳои самарабахши ёд додани нутқ ин мубоҳиса мебошад, ки дар дарси забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ гузаронида мешавад. Аз худ кардани малакаҳои баҳс кардан ба забони англисӣ имкон медиҳад, ки дар оянда на танҳо бо хориҷиён муошират кард, балки дар назди омма ҳам бо ин забон суханронӣ кард ва дар семинарҳою конференсияҳои байналмилалӣ доир ба мавзуъҳои гуногун баромад кард, инчунин ақидаи худро метавон бо забони англисӣ ҳимоя кард.

Ташкили раванди таълими забони хориҷӣ тавассути мубоҳиса ба амалисозии омӯзиши беҳтари забон равона гардидааст ва мақсадаш ташаккули тафаккури рефлексивӣ ва ташаккули таҷрибаи гуфтугӯи донишҷӯён ҳамчун ибтидои муошират ба забони хориҷӣ ба шумор меравад. Ҳар як мубоҳиса ба ҳалли якҷояи ягон проблемаи омӯзишӣ равона мегардад. Аз ҷумлаи аломатҳои хоси методи таълими забони англисӣ тавассути мубоҳиса инҳоро метавон ном бурд.

1. Кори гурӯҳии донишҷӯён;
2. Ҳамкорӣ ва муошírати фаъолонаи донишҷӯён бо забони англисӣ дар раванди мубоҳиса;
3. Муоширати шифоҳӣ бо забони англисӣ ҳамчун шакли асосии ҳамкорӣ ва омӯзиши забон дар раванди мубоҳиса;
4. Мубодилаи афкори бонизом ва танзимшаванда бо ташкили ҷойу замони кори мувофиқ, вале дар асоси фаъолияти якҷояи иштирокчиёни мубоҳиса;
5. Мақсади таълимӣ доштани мубоҳиса:

Мубоҳиса метавонад тасодуфан сурат гирад ва ё озодона ташкил шуда бошад. Дар раванди таълими забони англисӣ мубоҳисаҳо ҳадафмандона ташкил ва истифода бурда мешаванд ва дар асоси муқаррарот ва тартиби қаблан муқаррargardида гузаронида мешаванд. Чунин мубоҳисаҳо аз ҷиҳати замон ва

фазо маҳдуд мебошанд. Мубоҳисаҳои таълимӣ метавонанд дорои тартиби муайян, унсурҳои моделсозии бозӣ ва лоиҳавӣ бошанд; аз рӯйи намуди ширкати донишҷӯён, яъне аз рӯйи шакли гузаронидан) мубоҳисаҳои таълимӣ бо навъҳои мубоҳисаи гурӯҳҳо, мизи мудаввар ва баҳси байни дунафар ҷудо шаванд.

Ба таври умум дар таҷрибаи ҷаҳонии педагогӣ шаклҳои зерини мубоҳисаи таълимӣ бештар ба кор бурда мешаванд [145, с. 200-201]:

Мизи мудаввар – мубоҳисае, ки дар он баробари гурӯҳҳои начандон калони донишҷӯён (одатан қариб 5 нафар) иштирок мекунанд ва дар он ҳам баҳс байни онҳо ва ҳам мубодилаи афкор бо ҳозирини дигар сурат мегирад.

Ҷаласаи гурӯҳи коршиносон ва ё мубоҳисаи баҳси панелӣ, ки дар он дар оғоз ҳамаи иштирокчиёни гурӯҳ (чор - шаш нафар иштирокчиён бо як нафар роҳбари пешакӣ таъиншуда) проблемаи мавриди назарро баррасӣ мекунанд ва сипас онҳо ақидаи худро доир ба ҳамон масъала ба ҳамаи ҳозирини мубоҳиса мерасонанд.

Маҳфил – мубоҳисае, ки ба ҳамоиши гурӯҳи коршиносон шабоҳат дорад ва дар рафти он ин гурӯҳ бо ҳозирини дигари мубоҳиса мубодилаи афкор мекунад.

Симпозиум – мубоҳисаи расмие, ки дар рафти он иштирокчиён бо паёме, ки нуқтаи назари онҳоро баён мекунад, дар назди ҳозирини дигари мубоҳиса суханронӣ мекунанд ва баъди он ба саволҳои ҳозирин ҷавоб медиҳанд.

Мунозира – мубоҳисаи расмие, ки дар асоси суханронии иштирокчиёни иборат аз ду гурӯҳи мухолифи бо ҳам  дар рақобат қарордошта ва инкори ақидаи якдигар ташкил карда шудааст. Намунаи ин навъи мубоҳиса мунозираҳо дар парлумон ба шумор мераванд.

Техникаи аквариум– навъи махсуси ташкили мубоҳисае мебошад, ки ҳангоми он баъди мубодилаи афкори кутоҳмуддат дар гурӯҳҳо як нафарӣ намоянда аз ҳар як гурӯҳи иштрокчиён дар мубоҳисаи оммавӣ иштирок менамоянд. Аъзоёни гурӯҳ метавонанд ҳангоми мубоҳиса тавассути  машварат ба намояндаи худ дар шакли хаттӣ дар рафти мубоҳиса ва ё дар вақти танаффус

дар шакли шифоҳӣ ёрӣ расонанд. Ин навъи мубоҳиса одатан ҳангоми кор аз рӯйи маводди омӯзишие, ки мазмуни он дорои зиддиятҳо, низоъ ва ихтилофҳо мебошад, ба кор бурда мешавад. Ба ин тарз ташкилу гузаронидани мубоҳиса аз он ҷиҳат ҷолиб ва фоидабахш аст, ки дар он ба худи раванди баёни нуқтаи назар ва асосноккунии он диққати ҷиддӣ дода мешавад. Фаъолияти ҳамаи иштирокчиён тавассути ширкати ҳар як иштирокчӣ дар мубоҳисаи ибтидоии гурӯҳӣ сурат мегирад ва баъд аз он аҳли гурӯҳ ҳавасмандона мубоҳисаро пайгирӣ мекунад ва бо намояндагони худ дар робита қарор мегиранд. Методикаи мазкури ташкили мубоҳисаи таълимӣ на танҳо саҳми донишҷӯён дар баррасии проблемаи мавриди баҳсро тақвият мебахшад ва малакаи ширкат дар кори гурӯҳӣ ва тасмимгирии якҷояро инкишоф медиҳад, балки имкон медиҳад, ки ин рафти ҳамкории иштирокчиён дар байни худи онҳо ҳам таҳлил карда шавад.

Ҳамлаи зеҳнӣ (brain storming). Ин яке аз методҳои нисбатан машҳури ҷустуҷӯи роҳи ҳалли супоришҳои гуногун ва ба вуҷуд омадани идеяҳои нав ба шумор меравад. Методи мазкурро равоншиноси америкоӣ А. Осборн пешниҳод кардааст [344]. Асоси ин методро фарзия дар бораи он, ки яке аз монеаҳо барои тавлиди идеяҳои нав "тарс аз баҳо" мебошад, ташкил медиҳад. Одамон бештар вақт аз тарси дучор шудан ба муносибати шубҳанок ва ё ҳатто душманона ба онҳо аз ҷониби роҳбарону ҳамкорон идеяҳои фавқулоддаю аҷоибро ошкоро иброз намедоранд. Мақсади ба кор бурдани ҳамлаи зеҳнӣ истисно кардани унсури баҳодиҳӣ дар марҳилаҳои ибтидоии эҷоди идеяҳо ба шумор меравад. Техникаи классикии ҳамлаи зеҳнӣ, ки Осборн пешниҳод кардааст, аз ду принсипи асосӣ иборат аст – "ба баъд мондани ҳукм доир ба идея", яъне дар рафти мубоҳиса ҳар чи бештар идеяҳо доир ба ҳалли масъала баён карда шаванд ва дар бораи дурустии ҳар кадоме аз онҳо баъд аз баррасии ҳамаҷонибаи масъала ҳукм сурат мегирад ва "аз миқдор сифат тавлид мешавад", яъне аз миқдори зиёди идеяҳо ҷудо кардани идеяҳои дуруст барои ҳалли масъала

имконпазир аст. Ин равиш риоя кардани якчанд қоидаро талаб мекунад. Танқид иҷозат дода намешавад: дар марҳилаи баёни идеяҳо иброз намудани ҳар гуна танқид ба унвони муаллифони идеяҳо (ҳам аз ҷониби одамони худӣ ва ҳам аз ҳарифон) иҷозат дода намешавад. Онҳое, ки дар гурӯҳҳои интерактивӣ кор мекунанд, бояд тарсро эҳсос накунанд ва фикр накунанд, ки аз рӯйи идеяҳои пешниҳодкардаашон ба онҳо баҳо медиҳанд. Парвози тахаюли озод маъқул househ дониста мешавад: одамон бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, то ҳадди аксар тахаюли худро озод кунанд. Ба ибрози ҳар гуна идея, ҳатто аз ҳама бемаънӣ ва ё тахаюлӣ ҳам, иҷозат дода мешавад. Идеяҳо бояд бисёр бошанд: аз ҳар як иштирокчӣ хоҳиш карда мешавад, ки ҳадди аксари миқдори имконпазири идеяҳоро пешниҳод намояд. Дар марҳилаи баъдӣ аз иштирокчиён хоҳиш мешавад, ки идеяҳои аз ҷониби дигарон пешниҳодшударо инкишоф диҳанд. Чунончи, онҳо метавонанд унсурҳои ду ва ё се идеяро муттаҳид карда, дар марҳилаи хотимавӣ бо дарназардошти ақидаҳои коршиносон беҳтарин роҳи ҳалли масъаларо интихоб кунанд. Дар давраи ҳозира "ҳамлаи зеҳнӣ" яке аз методҳои фаъолсозии таълим ба шумор меравад ва асоси бисёр бозиҳои коромӯзи ва таълимиро ташкил медиҳад.

Марҳилаҳои мубоҳиса:

1. Омодагӣ ба мубоҳиса. Муайян кардани мавзуи мубоҳиса, ки иштирокчиён онро баррасӣ мекунанд; интихоби барандаи мубоҳиса, тақсими нақшҳо дар дар байни иштирокчиёни мубоҳиса (котиб, комиссияи ҳисоб, коршиносон ва ғайра). Қабули номгӯйи корҳо, муқаррарот, муайян кардани пайдарпайии масъалаҳое, ки барои баррасӣ дар мубоҳиса пешниҳод мешаванд.

Интихоби мавзуъ барои баррасӣ дар мубоҳиса яке аз масъалаҳои нисбатан душворе мебошад, ки дар назди гурӯҳи донишҷӯёне ҳангоми омодагӣ ба мубоҳиса қарор мегирад. Дар асл ҳар гуна мавзуъ метавонад мавриди баҳс қарор гирад. Гарчанд ки дастурҳои тайёр дар ин маврид вуҷуд надоранд, аммо бояд ҳангоми интихоби мавзуъ барои баррасӣ дар мубоҳиса меъёрҳои зерин ба

инобат гирифта шаванд: 1) беҳтар хоҳад буд, ки агар мавзуъ барои баррасӣ дар мубоҳиса бо масъалаҳои мубрами ҷаҳони муосир, ба мисли экология, ҳимояи сулҳ, муносибатҳои байни миллатҳо, демография, таҳсилот, иқтисодиёт ва ғайраҳо робита дошта бошад; 2) мавзуи мавриди баррасӣ  метавонад бо шавқмандии илмии донишҷӯён ва ба корҳои курсию дипломии онҳо алоқаманд бошад; 3) мавзуъ бояд аз доираи салоҳияти иштирокчиёни мубоҳиса берун набошад. Мавзуи дуруст интихобшуда бояд бевосита ба манфиатҳои иштирокчиёни мубоҳиса дахл дошта бошад, то мубодилаи афкори фаъол сурат гирад. Барои интихоби мавзуъ барои баррасӣ дар гурӯҳ метавон методи “ҳамлаи зеҳнӣ” – ро ба кор бурд. Дар марҳилаи аввал мавзуъҳои гуногуни барои мубоҳиса пешниҳод карда мешаванд. Дар  ин маврид ҳар кас ҳақ дорад ҳар гуна идеяи мансуб ба номи мавзуъ ва ба миён гузоштани проблемаи баррасишавандаро пешниҳод намояд. Ба пешниҳоди идеяҳои бебоконаю фавқуллода иҷозат дода мешавад. Муҳимаш он аст, ки ҳеҷ кас ҳақ надорад сухани рафиқонашро зери танқид гирад ва ҳатто онро баррасӣ кунад. Идеяҳо бояд бештар бошанд, чӣ қадаре ки имконпазир бошад ҳамон қадар пешниҳод шаванд, яъне дар мавриди пешниҳоди идеяҳо бартарият ба миқдор дода мешавад, на ба сифат. Ҳамаи идеяҳои пешниҳодшударо баранда сабт менамояд. Вақте ки номгӯи пешниҳодҳо ба андозаи кофӣ зиёд мешавад, таҳлили интиқодии мавзуъҳо оғоз меёбад ва беҳтарине аз онҳо интихоб мешавад. Масъалаи интихоби мавзуъ одатан бо овоздиҳӣ ҳаллу фасл мешавад.

2. Раванди худи мубоҳиса. Баромади иштирокчиён, баҳс. Баррасии лоиҳаи қарор, қабули ҳуҷҷати ҷамъбастӣ.

3. Натиҷагирӣ кардан. Баррасӣ ва арзёбии мубоҳисаи гузарондашуда. Эродҳо доир ба гузаронидани маҷлис, арзёбии нақши барранда дар мусоҳиба, муайян кардани саҳми ҳар як иштирокчӣ дар рафти мубоҳиса ва барномарезии мубоҳисаҳои минбаъда.

Ҳангоми натиҷагирӣ кардан аз ташкилу гузаронидани мубоҳиса ҳам ба шакли мубоҳиса (сохтори он) ва ҳам ба мазмуни он (суханрониҳо) таваҷҷуҳ зоҳир намудан зарур аст:

1. Сохтори мубоҳиса: мавҷудияти ихтилофоти ҳақиқӣ, мавҷудияти роҳбарони гурӯҳҳо, арзёбии нақши барранда дар танзими мубоҳиса, риояи марҳилаҳои мубоҳиса, самарабахшии мубоҳиса (оё қарор қабул шудааст, агар шудааст, он гоҳ он то чӣ андоза равшан таҳия шудааст).

2. Суханрониҳо дар мубоҳиса: оё мавзуъ ҷолиб буд? То чӣ андоза салоҳияти иштирокчиён барои баррасии масъала кифоят мекард? Кадом далелҳо бартарият доштанд? Оё истинодҳо ба ҳақиқатҳои умумӣ, афкори ҷомеа, суннатҳо, одобу расм, таҷрибаи шахсӣ ва мисолҳо аз ҳаёт дар мубоҳиса истифода шуданд? Оё далелҳои ҳуҷҷатӣ, иқтибосҳо аз нашрияҳои маъруф ва далелҳои предметӣ истифода шудаанд? Оё амалҳои мантиқӣ ба мисли таъриф, умумикунонӣ, муқоиса, фарз ва ғайра дар мубоҳиса ба кор бурда шуданд?

Мубоҳиса метавонад дар таълими забони англисӣ ҳамчун метод ва ҳамчун шакли омӯзиш ба кор бурда шавад, яъне метавонад дар чаҳорчӯбаи машғулиятҳои дигари таълимии ин фан гузаронида шавад. Масалан, методи мубоҳиса дар баробари бозиҳои нақшофарӣ метавонад пеш аз методи лоиҳаҳо ба кор бурда шавад ва ё як қисми кори лоиҳавӣ бошад. Дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар омӯзиши забони англисӣ ҳар гуна мубоҳисаро ташкил кардан мумкин аст. Сабаби ба кор бурдани ин метод дар таълими забони англисӣ аз он иборат аст, ки он имкон медиҳад таваҷҷуҳи донишҷӯён на ба забон, балки ба проблемаи омӯзишӣ ҷалб карда мешавад, диққат на ба ҷанбаи забонии маводди омӯзишӣ, балки ба мундариҷаи он равона карда мешавад. Албатта, дар ин маврид донишҷӯён дар таҳқиқ ва андешаронӣ доир ба проблема забони англисиро ба кор мебаранд ва ин кор аз донишҷӯён мавҷудияти донишҳою малакаҳои муайяни истифодаи забони англисиро ҳам талаб мекунад. Бинобар ин, мувофиқи матлаб хоҳад буд, ки агар силсилаи машғулиятҳои омӯзишӣ аз

забони англисӣ қадам ба қадам вобаста ба сатҳи забондонии донишҷӯён ташкил карда шавад. Дар ибтидо қобилиятҳои асосии муҳокимаронӣ ва далеловарии донишҷӯён ташаккул дода шаванд. Барои ин супоришҳои махсус таҳияшудае заруранд, ки ба аз худ кардани қобилиятҳои гуногуни баҳс кардан ба забони англисӣ равона шудаанд, яъне қобилияти дар шакли мухтасар ва далелнок ташаккул додани идеяи худ доир ба проблемаи мавриди баҳс; қобилияти гӯш кардани шарикон; қобилияти мубоҳисаро ҳимоят кардан ва боз доштани баҳс мувофиқи талаботи гуфтор; қобилияти асоснок кардани нуқтаи назари худ; қобилияти ба мувофиқа омадан ва якҷоя тартиб додани қарори қабулшуда [60, с. 15]. Баъдан дар асоси ин мавқеи фаъоли донишҷӯёнро дар амалисозии нақшаҳои иҷтимоӣ тавассути бозиҳои нақшофарӣ инкишоф дода, дар ниҳоят ба воситаи лоиҳа ба донишҷӯён метавон дараҷи балантарини мустақилият барои омода намудани худ ба фаъолияти ояндаи касбӣ фароҳам овард.

Дар мавриди ба кор бурдани мубоҳиса дар раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ, аз ҷумла ҳангоми омӯзиши забони англисӣ, ба назар гирифтани вижагиҳои ин метод зарур аст. Мубоҳиса дар дарсҳои забони англисӣ ҳамчун як ҷузъи фанни таълимӣ, аз навъҳои дигари баҳсҳое, ки дар ҳаёти воқеӣ, масалан, дар сиёсат, илм ва зиндагии иҷтимоӣ сурат мегиранд, пеш аз ҳама, бо мақсади худ фарқ мекунад. Дар мубоҳисае, ки дар доираи таълими забони англисӣ сурат мегирад, ёфтани роҳи ҳалли ягон проблема онқадар муҳим нест, балки касб кардани малакаҳои муайян, таҷриба, ба кор бурдан ва мустаҳкам кардани донишҳою малакаҳои мавҷуда дар рафти мубоҳиса муҳим ба шумор мераванд, яъне мубоҳиса дар дарси забони англисӣ вазифаи омӯзиширо иҷро мекунад. Вазифаи дуюми мубоҳиса ин инкишофдиҳӣ мебошад, ки он аз ҳавасманд кардани донишҷӯён ба фаъолияти эҷодӣ ва ба рушди қобилиятҳои онҳо, қобилияти мустақилона фикр кардану ақидаи худро асоснок ва исбот кардан иборат аст. Инчунин ин вазифаи мубоҳиса ба тарбия кардани маданияти гуфтор, фарҳангу маҳорати баҳс кардан дар донишҷӯён мусоидат мекунад. Вазифаи

сеюми мубоҳисаи омӯзишӣ ин тарбият мебошад, ки аз ташаккул додани салоҳияти саҳмгирии донишҷӯён дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ иборат мебошад. Ташкили гурӯҳҳои корӣ дар раванди таълими проблемавӣ боиси мустаҳкам гардидани муносибатҳои байни донишҷӯён мегардад: иҷрои супоришҳои проблемавӣ, чун қоида, дар гурӯҳҳои хурд ва миёнаи донишҷӯён сурат мегирад. Дар рафти мубоҳиса онҳо бо ҳамдигар ҳамкорӣ карданро меомӯзанд, роҳи муштараки ҳалли масъаларо пайдо мекунанд, доир ба ягон масъала ба мувофиқа меоянд, стратегия ва тарзи ҳалли ягон проблемаи умумиро таҳия мекунанд ва сипас доир ба он тасмим мегиранд ва бо ҳам созиш мекунанд. Маҳорати гӯш кардани ҳарифи худ, эҳтиром кардани ақидаи дигарон дар мубоҳиса, фаҳмидан ва ё кӯшиш кардан ба дарки далелҳои ҷониби дигар дар мубоҳиса хеле муҳим ба шумор меравbooнд. Қобилияти гӯш кардани иштирокчиёни дигари мубоҳиса ин шарти зарурии дуруст фаҳмидани мавқеи ҳариф, арзёбии дурусти ихтилофи назаре, ки бо ӯ мавҷуд аст ва кафолати муваффақона баҳс кардан ва унсури муҳимми фарҳанги мубоҳиса ба шумор меравад. Тасодуф нест, ки назарияпардозони ҳунари баҳс онро пояи маҳорати баҳс кардан ном мебаранд. Бе қобилияти гӯш кардан ягон хел қобилият ба дониш, тезбинии зеҳн ва суръати вокуниш кӯмак нахоҳад кард. Ин танҳо ҳамон қобилиятест, ки бештари вақт дар зиндагӣ мо аз он бархурдор нестем, ки дар натиҷа бисёр низоъҳо байни одамон, гурӯҳи одамон ва ҳатто дар байни халқҳо ба вуҷуд меоянд. Аз ин ҷиҳат аҳаммияти тарбиявии мусоҳибаро арзёбӣ кардан душвор аст.

Боз як вижагии дигари дарси мубоҳисавӣ ин шартӣ будани ҳолат мебошад, ки умуман, хоси таълими забони англисӣ берун аз муҳити забонӣ мебошад. Ҳадафҳои таълимӣ шароитҳои муайянро талаб мекунанд, ки дар онҳо баррасӣ сурат мегирад ва онҳо дар худ ногузир унсури сунъӣ буданро фаро мегиранд, зеро ягон метод ва воситаи техникӣ барои эҷоди муҳити забонии воқеиро фароҳам оварда наметавонад. Пурра аз ин “сунъӣ будан” раҳо ёфтан

имконопазир аст, вале зарур аст, ки он мувофиқи имконият то ҳадди ақал расонда шавад. Ҳангоми омӯзиши забони англисӣ мо маҷбур мешавем, ки танҳо аз мақсадҳои шартии нутқ ва ҳолатҳо, ки бо ёрии онҳо ангеза ба гуфтор ба забони англисӣ пайдо мешавад, истифода барем. Раванди аз худ кардани забони англисӣ метавонад самарабахш бошад, агар он хусусиятҳои раванди табиии аз худ кардани забонро касб кунад ва ба ҳадди аксар аз рӯйи параметрҳои асосии худ ба шароити азхудкунии ҳидоятшавандаи забон дар муҳити забонии табиӣ наздик шавад [68, с. 12]. Дар шароити таълими забон дар муассисаҳои таълимӣ аз худ кардани забон танҳо аз рӯйи маводди омӯзишӣ доир ба он забон ва нутқи махсус дар асоси дастурҳои методӣ таҳияшуда имконпазир аст. Интихоби маводди омӯзишӣ бо дарназардошти мушкилии аз худкардани он ва муҳим будани он барои муошират сурат мегирад. Аз ин рӯ, дар раванди таълими забони англисӣ ҳангоми ба кор бурдани мубоҳиса марҳилаи тайёр намудани он аҳаммияти махсус дорад. Аҳаммияти марҳилаи дуюм, яъне гузаронидани худи мубоҳисаро набояд кам дониста. Бинобар ин, зарур аст,ки барои ташкили мубоҳиса вақти бештар ҷудо карда шавад, зеро корҳои зерин бояд анҷом дода шаванд: ҳаматарафа фикр кардану тақсим кардани нақшҳо байни иштирокчиёни мубоҳиса, тартиби суханрониҳо дар мубоҳиса ва албатта, корҳои марбут ба истифодаи забони анлисӣ, аз ҷумла маводди дахлдори омӯзишӣ бояд пешакӣ таҳия карда шавад; воҳидҳои луғавӣ ва қоидаҳои грамматикӣ омӯхта ва азёд карда шаванд. Ин маънои онро надорад, ки тамоми масъулият барои ташкили мубоҳиса ба омӯзгор вогузор карда шавад ва донишҷӯён аз интихоби озодонаи мавзуи баҳс ва эҷодкорӣ маҳрум карда шаванд. Омӯзгор метавонад, танҳо роҳнамоӣ кунад, самти мубоҳисаро муайян кунад, саволҳои мавриди баҳсро интихоб кунад, ҳолатҳои ҷолиби проблемавиро пешниҳод намояд ва корҳои боқимонда доир ба ҷустуҷӯ, интихоб ва таҳлили маълумот ба зимаи донишҷӯён вогузор карда мешаванд. Онҳо метавонанд фаъолона дар интихоби мавзуъ, ба

миён гузоштани проблемаи омӯзишӣ, муайян кардани марҳилаҳои мубоҳиса, муқаррароти гузаронидани он, ҷамъбасти натиҷаҳо ва ғайра саҳмгузор бошанд.

Вазифаи омӯзгор дар мубоҳиса аз ташкили чунин ҳолати инкишофдиҳие иборат аст, ки барои донишҷӯён озодӣ ва ҳамзамон масъулият дар интихоби мавзуъ ва қабули қарорҳо баъди баррасии масъала, мустақилияти фаъолиятро таъмин намояд. Афзалияти ба назар гирифтани шахсият, ки принсипи асосии консепсияи шахсиятгарои таълим ба шумор меравад, на танҳо нақши омӯзгорро дар ташкилу гузаронидани мубоҳиса коҳиш намедиҳад, балки вазифаи ӯро боз ҳам зиёдтару мушкилтар мегардонад, талабот нисбати ӯ, ҳамчун ташкилотчии ҳамкории байни ӯ ва донишҷӯёнро зиёд менамояд. Ҳангоми омодасозии мубоҳиса доир ба мавзуъҳои фанҳои ихтисоси ин ё он муассисаи таҳсилоти олӣ (масалан, фанҳои дақиқ) тахмин карда мешавад, ки омӯзгор бо ҳамон фан шинос аст. Ба таври идеалӣ омӯзгор бояд мушаххасот ва истилоҳоти фанҳои ихтисосиро донад, то ки кори донишҷӯёнро танзим ва роҳнамоӣ карда тавонад. Вале бархурдор будан аз донишҳои махсус наметавонад шарти ҳалкунанда барои омодагӣ ва муваффақона гузаронидани мубоҳиса бошад, зеро мақсади истифодаи мубоҳисаи омӯзишӣ ба забони англисӣ дар таълими забони мазкур ин рушди маҳорат ва қобилиятҳои донишҷӯён, машқи корбурди ифодаҳои қолабӣ ва такмил додани донишҳо доир ба забони англисӣ мебошад, ки дар чаҳорчӯбаи барномаи таълимии фанни мазкур ба даст оварда мешаванд. Маҳз ҷанбаи забономӯзии ин навъи фаъолияти омӯзишӣ бояд бодиққат фикр карда шуда, таҳти роҳнамоии омӯзгор сурат гирад. Ҷанбаи забономӯзӣ ҳангоми муқоисаи мубоҳисаҳо дар дарсҳои забони англисӣ бо мубоҳисаҳо бо забони модарӣ омили муҳим ба шумор меравад. Дар мубоҳиса сухангӯён нисбатан кам ба хатогиҳои грамматикӣ роҳ медиҳанд ва бештари шунавандагон, ҳатто он нафароне, ки худ ба хатогиҳои грамматикӣ роҳ медиҳанд, лаҳзаи қайд кардани хатоҳои нисбатан равшан дар забони ҳарифро, ки арзиши суханро хеле коҳиш медиҳанд, аз даст намедиҳанд. Хатоҳое, ки соҳибзабонон ба онҳо роҳ

медиҳанд, гӯшхарош ва дар беҳтарин ҳолат боиси ханда мегарданд. Дар мубоҳиса ҳамчун шакли машғулияти таълимӣ доир ба забони англисӣ хатоҳо ногузиранд ва онҳо вокуниши мушобеҳро ба вуҷуд намеоранд, барои он ки ҳамаи иштирокчиён дар шароити бештар ва камтари баробар қарор доранд, зеро забони мубоҳиса забони модарии онҳо намебошад. Хатоҳою нокомӣ як қисмати раванди таълим ба шумор мераванд, вале ислоҳи онҳо бояд то ҳадди имкон пурмаҳсул ва фоидаовар бошад. Аммо дар ин бобат саволе ба миён меояд, ки чӣ тавр омӯзгор ба хатогиҳо вокуниш нишон диҳад. Дар дарси маъмулӣ, чун қоида, хатогиҳоро ба ин ё он тарз омӯзгор ислоҳ мекунад. Дар вақти мубоҳиса нақши омӯзгор дигар аст, вай бевосита бо донишҷӯён суҳбат намекунад, ӯ бештар мушоҳида мекунад ва мувофиқи имкон рафти мубоҳисаро роҳнамоӣ мекунад. Бевосита дахолат кардан ба рафти баҳс ба мақсади ислоҳи ин ё он хатогӣ боиси халалдор гардидани баҳс, коҳиш ёфтани суръати он ва парешон шудан аз моҳияти масъалаи мавриди баҳс мегардад. Бар иловаи ин, тавре ки маълум аст, баъзе донишҷӯён, аз тарси он ки ба хатогӣ роҳ медиҳанд, хомӯширо аз ширкат дар бозии умумӣ афзалтар медонанд. Ҳамзамон тамоман ба хатогиҳо вокуниш нишон надодан, бахусус ба чунин хатогиҳое, ки боиси нодуруст фаҳмидани маънои сухан мегарданд ва ба ин тариқ, муоширатро халалдор менамоянд, мумкин нест. Ба омӯзгоре, ки ба ҳайси баранда ва ё иштирокчии мубоҳиса ширкат меварзад, метавон амалҳои зеринро пешниҳод кард. 1) дар рафти мубоҳиса хатоҳоро сабт карда, таҳлил ва ислоҳи онҳоро ба марҳилаи хотимавӣ гузорад, ки дар он натиҷаҳо ҷамъбаст карда мешаванд ва ба сифати меъёри ҷудогонаи арзёбии мубоҳиса аз лиҳози грамматикӣ ва луғавӣ дуруст будани баромадҳо таъин карда мешавад; 2) даррав ислоҳ кардани баъзе хатоҳо дар раванди баҳс дар шакли саволҳои равшанкунанда ва ё аз лиҳози грамматикӣ дуруст такрор кардани сухани аз ҷониби иштирокчиёни мубоҳиса гуфташуда. Боз як лаҳзаи дар мубоҳиса барои донишҷӯён душвор ин зарурати тамоми вақт дар чаҳорчӯбаи забони англисӣ қарор доштан, бидуни гузаштан ба забони

модарӣ мебошад, зеро дар гармии баҳсу мунозира, аз як тараф, худро идора кардан душвор аст ва, аз тарафи дигар, мехоҳед, ки ҳар чӣ бештар бигӯед, назар ба оне ки воситаҳои забонии маълум ба ин имконият медиҳанд. Бо вуҷуди ин, вазифаи танҳо ба забони англисӣ суҳбат кардан бояд бо иштирокчиён то оғози мубоҳиса супорида шавад ва мувофиқи имконият дар раванди мубоҳиса иҷро шавад.

Барои он ки аз дӯши омӯзгор вазифаи назораткунӣ соқит шавад, метавон ба мубоҳиса нақшҳои иловагиро ворид кард, ки байни иштирокчиён тақсим карда мешаванд ва дар худ баъзе унсурҳои бозиро фаро мегиранд, ба мисли қаблан омода кардани варақчаҳои ранга, ки метавонанд ҳамчун ҷарима барои истифодаи забони тоҷикӣ ба кор бурда шаванд: навиштани нишонаҳо ва ё плакатҳо бо хотиррасон кардани он, ки бояд танҳо ба забони англисӣ сухан гуфт, истифодаи сигналҳои садо (беҳтараш садои паст, то ки ба баромадкунанда халал расонида нашавад) ва ғайра. Барои иҷрои ин вазифаҳо мувофиқи мақсад хоҳад буд, ки агар вазифаи нозир ҳам ҷорӣ карда шавад. Ин вазифаро метавонад ягон донишҷӯй ба таври ихтиёрӣ анҷом диҳад, ки ба дониши худ боварӣ надорад ва метарсад, ки дар ҳузури донишҷӯёни донотар аз худ сухан гӯяд. Албатта, ин нақшҳо (нозир, баранда, котиб ва ғайра) бояд дар байни иштирокчиён тақсим карда шаванд ва бо дарназардошти имконият ва хоҳиши донишҷӯён ба навбат иваз карда шаванд, то ки ҳама худро ба раванди умумӣ ҷалбшуда эҳсос намоянд ва тавонанд аз саҳмгузории худ дар мубоҳиса ифтихор кунанд.

Дар ҷамъбасти мулоҳизаҳои дар боло овардашуда мехоҳем баъзе бартариятҳои мубоҳисаи таълимӣ ба забони англисиро дар қиёс бо мубоҳиса ба забони модарӣ аз ҷиҳати рушди салоҳияти муошират кардан зикр намоем, ки аз инҳо иборатанд: худи омӯзиши забони англисӣ дар донишҷӯён интизомро тарбия мекунад, ба рушди тафаккури мантиқии онҳо мусоидат мекунад ва худназораткуниро тақвият мебахшад. Бахусус, хусусияти худназораткунии

донишҷӯён хеле муҳим аст, зеро нисбат ба муошират ба забони модарӣ, вақте ки донишҷӯён нисбатан озодона ва муфассалтар суханронӣ мекунанд ва ба эҳсосот дода мешаванд, метавонанд аз мавзуи мавриди мубоҳиса хориҷ шаванд, муошират ба забони англисӣ бошад дар чаҳорчӯбаи раванди омӯзиш аз донишҷӯён хештандорӣ, таваҷҷуҳи амиқ ва зарурати тартиб додани ҷумлаҳо мутобиқи қоидаҳои синтаксиси забони англисиро талаб менамояд. Нокифоя будани захираи луғавии донишҷӯён ҳам, ҳарчанд ки бовар кардан душвор аст, вале нақши мусбатро мебозад, зеро барои гӯянда кӯшиши зиёдатӣ барои ҷустуҷӯи муродиф ва ё ягон ибораи равшан барои ифодаи фикр лозим намеояд. Дар ин маврид донишҷӯй дар ихтиёри худ маҷмуи муайяни воситаҳои забоние дорад, ки дар лаҳзаи зарурӣ метавонад онро такмил диҳад, яъне дар рафти мубоҳиса маънои бисёр калимаҳои барояш ношиносро дарк мекунад. Иштирокчиёни мубоҳиса ба забони англисӣ баъзан метавонанд ҳамдигарро назар ба муошират ба забони модарӣ хубтар фаҳманд, зеро таваҷҷуҳи онҳо ба муошират ҷалб шудааст ва чун қоида ба сухани ҳарифони худ бодиққат гӯш медиҳанд, то ки ба суханони онҳо ба таври лозима вокуниш нишон диҳанд. Дар мубоҳиса ба забони модарӣ, агар чунин мақсад набошад, ҳарифон суханони ҳамдигарро хуб ва бодиққат гӯш намекунанд ва ҳамдигарро намешунаванд ва ба ин маънӣ забони ҳариф ба забони англисӣ баробар мешавад, яъне ба мисли забони англисӣ бегона ва нофаҳмо мегардад. Барои инсоне, ки ба забони англисӣ ҳарф мезанад, бояд он забонро аз худ кунад. Барои он ки ҳамсуҳбат – ҳамватани худро фаҳмад: бояд ба таври оддӣ гӯш карданро ёд гирифт ва кӯшиш кард, ки моҳияти гуфтаи ҷониби дигарро дарк намояд. Ба ин маъно мубоҳиса ба ҳар гуна забон воситаи универсалии омӯзиши муошират байни одамон маҳсуб мешавад. Сухани машҳури “Ҳақиқат дар баҳс тавлид мешавад” ба ибораи дигар метавон чунин ифода кард: “Шахсият дар мубоҳиса ташаккул меёбад”. Ин, албатта, то дараҷае муболиға аст, вале бо вуҷуди ин дар ин ҷо ба назар гирифтан муҳим аст, ки мақсади мубоҳиса ҳамчун унсури раванди таълимӣ ёфтани

ҳақиқат ва ё ҳал кардани ягон проблема нест ва ин баҳс ба хотири баҳс ҳам нест. Дар ин ҳолат на танҳо мақсади бадастомада, балки роҳ ба сӯйи ин мақсад арзиш дорад. Тавре ки бештар вақт дар баҳс воқеъ мегардад, муҳим на ғалаба, балки иштирок дар он аст.

Ҳамин тавр, методи мубоҳиса дар таълими забони англисӣ на танҳо имконияти дар донишҷӯён тарбия кардани фарҳанги гуфторро фароҳам меорад, балки онҳоро ба мустақилона ҷустуҷӯ кардани роҳи ҳалли проблемаи мавриди баррасӣ ташвиқ мекунад, ки он дар навбати худ ҳамчун ангеза ва неруи пешбарандаи фаъолияти омӯзишӣ ба шумор меравад. Ба кор бурдани методи мубоҳиса дар омӯзиши забони англисӣ ба рушди тафаккури эҷодии донишҷӯён мусоидат мекунад, барои истифодаи таҷрибаи шахсӣ ва донишҳои қаблан аз худ карда, такмил додани донишҳои мавҷуда ва касб кардани донишҳои нав шароитро фароҳам меорад. Дар раванди баррасӣ ва ҷустуҷӯи роҳи ҳалли проблемаи мавриди омӯзиш дар чаҳорчӯбаи мубоҳисаи гурӯҳии аз ҷониби омӯзгор танзимшаванда донишҷӯён қобилияти амал кардан ба манфиати гурӯҳ, муносибати бодиққатона ба ҳамсуҳбат, таваҷҷуҳ ба нуқтаи назари дигарон, эҳтиром кардани ақидаи дигарон ва амсоли инҳоро, ки ба ташаккули коллектив мусоидат мекунанд, касб мекунанд. Тавъам ба кор бурдани методи мубоҳиса бо методҳои дигари таълимию таҳқиқотӣ ва проблемагузорӣ дар таълими забони англисӣ имкон медиҳад, ки мутахассиси оянда дорои тафаккури мантиқӣ, донандаи роҳҳои ҳалли проблемаҳои гуногун, ки метавонад маълумоти зуд зуд тағйирнопазирро дарк намояд ва бо ҳамкасбони худ на танҳо аз дохили кишвари худ, балки аз хориҷи кишвар ҳам бо забони англисӣ муколама намояд, омода карда шавад. Ба туфайли ин метод мутахассисони оянда роҳҳои таҳқиқоти илмӣ ва тарзҳои қабули қарорҳоро ёд мегиранд ва онҳо метавонанд ҳамаи инҳоро на танҳо дар фаъолияти касбии худ, балки дар зиндагии рӯзмарраи худ ва дар раванди муошират бо омӯзгорони мансуб ба забону фарҳангҳои дигар ҳам ба кор баранд.

Дар давраи ҳозира дар методикаи таълими забони англисӣ як ҳолати носозгор ба вуҷуд омадааст. Бо вуҷуди аз тарафи ҳамагон дарк ва эътироф шудани зарурати баланд бардоштани сифати таълими забони англисӣ дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ дар амал на методҳои таълим, на мундариҷа ва на принсипҳои таълими он дигар нашуда истодаанд. Боз аз он сабаб ин ҳолат давом карда истодааст, ки дар даҳсолаи охир забони англисӣ, ки расман ба гурӯҳи фанҳои ҳатмии таълимӣ дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ дохил карда шуда бошад ҳам, вале аз ҷониби мақомоти зинаҳои гуногуни соҳаи маориф ба он таваҷҷуҳ ва муносибати лозима зоҳир намегардад.

Дар натиҷа сарфи назар аз хараҷоти зиёди моддии марбут ба омӯзиши ҳамагонии забони англисӣ, инчунин, саъйу кӯшиши омӯзгорон ва устодони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ҷавонон мактаби миёна ва дигар муассисаҳои таълимиро хатм карда, бештари онҳо амалан наметавонанд забони англисиро ҳамчун воситаи муоширати байнифарҳангӣ ба кор баранд. Ин ба сифати омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ, ки дар онҳо ба ғайр аз ин, имтиҳони дохилшавӣ аз забони англисӣ нест, таъсири манфӣ мерасонад.

Ан ин ҷо масъалаи арзёбӣ ва интихоби равишҳои нав ва такмил додани равишҳои анъанавии таълим бармеояд, ки ба вазъияти муосири методӣ дар таълими забон, таносуби онҳо, ҳамгироӣ ва дар асоси онҳо таҳия кардани назарияи ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ созгор мувофиқ бошанд.

Дар ин ҷо ва минбаъд тахти мафҳуми "факултети ғайрифилологии мактаби олии омӯзгорӣ" муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ ва ё зерсохторҳои он дар назар гирифта мешавад, ки дар он забони англисӣ ҳамчун фанни умумии таълимӣ омӯхта мешавад.

Дар ҳоли ҳозир қоидаи қатъии интихоби методҳо ва принсипҳо дар чаҳорчӯбаи низоми таълими забони хориҷӣ, ки зери он таълими забони англисӣ

дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ дар ҳамаи ихтисосҳо фаҳмида мешавад, вуҷуд надорад. Камбудии кор дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ, ки дар онҳо донишҷӯён як силсила ихтисосҳои дигари омӯзгориро меомӯзанд, аз миқдори ками соатҳое, ки барои омӯзиши забони англисӣ ҷудо шудааст ва нисбатан паст будани ҳавасмандии донишҷӯён ба омӯзиши ин забон иборат аст. Аз ин ҷумла баъзе муассисаҳои таҳсилоти олии иқтисодӣ ва ҳуқуқ истисно мешаванд, ки дар онҳо донистани яке аз забонҳои хориҷӣ ҷузъи ҷудонопазири омодасозии умумии касбӣ эътироф карда мешавад.

Мушкилоти дигар дар таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ аз он иборат аст, ки ҳалли чунин масъалаҳо дар шароити барои маорифи Тоҷикистон нисбатан нави низоми чандзинагии омодасозии мутахассисон пеш меояд, зеро низоми мазкур дар раванди омӯзиши забони англисӣ баробари бартариятҳо камбудиҳо ҳам дорад.

Яке аз мушкилоти асосие, ки монеи беҳбуд бахшидан ба вазъияти мавҷуда мегардад, ба андешаи мо, мавҷуд набудани пайвастагӣ дар таълими забони англисӣ дар низоми "мактаб – муассисаи таҳсилоти олӣ" ба шумор меравад. Аз ин рӯ, омӯхтан ва ба кор бурдани маводди забонӣ барои омӯзиши муошироти касбгаро бо забони англисӣ ба донишҷӯён ҳам дар нутқи хаттӣ ва ҳам дар нутқи шифоҳӣ хусусияти беназмӣ ва порча – порчагӣ дорад, ки аз ҷумлаи камбудиҳои дар боло зикршуда маҳсуб мешавад.

Ҳамаи ин гуфтаҳо зарурати таҷдиди назар кардани низоми методҳои таълими забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти олии омӯзгориро дар асоси интихоби равишҳои нисбатан самарабахши таълим талаб мекунад, ки бо ёрии онҳо метавон равандҳои мусбатро дар таълими забони мазкур пешгӯйӣ кард ва дар маҷмуъ натиҷаҳои хубро дар таълими забони англисӣ ба даст овард.

Бояд қайд кард, ки доир ба бартарияти ин ё он методи таълим дар байни педагогҳо ақидаи ягона вуҷуд надорад. Вале қайд карда мешавад, ки дар давраи ҳозира майл ба таҷдиди назар кардани имкониятҳои омӯзиши проблемавӣ ва

лоиҳавӣ ҳам дар мактаб ва ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайрифилологӣ доир ба ташаккули навъҳои гуногуни салоҳият, аз ҷумла салоҳияти забондонии омӯзгори фанҳои ғайрифилологӣ ҷой дорад.

Идеяи омӯзиш бо усули проблемагузорӣ дар дарс нисбатан бештар дар солҳои 70-ум 80-уми асри гузашта баррасӣ шуда буд, вақте ки бисёр методистон ва равоншиносони барҷаста паст шудани самараи шаклҳои анъанавии таълимро мушоҳида карданд. Дар ин давра дидгоҳҳои гуногун доир ба он, ки раванди омӯзишро чӣ тавр бояд ба роҳ монд, то ки натиҷаҳои беҳтарин ба даст биёянд, ба вуҷуд омаданд. Маҳз дар ин давра ба усулҳои омӯзиши проблемавӣ ва лоиҳавие, ки ба рушди тафаккури мактаббачагону донишҷӯён ва ангезиши ҳавасмандӣ ба омӯзиши забони англисӣ равона гардидаанд, таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардид.

Вале бо сабаби мушкилоти гуногуни ҷорӣ намудани усулҳои омӯзиши проблемавӣ дар фаъолияти ҳамаи намудҳои муассисаҳои таълимӣ, ки бо нокифоя коркард шудани методикаи он ва душвории тайёр намудани маводди таълимӣ дар шакли супоришҳои проблемавии омӯзишӣ вобастагӣ доштанд, масъалаи дар амал ҷорӣ намудани ин усули таълим дар сатҳи гузориши масъала, бахусус дар соҳаи омӯзиши забони англисӣ, боқӣ монд.

Дар давраи ҳозира  дар шароити зиёд шудани талабот ба омӯзиши  забони англисӣ ҳамчун воситаи муоширати байнифарҳангӣ як силсила корҳои илмии методӣ ва педагогӣ ба вуҷуд омада истодаанд, ки дар онҳо муаллифон дубора омӯзиши проблемавиро ҳамчун роҳи самарабахши таълими забон ба донишҷӯёни ихтисосҳои ғайрифилологӣ баррасӣ менамоянд (И. А. Зимняя, Е. В. Ковалевская, И. И. Меркулова, С. П. Микитченко, Т. П. Савитская ва дигарон.).

Таҳлили корҳои таҳқиқотии марбут ба ин масъала нишон медиҳад, ки монандӣ ва фарқият дар фаҳмиши мафҳуми омӯзиши проблемавӣ дар байни олимон аз он вобаста аст, ки чӣ хел муаллифон омӯзиши проблемавиро бо

сегонаи раванди таълим, яъне мазмун (шакл, амал) натиҷа, субъект, объект вобаста мекунанд.

Тавре ки маълум аст, ҳангоми таълим бо усули анъанавӣ ва ё усули “фаҳмондадиҳӣ – аёнӣ” омӯзгор ба донишҷӯй донишҳои тайёр доир ба забон ва кишваршиносиро бо роҳи шарҳи маводди нави таълимӣ баён менамояд ва онҳоро бо машқҳои дорои маводди аёнӣ мустаҳкам менамояд. Дар айни ҳол донишҷӯй, ки объекти таъсиррасонии педагогӣ мебошад, маълумоти навроро дарк мекунад ва ҳатто бештар вақт онро мулоҳизаю дарк накарда аз ёд мекунад ва дар хотир нигоҳ медорад. Дар ин маврид навъҳои гуногуни хотираро ба кор мебарад.

Дар омӯзиши проблемавӣ бошад, тафаккур нақши пешбарро дорад. Ҳангоми ташкили фаъолияти фикрию нутқ дар раванди таълим омӯзгор донишро дар шакли тайёр баён наменамояд, балки дар назди донишҷӯён проблема ва ё вазифа мегузорад, шавқи онҳоро ба омӯзиш бедор мекунанд, онҳоро бо ҷустуҷӯи роҳҳою усулҳои ҳалли он проблема ҳавасманд мекунад. Дар раванди ин фаъолият донишҷӯён донишҳои навро аз худ мекунанд ва механизми истифодаи онҳоро дар амал такмил медиҳанд.

Аз ҷумлаи вижагиҳои муҳимми омӯзиши проблемавии забони англисӣ метавон инҳоро ном бурд:

- ангезиши ботинӣ ва зиёд шудани шавқи донишҷӯён ба гуфтугӯ ба забони англисӣ;
- супориши вазифа аз ҷониби омӯзгор ва баъдан муайян кардани проблемаи мавриди ҳал;
- ҷустуҷӯи роҳҳо ва усулҳои ҳалли вазифа ва ё проблемаи мавриди омӯзиш, ки метавонанд дар шаклҳои зерин сурат гиранд: таҳти роҳбарӣ ва идоракунии бевоситаи омӯзгор; таҳти назорати омӯзгор; бевосита аз ҷониби худи донишҷӯён ба мақсади ба даст овардани натиҷаи шахсӣ пешниҳод шудани вазифа ва ё проблемаи мавриди ҳал.

Омӯзиш бо усули проблемагузорӣ аз усулҳои дигари таълими забони англисӣ на танҳо аз ҷиҳати мақсад, балки аз рӯйи тарзи ташкили он ҳам фарқ мекунад. Асоси омӯзиши проблемавиро фаъолияти омӯзишии худи донишҷӯён ташкил медиҳад, ки дар асоси фароҳам овардани фазои муносиби психологӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ ба роҳ монда мешавад. Ин асос мешавад, ки дар заминаи равиши фаъолияти шахсӣ омӯзиши проблемавии забони англисӣ баррасӣ шавад (И. А. Зимняя), ки ба муайян кардани ихтилофҳо ва ҷустуҷӯи роҳи ҳал дар раванди омӯзиши нозукиҳои муошırати байнифарҳангӣ бо забони англисӣ аз ҷониби донишҷӯён равона гардидааст.

Барои он ки имкониятҳои омӯзиши проблемавии забони англисӣ дар факултетҳои ғайри ихтисос пурратар ошкор карда шаванд, бояд мафҳумҳои асосии ин усули омӯзиши забони англисӣ, аз ҷумла “проблема”, “вазифаҳои проблемавӣ” ва “ҳолати проблемавӣ”-ро аз дидгоҳи ихтилофоте, ки ҳангоми ноил гардидан ба мақсадҳои таълими забону муошират ба вуҷуд меоянд, шарҳ дода шаванд.

Тавре ки маълум аст, проблема ин ихтилофи пинҳон ва ё ошкоре мебошад, ки хоси ҳар гуна объекту субъекти зинда мебошад ва метавонад дар шакли пинҳон ва ё ошкор мавҷуд бошад. Дар адабиёти мавҷудаи педагогӣ ҳамаи ихтилофоте, ки вуҷуд доранд, шартан ба панҷ намуди зерин ҷудо карда шудаанд:

- ихтилоф байни донишҳои мавҷуда ва талабот ба донишҳои нав;
- ихтилоф байни роҳҳои муқараргардидаи истифодаи донишҳо ва шароити нави дар амал ба кор бурдани онҳо;
- ихтилоф байни роҳи назариявии ҳалли вазифа ва аз ҷиҳати амалӣ ба мақсад мувофиқ будан ё набудани усули интихобшудаи ҳалли вазифа;
- ихтилоф байни натиҷаи бадастомада ва вуҷуд надоштани заминаи назариявии ба даст овардани он;

- ихтилоф байни тасаввуроти мавҷуда ва гуногунии қарорҳои аз лиҳози созандагӣ қобили қабул.

Маҷмуи ихтилофоти ҷойдошта, мавҷудият ва ё вуҷуд надоштани проблемаро муайян мекунад. Яке аз нишондиҳандаҳои мавҷудияти проблемаи мавриди ҳал ин ҳолати проблемавӣ мебошад, ки онро И. Я. Лирнер ҳамчун "проблемаи ошкор ва ё тасодуфан аз ҷониби субъект даркшуда" ва И. А. Зимняя " аз худ кардани объект аз ҷониби субъект, ки дорои мушкилот аст", маънидод кардаанд.

Ҳолати проблемавӣ дорои хусусиятҳои зерини ба худ хос мебошад: мавҷудияти мавзуъ – муҳтаво (ҷудо кардани зиддиятҳо, мавҷудият ва нокифоя будани баъзе донишҳои муҳим) ва мавҷудияти ҳавасмандӣ (ангезиши шавқ ба бартараф кардани зиддиятҳои ҷойдошта ва дарк намудани имкониятҳои бартараф кардани онҳо тавассути донишҳои нав ва ё қобилиятҳои корбурди амалии донишҳои нав).

Вобаста ба хусусияти бахши мавзуъ – муҳтаво ҳолатҳои проблемавӣ метавонанд дараҷаҳои гуногуни душворӣ дошта бошанд. Масалан, ҳолатҳои проблемавиро метавон вобаста ба ҷузъи номаълум дар онҳо, яъне восита (ягон ҳодисаи забони англисӣ барои донишҷӯён номаълум аст), роҳ (тарзи ифодаи ягон чиз ба забони англисӣ номаълум аст) ва ё фикр (мазмуни ягон матн барои донишҷӯён номаълум аст), дараҷабанди кард. Воситаи эҷоди ҳолати проблемавӣ худ метавонад вазифаи проблемавӣ бошад. Донишҷӯён проблемаро барои ҳал кардан қабул карда, онро ба таври шифоҳӣ баррасӣ мекунанд ва маълумро аз маводди номаълум чудо мекунанд. Акнун дар назди онҳо вазифаи проблемавии омӯзишие қарор мегирад, ки дар раванди иҷрои он донишҷӯён донишҳои нав ва қобилиятҳои корбурди амалии онҳоро аз худ мекунанд.

Барои он ки ҳолати проблемавии омӯзишӣ вазифаи таълимии худро ҳамчун ангеза барои фикркунии донишҷӯён анҷом диҳад, онро бояд онҳо барои ҳал

тавассути воситаҳое, ки дар ихтиёр доранд, яъне донишҳо, қобилиятҳо ва таҷрибаи мавҷудаи худ қабул намояд.

Борҳо исбот карда шудааст, ки дар сурати ба ҳолати проблемавӣ дучор шудан ва ё ҳангоми ба миён гузоштани вазифаи проблемавӣ дар инсон талабот ба фаҳмидани чизи барояш то ҳол номаълум пайдо мешавад. Ин талабот ифодагари ҳолати равонии душвории фикрӣ ва ангезаи раванди андешаронӣ ва тавлиди гуфтор ба шумор меравад.

Дар мавриди таълими забони англисӣ маънои онро дорад, ки маводди таълимиро бояд аз ҷиҳати проблема (мушкилсозӣ) тавре таҳия кард, ки роҳҳои иҷрои вазифаҳои проблемавии ба донишҷӯён пешниҳодшаванда номаълум бошанд. Дар ин ҳолат дар назди донишҷӯён вазифа гузошта мешавад, ки онҳо бо такя ба донишҳою қобилиятҳои пештар касб кардаашон тавонанд роҳи ҳалли проблемаро ёбанд. Дар рафти иҷрои чунин вазифа донишҷӯён бо душвориҳои муайяне мувоҷеҳ мешаванд, ки бартараф кардани онҳо, ки фаъолияти маърифатӣ, аз ҷумла унсурҳои фаъолияти эҷодии фикрию гуфторро талаб менамояд. Дар маҷмуъ ҳалли ҳолати омӯзишии проблемавӣ ин на танҳо аз худ кардани донишҳои нав ва роҳҳои касб кардани онҳо, балки боиси вусъати қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён мегардад.

Барои ба роҳ мондани омӯзиши проблемавӣ дар факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ мо таснифоти вазифаҳои проблемавиро зарур мешуморем ва барои тасниф кардани онҳо принсипҳое, ки Г. И. Гонтар пешниҳод кардааст, қобили қабул медонем. Ӯ принсипҳои зерини таснифоти вазифаҳои проблемавиро пешниҳод кардааст:

1. Зина ба зина эҷод намудани вазифаҳои проблемадор бо дарназардошти маводди забонӣ, қобилиятҳои нутқ ва донишҳои касбии марбут ба ихтисоси донишҷӯён.

2. Тақсимоти вазифаҳо дар байни донишҷӯён мувофиқ ба хусусиятҳои маърифатӣ, маърифатӣ – муоширатӣ ва муоширатии проблемаи мавриди омӯзиш.

3. Тағйир додани навъҳои вазифа вобаста ба сатҳи мушкилие, ки аз маълум ё номаълум будани кадом унсур, яъне ҳодисаи забонӣ, тарзи ифодаи мазмун ва ё ба мазмун вобастагӣ дорад.

4. Ба назар гирифтани робитаҳои байнифаннӣ дар гурӯҳи фанҳои психологӣ – педагогӣ [75, с.6-9]. Таснифоти вазифаҳои проблемавии мавриди омӯзиш метавонад дар асоси принсипҳои мазкур сурат гирад.

Вобаста ба мушкилии вазифаҳое, ки хусусиятҳои проблемавӣ доранд, ҳолатҳои омӯзишии проблемавиро метавон ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо кард. Ба гурӯҳи якум ҳолатҳои проблемавии ҷустуҷӯии забоншиносие, ки барои марҳилаи ибтидоии омӯзиши забони англисӣ пешниҳод карда мешаванд, дохил мешаванд, ба мисли муқоисаи ҳодисаҳои забонии монанд ва ёфтани фарқияти байни онҳо; фаҳмидани объект аз рӯйи параметрҳои додашуда ва хусусиятҳои он; муаммоҳои шифоҳӣ ва ғайра. Ба гурӯҳи дуюм ҳолатҳои проблемавӣ ва супоришҳои берун аз забон дохил мешаванд [264].

Агар фарз кунем, ки забон ва фарҳанги англисӣ як бахши зиндагии ин халқ мебошанд, онгоҳ шинохти онҳо, тибқи гуфтаи С. А. Рубинштейн, бояд ба воситаи дарк, аз худ кардан ва эҷодкорӣ сурат гирад. Ин пайдарҳамии амалҳоро метавон дар раванди омӯзиши забони англисӣ ҳам, ки як қисми олами шинохташаванда ва худи раванди маърифат маҳсуб мешавад, ба кор бурд. Ин кор ба омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ ҳам пурра дахл дорад.

Бо дарназардошти ин тезис, метавон фарз кард, ки модели омӯзиши забони англисӣ дар асоси усули проблемагузорӣ – эҷодӣ бояд намудҳои зерин дошта бошад:

- Баёни мавзуъ ва дарки он (марҳилаи баён - ғайрифаъол);

- Супориш – азхудкунӣ (марҳилаи омӯзиши фаъолона);

- Эҷодкорӣ (марҳилаи эҷодӣ - пажуҳишӣ).

Дар асоси ин модел мо таснифоти сатҳҳои мушкилсозӣ ва ё проблемагузории машғулиятҳои омӯзиширо мувофиқи марҳилаҳои таълими забони англисӣ пешниҳод мекунем, ки метавонад ҳангоми омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ истифода бурда шавад:

1. Сатҳи баёни мавзуъ ва проблемагузорӣ;
2. Сатҳи омӯзиши забони англисӣ;
3. Сатҳи муошырати озодона бо забони англисӣ;
4. Сатҳи муошырати озодона бо забони англисӣ дар мавзуъҳои марбут ба ихтисос.

Ҳар як марҳилаи ташаккули салоҳияти муошират бо забони англисӣ вобаста аз сатҳи мушкилсозии машғулиятҳои таълимӣ мақсад ва вазифаҳои худро дорад.

1. Мақсади асосии сатҳи баёни мавзуъ ва проблемагузорӣ дар он дарки маводди луғавӣ – грамматикии забони англисӣ мебошад. Барои амалисозии мақсад дар ин сатҳ ба кор бурдани тавзеҳоти асоснок тавсия дода мешавад, ки дар рафти он донишҷӯён якҷоя бо омӯзгор ҳодисаҳои забони англисиро таҳлил мекунанд, яъне шаклу маъно ва корбурди воҳидҳои забониро меомӯзанд. Дар ин марҳилаи таълими забони англисӣ мақсади омӯзиш аз худ кардани забони англисӣ аз ҷониби донишҷӯён ба шумор меравад.

Омӯзгор дар ин марҳилаи таълими забони англисӣ худаш проблемагузорӣ мекунад ва роҳи ҳалли онро нишон медиҳад. Дар ин сатҳ шиносоӣ ва дарки аввалияи маводди забонӣ (фонетикӣ, луғавӣ, грамматикӣ) тавассути иҷрои супоришҳои проблемавӣ бо бартарият доштани фаъолияти самарабахши донишҷӯён сурат мегирад. Супоришҳои ин сатҳи таълими забони англисӣ ба иҷрои вазифаҳое, ки дар назди курси муқаддимавӣ – ислоҳӣ дар факултетҳои

ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ гузошта мешаванд, мусоидат мекунанд.

Баёни асоснок ва ё проблемавии мавзуъ аз баъзе саволҳои бо ҳам алоқаманди омӯзгор ба донишҷӯён иборат аст. Ҳар як савол мушкилиеро дар бар мегирад, ки бидуни ҳалли он наметавон дар фаъолияти ҷустуҷӯӣ қадаме ба пеш гузошт. Ҷавобҳои асосӣ ба ин саволҳои проблемавии омӯзгор донишҷӯёнро ба аз худ кардани маводди нави таълимӣ водор менамоянд.

Ба ҳайси мисол метавон тартиби шиносоӣ Passive Voice дар ибтидои таълими забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти олии ғайрифилологӣ овард.

Ба донишҷӯён ҷумлаҳои зиёде пешниҳод карда мешаванд, ки дар онҳо феълҳои тарзи мафъули забони тоҷикӣ бо тарҷума ба забони англисӣ оварда шудаанд. Дар ин ҷумлаҳо вожаҳо дар шаклҳои нутқи шифоҳӣ истифода шудаанд. Дар супоришҳо муайян кардани мисолҳои тарзи мафъули феълҳои забони англисӣ ва бо такя ба тарҷумаи тоҷикӣ муайян кардани маънои онҳо пешниҳод карда мешавад.

Муқоисаи мисолҳо ба донишҷӯён имкон медиҳад чунин хулосабарорӣ кунанд, ки тарзи мафъули феъли забони англисӣ хеле серистеъмол ва дорои шакли наонқадар мураккаби грамматикӣ мебошад. Ҳамзамон ба донишҷӯён пешниҳод карда мешавад, ки ба сохташавии ин шакли феъли забони англисӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоянд.

Баъд аз он ба донишҷӯён тавсия дода мешавад, ки парадигмаи тасрифи феъли to be –ро аз назар гузаронанд ва шахси сеюми ҳамаи феълҳои пешниҳодшавандаро ба забони тоҷикӣ тарҷума кунанд. Суҳбати пажуҳишии байни омӯзгору донишҷӯён бо мустақилона тартиб додани қоидаи сохта шудани Passive Voice хотима меёбад.

2. Мақсади вазифаҳои сатҳи забономӯзӣ аз пешниҳод кардани маълумоти забоншиносӣ ба донишҷӯён иборат аст. Дар ин сатҳ омӯзгор метавонад ҳолати омӯзишии проблемавиеро эҷод намояд, ки дар он якҷоя бо

донишҷӯён проблема таҳия ва ҳал карда мешавад. Ҳамзамон вазифаҳои проблемавии муқоисаи ҳодисаҳои забонӣ дар забони тоҷикӣ ва забони англисӣ аз рӯйи ҳамон меъёрҳои асосӣ: шакл, маъно ва корбурд анҷом дода мешаванд. Дар ин марҳила ҳам мақсади омӯзишӣ ва ҳам мақсади корбурди амалии донишҳо бартарият доранд.

Вазифаҳои проблемавии ин сатҳи омӯзиши забони англисӣ аз худ кардани маводди фонетикӣ, луғавӣ, қоидаҳои калимасозӣ ва грамматикии забони англисӣ иборат мебошанд ва аз худ кардани онҳо имкон медиҳад, шахс фикри худро ба забони англисӣ баён кунад. Ин вазифаҳо, ки дар асоси масъалаҳои забоншиносӣ ва таълими забони англисӣ таҳия шудаанд, ба зиёд намудани донишҳои забоншиносию таҷрибаи корбурди забон ва вусъати донишҳои филологии донишҷӯён мусоидат мекунанд.

Дар китобҳои дарсии ҳозира доир ба таълими забони англисӣ, ки дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар таълими забони англисӣ истифода мешаванд, машқҳои грамматикие мавҷуданд, ки бештар хусусияти ғайриэҷодӣ (репродуктивӣ) доранд, ба мисли ҷойҳои холиро пур кунед, қавсро кушоед, ҷумлаҳоеро, ки феъл доранд, нависед ва ғайра.

Дар сатҳи забоншиносӣ таваҷҷуҳи асосии донишҷӯён ба дарки низоми забони мавриди омӯзиш бо роҳи муқоисаи низоми забони модарӣ бо низоми забони англисӣ, иҷрои супоришҳои мувофиқ барои аз худ кардани мавод барои гуфтор ба забони англисӣ равона мегардад.

Вале, тавре ки таҷрибаи бисёрсолаи таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нишон медиҳад, на ҳар гуна маводди мавриди омӯзишро метавон, бо вазифаҳои проблемавӣ ба донишҷӯён пешниҳод кард. Барои истифодаи усули проблемавии омӯзиш дар таълими забони англисӣ, пеш аз ҳама, ҳамон воҳидҳои забоне имконият медиҳанд, ки дорои қонунияти муайян ва такроршаванда мебошад.

Ба ин гурӯҳ, дар навбати аввал, шаклҳои намудҳо ва замонҳои феъл, феълҳои ёридиҳанда, мустақилмаъно ва модалӣ; дараҷаи муқоисавии сифат ва зарф; тартиби калима дар ҷумла; алоқаи тобеи бепайвандак; таркибҳои мураккаб бо шаклҳои тасрифшавандаи феъл ва қолабҳои асосии калимасозӣ дохил мешаванд.

Дар ин сатҳ ҳангоми омӯзиши луғати забони англиси инчунин супоришҳое, ки хусусияти проблемавӣ доранд, пешниҳод карда мешаванд, ба мисли:

- Аз луғат синонимҳо ва ё антонимҳоро интихоб кардашударо пурра кунед;
- барои дар хотир нигоҳ доштани шакли алоҳидагии калимаҳо, калимаҳои мувофиқ дар ду забон, калимаҳои аз ҷиҳати маъно алоқаманд ва гурӯҳҳои дигар калимаҳо схемаи алоқамандӣ кашед;
- калимаҳоро аз рӯйи ифодаи маъно, дараҷаи истеъмо, баромади забонӣ, мавқеи истеъмол ва таъсирбахши гурӯҳбандӣ кунед;
- гурӯҳи калимаҳоро аз луғат интихоб карда, таҳлили луғавӣ намоед ва истифодаи унсурҳои гуногуни калимасозиро дар онҳо шарҳ диҳед;
- воҳидҳои луғавиро аз рӯйи маънои грамматикии унсурҳои калимасоз аз матни пешниҳодшуда ҷудо карда, таблитса созед;
- калимаҳоро аз рӯйи маънои унсурҳои калимасозӣ гурӯҳбандӣ намоед;
- аз қатори пешниҳодшудаи калимаҳо (ҷузъҳои ивазшавандаи калимаҳо, вожаҳои аз рӯйи маъно монанд, гурӯҳҳои омехта) калимаи дорои маънои мувофиқро интихоб кунед;
- аз матн воситаҳои забониро аз ҷиҳати иродаи маъно, вижагиҳои мафҳумӣ, истифода ва аз ҷиҳати вазифаи муайяни муоширатӣ мувофиқро ёбед;
- муодилҳои мувофиқро интихоб намоед ва мазмуни матнро ба тарзи дигар баён кунед;
- тахминан аз рӯйи аломатҳои калимасозӣ ва ё матнӣ тарҷума кардани маънои воҳидҳои луғавии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ;

- матнҳои баробар, ки вазифаҳои мушобеҳи муоширатиро бо воситаҳои гуногунии забонӣ ифода мекунанд, таҳлил намоед;
- матнҳои баробарро аз забони англисӣ ба забони модарӣ тарҷума кунед.

3. Вазифаҳои сатҳи муошрати фаъоли дорои супоришҳои проблемавии омӯзишӣ аз ташкили шароити ҳамкорӣ дар гуфтугӯ ба забони англисӣ дар шаклҳои омӯзгор – донишҷӯй, донишҷӯй – донишҷӯй, донишҷӯй – омӯзгор иборатанд. Дар ин марҳила омӯзгор проблемаи омӯзиширо дар якҷоягӣ бо донишҷӯён эҷод мекунад ва донишҷӯён онро мустақилона ҳал менамоянд. Дар ин маврид мухолифатҳое, ки дар вазифаҳои муоширатӣ – маърифатӣ мавҷуданд, ба таври васеъ ба кор бурда мешаванд. Онҳо пеш аз ҳама ҳангоми инкишофи нутқи шифоҳии донишҷӯён ба забони англисӣ ба кор бурда мешаванд. Дар раванди гузориш ва ҳалли вазифаҳои проблемавии муошират ба забони англисӣ мақсади фаъолиятро омӯзиш, корбурди воҳидҳои забони англисӣ ва тарбияи донишҷӯён ташкил медиҳанд.

Дар ин сатҳ вазифаи таълим мушкилиҳои муошратиеро дар бар мегирад, ки бо навъҳои фаъолияти нутқ, яъне гуфтор, шунавоӣ, навиштан, хондан ва тарҷума алоқаманд мебошанд. Ҳалли ин мушкилиҳо дар натиҷаи ба кор бурдани донишҳои қаблан азхудкарда дар вазъияти нав тавассути ҷустуҷӯи мустақилонаи роҳҳои ҳалли проблема сурат мегирад. Дар факултетҳои ғайрифилологӣ ин сатҳи омӯзиши забони англисӣ, ба хусус ҳангоми омӯзиши он ба мақсади умумӣ метавонад ба таври васеъ истифода бурда шавад.

Вазифаҳои маърифатӣ – муоширатии таълими забони англисӣ ба фаъолияти фикрию нутқи донишҷӯён дар рафти ташаккул ва инкишофи қобилияти муошрати онҳо ба забони англисӣ мусоидат мекунад. Чун қоида, ин вазифаҳо дар асоси проблемаҳои ғайрифилологӣ таҳия мешаванд.

Ҳангоми таҳияи роҳҳои ташкили ҳолатҳои омӯзишии проблемавӣ ҳаминро бояд ба назар гирифт, ки чунин ҳолатҳои омӯзишӣ метавонанд на танҳо проблемаҳои воқеии зинагӣ, монеаҳо, низоъ, балки ягон чизи номаълум ҳам

дошта бошанд. Ба ҳайси чизи номаълум дар ҳолати проблемавии омӯзишӣ ҳангоми омӯзиши забони англисӣ метавонанд ҳам воситаҳои забонӣ ва ҳам маънои онҳо бошанд.

Ба сифати роҳи эҷод кардани ҳолати проблемавии омӯзишӣ барои омӯзиши гуфтор ба забони англисӣ метавонад вазифаи муошират кардан ба забони англисӣ бошад. Моҳияташ аз он иборат аст, ки ҳолатҳои проблемавии омӯзишӣ дар асоси ба роҳҳои ба мақсади таълимӣ расидан дохил намудани монеа ва тағйир додани миқдори ҷузъҳои номуайян, аз қабили мақсади муошират, иштирокчиёни муошират, ҳолат (ҷой, замон) – и муошират ташкил карда мешаванд. Ин ҷузъҳои нопурра дараҷаи мушкилии ҳолати проблемавии омӯзишӣ ва тағйирпазирии роҳи ҳалли онро муайян мекунанд.

Дар ҷадвали зер вобастагии байни сатҳи мушкилӣ ва истифодаи сатҳҳои проблемавии забоншиносию методии пешниҳоди мавoдди таълимӣ оварда мешавад.

**Ҷадвали 7. Вобастагии байни сатҳи мушкилӣ ва истифодаи сатҳҳои проблемавии забоншиносию методии пешниҳоди маводди таълимӣ**

| Вазъияти проблемавӣ (мушкилот) | Маводди гуфтор | Воситаҳои забонӣ | Ҳолати муошират (иштирокчиён, ҷой, замон) | Нуқтаи назар ва фикри шахсӣ |
|---|---|---|---|---|
| Вазъияти проблемавии баён | номаълум | - | - | - |
| Мақсадҳои маърифатии забоншиносӣ | маълум | номаълум | - | - |
| Ҳадафҳои муошират фаъол | маълум | маълум | номаълум | - |
| Мақсадҳои муошират касбӣ | маълум | маълум | маълум | Ташаккул наёфтааст |

Вазифаҳои проблемагузорӣ барои гуфтор аз қисман маълум набудани воситаҳо, роҳҳо ва шароит то маълум набудани мавзуъ ва зарурати тасмимгирӣ дар ҳолати зиддиятҳо дараҷабандӣ мешаванд [75, с. 6-9].

Ҳангоми эҷоди ҳолатҳои проблемавии омӯзишии ин сатҳи омӯзиши забони англисӣ ба истилоҳ "низои мусбат" ва роҳи ҳалли он ба вуҷуд меояд. Дар натиҷа донишҷӯй ба чунин раванде ворид мешавад, ки дар он аз лаҳзаҳои нахустин худро ба ҳайси субъекти суҳбати омӯзишӣ ҳис мекунад.

Агар вазифаҳои сатҳҳои якум, дуюм ва қисман вазифаҳои сатҳи сеюм аз омӯзиши забон барои муошират иборат бошанд, онгоҳ ҳангоми ҳалли вазифаҳои муоширатии ин сатҳ таваҷҷуҳи асосӣ ба раванди муошират ба забони англисӣ равона карда мешавад.

Барои ҳолати омӯзиши проблемавӣ ба мақсади ёд додани гуфтугӯ ба забони англисӣ мисоле оварда мешавад, ки дар он роҳи баромадан аз вазъияти мавҷуда номаълум аст. Чунончи:

Шумо хӯроки нисфирӯзии бомаззаро тайёр кардед. Дар мизи Шумо шӯрбо, гӯштбирён ва чой бо лимон аст. Шумо ба муддати як дақиқа аз хона баромадед ва дар бо қулфи англисӣ маҳкам баста шуд. Шумо бояд саривақт ба донишгоҳ ҳозир шавед, аммо Шумо наметавонед рафтан, барои он ки наметавонед дарро кушоед.

Дар ҳолати мазкури омӯзишӣ мушкилӣ (проблема) мавҷуд аст, зеро дар роҳи ба мақсад расидан монеа вуҷуд дорад ва баъзе ҷузъҳо маълум нестанд. Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, ҳангоми ҳалли проблемаи сатҳи муошират фаъол ба забони англисӣ таваҷҷуҳи донишҷӯён бештар назар ба шакл ба мазмуни сухан ҷалб карда мешавад ва ҳамин тавр онҳо ба тадриҷ ба ифодаи фикр ба забони англисӣ наздик мешаванд.

Ҳангоми омӯзиши забони англисӣ дар шароити муассисаи таҳсилоти олии омӯзгории ғайрифилологӣ мушкилии бештар ба вуҷуд меояд. Зеро омӯзгорони фанҳои физика, химия, математика ва амсоли инҳо наметавонанд маълумот ва

тарзи коркарди он ба забони англисиро дарёфт кунанд. Бинобар ин, тавъам намудани омӯзиши забони англисӣ ва муошират бо он, аз як тараф ва донишҳои касбӣ, аз тарафи дигар, "имкон медиҳад, ки дар омӯзишии забони англисӣ чунин принсипҳои ҳатмии омӯзиши проблемавӣ, ба мисли дар шакли тайёр мавҷуд набудани донишҳо барои ҳалли проблемаи омӯзишии муайян ва зарурати ба даст овардани онҳо ба кор бурда шаванд".

Дар ин сатҳи омӯзиши проблемавии забони англисӣ нақши воситаҳои иртиботи оммавӣ (интернет, телевизиони моҳвораӣ ва ғайра), ки манбаъҳои муҳимми маълумоти гуногун, аз ҷумла маълумоти илмию таълимӣ мебошанд, хеле калон аст. Дар ин замина андеша дар бораи зарурати ба кор бурдани усули проблемагузорӣ дар таълими забони англисӣ  самарабахш ба шумор меравад.

4. Мақсади вазифаҳои омӯзиши проблемавии сатҳи муошират касбӣ ба забони англисӣ аз ташаккули салоҳияти муошират касбии донишҷӯён ба забони англисӣ иборат мебошад, ки ба ташкили шароити муошират дар мазуъҳои марбут ба ихтисоси интихобкардаи донишҷӯён, аз ҷумлаи муошират бо ҳамкасбони англисзабони худ, аз кишварҳои хориҷӣ мусоидат мекунад. Дар ин марҳила донишҷӯён мустақилона проблемаи омӯзиширо муайян мекунанд, онро барои баррасӣ пешниҳод мекунанд ва якҷоя ҳал мекунанд. Дар навбати аввал онҳо проблемаҳои аз ҷиҳати касб барои худашон аҳаммиятнокро интихоб мекунанд. Дар ин ҷо ҳамаи мақсадҳои таълими муосири забони англисӣ, яъне мақсадҳои омӯзишу корбурди амалии ин забон ва рушду тарбияи донишҷӯён пурра амалӣ мегарданд.

Дар ин сатҳи омӯзиши забони англисӣ донишҷӯён ба фаъолият аз рӯйи лоиҳа оғоз мекунанд. Ба ҳайси ҷузъи мундариҷаи омӯзиш барои амалӣ гардондани вазифаҳои ин сатҳи омӯзиши забони англисӣ маводди асили забонию кишваршиносие, ки донишҷӯён мустақилона дарёфт ва коркард карданд, хизмат мекунад. Он мавод бояд ба ихтисоси донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ робита ва ё мазмуни иҷтимоӣ-фарҳангӣ дошта бошад.

Сарчашмаи чунин маводди омӯзишӣ, пеш аз ҳама, метавонад шабакаи байналмилалиии иттилоотии интернет бошад, ки дорои захираҳои тамомнашавандаи ҳар навъи иттилоот мебошад, аз қабили маҷаллаҳои илмӣ, намунаҳои беҳтарини асарҳои адабиёти бадеӣ ва мусиқии кишварҳое, ки забонашон омӯхта мешавад.

Принсипҳои ба гурӯҳҳо ҷудо кардани вазифаҳои проблемагузорӣ дар машғулиятҳои таълимии забони англисӣ инҳо маҳсуб мешаванд. 1. Ба эътибор гирифтани сатҳи таълими проблемавӣ ҳангоми эҷоди вазифаҳои мушкилсозӣ бо такя ба маводди забони англисӣ, қобилияти гуфтугӯ ба забони англисӣ ва маҳорати касбӣ-педагогии донишҷӯён; 2. Тақсими вазифаҳо байни донишҷӯён мутобиқи хусусияти маърифатӣ, маърифатӣ – муоширатӣ ва муоширатии онҳо; 3. Дараҷабандии вазифаҳо аз рӯйи сатҳи мушкилсозӣ, вобаста ба он ки кадоме аз ҷузъҳои дар боло зикршудаи ҳолати омӯзиши проблемавӣ муайян ва ё номуайян аст; 4. Ба назар гирифтани робитаҳои байнифаннӣ дар омӯзиши фанҳои психологӣ-педагогӣ. Бо дарназардошти ин принсипҳо, сатҳҳои проблемавии вазифаҳоро дар ҷадвали дар зер овардашуда (ҷадвали 8) пешниҳод менамоем.

Аз гуфтаҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки модели ташаккули салоҳияти муоширати касбӣ ба забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ матолибе зайлро фаро мегирад: дар марҳилаи аввал – вазифаҳои проблемавии бахши тавзеҳӣ – ғайрифаъол, дар марҳилаи дуюм бахши вазифаҳои марбут ба муҳтавои маводди омӯзиш ва фаъолияти донишҷӯён; дар марҳилаи сеюм – бахши вазифаҳои проблемавии эҷодӣ-пажуҳишии донишҷӯён.

Дар асоси ин модел мо таснифоти сатҳҳои проблемавии вазифаҳои омӯзиширо пешниҳод мекунем, ки фарогири сатҳҳои зерин аст: 1) сатҳи муоширати тавзеҳӣ; 2) сатҳи омӯзиши вижагиҳои забони англисӣ; 3) сатҳи

муоширати фаъол ба забони англисӣ; 4) сатҳи муоширати касбӣ ба забони англисӣ.

**Ҷадвали 8. Таснифоти сатҳи проблемавии вазифаҳои омӯзиш**

| № | Технология | Унсурҳои номаълум | Омӯзгор | Донишҷӯй | Ҳадаф |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Муаррифӣ (тавзеҳӣ) | Ҳодисаҳои забонӣ | Роҳи ҳалро эҷод мекунад ва нишон медиҳад | Мушоҳида мекунад | Таълим |
| 2 | Муқоисаи маводди забонӣ | Роҳи ба кор бурдани маводди забонӣ | Мушкилиро эҷод мекунад | Дар ҳалли проблема ширкат меварзад | Таълим ва иҷрои амалӣ |
| 3 | Ҳалли вазифаҳои муоширатӣ | Мақсад, иштирокчиёни муошират, ҷой ва замон | Ҳолати проблемавиро пешниҳод мекунад | Проблемаро ҳал мекунад | Таълим, иҷрои амалӣ, тарбия |
| 4 | Баррасии мавзуъҳои проблемавии марбут ба ихтисос | Масъалаҳои марбут ба ихтисос | Назорат мекунад ва хатоҳои забониро ислоҳ мекунад | Проблемаро эҷод ва ҳал мекунад | Таълим, иҷрои амалӣ, тарбия ва рушд |

Ҳар як сатҳи ташаккули салоҳияти муоширати касбии донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ ба забони англисӣ вобаста аз сатҳи проблемагузорӣ дар машғулиятҳои таълимӣ, мақсад ва вазифаҳои худро дорад.

Аҳаммияти методии модели пешниҳодшаванда аз имкониятҳои ташкили раванди таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар асоси ҳамгиро намудани фанҳои тахассусӣ бо таълими забони англисӣ ва ба назар гирифтани принсипҳои проблемагузорӣ дар машғулиятҳои таълимӣ ва ташкили муошират ба забони англисӣ иборат аст, ки имкон медиҳад омӯзиши забони англисиро дар факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ба таври нав ва самарабахш ба роҳ монда шавад.

## ХУЛОСАИ БОБИ 3

Корҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ дар шаклҳои гуногуни таълимӣ бо мақсади такмили маърифати донишҷӯён ташкил ва гузаронида мешаванд. корҳои ғайриаудиторӣ метавонанд аз таҳқиқоти хурд, таҳлили мавод, вазифаҳои мустақилона, ё омодасозии гузоришу презентатсия иборат бошанд. Мақсади асосии корҳои ғайриаудиторӣ ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти мустақилона ва таҳлили илмӣ ба шумор меравад.

1.Дар рафти таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ хусусиятҳои таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ мавриди таҳлил қарор дода шуданд, нақши онҳо дар ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён ошкор ва талаботи зерин нисбат ба усулҳои таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ муайян карда шуданд, ки ташкили фаъолияти самарабахшу мустақилонаи ҷустуҷӯии донишҷӯёнро таъмин менамоянд:

а) талабот нисбат ба баёни маводди таълимӣ: бо усули проблемагузорӣ ва эҳсосоти таъсирбахши баён намудани маълумоти нав тавассути истифода намудани маводди таълимии ҷолиб, ки барои донишҷӯён аҳаммияти амалӣ ва касбӣ дорад; истифода бурдани усулҳои таълиме, ки фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро таҳарик мебахшанд, аз ҷумла нишон додани ҷадвалҳо, пур кардани онҳо дар дафтарҳо, тартиб додани нақшаҳо; тавъам ба кор бурдани усули баёни мавзуъ бо дигар усулҳои омӯзиш, аз ҷумла суҳбат, саволу ҷавоб, мушоҳида, намоиш додани аёниятҳо дар экран ва ғайра;

б) талабот нисбат ба лексия: бо эҳсосоти таъсирбахш баён намудани мавзуъ, дар мундариҷаи маводди таълимӣ мавҷуд будани иттилооти барои донишҷӯён ҷолиб ва дорои аҳаммияти касбӣ ва ҳаётан муҳим; мавҷуд будани ягон проблема дар он; ба кор бурдани усулҳои таълимие, ки ба

ангезиши фаъолияти маърифатиии донишҷӯён мусоидат мекунанд, аз ҷумла намоиш додани ҷадвалҳо, тартиб додани нақшаҳо ва ғайра; ҳамзамон ба кор бурдани дигар усулҳои таълимии самарабахш;

в) талабот нисбат ба суҳбат; ба кор бурдани суолҳои проблемавӣ ва воситаҳои аёнӣ дар суҳбати омӯзишӣ; тавъам истифода бурдани суҳбати омӯзишӣ бо дигар усулҳои таълимии забони англисӣ;

г) талабот нисбат ба мушоҳидаҳо: тавъам ба кор бурдани мушоҳида бо дигар усулҳои таълимии забони англисӣ; пешниҳод кардани маълумоти ҳаматарафаи амиқ оид ба ташкил ва гузаронидани мушоҳидаи омӯзишӣ; пешниҳод кардани проблемаҳое, ки дар рафти мушоҳида бояд ошкор карда шаванд;

д) талабот нисбат ба таҷрибаи омӯзишӣ: пешниҳод кардани проблемае, ки дар рафти таҷриба муайян карда мешавад; таъмин намудани мустақилияти ҳар чи бештари донишҷӯён дар гузаронидани таҷриба; истифода бурдани усули озмоиш бо дигар усулҳои таълимӣ.

2. Таҳлили таҷрибаи дар рафти таҳқиқот гузаронидашуда тавассути назарсанҷӣ, суҳбатҳо бо омӯзгорони забони англисӣ ва иштирок дар машғулиятҳои забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ нишон дод, ки омӯзгорон дар таълими забони англисӣ усулҳои мухталифи таълимро истифода мебаранд, вале дар баробари ин дар таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ як қатор камбудиҳо ҳам ба назар расиданд, аз ҷумла баёни мавзуъ, лексияҳо бештар хусусияти фаҳмондадиҳӣ-намоишдиҳӣ доранд, на дорои хусусияти проблемагузорӣ ва ҳалли мустақилонаи он аз ҷониби донишҷӯён; суҳбатҳои омӯзишие, ки дар машғулиятҳои забони англисӣ ба кор бурда мешаванд, аслан ба такрор намудани донишҳои қаблан омӯхтаи донишҷӯён равона карда мешаванд ва масъалаҳои проблемавиро дар бар намегиранд; усулҳои мушоҳида ва таҷрибаи таълимӣ бошанд, бо

аёниятҳои таълимӣ иваз карда мешаванд, ки ба андозаи кофӣ ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯёнро таъмин карда наметавонанд.

3. Талабот нисбат ба машғулиятҳои забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ муқаррар карда шуданд, ки барои ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён мусоидат мекунанд, аз ҷумла тавъам ба кор бурдани усулҳои гуногуни таълим дар машғулиятҳои забони англисӣ, инчунин, дар шаклҳои гуногун ташкил кардани машғулиятҳои таълимии забони англисӣ, ба мисли корҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ; беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти мустақилонаи омӯзишии донишҷӯён дар машғулиятҳо бо роҳи истифода бурдани маводди омӯзишӣ.

4. Банақшагирии мавзуъҳои таълимӣ аз фанни забони англисӣ дар ихтисосҳои омӯзгории ғайрифилологӣ бо нишон додани номи мавзуъҳои мавриди омӯзиш, истифода бурдани усулҳои муайяни таълимӣ, шаклҳои корҳои ғайриаудиторӣ ва адабиёти иловагӣ барои омӯзиши мустақилонаи донишҷӯён анҷом дода шуд. Машғулиятҳо ва вазифаҳо барои корҳои таълимӣ аз фанни забони англисӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ муайян карда шуд, аз ҷумла муқоиса намудан ва умумӣ гардонидани донишҳо, пур кардани ҷадвалҳо, тартиб додани нақшаҳо, ҳалли вазифаҳо барои таълими проблемавии забони англисӣ, дастурдиҳӣ доир ба мустақилона тамошо кардани видеофилмҳо, гузаронидани мушоҳидаҳо, анҷоми корҳои озмоишӣ ва амалӣ. Корҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ ҳамчун воситаи ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён ба омӯзиши забони англисӣ яке аз унсурҳои калидии таълими муосир мебошанд. Онҳо на танҳо барои аз худ кардани донишҳои назариявӣ аз ҷониби донишҷӯён шароити мусоидро фароҳам меоранд, балки имкон медиҳанд, ки онҳо қобилиятҳои таҳлиливу маърифатии худро рушд диҳанд. Аз ин рӯ, зарур

аст, ки омӯзгорон ва муассисаҳои таълимӣ ба таҳия ва татбиқи самараноки чунин корҳо аҳаммияти бештар диҳанд.

# БОБИ 4. ФАЪОЛИЯТИ САНҶИШИВУ ОЗМОИШӢ ВА НАТИҶАГИРӢ ВОБАСТА БА ШАВҚМАНДИИ МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁН

## 4.1. Сатҳ, меъёр ва нишондодҳои ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ

Проблемаи ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар шароити омӯзиши шахсӣ-самтгиранда саривақтӣ мебошад. Вале дар шароити бисёрзабонии ҷомеаи имрӯза ин омил дар сатҳи зарурӣ таҳқиқнашуда боқӣ мемонад. Барои таҳияи консепсияи ягонаи ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ бояд муайян намуд, ки зери мафҳуми шавқмандии маърифатӣ чӣ дар назар дошта шудааст, аҳаммияти он чӣ гуна аст, чӣ гуна шавқмандии маърифатиро ташаккул бояд дод бо дарназардошти хусусиятҳои шавқмандии маърифатии донишҷӯён ва сину соли онҳо. Ин масъалаҳо дар зербоби мазкур баррасӣ карда мешаванд.

Гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои бозаргонӣ дар соҳаи иқтисодиёт таҷдиди назар кардани сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифро талаб менамояд. Мушоҳидаҳои бисёрсолаи мо нишон медиҳанд, ки хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ доир бо ихтисосашон дониши амиқу васеъ доранд, аммо дар фаъолияти амалии худ бо шароитҳои тағйирпазири фаъолияти касбӣ омодагӣ надоранд ва ба шароити нав зуд мутобиқ намешаванд. Дар онҳо биниши дурнамои ояндаи фаъолияти касбии худ ва нишон додани вокуниш ба тағйири ҳолати мушаххас ба таври нокифоя инкишоф ёфтааст. Дар шароити рақобати шадиди хизматрасонӣ дар соҳаи таҳсилот дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ вазифаи омода намудани мутахассисоне гузошта мешавад, ки сифати донишу маҳорати касбии онҳо ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯй бошанд.

Рақобатпазирии мутахассиси муосир дар бозори меҳнат ба азхудкунии фанҳои гуманитарӣ ва тафаккури пешрафтаю қобилиятҳои эҷодии ӯ вобастагӣ дорад. Стратегияи миллии таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон талабот ба фаъолияти мутахассиси оянда ва мундариҷаи таҳсилоти инсонгароро муайян кардааст. Стратегияи мазкур бештар зоҳир намудани таваҷҷуҳ ба масъалаҳои дорои аҳаммияти умумибашарӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, ба баланд бардоштани масъулияти ахлоқӣ ва иҷтимоии мутахассисони оянда барои фаъолияти касбии онҳоро талаб менамояд. Дар робита ба ин, вазифаи дар донишҷӯён ташаккул додани салоҳиятҳои фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки қисмати таркибии салоҳиятҳои умумифарҳангии онҳо ба шумор меравад, аҳаммияти вижаро касб кардааст. Вазифаи мазкур дар Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам зикр гардидааст.

Авҷ гирифтани робитаҳои иқтисодию фарҳангии байналмилалӣ ва раванди ҷаҳонишавии ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ боиси афзоиши нақши забони англисӣ дар ҳаёти инсонҳо гардидааст. Дар шароити ҳамгироии саросарии фарҳангҳои мамолики гуногун, афзоиши ҳаракати аҳолии олам байни кишварҳо, густариш ёфтани доираи шуғл, рушди сайёҳӣ ва робитаҳои шахсии одамони мансуб ба забонҳою фарҳангҳои мухталиф донистани забони англисӣ як зарурати ҳаётие мегардад, ки он дар назди таълими забони англисӣ проблемаҳои нави ҷавобгӯй ба талаботи муосири ҷомеаро мегузорад.

Мафҳуми шавқмандии маърифатӣ ҳамчун огоҳӣ аз заминаи иҷтимоӣ-фарҳангии истифодаи забон қиёсан дар замони наҷандон дур ба дастгоҳи мафҳумии назарияи таълими забони англисӣ ворид шуд, аммо масъалаҳои таълими фарҳангҳою забонҳои дигар кайҳо боз мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар таҳқиқи ҳамгироии қисматҳои забону фарҳанг дар ҷараёни таълими забони англисӣ С. Н. Алиев, Х. Сайфуллоев, В. С.

Библер, Е. В. Бондаревская, Л. Г. Веденина, Е. М. Верешагин, Г. Г. Қаршиева, В. Г. Костомаров, С. Э. Неъматов, Г. Д. Томахин, В. В. Сафонова, Х. Раҳимзода, Ғ. Р. Раҳмонов, З. Х. Сайфуллоева ва дигарон ҳиссаи назаррас гузоштаанд. Вале масъалаҳои муайян намудани маҷмуи омилҳои ташаккули босамари шавқмандии маърифатии омӯзгорони замони муосири фанҳои ғайрифилологӣ ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама, ба омӯзиши забони англисӣ, таъсири раванди мазкур ба шахсияти донишҷӯйи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ айни замон мавриди таваҷҷуҳи олимон қарор нагирифтаанд.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ба зарурати рушди салоҳияти забоншиносӣ-кишваршиносӣ, кишваршиносӣ ё иҷтимоӣ-фарҳангӣ аксар мавридҳо фақат ҳамчун талаботи декларативӣ дар сатҳи таҳсилоти олӣ боқӣ мемонанд ва онҳо дар барномаҳои таълимии фанни забони англисӣ инъикос наёфтаанд. Истифодаи зиёди ташаккули шавқмандии маърифатӣ дар тарбияи мутахассиси оянда - хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, рушди майлони инсондӯстии ӯ дар раванди омодасозии умумии мутахассисе, ки ба талаботи ҷомеаи муосири демократӣ ҷавобгӯй бошад, аз ҷумлаи масъалаҳои ҳалталаб дар илми педагогика боқӣ мемонанд.

Таҳқиқоти олимон дар соҳаи дидактика ва робитаҳои байнифарҳангӣ нишон медиҳанд, ки миёни қисматҳои сегона: забон, фарҳанг ва иртиботи байни одамон пайванди ногусастанӣ вуҷуд дорад. “Забон воситае мебошад, ки барои ҷамъ намудан, маҳфуз доштан ва аз насл ба насл интиқол додани донишу таҷрибаи андӯхташуда имкон медиҳад. Яке аз вазифаҳои забон аз он иборат аст, ки фарҳанги миллатро гирд орад ва ҳифз намояд» [44, с. 169].

Фарҳанг низ вазифаи ҳифзу интиқоли арзишҳои умумибашарию миллӣ ва донишу таҷрибаи дар тули асрҳо ҷамъшуда аз як насл ба насли дигарро анҷом медиҳад.

Забон ва фарҳанг бо ҳам пайвастагии ногусастанӣ доранд ва бидуни донистани забону фарҳанги ҳамдигар ҳамдигарфаҳмӣ ва робитаҳои байнифарҳангии одамон имконнопазир аст.

Солҳои охир дар таълими забоншиносии ватанӣ ва англисӣ баъзе кӯшишҳои асоснок намудани шавқмандии маърифатии донишҷӯён ба омӯзиши забони англисӣ мушоҳида мешавад (Х. Г. Сайфуллоев, В. В. Сафонова, С. Г. Тер-Минасов ва дигарон).

Чунин таҳқиқот дар якчанд самт анҷом дода шудаанд:

- муайян намудани мундариҷаи шавқмандии маърифатии омӯзандагони забони англисӣ (В. В. Сафонова, П. В. Сисоев, И. И. Лейф ва дигарон) ;

- муайян кардани вобастагии шавқмандии маърифатии донишҷӯён аз дигар намудҳои салоҳият (И. Л. Бим, В. В. Сафонова ва дигарон);

- омӯзиши нақши шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар низоми таълими забони англисӣ (Н. А. Игнатенко, Н. Б. Ишханян, И. А. Левитская, С. Э. Неъматов, Ю. Н. Трил, И. И. Халеева ва дигарон).

Дар асоси таҳқиқоти олимони мазкур мо моҳияти мафҳуми «шавқмандии маърифатӣ»-ро дар мисоли донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян кардем.

Зери мафҳуми шавқмандии маърифатии донишҷӯён мо ангезаҳои онҳоро барои аз худ кардани маҷмуи донишҳои муайян оид ба забону фарҳанги мамлакати забони хориҷии мавриди омӯзиш, инчунин, маҳоратҳою қобилиятҳо ва сифатҳои шахсиеро мефаҳмем, ки барои муошırати одӣ ва касбӣ ба забони хориҷӣ вобаста аз соҳа ва ҳолати муошират имконро фароҳам меоваранд.

Нуқтаи назарҳои гуногунро роҷеъ ба мундариҷаи шавқмандии маърифатӣ таҳлил намуда, мо қисматҳои зерини шавқмандии маърифатиро

чудо мекунем: донишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, маҳоратҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, қобилиятҳо ва сифатҳои шахсияти муҳассилин.

Дар таҳқиқоте, ки мо мафҳуми «салоҳиятнокӣ»-ро ҳамчун талаботи пешакӣ муайянкардашуда ба омодасозии таҳсилотие, ки барои фаъолияти сермаҳсул дар ягон соҳа зарур аст, муайян менамоем.

Салоҳиятнокӣ қобилияти истифодабарии донишҳо, маҳоратҳо ва сифатҳои шахсӣ барои фаъолияти муваффақона дар соҳаи муайян мебошад [196, с. 43].

Шавқмандии маърифатӣ ҳамчун қобилияти муқоиса кардани умумиятҳои лингвистӣ-фарҳангии пайваста омӯхташаванда, тафсир намудани фарқиятҳои байнифарҳангӣ ва мутобиқан амал кардан дар ҳолатҳои халалдоршавии ҳамдигарфаҳмии байнифарҳангӣ дар асарҳои В. В. Сафонова, П. В. Сисоев ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба ақидаи И. И. Лейф, шавқмандии маърифатӣ «қобилият ва омодагии фард ҷиҳати амалӣ гардондани робитаи байнифарҳангӣ» мебошад [102, с. 44].

А. В. Хуторский дар кори пажуҳишии худ дар мавриди шавқмандии маърифатӣ қайд мекунад, ки он, яъне шавқмандии маърифатӣ, яке аз унсурҳои муҳимми фарҳанги умумибашарӣ аст [308]. Мо ин ақидаи олими мазкурро ҷонибдорӣ карда, ба он илова мекунем, ки шавқмандии маърифатӣ як шакли фаъолияти шахс барои касб кардани салоҳиятҳои зарурӣ дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, муносибатҳои тарафайни ахлоқӣ ва шаҳрвандӣ, дар соҳаи маданӣ-маишӣ, истеҳсолӣ ва фарҳангӣ мебошад.

Шавқмандии маърифатӣ маҷмуи хислатҳои дар натиҷаи тарбия касбкардаи шахсияти дорои тамоюли байналмилалие мебошад, ки зарурати ҳамбастагӣ ва иттиҳоди аҳли олам ва ҳамкории байнифарҳангӣ дар ҳалли мушкилоти умумиҷаҳонии инсониятро дарк менамояд.

Агар мундаричаи маърифат фарҳанг бошад, пас воситаи ташаккули шавқмандии маърифатӣ ин фарҳангшиносӣ ба шумор меравад. Мафҳуми фарҳангшиносӣ кишваршиносиро ҳам дар бар мегирад, аммо аз он ба маротиб васеътар ва амиқтар аст.

Муҳаққиқ В. В. Сафонова, ки методикаи таълими фарҳангшиносиро таҳия кардааст, тафовути байни кишваршиносӣ ва фарҳангшиносиро чунин муайян кардааст: «Айни ҳол кишваршиносӣ чист? Ин низоми донишҳо оид ба таърих, ҷуғрофиё, иқтисод, фарҳанг ва проблемаҳои иҷтимоӣ аст, ки бар донишҳои энсиклопедӣ асос меёбад. Фарҳангшиносӣ бар чӣ асос меёбад? Ин курси ҳамгирои беш аз 20 фан мебошад, ки дар асоси мавзуъҳою проблемаҳои муштарак шакл гирифтааст. Ин фанҳо фалсафа, таърих, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, иқтисодиёт, ҷуғрофиё, забоншиносии равонӣ, сиёсати биологӣ, забоншиносӣ-кишваршиносӣ, назарияи иртибот, забоншиносии иҷтимоӣ, равоншиносии муошират ва ғайра мебошанд. Дар фарҳангшиносӣ ҳалли масъалаҳо ва қолабҳои тайёр нестанд, он пурра проблемавист, ба зеҳни инсон такя менамояд ва таҳлили муқоисавиро омӯзонда, таълимро ба сатҳи нав мебардорад» [158, с. 28].

Қобили зикр аст, ки масъалаи робитаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар таълим ва нақши муколама дар фаъолиятҳои иҷтимоӣ-фарҳангиро М. М. Бахтин, В. С. Библер, И. А. Зимняя, В. В. Сафонова ва дигарон мавриди баррасӣ қарор додаанд. Консепсияҳои таълими забони хориҷиро олимони соҳаи дидактикаи забоншиносӣ И. Л. Бим, Е. М. Верешагин, И. А. Зимняя, О. Ю. Искандарова, В. Т. Костомаров, А. А. Леонтев ва дигарон коркард намудаанд.

Раванди ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии ҷаҳонию минтақавӣ ба ташаккули фазои усулан наву миқёсан калони иҷтимоӣ-фарҳангӣ оварда расонд. Дар шароити муосир омодасозии насли ҷавоне, ки ба дарки фарҳангҳои дигар, муошırати касбӣ ва шахсӣ бо намояндагони мамолики дорои анъанаҳо,

сохти иҷтимоӣ ва фарҳангу забонҳои мустақил майл дорад, зарур додониста мешавад.

Бомуваффақият амалӣ намудани чунин вазифаҳо танҳо дар натиҷаи омӯзиши пайвастаи забон ва фарҳангҳо имконпазир аст ва ин раванд яке аз равишҳои асосии таълими забонҳо дар даврai муосир ба шумор меравад, ки дар педагогикаи таълими забон муносибати иҷтимоӣ-фарҳангӣ номида мешавад [8].

Тасаввурот оид ба дониш дар умум ва шаклҳои таълими забон дар даврai ҳозира ба тағйироти назаррас мувоҷеҳ гаштаанд ва дар натиҷа миёни дарки зарурати омодасозии мутахассиси забондону фарҳангшинос дар заминаи таҳсилоти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва омодасозии чунин мутахассис дар заминаи мавҷудаи анъанавии таълими забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ, ихтилофот ба вуҷуд омаданд.

Бо дарки амиқи чунин вазъияти таълими забонҳои хориҷӣ бисёр методистон ба ин ақидаанд, ки ҳангоми тартиб додани барномаҳои таълимӣ барои донишҷӯён оид ба ҷанбаҳои гуногуни таълими забони англисӣ ҷиҳатҳои зерин ба назар гирифта шаванд. Барномаҳои таълимии мо бояд:

- ҷанбаи омӯзиши фарҳанги англисзабонҳоро ҳам дар бар гиранд;

- ба ташаккули тафаккури интиқодии донишҷӯён мусоидат намояд ва дар онҳо малакаҳои таҳлил ва маҳорати муқоиса кардани забону фарҳанги миллии худ бо забону фарҳанги англисҳо инкишоф диҳанд;

- барои дарки фарҳанги мамлакати дигар аз ҷониби донишҷӯён ва дар онҳо тарбия кардани ҳисси таҳаммулпазирӣ ба тарзи зиндагии халқҳои дигар, эътиқодоти динӣ, анъанаҳои дигари онҳо имкониятро фароҳам оранд:

- ба бартараф намудани тасаввуроти нодуруст доир ба фарҳанги дигар мусоидат намоянд;

- ба ангезиши шавқи донишҷӯён ба омӯзиши забону фарҳанги хориҷӣ ёрӣ расонанд;

- шавқу завқи донишҷӯёнро ба омӯзиши амиқи дигар фарҳангҳо ва фаҳмиши беҳтари фарҳанги худӣ таҳрик бахшанд.

Методистони варзида барои ба мундариҷаи таълими фарҳанги дигар халқҳо ворид намудани қисматҳои зеринро зарур мешуморанд:

- шинохтани симоҳо ва рамзҳои фарҳангӣ;
- кор бо маҳсулоти фарҳангӣ (армуғонҳо, раҳнамоҳо, харитаҳо, маркаҳо, аксҳо, комиксҳо ва ғайра);
- омӯзиши моделҳои ҳаёти ҳаррӯза (зери мафҳуми моделҳо тарзи ҳаёт ва мушкилот фаҳмида мешаванд);
- омӯзиши фарҳанги рафтор ва ё муносибат бо намояндагони забону фарҳангҳои дигар;
- омӯзиши одоби муошират ба забони хориҷӣ;
- омӯзиши арзишҳои миллие, ки меъёрҳои рафторро ба вуҷуд меоранд;
- омӯзиши таҷрибаи фарҳангӣ ва таърихии мамлакате, ки забонашро донишҷӯён меомӯзанд.

Бахшҳои мазкури барномаи таълимӣ нишон медиҳанд, ки дар машғулиятҳои забони хориҷӣ маҳз чиро омӯхтан лозим аст, вале ин ҷо принсипҳо, манбаъҳо ва қисматҳои таълим дуруст ба назар гирифта нашудаанд. Ба назари мо, таснифоти бахшҳои барномаи таълимии Г. Д. Томахин, ки асоси онро ду муносибат - ҷомеашиносӣ ва филологӣ ташкил медиҳанд, нисбатан асоснок ва қобили қабул мебошад ва мақсади зерин дорад.

Мақсади қисмати якум додани маълумоти муайян доир ба кишвари забони мавриди омӯзиш, яъне сохтори давлатӣ, иқтисодиёт, сиёсат,

фарҳанг, арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ, анъанаҳо, маросимҳо ва ғайраи он кишвар.

Мақсади қисмати дуюм гирифтани маълумоти фарҳангшиносӣ аз маводди забони мавриди омӯзиш ва омӯзондани муҳтавои фарҳангӣ ва истифодаи воҳидҳои он забон мебошад [170, с. 171].

Аз нигоҳи мо, ҳамчунин кор бо матнҳо аз китобҳо, маҷаллаҳо ва рӯзномаҳои англисӣ аҳаммияти вижа дорад. Омӯзиш ва муқоисаи мавзуъҳое, ки ҳамзамон дар матбуоти мо ва матбуоти англисӣ ба назар мерасанд ва масъалаҳое, ки дар онҳо баррасӣ мешаванд, метавонанд ҳамчун сарчашмаи омӯзиши арзишҳои миллӣ, ахлоқӣ ва шеваи зиндагии мардумони англисзабон хизмат намоянд, инчунин, барои аз байн бурдани тасаввурот ва ақидаҳои нодуруст нисбат ба ҷаҳон ҳамчун ба фазои ягонаи фарҳангӣ мусоидат менамоянд.

Дар натиҷаи чунин муносибат ба омӯзиши забони англисӣ ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён на ба таври одӣ, яъне бо роҳи мустақилона касб кардани додани донишҳою ташаккули маҳоратҳо ва малакаҳо, балки бо роҳи донишҳою маҳоратҳо ва салоҳиятнокии онҳо сурат мегирад.

Кори донишҷӯён аз рӯйи матнҳои гуногунжанр ба рушди се навъи маҳоратҳо мусоидат мекунад:

- маҳорати ресептивӣ, ки фаҳмиши матнҳоро таъмин месозад;

- маҳорати репродуктивӣ, ки маҳорати бо такя ба нақша, вожаҳои калидӣ ва ғайра тағйир додани матнро таъмин мекунад;

- маҳорати маҳсулиятнок, ки истифодаи самарабахши мавзуъҳои матнҳоро таъмин мекунад.

Барои шиносоии бештар ба фарҳанги кишварҳои англисзабон пешниҳод карда мешавад, ки донишҷӯён-мутахассисониояндаи соҳаи гуногун, аз ҷумла барномасозон, алоқачиён ва мутахассисониояндаи

соҳаҳои дигар бояд маълумоти бештар оид ба воқеиятҳои таърихӣ ва фарҳангии мамлакатҳои англисизабон, осорхонаҳо, анъанаҳо ва маросимҳои нодири онҳоро аз худ кунанд. Айни замон баъзе китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимие вуҷуд доранд, ки омӯзгорони забони англисӣ метавонанд ҳангоми кор бо донишҷӯён доир ба кишваршиносӣ ва фарҳангшиносӣ истифода баранд.

Ба хотири санҷиши ташаккули малакаҳои донишҷӯён пешниҳод карда  мешавад, ки чорабиниҳои санҷишӣ, ба мисли баҳсҳо, викторинаҳо, супоришҳои проблемавӣ, навиштани реферат, иншо, тамошои филмҳои таълимӣ ба забони англисӣ ташкил ва гузаронида шаванд. Чунонки амалияи таълими забони англисӣ нишон медиҳад, машғулиятҳои фарҳангшиносии донишҷӯён бояд аз давраҳои ибтидоии таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда шаванд, зеро дар сатҳи лозима маҷуд набудани донишҳои лингвистӣ-кишваршиносӣ метавонад ба шавқмандии донишҷӯён ба омӯзиши забону фарҳанг ва дигар вижагиҳои кишварҳои англисзабон таъсири манфӣ расонад.

Бо такя ба маълумоти забоншиносии амалӣ ва бо дарназардошти мақоми забони англисӣ ҳамчун воситаи муошират ва ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, методикаи муосири таълими забон зарурати тақвият додани ҷанбаҳои амалии омӯзиши забонро махсусан таъкид менамояд. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳангоми таълими забон на танҳо ба сифати натиҷаҳои омӯзиши забон ва қобилияти муошират кардан бо забони дигар таваҷҷуҳ зоҳир гардад, балки ҳамчунин ҷустуҷӯи роҳи ворид шудан ба фарҳанги дигар ва робита бо намояндагони он ҳам муҳим дониста мешавад.

Дар ин ҷо сухан на танҳо оид ба донистани забони дигар, балки оид ба маҳорати истифодабарии он забон дар муошírати воқеӣ ва ниҳоятан, оид ба рушди «салоҳияти корбурди забон дар робитаҳои байнифарҳангӣ» меравад [152 ].

Дар Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зикр мегардад, ки ташаккули салоҳияти муошират ба таври ногусастанӣ бо донишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва мамлакатшиносӣ, ба ибораи дигар, гӯё бо «иҷтимоигардонии дубора» вобастагӣ дорад. Бе донистани заминаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ салоҳияти муоширатро ҳатто ба андозаи маҳдуд ташаккул додан номумкин аст.

Тавре ки Е. И. Пассов зикр менамояд, танҳо фарҳанг дар зуҳуроти мухталифи он ба ташаккулёбии шахсияти одам таъсир мерасонад. Е. И. Пассов мафҳуми нави «фарҳанги ғайрифилологӣ»-ро ҳамчун қисмати ҷудоинопазири мундариҷаи таълим тавсиф мекунад. Зери мафҳуми фарҳанги ғайрифилологӣ мо ҳама чизеро мефаҳмем, ки раванди азхудкунии забони англисӣ дар ҷанбаи таълимӣ, маърифатӣ, инкишофдиҳӣ ва тарбиятдиҳӣ ба муҳассилин дода метавонад.

Зимнан таълими фарҳанги ғайрифилологӣ на фақат ҳамчун воситаи муошırати байнишахсӣ, балки боз ҳамчун воситаи ғанишавии олами маънавии шахсият дар асоси ба даст овардани донишҳо оид ба фарҳанги мамлакати забони мавриди омӯзиш (таърих, адабиёт, мусиқӣ ва ҳоказо), донишҳо оид ба сохти забон, низоми он, хусусиятҳои хоси он ва ғайра низ фаҳмида мешавад [170, с. 9].

Асоси таҳқиқоти методии бахшида ба таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро равиши забоншиносию кишваршиносӣ ташкил медиҳад. Бо ин мақсад омӯзиши лексикаи забони англисӣ бо қисмати кишваршиносӣ (лексикаи заминавӣ ва бемуродиф тибқи истилоҳоти Е. М. Верешагин ва В. С. Костомаров) ва маълумоти кишваршиносие, ки ба тарафҳои гуногуни ҳаёти кишварҳои англисзабон, таърих, адабиёт, илм, санъат (И. Л. Бимбад), инчунин, анъанаҳо, хислатҳо ва ойинҳои он кишварҳо дахл дорад, чудо карда мешавад.

Ҷанбаи забоншиносӣ-кишваршиносӣ барои дарки маълумоти кишваршиносие, ки дар воҳидҳои забон инъикос шудааст, ба ғанишавии захираи луғавии мавзуӣ-мундариҷавӣ мусоидат менамояд. Интихоби нисбатан асоснок ва истифодаи нисбатан барвақтари он дар таълими ибтидоии забони англисӣ яке аз имкониятҳои бедор намудани шавқи донишҷӯён ба омӯзиши забони англисӣ ба шумор меравад [170, с. 10].

Азбаски объекти асосии омӯзиш на мамлакат, балки дониши заминавии соҳибони забон, корбурди воситаҳои ғайризабонӣ дар муоширати онҳо ва фарҳанги онҳо мебошад, пас ба барномаҳои таълимӣ ворид намудани қисмати иҷтимоӣ-фарҳангии таълими забони англисӣ дуруст мебуд, то ки дар асоси он муҳассилин донишҳоро оид ба воқеиятҳо ва анъанаҳои мамлакат касб кунанд ва дар муколамаи фарҳангҳо ширкат варзанд, инчунин, бо комёбиҳои фарҳанги миллӣ ва саҳми он дар ташаккулу таҳаввули фарҳанги умумибашарӣ шинос шаванд.

Салоҳиятмандии иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ба фикри мо, ҳамчун маҷмуи донишҳои гуманитарӣ, маҳоратҳои аз лиҳози иҷтимоӣ аҳаммиятнок, сифатҳои шахсӣ ва таҷрибаи амалӣ муайян карда мешавад, ки он муносибати арзишии мутахассиси ояндаро ба фаъолияти тамоюли иҷтимоӣ муқаррар месозад.

Ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯйи донишгоҳи олии касбӣ ҳамчун як раванди фаъолияте фаҳмида мешавад, ки бахшҳои гуманитарӣ ва фарҳангшиносӣ аз ҷумлаи муҳимтарин бахшҳои таркибии он ба шумор меравaнд ва дар рушди шахсият ва ташаккули салоҳияти касбии омӯзгори забони англисӣ, забоншиноси оянда ва мутахассисони дигар нақши муҳим дорад. Бартарияти раванди мазкур дар он зоҳир мегардад, ки хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дорои салоҳияти аз лиҳози иҷтимоӣ аҳаммиятнок мегардад, ки барои ошкор намудан ва дарки арзишҳои нави фаъолияти касбӣ дар ҷаҳони муосир

мадад мерасонад. Чунин мутахассис барои ба зиммаи худ гирифтани масъулият ҷиҳати бехатарии технологии фаъолияти касбӣ ва оқибатҳои таъсири фаъолияти худ ба табиат ва ҷомеа омода мебошад.

Бинобар ин, таълими забони англисиро дар вобастагии зич бо таълими фарҳанги мамлакатҳои англисзабон ба роҳ мондан зарур аст. Ба ибораи дигар, дар ин ҷо сухан роҷеъ ба зарурати ташаккул додани салоҳияти муошрати байнифарҳангӣ дар донишҷӯён ҳамчун мақсади асосии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ меравад.

Мусаллам аст, ки фарҳанги худӣ ба туфайли тарзҳои гуногун ва мушобеҳи идроки фарҳанги бегона, инчунин, зимни ҳамкорӣ байни онҳо ба маротиб беҳтар аз худ карда мешавад.

Таълими забони англисӣ имкон медиҳад, ки на фақат аз паҳлу ба хусусиятҳои фарҳангии барои мо одатӣ, вобастагиҳои тарафайн назар андозем ва баҳогузорӣ кунем, балки инчунин ба фарҳанги дигар бо нигоҳи танқидӣ бархӯрд намоем ва ҳамзамон ба он бо ҳусни таваҷҷуҳ, таҳаммулпазирӣ ва фаҳмиш муносибат намоем [158].

Дар робита ба ин мақсадҳо ва вазифаҳои таълим, ки дар байнашон таълими муошират бо забони англисӣ дар заминаи муколамаи фарҳангҳо нақши пешбарандаро бозида истодааст, таҷдиди назар карда мешаванд.

Ин ҳам дар интихоби маводди забонӣ, ки қисмати мундариҷавии низоми методиро таъмин мекунад ва ҳам дар коркарди воситаҳои таълим, ки ба равишҳои муосири таҳсилоти ғайрзабонӣ мувофиқат менамояд, зоҳир мегардад.

Ба қисматҳои асосии мундариҷаи таълим ҷиҳати ташаккули шавқмандии маърифатӣ инҳо дохил мешаванд: низоми донишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки донишҳои хусусиятҳои фарҳангии соҳибони забон, анъанаҳо ва расму одатҳои онҳоро дар бар мегирад; донистани меъёрҳои

рафтор ва одоби муошират, донистани низомҳои иҷтимоӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии кишвари забони мавриди омӯзиш; донистани давраҳои асосии рушди таърихи он ва ҳоказо; маҳоратҳои касбӣ-муоширатие, ки аз фаъолият оид ба ноилшавӣ ба донишҳо иборат буда, ба инкишофи шахсияти бисёрфарҳангии донишҷӯён мусоидат мекунанд.

Ба сифати методикаи ташаккули шавқмандии маърифатӣ дар мутахассисони оянда таваҷҷуҳ ба интихоби дақиқи маводди таълимӣ, андӯхташавии тамаркуздодашудаи муттасили донишҳо, ташаккули давра ба давраи малакаҳо ва маҳоратҳо, такяи доимӣ ба таҷрибаи забонӣ, нутқӣ ва шахсиятии иҷтимоӣ-фарҳангии муҳассилин нигаронида шудааст.

Таҳқиқоти А. В. Хуторской итминон мебахшад, ки шавқмандии маърифатӣ яке аз унсурҳои салоҳияти умумифарҳангӣ мебошад [181, с. 59]. Мо ин нуқтаи назарро пазируфта, фикр мекунем, ки шавқмандии маърифатӣ шакли фаъолиятмандии пешниҳоди салоҳиятҳо дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, муносибатҳои тарафайни ахлоқӣ ва шаҳрвандӣ, дар соҳаи хидматрасонии истеҳсолӣ ва фарҳангӣ мебошад.

Таҳлили корҳои пажуҳишии назариявие, ки ба масъалаи инсонпарварӣ ва инсонмеварӣ намудани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудаанд, имкон дод, ки заминаҳои зарурии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯёни донишгоҳҳои олии касбӣ муайян карда шаванд. Дар рафти таҳқиқоти худ мо ба онҳо такя намудем. Он заминаҳои зарурӣ барои ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён аз инҳо иборатанд:

- мавҷудияти низоми таҳсилоти касбӣ ва шароити лозима барои рушди маънавӣ-ахлоқӣ ва фарҳангии донишҷӯён;

- мавҷудияти имкониятҳои гуманистии таҳсилоти касбӣ, муносибат ба донишҷӯй ҳамчун ба субъекти маърифат, муошират ва фаъолияти эҷодӣ;

- фароҳам овардани шароити бунёдӣ барои омодасозии мутахассисон-технологҳо, барномасозон, алоқачиён ва ғайра барои касб кардани донишҳои гуманитарӣ, ки барои фаъолияти оянда ва талаботи иҷтимою маърифатии онҳо зарур мебошанд;

- бозсозии низоми таълим ба донишҷӯён ва самтгирӣ ба азхудкунии методологияи маърифат ва эҷодкорӣ, фаъолияти амалӣ, рафтори аз лиҳози иҷтимоӣ масъулиятнок ва худинкишофдиҳии шахсияти худ аз ҷониби донишҷӯён ҳамчун шартҳои ҳалкунандаи ба даст овардани муваффақият дар таълиму тарбияи донишҷӯён.

Қисмати иҷтимоӣ-фарҳангии мундариҷаи таълими забони англисӣ аз лиҳози воридшавии муҳассилин ба муколамаи фарҳангҳо, шиносоӣ бо дастовардҳои фарҳанги миллӣ дар инкишофи фарҳанги умумибашарӣ тавоноии бузург дорад.

Мусаллам аст, ки набудани робитаи мустақим бо соҳибони забони англисӣ ва мавҷуд набудани шароити табиии омӯзиши он аҳаммияти таълими умумиии забони англисиро меафзояд. Бинобар ин, ба қисмати иҷтимоӣ-фарҳангии методикаи таълими забони англисӣ ҳар чи бештар бояд таваҷҷуҳ зоҳир гардад ва бо такя ба он таълими забони мазкурро ба роҳ мондан самарабахш хоҳад буд.

Маводди нисбатан васеи забоншиносӣ-кишваршиносӣ доир ба омӯзиши забони англисиро Р. К. Миняр-Белоручев пешниҳод кардааст, ки маълумоти фаровони ҳам лексикӣ, ҳам фарҳанги миллӣ ва ҳам воқеиятҳои миллиро фаро гирифтааст.

Е. М. Верешагин ва В. Г. Костомаров тасдиқ мекунанд, ки ҳамаи қабатҳои низоми забон ифодакунандаи фарҳанг мебошанд, яъне ҷанбаи кишваршиносӣ доранд [35, с. 63-65].

Барои омӯзиши кишвару фарҳанги дигар муроҷиат ба лексикаи дорои мазмуни фарҳангӣ, вожаҳои бемуодил ва калимаҳои решагию умумиистеъмол аҳаммияти бештар дорад.

Дар омӯзиши забони англисӣ ҳамзамон бо азхудкунии ҳар лексема мафҳуме, ки он ифода мекунад, донишҷӯён он мафҳумро аз худ мекунанд. Агар лексемаро донишҷӯй пурра аз худ ва дуруст талаффуз карда тавонад ҳам, ин ҳануз аз он шаҳодат намедиҳад, ки мафҳуми он лексема дар зеҳни донишҷӯй шакл гирифтааст ва ё ба ибораи дигар, донишҷӯй онро дарк кардааст.

Дар раванди таълими ҳар гуна забон, аз ҷумла забони англисӣ ҳам, бояд ба назар гирифт, ки вожа ҳамзамон аломати ягон воқеият ва воҳиди низоми забон мебошад.

Лексикаи бемуодил, яъне лексемае, ки дар забони дигар вожаи аз ҷиҳати ифодаи маъно баробар надорад ба шарҳу эзоҳ ниёз дорад ва таваҷҷуҳи хоссаи омӯзгорро талаб мекунад, яъне омӯзгор бояд мафҳуми ифодакардаи онро ба донишҷӯён пурра шаҳр диҳад.

Вожаҳои бемуодил дар асл аз як забон ба забони дигар тарҷума намешаванд, зеро дар забони дигар муодил надоранд ва маънои онҳо бо роҳи тафсир барои забономӯзон ошкор мегардад. Ба сифати мисол метавон номи идҳо ва рамзҳои хоси як халқ ва фарҳанги он ном бурд. Чунончи, дар забони англисӣ номи нақлиёт: double - decker; дар америкоӣ: drugstore-дорухона, хӯришхона; strongbath - молиши бадан бо исфанҷи тар.

Донишҳои марбут ба фарҳанги миллиро муҳаққиқ Г. Д. Томахин донишҳои заминавӣ меномад ва онҳоро ба дониш оид ба ашё ва ҳодисоти фарҳанги миллӣ - воқеиятҳо ва донишҳо оид ба меъёрҳои умумии рафтор дар ҷомеа, аз ҷумла одоби муошират, ҷудо мекунад [171, с. 13].

Лексикаи заминавӣ вожаҳоеро фаро мегирад, ки бо овозҳои худ аз сабаби номувофиқатии аломатҳои дуюмдараҷа («ҳиссаҳои семантикӣ»-и Томахин) фарқ мекунанд.

Маъниҳои заминавиро бе пайванди муайян ба воҳидҳои лексикӣ тавсиф намудан номумкин аст. Ин вожаҳо, бешубҳа, дар шуури соҳибони забон ва фарҳанг вуҷуд дошта, бо ягон чизи махсусан ҷолиб айният дода мешаванд ва аксаран тавассути мафҳуми дигар тавсиф карда мешаванд. Масалан: Sir Walter Raleigh (Уолтер Рэли) - баҳрнаварде, ки тамокуро ба Аврупо аз Амрико овардааст;

Bristol(Бристол) - шаҳр ва бандар, пули бузург аз болои халиҷ.

То андозае ба лексикаи заминавӣ инчунин, воқеиятҳо, номи танҳо ба миллату халқҳои муайян хосбудаи фарҳанги моддӣ, ҳодисаҳои таърихӣ, ниҳодҳои давлатӣ, номҳои қаҳрамонони миллӣ ва фолклорӣ, мавҷудоти асотирӣ ва ҳоказо мувофиқат мекунанд [10, с. 16].

Дар воқеиятҳо наздикӣ ё робитаи байни забон ва фарҳанги миллӣ аёнтар ба мушоҳида мерасад: зимни пайдоиши воқеиятҳо дар ҳаёти маънавӣ ва моддии халқ, яъне дар фарҳанги он халқ, дар забон ҳам барои ифодаи он воқеиятҳо воситаҳои забонии ифода, пеш аз ҳама, калимаҳо ба вуҷуд меоянд.

Хусусияти мундариҷаи вожаҳои ифодакунандаи воқеиятҳо дар қиёс бо дигар вожаҳои забон аломати фарққунанда мебошад, зеро ба онҳо тобишҳои маъноии хоси фарҳанги миллӣ баъзан хоси ягон маҳал ва ё марбут ба фарҳангу таърихи ягон халқ хос мебошад.

Чунин воқеиятро дар ҳаёти ҷомеа зуд-зуд ба вуҷуд меоянд ва барои ифодаи онҳо дар забон калимаҳо ва воситаҳои дигари забонӣ пайдо мешаванд. Аз ин рӯ, дар байни онҳо воқеиятҳо-неологизмҳо, историзмҳо ва архаизмҳоро ҷудо кардан мумкин аст.

Ба сифати мисоли воқеиятҳо дар асоси забони англисӣ вожаҳои зеринро овардан мумкин аст, ки паҳлуҳои мухталифи зиндагии иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маишии англисзабонҳоро ифода мекунанд, аз ҷумла топонимҳо ва антропонимҳои забони англисӣ. Масалан: воқеиятҳои этнографӣ, воқеиятҳои маишӣ: Kilt - юбкаи пар-пар, номҳои ғизо ва нӯшокиҳо: Coca-Cola -нӯшокии ширини истеҳсоли амрикоӣ, Fast food - ғизое мисли гамбургерҳо, чипси, питса, ки дар тарабхонаҳои хурд пухта ва фурӯхта мешаванд.

Иштирок дар ҷараёни муошират ба забони хориҷӣ як навъ амали афзалиятноке мебошад, ки барои анҷоми ин амал маҳз салоҳияти забондонӣ ва муошират кардан ба забони хориҷиро талаб мекунад.

Надонистани меъёрҳо ва анъанаҳои муошират соҳибони фарҳанги дигар ҳолатеро ба миён меорад, ки «бо сабаби номувофиқатии фарҳангҳо, ки шоки фарҳангӣ номида мешавад, ба вуқуъ мепайвандад» [171, с. 16].

Марбут бо ҳолати таълими забони англисӣ М. М. Рибакова менависад: «Вақте донишҷӯён бо моделҳои рафтории ботафовут ва маҷмуи нави арзишҳо дучор мегарданд, дар онҳо метавонад шок ба вуҷуд ояд, ки дар натиҷа онҳо соҳибони забони мавриди омӯзишро содалавҳ, бадтарбия ва ғайра хоҳанд ҳисобид» [146, с. 46].

Одоби муошират англисӣ хусусиятҳои зерин дорад: камсуханӣ, дараҷаи поёни баландии овоз, дараҷаи баланди худназораткунӣ, рушди муоширати хушодобона, дараҷаи баланди табунокии мавзуии муошират хушодобона, нақши калони муоширати хаттӣ.

Оид ба фарҳанги миллӣ, оид ба одоби муошират соҳибони забон сухан гуфта, рафтори лафзӣ ва ғайрилафзиро фарқ мекунанд.

Ҳама гуна муошират бо унсурҳои фарозабонӣ, яъне қиёфабозӣ, тарзи ист, ишораҳо муошират карда мешавад. Он гоҳ дастҳо (имову ишора), рӯй

(қиёфабозӣ), рамзҳо (ангуштарии никоҳӣ), аломатҳо (либос ва ғайра) ва ҳаракати бадан сухан мегӯянд.

Маҷмуи меъёрҳо ва анъанаҳои муошират, ки қоидаҳои тавсияшавандаи муоширатро, ки дар ҷомеа дар натиҷаи анъанаҳои таърихӣ, маросимҳо, ҳолатҳои иҷтимоӣ бо фарогирии қиёфабозӣ, ишора, тарзи исти муошираткунандагон пайдо гаштаанд, инъикос менамоянд, рафтори ғайрилафзии муошират ё забони ғайрилафзӣ (забони гунги муошират) номида мешаванд.

Забонҳои ғайрилафзӣ на фақат барои муошират, балки пеш аз ҳама, барои ташаккули олами ботинии таълимгиранда ва муносибаташ бо соҳиби забони ғайрилафзии мавриди омӯзиш, ба фарҳанг, ба тарзи ҳаёти ӯ муҳиманд. Аз ин лиҳоз забони рафтори рӯзмарра махсусан муҳим аст.

Фарҳанги муошırати ғайрилафзии омӯзандагони забони англисӣ аз як тараф, ва соҳибони забони мазкур, аз тарафи дигар, мафҳумҳои баробарқимат нестанд.

Забони бадан ё забони соматикӣ (юнонӣ: sотта - ҷисм, бадан) ҳаракатҳои коммуникативӣ, нишонаҳои психофизикии ҳолати эмотсионалӣ, ҳаракатҳои ғайрикоммуникативиро дар бар мегирад.

Аз лиҳози ҳамаи вазифаҳояш забони соматикӣ бо забони лафзӣ монанд аст.

Ҳаракатҳои коммуникативӣ ба истилоҳ кинемаҳо, ё ҳаракатҳои беихтиёронаро фаро мегиранд, ки онҳо аз лиҳози робитаи мустақим бо иттилои нутқӣ тафовут доранд. Онҳо амалиёти нутқиро пурра мекунанд ва ё иваз менамоянд [115, с. 35].

Калимаҳое, ки дорои маъноҳои мушобеҳ мебошанд, вале дар муколамаи тоҷикзабонҳо ва англисзабонҳо аз ҷиҳати ифодаи маъно мувофиқат намекунанд, шоистаи таваҷҷуҳи вижаи омӯзгор мебошанд ва

омӯзгор бояд фарқияти маъноӣ ва мавқеи корбурди онҳоро ба донишҷӯён фаҳмонад.

Дар машғулиятҳои забони англисӣ, алалхусус, дар давраи аввали таълими он мо зуд-зуд ишораеро истифода мебарем, ки ҳисобро тавассути ангуштҳо баён месозад ва дар ин маврид муҳим аст, ки ин ишора дуруст иҷро гардад ва донишҷӯён бояд иҷрои дақиқи онро ёд гиранд. Ҳангоми ҳисоб бо забони англисӣ ангуштони қаткардаи дасти чап, шуруъ аз ангушти калон, бо ангуштони дасти рост хам карда мешаванд; дар ишораи тоҷикӣ ангуштҳоро аз ҳам кардани ангушти хурд, ҳисобро оғоз мекунанд.

Гурӯҳи хурди кинемаҳое, ки зимни иҷрои онҳо мувофиқат мекунанд, вале аз ҷиҳати ифодаи маъно фарқ мекунанд, мароқангез мебошанд.

Ҳамин тариқ, муошират тавассути воситаҳои ғайризабонӣ тарзи ифодаи фикр ва хусусиятҳои дигари миллиро фаро мегирад ва ҳангоми омӯзиши забони англисӣ бояд ба назар гирифта шаванд. Вале на ҳама мефаҳманд, ки забони имову ишора забони умумиинсонӣ нест ва баъзан рамзҳои ишораҳо аз як фарҳанг ба фарҳанги дигар интиқол намеёбанд, ки дар натиҷа муошират байни намояндагони забону фарҳангҳои гуногун хуб ва фаҳмо сурат намегирад ва ё бо мушкилӣ сурат мегирад.

Фарҳанги муоширати ғайризабониро таълим дода, аломатҳои психофизикии вазъи эмотсионалӣ ва ҳаракатҳои бадане, ки тавассути онҳо эҳсосот ва фикр ифода мешаванд ва дар забоншиносӣ бо номи забони соматикӣ маъруф аст, мебояд сарфи назар кард.

Ба аломатҳои эмотсионалӣ инҳоро дохил менамоянд: тағйирёбии ранги рӯй; аломатҳои ҳаракатҳои узвҳои бадан (ларзиши дастҳо ва лабҳо); аломатҳои овозӣ (гиря, нола, қатъёбии садо). Онҳо дар ҳамаи халқҳо, асосан, аз ҷиҳати ифодаи эҳсосот якхелаанд ва барои маънидоди онҳо омодагии таълим ва махсус талаб карда намешавад.

Ҳаракатҳои узвҳои бадан ҳангоми гуфтугӯ, ки аз ҳолати ботинии эмотсионалии гӯянда дарак медиҳанд, онгоҳ зоҳир мегарданд, ки гӯянда мехоҳад фосилаи дар гуфтор ба вуҷуд омадаро пур созад ё барои баёни фикри худ мушкилӣ мекашад.

Ба ҷумлаи чунин воситаҳои ифодаи эҳсосот ва баёни фикр ҳаракатҳое дохил мешаванд, ки барои рафъи шиддати эҳсososти ботинӣ мусоидат мекунанд, ба мисли лаб газидан; ҳаракатҳое, ки ба ин ё он ашёи дар тани гӯянда буда ишорат мекунанд, ба мисли ангуштариро дар ангушт тоб додан, тугмаҳоро палмосидан ва ғайра; ҳаракатҳое, ки ба ягон ашёи атрофи гӯянда буда ишора мекунанд, ба мисли  қаламро дар даст чарх занондан.

Дар методикаи таълими забон навъҳои асосии имову ишора ба чунин навъҳо ҷудо шудаанд:  ишораҳое, ки воситаҳои забониро иваз мекунанд ва ишораҳое, ки эҳсосоту ҳаяҷонро ифода мекунанд. Агар вазифа аз он иборат бошад, ки танҳо низоми воситаҳои забони муоширaт аз худ карда шавад, пас бо ишораҳое, ки калимаҳо ва дигар воситаҳои забонии ифодаи фикрро иваз мекунанд, маҳдуд шудан мумкин аст; агар омӯзандаи забони англисӣ бикӯшад, ки аз ҳама гуна лаҳҷа, минҷумла аз истифодаи нодурусти ишораҳо, ҷилавгирӣ кунад, барояш лозим меояд, ки ба ишораҳои ифодакунандаи эҳсосоту ҳаяҷон низ таваҷҷуҳ кунад.

Аз худ кардани воситаҳои ғайризабонии муошират дар дарси забони англисӣ талаб мекунад, ки омӯзгор бар иловаи имову ишраи худ, зуҳурати берунии эҳсосотро ҳам назорат кунад ва баҳри аз ҷониби донишҷӯён дуруст иҷро шудани ҳаракатҳои ифодакунандаи фикр ва эҳсосоте, ки хоси англисзабонҳо мебошанд, кӯшиш ба харҷ диҳад.

Одоби нутқ, ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии фарҳанги миллӣ, амалан ба методикаи таълими забони англисӣ ворид карда нашудааст. Зарур аст, ки худи омӯзгор таваҷҷуҳи махсус зоҳир намояд ва барномаи

таълимиро худаш ҷиҳати таълими одоби нутқ коркард намояд, чунки он хусусиятҳои хоси миллӣ ва як қатор нишонаҳои универсалии барои аломатҳои гуногуни умумиро шомил мебошад.

Ба ин худи принсипҳои қоидаҳои муошират мансубанд, яъне таҳаммулнокӣ, боадабӣ, истифодаи шаклҳои стандартии нутқ дар ҳолатҳои стандартии муошират [146, с. 54].

Аммо дар воқеъ дар ҳар ҷомеаи дорои забону фарҳанги умумӣ ифодаи воситаҳои худии фикру эҳсосоти мушаххас дар нутқ ва рафтор, табуҳо ва талаботи худ нисбат ба нутқ вуҷуд доранд.

Табуҳои дар одоби муошират, ки дар миёни ин ё он халқ роиҷанд, ба мисли манъи ба забон овардани вожаҳою ибораҳои муайян ё гуфтор дар мавзуъҳои муайян дар ин ё он ҳолати муошират як бахши муҳимми одоби муошырати он халқ ба шумор меравад.

Дар ҳамаи кишварҳои қитъаи Аврупо оид ба масъалаҳои марбут ба даромади хонавода ва маош, сарчашмаҳои дигари зиндагии ҳамсуҳбат пурсидан роиҷ нест ва берун аз одоби муошират байни одамон дониста мешавад.

Ва ё дар Амрико ва Аврупо дар хона, дар сари миз, дар ҷамъомади хусусӣ масъалаҳои марбут ба сиёсат ва дин баррасӣ намешаванд.

Ба ин монанд аз фаронсавиҳо дар бораи маош пурсидан аз рӯйи одоб нест, аммо вақте, ки дар бораи чӣ қадар андоз супориданашон мепурсанд, бо майли том ҷавоб медиҳанд, зеро ҳамагон бо ин ақидаанд, ки беҳад зиёд андоз месупоранд.

Ба ин тариқ, донистани маросимҳо, одоби муоширати шифоҳии мардумони кишварҳое, ки соҳиби фарҳанги дигар мебошанд, шарти муҳимми фаъолиятмандии самарабахш ва комёбӣ дар муошират ва ҳамкории расмӣ бо аҳолии муқими он кишварҳо ба шумор меравад.

Надонистан ва ё риоя накардани меъёрҳои одоби муошират шифоҳӣ, нодуруст фаҳмидани фаъолияти нутқии бошандагони мамлакате, ки мо дар он ҳузур дорем, метавонад боиси ихтилофоти ҷиддӣ ва ҳатто мунокишаҳо дар муошират гардад [146, с. 56].

Дар муносибатҳои байни одамон дар ҷомеа, баъзе падидаҳое ҷой доранд, ки онҳоро метавон ҳамчун маҷмуи рамзҳои иҷтимоӣ ҳисоб кард, ба мисли рамзи либос, рангҳо, рақам ва шумораҳо, интихоб ва пешкаш намудани тухфаҳо, рамзи ороишот, харидҳо, ашёи маишии рӯзгор, рамзи аломатҳо ва хурофот, рамзи намуди зоҳирӣ ва ғайра.

Рамзгароии иҷтимоии як халқ метавонад аз ҷониби намояндагони халқи дигар нодуруст фаҳмида ва шарҳ дода шавад ва ин метавонад дар фарҳанги шахси ҳамсуҳбат маънои дигари рамзӣ дошта бошад. Бояд зикр кард, ки маҷмуи рамзҳои фарҳангӣ дар чаҳорчӯбаи фарҳанги муошират он халқ ҳамчун як қисмати фарҳанги миллӣ маҳсуб мешавад.

Масалу мақолҳои миллии халқи дигар, ки ба донишҷӯён барои омӯзиши қоидаю принсипҳои муошират он халқ, барои фаҳмидани арзишҳо ва афзалиятҳо, доир ба вафо ба қавл ва масъулият барои сухан пешниҳод карда мешавад, инъикоскунандаи менталитети халқи мамлакати забони мавриди омӯзиш мебошанд [115, с. 26].

Ҳамин тавр, дар таҳқиқоти мо, мафҳуми шавқмандии маърифатии донишҷӯёни донишгоҳи олии касбӣ ҳамчун маҷмуи донишҳои гуманитарӣ, маҳоратҳои аз лиҳози иҷтимоӣ аҳаммиятнок, сифатҳои шахсӣ, таҷрибаи амалӣ маънидод карда мешавад ва он муносибати арзишии мутахассиси ояндаро ба фаъолияти касбии дорои аҳаммияти иҷтимоӣ ва шахсӣ муқаррар менамояд.

**Ҷадвали 9. Хусусиятҳои таъсиррасонии педагогӣ ба донишҷӯён бо мақсади ташаккул додани шавқмандии маърифатӣ вобаста аз сатҳи инкишофи фаъолнокии эҷодии шавқмандии маърифатӣ ва ҷузъҳои он, намуди фаъолият**

| № | **Сатҳи инкишофи фаъолнокии эҷодӣ** | **Сатҳи инкишофи шавқмандии маърифатӣ** | **Намуди фаъолият** | **Ҷузъҳои афзалиятноки шавқмандии маърифатӣ** | **Хусусиятҳои таъсиррасонии педагогӣ ба донишҷӯён бо мақсади ташаккул додани шавқмандии маърифатӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** |
| 1. | Кӯшиш намудан ба мустақилона иҷро намудани вазифаҳои гузошташуда. | Рағбат ба маълумотҳои қолиб, далелҳо, тасвир намудани зуҳуроти амиқ. | Репродуктивӣ-фактологӣ. | Эҳсосотӣ (зоҳир намудани ҳиссиёт нисбат ба объектҳои зинда, шавқмандӣ ба раванди фаъолият, муносибати мусбӣ нисбат ба он). | Ба вуҷуд овардани муносибати мусбии эҳсосотӣ ба предмет, фаъолият, омӯзгор, кол-лектив. |
| 2. | Кӯшиш ба ошкор кардани моҳияти равандҳо ва зуҳуроти омӯхташаванда. | Рағбат ба вобастагиҳо, робитаҳои сабабу натиҷа, дарк намудани хусусиятҳои предметҳо ва зуҳурот бо роҳи | Тасвирӣ-ҷустуҷӯӣ. | Зеҳнӣ (кӯшиши таҳқиқ намудани равандҳо ва зуҳуроти филологӣ, ҳалли вазифаҳо ва проблемаҳои гузошташуда, | Ташкил намудани фаъолияти пайвастаи ҷустуҷӯӣ тавассути ҳал намудани вазифаҳо, ба вуҷуд овардани ҳолатҳои |

*Идомаи ҷадвал*

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | ҷустуҷӯи тахминҳо, ҳалли масъалаҳо. | | ворид шудан ба умқи донишҳо). | проблемавӣ ва истифода бурдани муносибати таҳқиқотӣ, ташкил намудани мушоҳидаҳо. |
| 3. | Кӯшиши ошкор намудани вобастагиҳои сабабӣ, исботнокии ҳолатҳои илмӣ дар раванди таҷрибаҳо, мушоҳидаҳо,хондани адабиёти иловагӣ, муайян намудан. | Ҳавасмандӣ ба ворид шудан ба моҳияти проблемаҳои назариявӣ, амалӣ намудани фаъолият бо роҳҳои махсуси худ. | Эҷодӣ. | Иродавӣ (кӯшиш намудани мустақилона ба даст овардани донишҳои филологӣ). | Ташкил намудани фаъолияти пайвастаи ҷустуҷӯӣ тавассути ҳалли вазифаҳо, ба вуҷуд овардани ҳолатҳои проблемавӣ, истифода бурдани муносибати таҳқиқотӣ, ташкил намудани мушоҳидаҳо. |

Мундаричаи ҷадвалро таҳлил менамоем.

**Сатҳи якум**, сатҳи аз ҳама аввалини инкишофи шавқмандии маърифатӣ дар мавҷуд будани шавқмандии донишҷӯён ба шавқмандии берунаи мундаричаи донишҳо, далелҳои шавқовар, тасвир намудани зуҳуроти амиқ инъикос меёбад. Асоси ташаккулёбии онро фаъолияти репродуктивӣ-фактологӣ ташкил менамояд, фаъолнокӣ бошад дар кӯшиши мустақилона иҷро намудани вазифаҳои гузошташуда инъикос мегардад. Ин сатҳи инкишофи шавқмандии маърифатӣ барои донишҷӯён хос аст, ки дар онҳо ҷузъи эҳсосотии шавқмандии маърифатӣ афзалият дорад, таъсиррасонии педагогӣ бошад дар ин марҳилаи синнусолӣ, асосан, дар таъсис додани муносибати мусбии эҳсосотӣ ба мундаричаи донишҳо ва раванди хониш иборат мебошад.

Барои таҳқиқоти мо муҳимтар аз ҳама марҳилаҳои дуюм ва сеюми инкишофи шавқмандии маърифатӣ мебошад, зеро онҳо ба синну соли наврасӣ ва ҷавонӣ хос мебошанд.

**Сатҳи дуюми** инкишофи шавқмандии маърифатӣ ба донишҷӯёни курсҳои болоӣ хос аст, ки дар онҳо рағбат ба муайян намудани робитаҳои сабабу натиҷа, дарк намудани хусусиятҳои предмет ва зуҳурот ташаккул меёбад. Миёни ҷавонон сатҳи инкишофи фаъолнокии эҷодӣ дар кӯшиши ошкор намудани моҳияти раванд ва зуҳуроти омӯхташаванда инъикос меёбад, Ҷузъи зеҳнии шавқмандии маърифатӣ нисбат ба ҷузъи эҳсосотӣ афзалтар мегардад. Муҳим аст миёни ҷавонон кӯшиш ба таҳқиқи мустақилонаи равандҳо ва зуҳуроти филологӣ, ҳалли вазифаҳо, ошкор намудани проблемаҳо, моҳияти мафҳумҳои омӯхташавандаро ташаккул дод.

**Сатҳи сеюм**, сатҳи баландтари инкишофи шавқмандии маърифатӣ бо кӯшиши донишҷӯён ба дарк намудани масъалаҳои амиқи назариявӣ, донишҳои ҷаҳонбинӣ ва методологӣ, маҳорати амалӣ намудани фаъолият, вале на аз рӯйи намуна, балки бо таври худ, бо роҳи шахсии худ вобастагӣ дорад. Асоси ин

сатҳро фаъолияти эҷодӣ ташкил мекунад, ҷузъи афзалиятноки шавқмандии маърифатӣ-иродавӣ мебошад, ки дар кӯшиш намудан ба мустақилона ба даст овардани донишҳои филологӣ инъикос меёбад. Ин сатҳи инкишофи шавқмандии маърифатӣ аллакай дар синну соли ҷавонӣ ба ташаккул ёфтан оғоз мекунад, аз ин лиҳоз, барои расидан ба сатҳи олии инкишофи шавқмандии маърифатӣ аллакай дар синну соли ҷавонӣ бояд диққати махсусро ба ташкил намудани фаъолияти пайвастаи ҷустуҷӯӣ додан зарур аст.

Чи тавре ки аз мундариҷаи ҷадвал дида мешавад, инкишофи шавқмандии маърифатиро тавассути мазмуни донишҳо ва инчунин, тавассути ташкил намудани худи раванди таълим ҳавасманд намудан лозим аст.

Дар асоси таҳлили маълумотҳои ҷадвал аз ҷониби мо модели назариявии ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолии онҳо, инкишофи фаъолнокии эҷодӣ ва намуди фаъолият пешниҳод карда шуд, ки хусусиятҳои таъсиррасонии педагогиро ба донишҷӯён ва роҳҳои ташаккулёбии шавқмандии маърифатиро дар бар мегирад. Ташаккул ва рушди шавқмандии маърифатии донишҷӯён, пеш аз ҳама, тавассути мундариҷаи маводди таълимӣ аз тақвият бахшидан ба самти назариявии он, аз ҷумла беҳтар намудани ҷанбаҳои ҷаҳонбинӣ ва методологии маводди таълимӣ ва аҳаммияти амалӣ, самтгирӣ ва проблемагӯзорӣ дар он, эҳсосотнокӣ ва ошкор намудани донишҳои нав дар он иборат мебошад. Дар раванди таълим бошад, ташкил намудани фаъолияти пайвастаи ҷустуҷӯии мустақилонаи донишҷӯён бо роҳи ҳалли вазифаҳо, ба вуҷуд овардани ҳолатҳои проблемавӣ дар машғулиятҳои омӯзишӣ, ба роҳ мондани фаъолияти пажуҳишии донишҷӯён, ташкили машғулиятҳои таълимӣ, аз ҷумла мушоҳидаҳо, ба роҳ монда шаванд. Ҳамин тавр, модели ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забони англисӣ, ки аз ҷониби мо пешниҳод карда шудааст, дар якҷоягии ҷузъҳои мундариҷавӣ ва амалкардии раванди таълим асос меёбад.

Дар бораи муҳиммияти муносибат ба фаъолнокшавии шавқмандии маърифатии донишҷӯён, диққати махсусро ба ташаккулёбии шахсияти донишҷӯй, малакаи бо ҷаври эҷодӣ ҳал намудани вазифаҳо, мустақилона ва бо боварӣ фикррониӣ намудан, доштан ва ҳифз кардани нуқтаи назар, ақидаҳои худ дар баробари ин пайваста инкишоф додан, иҷро намудан ва нав кардани донишҳои худ, истифода бурдани онҳо барои эҷодкорона ҳамроҳ намудани назария ва амалия диққати махсус додан зарур аст.

Фаъолшавии шавқмандии маърифатии донишҷӯён ба таҳияи масъалаҳои усулҳои омӯзиши масъалаҳои алоҳида ё мавзуъҳои фанни таълимӣ равона карда шудааст. Ба ҳамагон маълум аст, ки ташаккул ва рушди шавқмандии маърифатии донишҷӯён аз кӯшиши олимон-педагогҳо ва омӯзгорони дастандаркор ва дар амалияи педагогӣ истифода бурдани таълимоти ин ё он фан ва ба кор бурдани усулҳои самарабахши таълимӣ вобастагӣ дорад.

Ҳангоми ҳалли масъалаи муайян кардани роҳҳои ташаккул ва рушди шавқмандии маърифатии донишҷӯён аз омӯзгорон роҳбарии моҳирона, дарки амиқи аҳаммияти масъала, самаранок ба кор бурдани усулҳои педагогию психологии ташаккул ва рушди шавқмандии маърифатии донишҷӯён ва истифодаи таҷҳизоти лозимаро талаб мекунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки омӯзиши роҳҳо, шаклҳо, усулҳо, инчунин, мақсаду вазифаҳои фаъолсозии шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои забони англисӣ бояд ба азхуднамоии донишҳо, маҳорату малакаҳо, ташаккул ёфтани сифатҳои асосии шахсияти донишҷӯй, ки дар самтнокӣ ва устувории шавқмандии маърифатӣ инъикос меёбанд, кӯшиши самаранок аз худ намудани донишҳо ва усулҳои фаъолият, сафарбар намудани заҳматҳои иродавӣ барои расидан ба ҳадафҳои таълимӣ-маърифатӣ мусоидат намоянд.

Нақши афзояндаи шавқмандии донишҷӯён дар раванди кори таълимӣ-тарбиявӣ бо пуррагӣ аз мундариҷаи барномаҳо, шакл ва усулҳои

баёни онҳо, аз масъалаҳои ташкили фаъолияти маърифатии донишҷӯён аз ҷониби омӯзгор, инчунин, тавъамкунии машғулиятҳои таълимӣ бо дарсҳои ғайриаудиторӣ ва ғайримактабӣ вобастагӣ дорад.

Ҳамин тавр, дар таҳқиқотҳои психологӣ-педагогӣ шавқмандии маърифатӣ ҳамчун шавқмандии берунаи раванди таълиму тарбия, ҳамчун сарчашмаи фаъолнокшавии шавқмандии маърифатии донишҷӯён, ҳамчун асбоби самараноки омӯзгор, ки ба онҳо имкон медиҳад раванди таълимро ҷолибтар, шавқовартар амалӣ намоянд, инчунин, он ҷанбаҳои омӯзишро, ки ба худ диққати ғайриихтиёририро метавонанд ҷалб намоянд, баррасӣ карда мешаванд.

Дар таҳқиқоти худ масъалаи ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯёнро дар доираи тарбияи фаъолнокии маърифатии онҳо баррасӣ менамоем. Танҳо усулҳои тарбияи шавқмандии маърифатии донишҷӯёнро дониста, омӯзгор метавонад, проблемаи фаъолнок намудани онро ҳал кунад. Ҷустуҷӯи ин роҳҳо тавассути интихоб намудани мундариҷа, усулҳо, шаклҳои ташкили раванди таълим сурат мегирад.

## 4.2. Корҳои санҷишиву озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз динамикаи шавқмандии маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забони англисӣ

Барои ташкил намудани кори санҷишӣ аз ҷониби мо усулҳои ташаккул додани шавқмандии маърифатии донишҷӯён таҳия карда шуданд, ки дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ озмоиш карда шуданд. Барои омӯзгорони гурӯҳҳои таҷрибавӣ тавсияҳои методӣ оид ба тамоми курси муқаддимаи ихтисоси филологӣ дар факултети забонҳои хориҷӣ таҳия карда шуданд. Ба сифати мисол баъзе усулҳои шавқмандии маърифатии донишҷӯён, ки аз ҷониби мо пешниҳод карда шудааст, оварда мешавад.

Моҳияти усулҳои аз ҷониби мо пешниҳодшуда иборат аст аз:

1. Ба мундариҷаи маводди омӯзишӣ баъзе ислоҳот ворид карда шуд, ки бо пурзӯр намудани самти филологӣ ва забономузии он алоқаманд мебошад. Тағйироти асосӣ аз он иборат буд, ки аллакай дар яке аз дарсҳои “муқаддимаи ихтисоси филологӣ” донишҷӯён бо мафҳумҳои муҳимтарини забони англисӣ шинос карда шудаанд. Дар оянда ин мафҳумҳо ҳангоми омӯзиши курси забони англисӣ инкишоф дода мешуданд, дар баробари ин аҳаммияти махсус ҳангоми ташаккул додани ҳиссаҳои нутки муҳимтарини забони англисӣ, чун исм, феъл, шумора, ҷонишин ва ғайра истифода бурда мешуд.

2. Ба омӯзгорон банақшагирии мавзуъҳои фанни таълимии муқаддимаи ихтисоси филологӣ нишон дода шуд. Дар нақшаи дурнамо номгӯи мавзуъҳо ва соатҳои барои онҳо пешбинишуда, усулҳое, ки истифода бурдани онҳо дар ҳар як машғулияти таълимӣ ба мақсад мувофиқ аст, рӯйхати аёниятҳо, мавзуъҳо барои вазифаи хонагӣ ва ғайриаудиторӣ, ки ба ташаккул ва рушди шавқмандии маърифатии донишҷӯён мусоидат менамоянд, оварда шуданд. Ҳамин тавр, банақшагирии пешниҳодшаванда ба ташаккул додани шавқмандии маърифатии донишҷӯён равона карда шудааст.

Хусусиятҳои фарққунандаи методикаи гузаронидани машғулиятҳои алоҳида аз инҳо иборатанд:

- якҷоя истифода бурдани усулҳо ва тарзҳои методии гуногун. Масалан, дар машғулият аз рӯйи мавзуи «Истифодаи забонҳои олмонӣ» суҳбат, кори амалӣ бо маводди тақсимшаванда, намоиш додани гурӯҳи забонҳои олмонӣ, аз рӯйи мавзуи “Муҳоҷирати бузурги халқҳо” – ҳикоя, намоиш додани ҷадвал истифода бурда мешуданд.

- бо мақсади фаъолсозии фаъолияти мустақилонаи ҷустуҷӯии донишҷӯён дар аксари машғулиятҳо маводди мухталифи дидактикӣ

истифода бурда мешуданд. Ба ҳайси мисол намунаҳои баъзе кортҳои дидактикиро пешниҳод менамоем, ки ба донишҷӯён барои ташкил намудани кори мутақилонаи онҳо бо матни китоби дарсӣ ва ҷадвалҳо тақсим карда дода мешуд.

Самти усулҳои мухталифи дар машғулиятҳо истифодашаванда, ки ба фаъолсозии фаъолияти маърифатии донишҷӯён равона карда шудаанд, ташкили фаъолияти пайвастаи мустақилонаи ҷустуҷӯӣ, робитаҳои мутақобила бо дигар усулҳо.

1. Барпо намудани робитаҳои мутақобилаи машғулиятҳо бо шаклҳои мухталифи корҳои ғайриаудиторӣ (вазифаи хонагӣ, вазифаҳо ҳангоми таътил, тамошои видеофилмҳо, экскурсияҳо, маҳфилҳо, олимпиадаҳо) пешбинӣ карда шуда буд. Ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ диққати махсус ба ташкили фаъолияти мустақилонаи ҷустуҷӯии донишҷӯён ва ҷалб намудани маводди забоншиносӣ бо мақсади фаъол намудани шавқмандии маърифатии донишҷӯён дода мешуд.

Бо проблемаи омӯхташаванда вазифаҳои таътили ва озмунҳо вобастагии зич доштанд. Ба сифати вазифаи таътили ба донишҷӯён пешниҳод карда мешуд, ки нақши омилҳои гуногунро дар пайдоиш ва инкишофи забон омӯзанд.

Ба сифати вазифаҳои хонагӣ ба донишҷӯён хондани китобҳои бадеӣ, аз худ кардани матнхои озод ва ҷамъ овардани маълумот дар бораи гурӯҳи забонҳои олмони пешниҳод карда шуд.

Ба сифати кори хонагӣ ба донишҷӯён ёфтани омилҳои гунонуне, ки ба рушди забони англисӣ таъсири манфӣ мерасонданд, пешниҳод карда шуд.

Вазифаи ҳангоми таътил аз он иборат буд, ки аз гурӯҳи забонҳои олмонӣ муайян намудани он, ки омилҳои гуногун чӣ гуна ба тағйирёбии забонҳо таъсир мерасонданд?

Муносибатҳои дар боло зикршуда нисбат ба омӯзиши мафҳумҳои ҷудокардашудаи мо аз фанни “Муқаддимаи ихтисоси филологӣ” истифода бурда мешуданд, ки донишҳо дар бораи омилҳои гуногун, муҳити будубош, ҳифз ва истифодабарии забон аз ҳисоби ворид намудани мафҳумҳои нав, ҳуҷум ба дигар давлатҳо, савдо ва ғайра умумӣ гардонида мешуданд, амиқ ва васеътар мешуданд. Бо дарназардошти маълумоти ҷамъовардашудаи донишҳои донишҷӯён вобаста ба ин масъалаҳо, ба ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён бо китобҳои дарсӣ, адабиёти иловагӣ, инчунин, методикаи моделсозӣ аҳаммияти калон дода мешуд.

Методикаи аз ҷониби мо таҳияшудаи ташаккулдиҳии шавқмандии маърифатии донишҷӯён истифода карда шуд. Таҷрибаи педагогӣ дар ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода ва ДДОТ ба номи С. Айнӣ дар давоми 8 сол (аз соли 2016 то 2024) ба сифати назорати натиҷаҳои санҷиши оммавии дониши донишҷӯён истифода бурда шуд. Аз санҷиш 450 донишҷӯёни гурӯҳҳои санҷишӣ ва 450 донишҷӯёни гурухҳои таҷрибавӣ гузаштанд.

Дар таҳқиқоти худ мо ба он такя намудем, ки методикаи пешниҳоднамудаи мо ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯёнро ҳавасманд менамояд, ки дар навбати худ, ба сифати аз худ кардани донишҳои филологӣ таъсир мерасонад. Аз ин лиҳоз, дар рафти таҷриба сифати азхудкунии донишҳои забоншиносии донишҷӯён, мафҳумҳои пешбар (омилҳои гуногун, муҳити будубош, забон, ҳифз ва истифодабарии забони худ) санҷида шуд. Сифати азхуднамоии донишҳо дар асоси таҳлили корҳои хаттии санҷишӣ, таҳлили шумора ва сифати онҳо муайян карда мешуд. Ба сифати нишодиҳандаи натиҷа истифода бурда мешуд: ҳаҷм, пуррагии донишҳо (ба ҳисоб гирифтани ҳамаи ҷузъҳои донишҳо ва муқоиса намудани онҳо бо азхуднамоии феълӣ), дурустии феълии донишҳо (пурра ва дуруст такрор намудани ҷузъҳои донишҳо). Таҳлили сифати таснифи тасвирии ҷавобҳои алоҳидаи

донишҷӯёнро дар бар мегирифт. Ҷавобҳои донишҷӯён бо таври зерин баҳогузорӣ карда мешуданд: «Ҷавобҳои пурра ва дуруст» пурра ва бехато кушодани моҳияти масъала; «Ҷавобҳои дуруст, вале нопура » - баёни нопурраи масъала, вале бехато; «Ҷавобҳои нодуруст» - дар ҷавобҳо роҳ додан ба хатогиҳо.

Дар рафти таҷрибаи педагогӣ инчунин, самти фаннии шавқмандии донишҷӯён муайян карда мешуд.

Ҳангоми омӯхтани фанни мазкур корҳои хаттии санҷишӣ гузаронида мешуданд, ки як қатор саволҳоро дар бар мегирифтанд.

Бо мақсади санҷиши донишҳои хусусияти забоншиносӣ дошта ба донишҷӯён пешниҳод карда мешуд, ки аввалин қабилаҳои англисзабонро номбар намоянд. Натиҷаҳои ба даст овардашуда дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва санҷишӣ оварда шудаанд. Аз мундариҷаи он дида мешавад, ки агар дар гурӯҳҳои 6-ум фарқият миёни гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва санҷишӣ калон набошад ва тақрибан 4-5% ташкил мекунад, дар гурӯҳҳои 7-ум аллакай – зиёда аз 100%.

Қисми зиёди донишҷӯёни гурӯҳҳои шашум (наздики 85% дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва наздики 78% дар гурӯҳҳои санҷишӣ) ва гурӯҳҳои ҳафтум (наздики 90% дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва наздики 80% дар гурӯҳҳои санҷишӣ) тахминан 4-5 номгӯи аввалин қабилаҳои англисзабонро номбар намуданд. Дар ҷавобҳои пурра аз 8 то 10 аввалин қабилаҳои англисзабонро номбар карда шуданд. Ҷавобҳо нодуруст ҳисобида мешуданд, ки дар онҳо донишҷӯён қабилаҳои англисзабонро аз ҳамдигар фарқ намекарданд. Шумораи ҷавобҳои нодурусти донишҷӯёни гурӯҳҳои шашум дар гурӯҳҳои санҷишӣ тақрибан 7% зиёдтар буд, миёни донишҷӯёни гурӯҳҳои ҳафтум бошад – 11% баландтар, назар ба гурӯҳҳои таҷрибавӣ.

**Ҷадвали 10. Натиҷаҳои ҷавобҳои донишҷӯёни гурӯҳҳои VI-VII. Ба суол дар бораи хусусиятҳои аввалин қабилаҳои англисзабон**

| **Ҷавобҳои донишҷӯён (%)** | **Гурӯҳҳои VI** | **Гурӯҳҳои VII** | **Гурӯҳҳои VI** | **Гурӯҳҳои VII** |
|---|---|---|---|---|
| | **Таҷрибавӣ (270 нафар)** | **Санҷишӣ (240 нафар)** | **Таҷрибавӣ (270 нафар)** | **Санҷишӣ (210 нафар)** |
| Ҷавобҳои дуруст ва пурра | 63 | 58 | 63 | 53 |
| Ҷавобҳои дуруст, веле нопурра | 22 | 20 | 30 | 28 |
| Ҷавобҳои нодуруст | 15 | 22 | 7 | 9 |

**Ҷадвали 11. Натиҷаҳои ҷавобҳои донишҷӯён дар бораи хусусиятҳои аввалин қабилаҳои англисзабон**

| **Ҷавобҳои донишҷӯён (%)** | **Гурӯҳҳои VII.** | |
|---|---|---|
| | **Тачрибавӣ (800 нафар)** | **Санҷишӣ (500 нафар)** |
| Ҷавобҳои дуруст ва пурра | 49 | 10 |
| Ҷавобҳои дуруст, вале нопурра. | 33 | 27 |
| Ҷавобҳои нодуруст | 18 | 63 |

Чи тавре ки аз ҷадвали мазкур дида мешавад, қисми зиёди донишҷӯёни гурӯҳҳои санҷишӣ натавонистанд хусусиятҳои аввалин қабилаҳои англисзабонро тасвир намоянд, ҳол он ки қисми зиёди донишҷӯёни гурӯҳҳои таҷрибавӣ аз уҳдаи ин кор баромаданд. Натиҷаҳои донишҳо дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ба ҳисоби миёна 40% баландтар буд, нисбат ба гурӯҳҳои санҷишӣ.

Ҷавобҳои нодурусти донишҷӯёни ҳар ду муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дорои як қатор хатогиҳо буданд: донишҷӯён натавонистанд аввалин қабилаҳои англисзабонро номбар кунанд, аҳаммияти онҳоро фаҳмонанд,

ҷойи зисти онҳоро номбар кунанд, оид ба забони ин қабилаҳо, ба кадом гурӯҳҳо дохил шуданашон тасаввурот надоштанд.

Барои донишҷӯёни гурӯҳҳои ҳафтум инчунин, вазифа пешниҳод карда шуд, ки дар рафти он онҳо бояд хосияти як қатор забонҳои аввалин қабилаҳои англисзабонро муайян менамуданд.

Натиҷаҳо дар ҷадвали 12 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 12. Натиҷаҳои ҷавобҳои донишҷӯён дар бораи хосиятҳои як қатор забонҳои аввалини қабилаҳои англисзабон**

| Ҷавоби донишҷӯён (%) | Гурӯҳҳои VII | |
|---|---|---|
| | Таҷрибавӣ (500 нафар) | Санҷишӣ (200 нафар) |
| Ҷавобҳои дуруст ва пурра | 39 | 12 |
| Ҷавобҳои дуруст, вале нопур | 28 | 34 |
| Ҷавобҳои нодуруст | 23 | 31 |
| Мавҷуд набудани ҷавоб | 10 | 23 |

Натиҷаҳои ба даст овардашуда нишон медиҳанд, ки ба ҳисоби миёна сифати дониш дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ нисбат ба гурӯҳҳои санҷишӣ 20% баландтар аст. Наздики 23% донишҷӯёни гурӯҳҳои санҷишӣ умуман ба суолҳои гузошташуда ҷавоб надоданд, ҷавобҳои 31% донишҷӯён хатогиҳо доштанд.

Ҳамин тавр, хулоса баровардан мумкин аст, ки сифати азхудкунии донишҳои забоншиносӣ аз ҷоноби донишҷӯёни гурӯҳҳои VI-VII дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ба ҳисоби миёна 30% баландтар аст, нисбат ба гурӯҳҳои санҷишӣ.

Дар гурӯҳҳои X-XI кори хаттӣ гузаронида мешуд, ки суолҳои зеринро дар бар мегирифт: “1. Омилҳои асосии инкишофи забони англисиро номбар кунед. Мисолҳои таъсири онро ба дигар забонҳо биёред; 2.

Сабабҳои байналмилали эътироф шудани забони англисиро тасниф намоед”.

Дар ҷадвали 13 натиҷаҳои ҷавобҳои донишҷӯён ба суоли 1-ум, дар ҷадвали 14 ба суоли дуюм оварда шудаанд.

**Ҷадвали 13. Натиҷаҳои ҷавобҳо ба суол оид ба омилҳои асосии инкишофи забони англисиро номбар кунед. Мисолҳои таъсири онро ба дигар забонҳо биёред**

**(Гурӯҳи X)**

| Ҷавобҳои донишҷӯён (бо %) | Гурӯҳҳои таҷрибавӣ (147 нафар) | Гурӯҳҳои санҷишӣ (134 нафар) |
|---|---|---|
| Ҷавобҳои дуруст ва пурра | 54 | 32 |
| Ҷавобҳои дуруст вале нопурра | 42 | 45 |
| Ҷавобҳои нодуруст | 4 | 2 |

Чи тавре ки натиҷаи таҷриба нишон дод, дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ қариб 20% ҷавобҳои дуруст зиёдтар аст, назар ба гурӯҳҳои санҷишӣ. Донишҷӯёни гурӯҳҳои санҷишӣ одатан омилҳои таърихиро номбар менамуданд, вале мисолҳои мушаххас оварда наметавонистанд. Миёни донишҷӯёни гурӯҳҳои таҷрибавӣ ин суол мушкилӣ намеовард.

**Ҷадвали 14. Натиҷаҳои ҷавобҳои донишҷӯён ба суоли Сабабҳои байналмилали эътироф шудани забони англисиро тасниф намоед**

| Шакли ҷавобҳо | Гурӯҳҳои X | Гурӯҳҳои XI | | |
|---|---|---|---|---|
| | Гурӯҳҳои таҷрибавӣ (271 нафар) | Гурӯҳҳои санҷишӣ (271 нафар) | Гурӯҳҳои таҷрибавӣ (212 нафар) | Гурӯҳҳои санҷишӣ (212 нафар) |
| Ҷавобҳои дуруст ва пурра | 45 | 35 | 48 | 31 |
| Ҷавобҳои дуруст вале нопурра | 46 | 37 | 47 | 25 |
| Ҷавобҳои нодуруст | 6 | 22 | 5 | 38 |
| Мавҷуд набудани ҷавоб | 3 | 6 | 0 | 6 |

Аз мундариҷаи ҷадвали 14 дида мешавад, ки ба ҳисоби миёна 20% (гурӯҳҳои X) ва 40% (гурӯҳҳои XI) шумораи бештари ҷавобҳо дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ мавҷуд аст, назар ба гурӯҳҳои санҷишӣ. Миёни донишҷӯёни гурӯҳҳои санҷишӣ суол дар бораи сабабҳои байналмилали эътироф шудани забони англисӣ мушкилӣ овард.

Гуфтаҳои болоро натиҷагирӣ намуда, бояд қайд намуд, ки методикаи пешниҳоднамудаи мо оид ба ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ ба сифати азхудкунии донишҳо аз ҷониби донишҷӯён мусоидат намуд. Шумораи донишҷӯёне, ки донишҳои асосии забоншиносиро ба 15-30% зиёдтар аз худ намудаанд, дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ таҳсил менамоянд, назар ба донишҷӯёни гурӯҳҳои санҷишӣ. Натиҷаҳои бадастовардаро бо он маънидод кардан мумкин аст, ки усули аз ҷониби мо пешниҳодшуда ба ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ таъсири мусбӣ расонидааст, аз ин бармеояд, ки ҳам ба сифати азхудкунии донишҳо низ таъсир мерасондааст. Ба маводди таълимӣ ворид намудани маълумотҳои забоншиносӣ, якҷоя истифода бурдани шаклҳо ва усулҳои мухталифи таълимӣ, ки фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро фаъол менамоянд, на танҳо сифати азхудкунии донишро баланд мебардорад, балки шавқмандии маърифатии донишҷӯёнро фаъол менамояд.

Омӯзиши масъалаҳои ташаккул ва рушди шавқмандии маърифатии донишҷӯён, тавре ки қаблан ҳам зикр шуд, дар солҳои охир таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни илм, аз ҷумла филологҳо, равоншиносон, ҷомеашиносон ва педагогҳоро ба худ ҷалб менамояд.

Муҳақиқ Г. И. Шукина қайд мекунад, ки раванди ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ, дар фаъолият, ки сохтори он аз вазифаҳо, мундариҷа, роҳҳо ва сабабҳо иборат аст, асоси объективии инкишофи шавқмандии маърифатиро ташкил менамояд [327].

Ҳамин тавр, самаранокии ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони англисӣ пурра аз ташкили дурусти психологӣ-педагогии шартҳои объективии он ва имкониятҳои дохилии шахсияти худи донишҷӯ вобастагӣ дорад.

Вале омӯзиши адабиёти илмӣ, таҷрибаи омӯзгорон, умумигардонии маълумотҳо нишон дод, ки дар таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҷрибаи таълими омӯзгорон проблемаи самти фаннӣ ба таври пурра таҳқиқ карда нашудааст.

Дар робита бо ин мо омӯзиши шаклҳои мухталифи мафҳум ва самтнокии фаннии шавқмандии маърифатиро анҷом додем.

Дар тамоми давраи таҳқиқот (аз соли 2016 то 2025) дар ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода ва ДДОТ ба номи С. Айнӣ) аз ҷониби мо масъалаҳои ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯёни гурӯҳҳои VI-XI нисбат ба фанҳои таълимии филологӣ, инчунин, ба машғулиятҳои забони англисӣ омӯхта шуданд. Дар асоси ин таҳқиқот ба мо муяссар шуд, ки ташаккулёбии самтгирии фанниро оид ба шавқмандии маърифатии донишҷӯёни гурӯҳҳои таҷрибавӣ дар давоми тамоми давраи таҳқиқоти педагогӣ муайян намоем.

Қобили қайд аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии таҷрибавии аз ҷониби мо таҳқиқшуда заминаи таълимӣ-моддӣ, ҳайати омӯзгорони соҳибтахассус, ки дорои маълумоти заминавии филологӣ ва таҷрибаи омӯзгории аз 5 то 10 сол мебошанд ва ҳайати донишҷӯён на он қадар аз якдигар фарқ менамуданд. Назарсанҷӣ, асосан, дар ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода ва ДДОТ ба номи С. Айнӣ гузаронида шуд.

Ҳамин тавр, таҳқиқи динамикаи шавқмандии маърифатӣ имкон медиҳад оид ба таъсири мундариҷаи омӯзиши забони англисӣ ба ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ хулосабарорӣ намоем.

Ба ғайр аз гуфтаҳои боло, аз ҷониби мо таҳқиқи динамикаи рағбат нисбат ба забони англисӣ миёни донишҷӯёни гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва санҷишӣ дар маҷмуъ гузаронида шуд. Барои ин мо сатҳҳои инкишофи шавқмандии маърифатии донишҷӯёни гурӯҳҳои 6 – 8 дар давоми 3 сол муайян намудем.

Чи тавре ки дида мешавад, дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ, ки аз рӯйи методикаи мо кор мекарданд, тамоюли зиёдшавии шумораи донишҷӯён бо сатҳи баланди шавқмандии маърифатӣ мушоҳида мешуд (1 сол – 14%, 2 сол – 50%, 3 сол – 53%); шумораи донишҷӯён бо сатҳи миёнаи шавқмандии маърифатӣ коҳиш меёфт (1 сол – 34%, 2 сол – 33%, 3 сол – 31%); шумораи донишҷӯён бо сатҳи пасти шавқмандии маърифатӣ босуръат паст мегардид (1 сол – 52%, 2 сол – 23%, 3 сол – 15%). Ин маълумотҳо таъсири мусбии методикаи аз ҷониби мо пешниҳодшаванда ба ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯёнро тасдиқ менамояд.

Дар гурӯҳҳои санҷишӣ ҳолати дигар мушоҳида мешуд: шумораи донишҷӯён бо сатҳи баланди шавқмандии маърифатӣ баланд мегардид, вале начандон бо суръати зиёд ба мисли гурӯҳҳои таҷрибавӣ (1 сол – 33%, 2 сол – 41%, 3 сол – 40%); шумораи донишҷӯён бо сатҳи миёнаи шавқмандии маърифатӣ аввал коҳиш ёфт, вале баъдан зиёд шуд (1 сол – 44%, 2 сол, 30%, 3 сол – 39%); шумораи донишҷӯён бо сатҳи пасти шавқмандии маърифатӣ тағйир наёфт (1 сол – 23%, 2 сол – 17%, 3 сол – 20%).

Натиҷаҳои ба даст овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки методикаи анъанавии таълимӣ ба ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён таъсири камтар мерасонад, нисбат ба усулҳои таҳиянамудаи мо.

## ХУЛОСАИ БОБИ 4

Дар шароити муосири таълим, талабот ба равишҳои навоваронаи омӯзиш ва арзёбии дониш рӯз то рӯз меафзояд. Яке аз унсурҳои муҳимми ин раванд, мутобиқсозии фаъолияти санҷишиву озмоишӣ ва натиҷагирӣ ба шавқмандии

маърифатии донишҷӯён мебошад. Маҳз таваҷҷуҳ ба шавқу рағбат ва завқи инфиродии донишҷӯён метавонад, ба баланд шудани сатҳи маърифат, фаъолшавии тафаккури интиқодӣ ва таҳкими малакаҳои амалӣ мусоидат намояд.

Дар боби мазкур методикаи аз ҷониби мо пешниҳодшудаи ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён, ки тавъам ба кор бурдани усулҳою тарзҳои гуногуни методӣ дар машғулиятҳои гуногуни омӯзишӣ, аз ҷумла машғулиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ, беҳтар намудани муносибатҳои донишҷӯён нисбат ба мундариҷаи донишҳо, фаъолсозии корҳои ҷустуҷӯии донишҷӯёнро пешбинӣ менамояд, дар мисоли омӯзиши мавзуъҳои алоҳида мушахас карда шудааст.

Инчунин методикаи ташкили таҷрибаи педагогӣ ва натиҷаҳои он пешниҳод карда шудааст, ки он нишон медиҳад, сифати азхудкунии донишҳои забоншиносӣ дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ, нисбат ба гурӯҳҳои санҷишӣ баланд мебошад: шумораи донишҷӯёни гурӯҳҳои таҷрибавӣ, ки мафҳумҳои асосиро аз худ намуданд, 15-30% зиёдтар буд, нисбат ба гурӯҳҳои санҷишӣ. Инчунин динамикаи инкишофи донишҳо дар бораи омӯзиши забони англиси пайгирӣ карда шуд, ки баланд гардидани сифати азхудкунии ин донишҳоро дар гурӯҳҳои 6 то 11 нишон дод. Натиҷаҳои таҷрибаро самараи таъсири методикаи пешниҳодшуда ба ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯён фаҳмидан мумкин аст ва натиҷаи ин –баланд гардидани сифати донишҳо ва инкишофи шавқмандии маърифатӣ ба шумор меравад.

Дар рафти таҳқиқоти таҷрибавӣ масъалаҳои зерин муайян карда шуданд:

- сатҳи инкишофи шавқмандии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои тахсилоти олии касбии мухталифи таҷрибавӣ баробар нест, ки аз касбияти омӯзгорон, аз худ намудани маводди таҳқиқоти методӣ аз ҷониби онҳо, инчунин, тараққии заминаи таълимӣ-моддии муассисаҳо, таҷҳизонидани онҳо вобастагӣ дорад;

- дар маҷмуъ шавқу рағбат нисбат ба омӯзиши забони англисӣ дар ихтисосхои ғайрифилологӣ миёни донишҷӯёни гурӯҳҳои таҷрибавӣ баланд аст: наздики 33% донишҷӯён нисбат ба омӯзиши забони англисӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд;

- динамикаи таваҷҷӯҳ ба забони англисӣ миёни донишҷӯёни гурӯҳҳои санҷишӣ ва таҷрибавӣ омӯхта шуд: дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ шумораи донишҷӯён бо сатҳи баланди шавқмандии маърифатӣ 39% дар давоми 3 сол зиёд шуд, каме паст гардид – бо сатҳи миёна (3%) коҳиш ёфт – бо сатҳи пасти шавқмандии маърифатӣ (44%).

Дар гурӯҳҳои санҷишӣ шумораи донишҷӯён бо сатҳи баланди инкишофи шавқмандии маърифатӣ каме зиёд гардид (ба 8% дар давоми 3 сол), бо сатҳи миёна – аввал ба 14% коҳиш ёфт, баъдан ба 9% зиёд шуд, бо сатҳи миёна амалан тағйир наёфт, дар сатҳи 18-23% боқӣ монд.

Шавқмандии маърифатӣ ба маънои таваҷҷуҳ ва муҳаббат ба омӯзиш, ҷустуҷӯи дониш ва фаҳми амиқи маводди таълимӣ аст. Ҳангоми ба ин гуна рағбат мутобиқ кардани санҷишҳо, омӯзгор метавонад, мавзуъҳо ва усулҳои арзёбиро интихоб намояд, ки бештар ба шавқи донишҷӯ мувофиқат мекунанд. Масалан, донишҷӯе, ки ба таҳқиқоти амалӣ шавқ дорад, метавонад, вазифаҳои озмоишӣ ва лоиҳавиро анҷом диҳад, дар ҳоле ки донишҷӯи дигар тавассути саволҳои таҳлилӣ ва эссе арзёбӣ шавад.

Ин равиш ба баланд бардоштани самаранокии таълим, рушди қобилиятҳои шахсӣ ва омодагии беҳтари мутахассисони оянда мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, татбиқи чунин равиш дар тамоми зинаҳои таҳсилоти олӣ аҳаммияти стратегӣ дорад.

Динамикаи шавқмандии маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забони англисӣ як равандест марҳилавӣ ва тағйирёбанда. Бо таъмини шароити мувофиқ ва истифодаи усулҳои педагогии муассир метавон шавқи донишҷӯёнро аз марҳилаи ибтидоӣ то сатҳи эҷодкорона инкишоф дод. Нақши омӯзгор дар ин

раванд муҳим буда, ҳавасмандгардонӣ ва эҷоди муҳити фаъол барои таълим кафолати муваффақият дар омӯзиши забони англисӣ мебошад.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҷрибаи педагогӣ самарабахшии методикаи пешниҳоднамудаи моро тасдиқ намуд ва таъсири онро ба ташаккул ва рушди шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар қиёс бо методикаи анъанавӣ бараъло нишон дод.

# ХУЛОСА

Дар шароити ҷаҳонишавии равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва афзоиши рақобати касбӣ, донистани забонҳои хориҷӣ, бахусус забони англисӣ, на танҳо як зарурат, балки як талаботи муҳимми замон ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти аҳаммияти омӯзиши ин забон, масъалаи таҳқиқи омилҳо ва шароитҳое, ки ба фаъолияти маърифатии донишҷӯён таъсир мерасонанд, махсусан мавриди таваҷҷуҳ қарор дорад.

Яке аз ҷанбаҳои калидии ин раванд — шавқмандии маърифатии донишҷӯ мебошад, ки муҳаррики асосии ҷалби онҳо ба омӯзиш ва дарки амиқи забони англисӣ дониста мешавад [3-М]. Ин шавқмандӣ ба таври мустақим ба самаранокии омӯзиш ва сатҳи рушди қобилиятҳои забондонии донишҷӯён вобаста аст.

Таҳқиқоти гузаронидашуда дорои хусусияти назариявӣ-амалӣ мебошад ва ба ҳалли проблемаи шавқмандии маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забони англисӣ равона карда шудааст. Дар рафти таҳқиқот вазифаҳои гузошташуда ҳал карда шудаанд ва муқаррароти зерин маънидод карда шуданд:

1. Шавқмандии маърифатии донишҷӯён ҳамчун фаъолияти омӯзишии мақсаднок, дарки амиқи аҳаммияти шахсӣ ва иҷтимоии донишҳо, дарки зарурати азхудкунии ин донишҳо ба мақсади дар оянда дар фаъолияти меҳнатии худ ба кор бурдани онҳо маънидод мешавад [7-М]. Шавқмандии маърифатӣ ҳамчун сабаби фаъолияти омӯзишӣ зоҳир мегардад ва объекти фаъолияти мазкур худи раванди маърифат ва ё донишомӯзӣ мебошад, ки аз кӯшиши дарк намудани моҳияти ягон падида ва азхудкунии донишҳои назариявӣ ва корбурди амалии онҳо иборат аст.

2. Инкишофи шавқмандии маърифатӣ аз инкишофи эҳтиёҷоти маърифатӣ вобастагӣ дорад, ки хоҳиши донишҷӯёнро нисбат ба дониш инъикос менамояд ва ба сатҳи баланди инкишофи шавқмандии маърифатӣ мутобиқат менамояд [13-М].

3. Вобастагии инкишофи шавқмандии маърифатӣ аз хусусияти фаъолият муқаррар карда шуд. Инкишофи фаъолияти маърифатӣ дар ба вуҷуд омадани сабабҳои нав дар он, аз ҷумла шавқмандии маърифатӣ баён карда мешавад. Ба ташаккулёбии рағбати устувор ташкили пайвастаи фаъолияти ҷустуҷӯӣ мусоидат менамояд [11-М].

4. Қиёси фаъолнокии маърифатӣ ва шавқмандии маърифатӣ муайян карда шуд, ки ташаккулёбии он дар рафти инкишофи шакли репродуктивии фаъолнокии маърифатӣ сурат мегирад. Фаъолнокшавӣ аз зоҳир намудани ҳавасмандӣ ва мустақилӣ вобастагӣ дорад, он ба сифати азхудкунии донишҳо таъсир мерасонад [13-М].

5. Муқаррар карда шуд, ки рушди шавқмандии маърифатии донишҷӯён бо хусусияти фаъолияти омӯзишии онҳо, яъне навъҳои фаъолияти омӯзишии репродуктивӣ - фактологӣ, тасвирӣ-ҷустуҷӯӣ ва эҷодӣ, инчунин, бо гузариш аз рағбати сарсарӣ ва тағйирёбанда ба рағбати доимию устувор, аз зоҳиршавии ноустувор ба зоҳиршавии доимӣ ва минбаъд ба ташаккули рағбати асосӣ ва ҷузъи афзалиятноки шавқмандӣ дар ҳар як давраи рушди шавқмандии маърифатӣ, яъне ҷузъҳои эҳсосотӣ, зеҳнӣ ва иродавии он вобастагӣ дорад [10-М].

6. Мундариҷаи ҷузъҳои шавқмандии маърифатӣ, ки нисбат ба курси забони англисӣ истифода бурда мешавад, ошкор карда шуд: ҷузъи зеҳнӣ бо кӯшиши донишҷӯён ба таҳқиқи равандҳо ва падидаҳои забоншиносӣ, ҳалли вазифаҳо ва проблемаҳои ба миён гузошташуда, ворид шудан ба умқи донишҳои забоншиносӣ робита дорад; ҷузъи эҳсосотӣ дар мавҷудияти шавқ нисбат ба забони англисӣ, рағбат ба раванди фаъолияти омӯзишӣ ва муносибати мусбат ба он аз ҷониби донишҷӯён мушоҳида карда мешавад; ҷузъи иродавӣ дар кӯшиши донишҷӯён ба мустақилона аз худ кардани донишҳо зоҳир мегардад [5-М].

7. Таҳлили хусусияти синнусолӣ ва психологии донишҷӯён гузаронида шуд ва нишон дод, ки вобаста бо синну сол хусусияти шавқмандии маърифатӣ

тағйир меёбад ва ба инкишофи он ҳам мундариҷаи донишҳо ва ҳам хусусияти ташкили раванди таълимӣ-тарбиявӣ мусоидат менамоянд [13-М].

8. Вобастагӣ миёни сатҳи инкишофи шавқмандии маърифатии донишҷӯён ва фаъолияти эҷодкоронаи онҳо, хусусияти фаъолият ва ҷузъҳои афзалиятноки шавқмандии маърифатӣ, ки асоси модели назариявии ташаккулёбии шавқмандии маърифатии донишҷӯёнро ташкил медиҳанд, инчунин, ҳусусияти таъсиррасонии педагогӣ ба донишҷӯён ва роҳҳои ташаккулёбии шавқмандии маърифатии онҳо муайян карда шуданд.

Сатҳи аввали инкишофи шавқмандии маърифатӣ бо мавҷуд будани рағбати донишҷӯён нисбат ба ҷолибияти мундариҷаи донишҳо, ҳолатҳои шавқовар, тасвир намудани падидаҳои амиқ вобастагӣ дорад. Асоси ташаккулёбии онро фаъолияти репродуктивӣ-фактологӣ ташкил медиҳад, фаъолнокии эҷодӣ бошад дар кӯшиш ба иҷрои мустақилонаи вазифаҳои гузошташуда инъикос меёбад [7-М]. Ин сатҳи одии инкишофи шавқмандии маърифатӣ ба донишҷӯёни курсҳои поёнӣ хос аст, ки дар онҳо ҷузъи эҳсосотии шавқмандии маърифатӣ афзалият дорад, таъсиррасонии педагогӣ дар ин синну сол аз таъсис додани муносибати мусбии эҳсосотӣ нисбат ба мундариҷаи донишҳо ва раванди таълим иборат мебошад.

Сатҳи дуюми инкишофи шавқмандии маърифатӣ ба ҷавонон хос аст, ки дар онҳо ташаккул ёфтани рағбат аз муайян намудани вобастагиҳои сабабҳо, дарк намудани хусусиятҳои назарраси предметҳо ва падидаҳо оғоз мегардад. Сатҳи фаъолнокии эҷодӣ дар кӯшиши ошкор намудани моҳияти раванду падидаҳои омӯхташаванда инъикос меёбад; ҷузъи зеҳнии шавқмандии маърифатӣ аз эҳсосотӣ афзалтар мегардад. Таъсиррасонии педагогӣ ба наврасон бояд дар онҳо ташаккул додани майл ба таҳқиқоти мустақилонаи раванду падидаҳои филологӣ, ҳалли вазифаҳо, боз намудани проблемаҳо, моҳияти мафҳумҳои омӯхташаванда иборат бошад. Ин раванд бо мураккабшавии хусусияти

фаъолият, ки дорои хусусияти тасвирӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад, вобастагӣ дорад [11-М].

Сатҳи сеюм, баландтарини инкишофи шавқмандии маърифатӣ бо кӯшиши донишҷӯ барои дарк намудани масъалаҳои амиқи назариявӣ, донишҳои ҷаҳонбинӣ ва методологӣ, маҳорати амалӣ намудани фаъолият на аз рӯйи намуна, балки бо таври худ, бо роҳи махсуси худ вобастагӣ дорад. Асоси сатҳи мазкурро фаъолияти эҷодӣ ташкил медиҳад ва ҷузъи афзалиятноки шавқмандии маърифатӣ бошад ҷузъи иродавӣ мебошад, ки дар кӯшиши мустақилона ба даст овардани донишҳои филологӣ зоҳир мегардад. Ин сатҳи инкишофи шавқмандии маърифатиро бояд дар наврасон бо роҳи ташкил намудани фаъолияти пайвастаи мустақилонаи ҷустуҷӯӣ ташаккул дод [6-М].

Таҳлили сарчашмаҳои ташаккулёбии шавқмандии маърифатӣ дар педагогика ва методикаи забони англисӣ аз нуқтаи назари ҷанбаҳои мундариҷавӣ ва эҷодкорӣ асоси таҳияи низоми методии ташаккулёбии шавқмандии маърифатиро ташкил намуд, ки муайян намудани мақсадҳои маълумоти филологӣ ва мушаххас намудани шартҳои методии ташаккулёбии шавқмандии маърифатиро дар бар мегирад:

